# РӮҲИ МУҚАДДАС

## ДАСТУРАМАЛ

ҶОН БИВЕР

БО ҲАМРОҲИИ ЭДДИСОН БИВЕР

Дӯсти азиз!

Ту хурсандии Худо, ту шодии қалби Ӯ ҳастӣ. Ӯ ташнаи ошноӣ бо ту мебошад ва Ӯ хоҳиши сахте дорад, ки ту Ӯро бишносӣ. Ту дар муносибатҳо бо Ӯ рушд мекунӣ, ва Ӯ туро даъват мекунад, ки барои паҳн кардани Малакути Осмон дар рӯи замин шарик бошӣ. Чӣ тавре, ки ҳаворӣ Павлус фармудааст: «Зеро ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем» (Эфсӯсиён 2:10).

Ҳамчун фарзандони Худо, мо мехоҳем, ки ба Падари худ писанд бошем. Лекин ба ҳар ҳол он чиро ки худи Исо возеҳ ва фаҳмо сохтааст, аз хотир мебарорем: қувват барои иҷро кардани корҳои Худо аз дӯстии наздик бо Рӯҳи Муқаддас бармеояд. Худо намехоҳад, ки ту танҳо барои Ӯ кор кунӣ. Ӯ туро ба ҳамкорӣ бо Худ даъват мекунад.  Ӯ мехоҳад, ки дӯсти беҳтарини ту бошад,  дар ҳар лаҳзаи зиндагӣ бо туякҷоя бошад. Ӯ мехоҳад, ки бо ту сӯҳбат кунад, туро рӯҳбаланд гардонад ва ба ту қувват бахшад. Аз он муносибатҳое, ки Худо ба воситаи Рӯҳи Муқаддас ба ту пешниҳод мекунад, чизи қавитаре мавҷуд нест.

Худованд дар дили ман ин паёмро гузошт, то ки ман онро ба дигар роҳбарон дар сар то сари дунё бирасонам. Илтимос ин паём ва тамоми муҳаббат ва дастгирии маро бипазир. Ба ҳар нафаре , ки мешиносӣ, ин паёмро бирасон. Ман боварӣ дорам, ки ин оғози муносибатҳои амиқи ту бо Худо дар тӯли тамоми зиндагии ту мегардад ва ҳамчунин оғози муносибатҳои амиқи Ӯ бо ҳамаи шахсоне хоҳад гардид, ки Худо туро ба онҳо роҳбар гузоштааст.

Агар ту фарзанди Худо бошӣ, пас Рӯҳи Муқаддас ваъда кардааст, ки туро ҳеҷ вақт тарк намекунад ва танҳо намегузорад. Дӯстии Ӯ ба таври ройгон дастрас аст. Он ҳақиқатҳое, ки дар саҳифаҳои ин китоб навишта шудаанд, ҳаёти маро пурра дигаргун сохтаанд, ва ман дуо мекунам, ки ту ҳангоми мутолиаи Каломи Худо аз ваҳйу ҳикмат саршор гардӣ. Дар бораи таъсири ин нома барои зиндагии ту ва одамоне, ки бо ту ҳастанд, ман донистан мехостам.

Бародари ту дар Масеҳ

ҶОН БИВЕР



**ҶОН БИВЕР**
JohnBevere@ymail.com

Messenger International
MessengerInternational.org

# Рӯҳи Муқаддас

## ДАСТУРАМАЛ

Джон Бивер
бо Эддисон Бивер

Holy Spirit: An Introduction by John Bevere, Tajik
© 2014 Messenger International
www.Messengerinternational.org
Originally published in English as Holy Spirit: An Introduction
Additional resources in Tajik by John & Lisa Bevere
are available for free download at: www.CloudLibrary.org
To contact the author: JohnBevere@ymail.com

«Рӯҳи Муқаддас: Дастурамал» Ҷон Бивер, ба забони тоҷикӣ
© 2014 Messenger International
www.Messengerinternational.org
Аввалин бор ба забони инглисӣ бо номи The Holy Spirit: An Introduction нашр карда шудааст
Маводҳои иловагии Ҷон ва Лиза Бивер ба забони тоҷикӣ барои ройгон дастрас кардан дар сайти:
www.CloudLibrary.org мавҷуд мебошад
Барои алоқа бо муаллиф: JohnBevere@ymail.com

# МУНДАРИЧА

Дар бораи китоби интерактивӣ....................................................4

Муқаддимаи Эддисон Бивер ....................................................5

1. Рӯҳи Муқаддас Кӣ аст?....................................................7

2. Шахсияти Рӯҳи Муқаддас....................................................49

3. Се сатҳи муносибат....................................................97

4. Бо қуввати Рӯҳ пуршудагон....................................................135

5. Забони Рӯҳ....................................................183

Боби имтиёзнок. Пурсиш ва посух аз тарафи

Ҷон ва Лиза Бивер....................................................233

Илова. Чӣ тавр бояд наҷот ёфт?....................................................260

# ДАР БОРАИ КИТОБИ ИНТЕРАКТИВӢ

Шумо ин китобро мисли китобҳои дигар аз сар то охир хонда метавонед. Лекин мо ба шумо маслиҳат медиҳем, ки барои бештар ва хубтар дарк кардани он элементҳои интерактивии онро аз худ кунед. Ҳар боби ин китоб ба панҷ қисм тақсим карда шудааст, ки шумо метавонед ҳар рӯз як қисми бобро мутолиа кунед ва дар охири ҳар боб дуо оварда шудааст. Шумо метавонед бо майли худ як қисм ва як дуоро барои ҳар рӯз интихоб кунед ё ки тамоми бобро мутолиа кунед. Барои он шахсоне , ки ин китобро дар гурӯҳҳо мутолиа мекунанд, мо маслиҳат медиҳем, ки дар як ҳафта як бобро хонда, онро мулоҳиза кунанд.

Агар шумо ин китобро ҳамчун маводи омӯзишӣ дар чорчӯбаи таълимии Messenger Series дар мавзӯъи «Рӯҳи Муқаддас. Дастурамал» аз худ мекунед, он гоҳ мо ба шумо маслиҳат медиҳем, ки дар як ҳафта як дарси сабтӣ ё навориро аз худ карда, ба саволҳои пешниҳодшуда дар гурӯҳҳои омӯзишӣ ҷавоб диҳед. Ва баъд фасли дар китоб бударо хонда, вазифаи дар он додашударо иҷро кунед. Ҳар боб як дарсро дар бар мегирад. Саволҳо барои мутолиа дар охири дарсҳои ҳаррӯза пешкаш карда шуданд.

Ҳаловат бубаред!

# МУҚАДДИМА

Ҳангоме ки падарам барои навиштани ин китоб аз ман кӯмак хост, ман ба гӯшҳои худ бовар накарда, дар ҷоям шах шуда мондам. Ман фикр кардам, ки шояд вай то ҳол дар бораи ин дуо нагуфтааст. Росташро гӯям, барои ин кор ман худро номзади ношоиста медонистам. Ҳар дафъае, ки ман дар бораи ин хоҳиши вай фикр мекардам, ҳама чиз дар ботинам чаппагардон мешуд, мисли он ки ман дар мусобиқаи брейкданс иштирок мекарда бошам.

Ман аз падарам боодобона хоҳиш кардам, ки вай дуо (ақалан як-ду сол) карда, дар бораи дигар номзадҳо низ фикр кунад. Аммо баъд аз як рӯзи дуо вай изҳори боварӣ намуд, ки ман бояд бо ин кор машғул шавам. Барои вай муҳим аст, ки Рӯҳи Муқаддас ба насли наврас мавзӯи дастнорас набошад, барои ҳамин ҳам ман, ки як ҷавони каме бештар аз бистсола мебошам, саҳми маро дар ин кор падарам қадр мекунад. Мо бо падарам медонем, ки бисёр одамон, ҳам ҷавонон ва ҳам калонсолон, агар шахсияти Рӯҳи Муқаддасро нашиносанд ва кори Ӯро дарк накунанд, бо ин мавзӯъ рӯ ба рӯ шудан намехоҳанд.

Бинобар ин, ба ҳама далелҳои худ нигоҳ накарда, чӣ гуна ман хоҳиши падарамро рад карда метавонистам? Бояд ман розӣ мешудам. Баъдтар чизе рух дод, ки онро сайругашти аҷибе номидан мумкин аст, ки ҳаёти маро пурра тағйир дод. Вақте ки Худованд ба мӯъҷизаҳои Рӯҳи Муқаддас равшанӣ андохт, ман ба Навиштаҷот бо дигар чашм назар кардам. Ва ба зудӣ ба ман ошкор гашт, ки Рӯҳи Муқаддас ин шахсият мебошад, ки одатан дар калисоҳо Ӯро нодуруст мефаҳманд. Ӯро бо назари анъанавӣ баҳо дода, ба Вай ҳаргуна тамғаҳо мегузоранд ва танҳо баъзе аз мо Ӯро маҳз ҳамон тавре ки ҳаст, мешиносанд.

Ҳадафи ин китоб шуморо ба Навиштаҳо роҳнамоӣ карда, шиносонидани Шахсияти Рӯҳи Муқаддас мебошад. Шояд баъзе нуктаҳои ин китоб барои шумо душворфаҳм бошанд, лекин

ваъда медиҳам, ки ин сайругашт ба вақту қуввати сарфкардаи шумо меарзад.

Ҳангоми хондани ин саҳифаҳо аз Рӯҳи Муқаддас хоҳиш кунед, ки шуморо барои фаҳмиши ҳақиқат роҳнамоӣ кунад. Ӯ тамоми ақидаҳое, ки мутобиқи Китоби Муқаддас намебошанд, аз шумо дур хоҳад кард. Шумо пайхас мекунед, ки Ӯ ба ягон равия ё созмони динӣ «тааллуқ» надошта , Ӯро ба ягон насл ё синну сол пайванд кардан мумкин нест. Ӯ фиристода шуда буд, то ки Исоро ба мо ошкор карда, ба Бадани Масеҳ қувват бахшад. Ӯ қалби моро ба ҷои истиқомати худ табдил дод. Ӯ ваъда кардааст, ки аз ҳаёти мо чизе хубе биофарад. Танҳо чизи барои мо зарур он аст, ки идоракуниро ба Ӯ ҳавола кунем.

Дӯсти самимӣ ва шарики беҳтаре аз Ӯ вуҷуд надорад. Рӯҳи Муқаддас дар хурсандиҳо ва нохушиҳои зиндагӣ ҳамсафари доимии шумо мебошад. Ӯ ваъда кардааст, ки ҳеҷ вақт шуморо тарк намекунад ва танҳо намегузорад, чунки шумо хурсандӣ ва ишқи Ӯ мебошед. Омода бошед, то бо шахсияти аҷибе ошно гардед.

**–Эддисон Бивер,**
**раиси иҷроиявӣ, Messenger International**

Зеро ба воситаи Ӯ ҳар дуи мо иҷозат дорем, ки дар як Рӯҳ ба Падар наздик шавем (Эф. 2:18, NLT).

# 1

# РӮҲИ МУҚАДДАС КӢ АСТ?

*Лекин Пуштибон (Маслиҳатгар, Мададгор, Шафоаткунанда, Муҳофиз, Тарафгир, Паноҳдиҳанда), яъне Рӯҳулқудс, ки Падар Ӯро ба исми Ман хоҳад фиристод (ба ҷои Ман, барои намояндагӣ кардани Ман ва барои амал намудан аз номи Ман), ҳама чизро таълим хоҳад дод ва ҳар чизеро, ки ба шумо гуфтам, ба ёди шумо хоҳад овард.*

–Юҳанно 14:26, Тарҷ. васеъ.

## Рӯзи 1

Дар арафаи ҷашни соли нав дар дили ман хоҳиши сахти рӯза гирифтан ва дуо кардан пайдо шуд. Ман аз Худованд пурсидам, ки: «Кадом қисми Китоби Муқаддасро мутолиа кунам?». «Китоби Аъмол» гуфтани Ӯро шунида, ба ҳайрат афтодам.

Чаро ин барои ман ҳайратовар буд? Чунки дафъаи пештар низ, вакте ки ман рӯза гирифта, дуо мехондам, ман айнан ҳамон ҷавоби « Китоби Аъмолро бихон» гуфтани Ӯро шунида будам. Дар он вақт диққати ман бештар барои даъват ва интихоб, ҷараёни ҳаёт, натиҷаҳои кор ва азобу уқубатҳои ҳаввори Павлус ҷалб шуда буд. Иҷозат диҳед, то ба шумо камтар инро бифаҳмонам.

Павлус аз ҷониби Худо баргузида шуда буд, то ки Инҷилро ба ғайрияҳудиён башорат диҳад. Ӯ гуфт: «...воиз ва ҳаввори ва муаллими халқҳо таъин шудаам» (2 Тим. 1:11). Ин вазифаи аниқу возеҳ мебошад. Вай дар давоми зиндагии худ чанд

маротибаи дигаре ҳам ин даъвати худро зикр карда буд. Пештар, ҳангоми сафари аввали худ, ӯ ба яҳудиён гуфта буд: “...бинобар ин мо ба ғайрияҳудиён рӯ меоварем: Зеро ки Худованд ба мо чунин амр фармудааст: «Туро нури халқҳо гардонам, то ки Ту то ақсои замин василаи наҷот бошӣ» (Аъмол 13:46, 47). Ҳангоми сафари дуюми худ вай далерона арз мекунад: «...минбаъд назди ғайрияҳудиён хоҳам рафт» (Аъмол 18:6). Дар Нома ба Румиён ӯ навиштааст: «Ҳамчун ҳаввории ғайрияҳудиён, ман» (ниг. Рум. 11:13). Ин гуна суханонро дар ҳар номаи ӯ вомехӯрем.

Аммо аз рӯи муҳаббат ба Исроил ва дар орзуи наҷоти халқи худ ӯ ҳамеша ва дар ҳар шаҳр куништро ёфта, ба он ташриф меовард. Одатан, пеш аз он ки ӯ ғайрияҳудиёнро дастрас кунад, аввал ба яҳудиён мавъиза мекард ва аз сабаби он ки бисёр вақт яҳудиён ӯро рад мекарданд, вай назди ғайрияҳудиён мерафт. Ҳамин тавр мешуд, ки яҳудиён сабаби таъқибот ва азобҳои Павлус мегаштанд. Онҳо анбӯҳи мардумро ба хашм оварда, байни роҳбарони ғайрияҳудӣ ва ҳавворчиён оташи ҷангу ҷидолро меафрӯхтанд. Дар пушти бисёре аз шӯришҳо, ҳабсҳо, шаллоқу калтаккориҳо ва машаққатҳое, ки Павлус дучор мешуд, маҳз яҳудиён меистоданд. Инро зикр кардан муҳим аст, ки Худо ҳамеша ба яҳудиён ғамхорӣ зоҳир мекард. Бинобар ин Яъқуб, Петрус ва Юҳанно назди онҳо фиристода шуда буданд: «Ва чун Яъқуб ва Кифо ва Юҳанно, ки эътибори арконро доштанд,... дасти ширкат ба ман ва Барнаббо доданд, то ки мо назди халқҳо биравем ва онҳо назди махтунон» (Ғал. 2:9, NLT).

Ин паём дар давраи пештараи рӯзадории ман ошкор ва возеҳ шуд: «Писарам, дар он файзе, ки ман туро даъват кардаам, бимон. Ва ба майлу хоҳишҳо ва ҳавасҳои табиии худ иҷозат надеҳ, ки туро аз даъвати илоҳӣ, ки дар ҳаёти туст, дур созанд». Ман ин вохӯриро бо Худованд бисёр хуб дар хотир дорам ва шунидани дастури Худованд дар бораи боз аз сари нав хондани китоби Аъмол барои ман хеле аҷиб буд. Охир, дар Навиштаи Муқаддас шасту панҷ китоби дигар низ мавҷуд аст!

Ман бисёр шод ҳастам, ки итоат кардам. Вақте ки ин дафъа ман китоби Аъмолро мутолиа мекардам, як чизи тамоман наве барои ман ошкор гашт (ин исботи он аст, ки Каломи Худо ҳақиқатан зинда аст). Ҳамаи саҳифаҳои ин китоб айнан ба ман дар бораи он мегуфтанд, ки роҳбарон ва аъзоёни Калисои аввал чӣ қадар зиёд ба Рӯҳи Муқаддас таваккал мекарданд, то ба кадом сатҳ бо Ӯ мушоракат доштанд, аз Ӯ вобаста буданд ва дар бораи Ӯ мегуфтанд. Ӯ қисми ҷудонашавандаи ҳаёти онҳо, шарики онҳо дар ҳар кор буд. Дар ҳар хизматгузориҳо, маҷлисҳо, вохӯриҳои муҳим ва дар ҳар корҳо Рӯҳи Муқаддас мавқеи аввалинро дошт. Ана якчанд ифодаҳое, ки равшан аён гаштаанд.

- «Чаро ин тавр шайтон ба дилат роҳ ёфтааст, то туро водор намояд, ки ба Рӯҳулқудс дурӯғ бигӯӣ» (Аъмол 5:3).
- «Чаро ҳар ду забон як кардед, ки Рӯҳи Худовандро биозмоед?» (Аъмол 5:9).
- «Мо шоҳидони Ӯ дар ин бобат ҳастем ва ҳамчунин Рӯҳулқудс аст, ки онро Худо ба фармонбардорони худ бахшидааст» (Аъмол 5:32).
- «Шумо ҳамеша ба Рӯҳулқудс муқобилат мекунед» (Аъмол 7:51).
- «Ва Рӯҳ ба ман гуфт, ки ҳеҷ шубҳа накарда, бо онҳо биравам» (Аъмол 11:12).
- «Яке аз онҳо... аз Рӯҳ илҳом ёфта, пешгӯӣ кард, ки дар тамоми ҷаҳон қаҳтии сахте рӯй хоҳад дод» (Аъмол 11:28).
- «Онҳо, ки фиристодагони Рӯҳулқудс буданд» (Аъмол 13:4).
- «Зеро ки Рӯҳулқудс ва мо савоб дидем» (Аъмол 15:28).
- «Рӯҳулқудс онҳоро нагузошт, ки каломро дар вилояти Осиё мавъиза кунанд» (Аъмол 16:6).

- «Аз он ҷо ба Битуния рафтанӣ шуданд, лекин Рӯҳ ба онҳо иҷозат надод» (Аъмол 16:7).
- «Павлус аз Рӯҳ илҳом ёфта, ба яҳудиён шаҳодат додан гирифт» (Аъмол 18:5).
- «Рӯҳулкудсро қабул кардед?» (Аъмол 19:2).
- «Павлус эҳсос кард, ки Рӯҳ таҳрик месозад, то Ӯ ба Мақдуния равад» (Аъмол 19:21, NLT).
- «Ҷуз ин ки Рӯҳулқудс дар ҳар шаҳр шаҳодат дода мегӯяд...» (Аъмол 20:23).
- «Пас, нигаҳбони худатон ва нигаҳбони тамоми он рамае бошед, ки Рӯҳулқудс шуморо барои назорат кардани он таъин кардааст» (Аъмол 20:28).

Чунин суханон аз саҳифаҳои Китоби Муқаддас доимо маро ба фикр кардан водор менамуданд. Ба ман возеҳ гашт, ки калисои ҳозиразамон чунин воқеиятро надорад. Он чизе, ки барои имондорони аввал як чизи оддӣ ва маъмулӣ буд, барои мо ғайриоддӣ ва нопадид гаштааст. Ман ин камбудиро, пеш аз ҳама, на дар ҳаёти дигар имондорон, балки дар ҳаёти худ мебинам. Ҳангоми такроран хондани китоби Аъмол дарк кардам, ки то чӣ андоза ман аз мушоракат бо Рӯҳи Худо, аз хурсандӣ ва таъсири қуввати Ӯ, аз ҳидоят, аз рафоқату дӯстӣ бо Ӯ дур шудаам. Ва ҳамон лаҳзае ки ман инро дарк кардам, чӣ тавр ман метавонистам ин ҳақиқатро аз шумо пинҳон дорам?

## СУХАНОНИ СОДИҚОНА

Иҷозат диҳед, якчанд чизҳои асосиеро, ки дар идомаи омӯзиши ин китоб боз ҳам возеҳу равшан мегарданд, ба диққати шумо ҳавола кунам.

Дар аввал, бидуни Рӯҳи Муқаддас ҳаёти масеҳӣ вуҷуд дошта наметавонад.

- Бидуни Рӯҳи Муқаддас ҳаёти масеҳӣ хушк, якранг ва

бемаъно мегардад.

- Бидуни Рӯҳи Муқаддас кори мо дилгиркунанда ва вазнин мегардад.
- Бидуни Рӯҳи Муқаддас муносибат ва мушорикат бо Худо вуҷуд дошта наметавонад.

Рӯҳи Муқаддасро аз калисо дур кунед ва яке аз ин ду чиз ба амал хоҳад омад:

- Он ба гурӯҳи иҷтимоӣ табдил меёбад.
- Он ба ҷамъияти динӣ мубаддал мешавад.

Ҳақиқат дар он аст, ки:

- Бидуни Рӯҳи Муқаддас чизе аз ҷониби Худо ошкор намешавад. Дар асл, бидуни Рӯҳи Худо Навиштаҳо марговар мешаванд, чунки омадааст: «...зеро ки ҳарф мекушад, аммо Рӯҳ зинда мекунад» (2 Қӯр. 3:6).
- Бидуни Рӯҳи Муқаддас рӯъё вуҷуд дошта наметавонад.
- Бидуни Рӯҳи Муқаддас хурсандӣ вуҷуд надорад.
- Бидуни Рӯҳи Муқаддас осоиштагӣ нест.
- Бидуни Рӯҳи Муқаддас озодӣ нест. «Худованд Рӯҳ аст, ва ҳар куҷо Рӯҳи Худованд аст, он ҷо озодист» (2 Қӯр. 3:17).

Ба суханони «ҳар куҷо Рӯҳи Худованд аст» назар кунед. Биёед, дар бораи ин суханон мулоҳиза мекунем. Рӯҳи Худо Воҷибулвуҷуд аст, Ӯ ҳамеша ва дар ҳама ҷо мебошад. Довуд мегӯяд: «Аз Рӯҳи Ту куҷо биравам? Аз ҳузури Ту куҷо гурезам?» (Забур 138:7) Бидуни шак ҷавоб чунин аст: ҳеҷ куҷо. Довуд дар идомаи суханони худ мегӯяд: «Агар ба осмон бароям, Ту он ҷо ҳастӣ, ва агар дар гӯр бистар андозам, он ҷо низ ҳастӣ. Агар болҳои шафақи субҳро гирифта, дар ақсои баҳр сокин шавам, дар он ҷо низ дасти Ту маро ҳидоят хоҳад намуд, ва ямини Ту маро дастгирӣ хоҳад кард!» (Забур 138:8-10, The Message). Ба таври шаффоф маълум аст, ки Ӯ ҳамеша дар ҳама ҷо мебошад.

Акнун саволи навбатии мо чунин бояд бошад: «Оё дар ҳама

ҷо озодӣ ҳаст?» Ба суханони Павлус назар кунед: «Ҳар куҷо Рӯҳи Худованд аст, он ҷо озодист». Мо исбот кардем, ки Ӯ дар ҳама ҷо ҳаст. Инак, оё озодӣ низ дар ҳама ҷо мавҷуд аст? Албатта, не. Озодӣ дар фоҳишахонаҳо, маҳбасҳо ва беморхонаҳо вуҷуд надорад. Ман ба маҳаллаҳо, хонаҳо, мактабҳо ва ҳатто калисоҳое низ ташриф овардам, ки дар он ҷойҳо озодӣ набуд. Пас, дар ин ҷо Навиштаҷот дар бораи чӣ мегӯяд? Биёед, ба тарҷумаи аниқтар назар мекунем:

«Ҳар куҷо Рӯҳ - Худованд аст, он ҷо озодист» (2 Қӯр. 3:17, таъғири матн аз тарафи муаллиф).

Ба забони юнонӣ Худованд - kyrios мебошад. Ин калима «қудрати олӣ»- ро дорад (эзоҳ-1). Дар бисёр ҷойҳо ба монанди маҳбасҳо, беморхонаҳо, хонаҳо ва ҳатто дар бисёр калисоҳо ба Рӯҳи Муқаддас иҷозат намедиҳанд, ки дар сари қудрат бошад. Дар он ҷойҳое, ки қудрати Ӯро мепазиранд, дар он ҷо шумо озодӣ ва адолатро дида метавонед.

## ҲАДАФИ НОМА

Ҳадафи ин нома дар он аст, ки ба шумо Рӯҳи Муқаддас ҳамчун Шахсият муаррифӣ карда шавад. Дар бораи Ӯ саҳифаҳои бисёре навиштан мумкин аст. Дар бораи Ӯ дар тӯли рӯзҳо, моҳҳо ва ҳатто солҳо сухан рондан мумкин аст.

Ман бо хонумам Лиза дар тӯли сӣ сол дар издивоҷ мебошам. Ман вайро бисёр хуб медонам, лекин ба ҳар сурат то ҳол ман ягон хислати нав, хоҳиш, шавқу рағбатҳое, ки пештар аз он хабар надоштам, кашф мекунам. Ба наздикӣ мо сисолагии хонадоршавии худро ҷашн гирифта, якчанд рӯзро якҷоя гузарондем. Дар тӯли ин чанд рӯз ман дар бораи орзу, хоҳишҳо ва ҳатто қобилиятҳои вай чизҳои наверо фаҳмидам.

Агар дар бораи қобилиятҳо бигӯем, ман ҳеҷ дарк намекардам, ки Лиза ба бозии голф лаёқати хубе дорад. Ӯ медонад, ки ман то чӣ андоза ин бозиро хуш дорам, барои ҳамин ба ман пешниҳод

кард, ки дар як майдони зебо бо вай бозӣ кунам. (Ман танҳо як бахш бозӣ кардам, чунки ин вақт махсус барои ҳар дуямон ҷудо карда шуда буд). Дар зарбаи ҳафтдаҳум як чуқурие буд. Хонуми ман ҳамеша барои даъватҳои аҷиб омода мебошад, барои ҳамин ман аз вай пурсидам, ки оё ӯ мехоҳад бо зарбаи худ тӯбро аз болои чуқурӣ он тараф равон кунад. Барои ба он тарафи чуқурии 60 метра тӯбро гузаронидан ба масофаи 140 метр зарба задан даркор буд; дар акси ҳол тӯб дар об ғарқ мешуд. Ва махсус барои Лиза ман тӯби кӯҳнаеро ёфтам (чунки боварӣ надоштам, ки бори дигар ин тӯбро дида метавонам). Ӯ мавқеи худро ишғол карда, чунон зарба зад, ки тӯб масофаи 160 метрро тай карда, ба он тарафи чуқурӣ афтод. Афсӯс, ки ин маҳорат баъд аз сӣ соли оиладорӣ кашф карда шуд.

Ҳар бегоҳ, дар вақти таоми шом, Лиза бо хирадмандӣ ва хикмат дар бораи хоҳишу орзуҳои худ нақл мекард, ки пештар ба ҳеҷ кас дар бораи онҳо нагуфта буд. Хулоса, ман ба ҳикмат ва дониши ин зани аҷоиб, ки ҳамсари вафодори ман мебошад, дар ҳайрат будам.

Ин якчанд саҳифа маълумоти пурраро дар бораи Лиза расонида наметавонад. Ва ҳатто якчанд китоб кофӣ нест. Аммо ман дар бораи он нақл карда метавонам, ки бо ӯ чӣ гуна забон ёфтан мумкин мебошад. Ман гуфта метавонам, ки ӯ чиро хуш дорад, ба чӣ шавқ дорад, чӣ тавр бояд бо вай ҳамкорӣ кард. Ман дар бораи тарафҳои мусбӣ ва заъфҳои вай гуфта метавонам, ки ӯ чиро дӯст дорад ва нисбат ба чӣ назари бепарвоёна дорад. Ин маълумотҳои умумӣ барои муносибатҳои аҷоибиояндаи ману вай кӯмаки бузург расонида метавонад.

Агар дар бораи Лиза, ки ҳамагӣ як чанд даҳсола умр дорад, ман тамоми маълумотро дода наметавонам, оё ман дар бораи Рӯҳи Муқаддас, ки аз азал вуҷуд дорад, тамоми чизро гуфта метавонам? Ин ғайриимкон мебошад. Лекин ман Ӯро ба шумо муаррифӣ карда, дар бораи шахсияти Ӯ, хоҳишҳои Ӯ, чиро дӯст доштани Ӯ гуфта метавонам; бо Ӯ муносибат сохтанро

фаҳмонида, якчанд тарзи мушорикатро бо Вай ба шумо нишон дода метавонам. Ман гуфта метавонам, ки барои чӣ муносибатҳои шумо бо Рӯҳи Муқаддас ин қадар муҳим аст, ва чӣ тавр Ӯ ба мо қувват мебахшад, то ки мо хоҳишҳои Худоро дар ҳаёти худ амалӣ гардонем. Ошкор шудани ин донишҳои асосӣ шуморо ба рушди муносибатҳои амиқ ва муҳим бо Ӯ оварда метавонад.

### Рӯзи 2

## ИШТИБОҲИ ҶИДДӢ

Бисёр одамон як иштибоҳ мекунанд: онҳо, пеш аз он ки Рӯҳи Муқаддасро ҳамчун Шахсият бишносанд, мехоҳанд, ки қувват ва амали Ӯро дарк кунанд.

Муҳим аст, ки мо барои худ муайян кунем, ки оё мо бо тамоми қалб ва ақли худ бовар дорем, ки Рӯҳи Муқаддас - ин Шахсияти илоҳист, Он Касе, ки пурра қудс, дорои тамоми ҳикмат ва қудрат ва дар айни ҳол беандоза раҳиму меҳрубон ва дилсӯз аст. Оё мо имон дорем, ки Ӯ Ҳамон Шахсест, ки сазовори саҷда, парастиш, муҳаббат, имон, ҷонсупорӣ ва итоаткории мо мебошад? Ё мо фикр мекунем, ки Рӯҳи Муқаддас фақат як таъсирест, ки аз ҷониби Худо меояд, як қуввати сеҳрнокест, ки ба назари мо аз "рӯҳи некӯкорӣ" ё "рӯҳи рақобат" ҳеҷ фарқе надорад?

Назари охирин паст, дағалона ва ҳатто диндорона мебошад. Агар мо чунин назар дошта бошем, он гоҳ мо зуд зери таъсири ҳавобаландӣ ва ғурур меафтем ва дар натиҷа мо фуки худро боло бардошта роҳ меравем, гӯё ки мо ба гӯруҳи махсуси масеҳиён тааллуқ дошта бошем.

Вале агар мо ба бузургии беҳамтояш, ҷалол, ҳикмат, дониш ва покиаш назар андозем ва имон дошта бошем, ки Ӯ ҳамчун Шахсият, бо Падар ва Писар як ҳаст ва дар ҳаёти мо бояд ҳукмронӣ карда, аз он як чизи нек ба вуҷуд меоварад, он гоҳ мо

бо эҳтироми муқаддас назди Ӯ зону мезанем.

Он шахсе, ки барояш Рӯҳи Худо фақат қувват ва қудрати олӣ аст, ҳамеша хоҳад гуфт: «Ман бештар Рӯҳро мехоҳам». Аммо он шахсе, ки барояш Ӯ Шахсияти аҷибе мебошад, хоҳад гуфт: «Боз чӣ тавр бештар ман худро ба Ӯ тақдим карда метавонам?».

## ЧӢ ТАВР МО ӮРО МЕПАЗИРЕМ.

Яке аз сабабҳое, ки бисёриҳо Рӯҳи Худоро на ҳамчун Шахсият, балки ҳамчун як қуввати таъсирбахш мепазиранд, дар он аст, ки маҳз ҳамин тавр дар бораи Рӯҳи Худо таълим ёфтаанд. Шумо ягон бор шунидаед, ки дар бораи Рӯҳи Муқаддас мисли «як чиз» сухан меронанд? Ман зиёда аз сӣ сол дар хизматгузорӣ мебошам; агар ҳар маротибаи дар бораи Рӯҳи Муқаддас ҳамчун «як чизе» шуниданам як доллар ҷоиза мегирифтам, то ин вақт ман шахс сарватманд мешудам. Афсӯс, ки бисёре аз мо Рӯҳи Муқаддасро ҳамчун Шахсият напазируфта ва эҳтироми Ӯро ба ҷо наоварда, ҳузури Ӯро дар зиндагӣ аз даст медиҳанд. Дар он маконе, ки Рӯҳи Худоро эҳтиром намекунанд, Ӯ амал намекунад. (ниг. Мат. 13:54-58; Заб. 88:8).

Бояд қайд кард, ки Рӯҳи Муқаддасро «Шахсият» номида, ман Ӯро инсон намегӯям. Ман танҳо гуфтанӣ ҳастам, ки Ӯ он хислатҳоро дорост, ки шахсият аз он иборат мебошад. Рӯҳи Муқаддас Худо аст, на инсон. Лекин мо бояд дар хотир дошта бошем, ки инсонҳо ба шабоҳати Худо офарида шуда буданд. Инак, на Ӯ мисли мо аст, балки мо ба Ӯ шабоҳат дорем.

Ҳамчун Калисо, мо барои худ қарор қабул кардем, ки ба Ӯ ҳамчун ба «як чизи муқаддас» назар кунем, ба ивази он ки Ӯро чун Худи Қуддус қабул кунем. Ӯ мехоҳад, ки дӯсти наздики мо бошад, лекин мо ширкати Ӯро дар ҳаёти худ маҳдуд мекунем. Мутаассифона, аз ҳама муносибатҳое, ки бештар ба мо хурсандӣ меоварад, айни ҳамонро мо рад кардаем. Биёед, якчанд ҷои Навиштаҷотро назар мекунем, ки Рӯҳи Муқаддасро

ҳамчун шахсият мегӯяд:

- Ӯ тафаккур дорад (ниг. Рум. 8:27).
- Ӯ ирода дорад (ниг. 1 Қӯр. 12:11).
- Ӯ эҳсосот мисли муҳаббат ва хурсандӣ дорад (ниг. Рум. 15:30; Ғал. 5:22).
- Ӯ тасалло медиҳад (ниг. Аъмол 9:31).
- Ӯ сухан меронад (ниг. Ибр. 3:7); беш аз он, Ӯ возеҳ сухан меронад (ниг. 1 Тим. 4:1).
- Ӯ таълим медиҳад (ниг. 1 Қӯр. 2:13).
- Ӯ мумкин аст, ки биранҷад (ниг. Эфс. 4:30).
- Ӯ метавонад таҳқир карда шавад (ниг. Ибр. 10:29).
- Ӯ ба муқобилият дучор мешавад (ниг. Аъмол 7:51).
- Ӯ нисбати Худ дурӯғ мешунавад (ниг. Аъмол 5:1-11).

Агар ин хислатҳо дар Навиштаҳо ин гуна возеҳ бошанд, мо бояд аз худ савол кунем, ки пас чаро Ӯро нодуруст дарк мекунанд?

## КАБӮТАР

Бисёриҳо дар бораи Рӯҳи Муқаддас фикр карда, кабӯтарро тасаввур мекунанд. Барои чӣ дар фикри мо аввал ин тасвир меояд? Оё Рӯҳи Муқаддас ба шакли кабӯтар аён гаштааст? Ҷавоб фаҳмост: Не. Дар ҳар чор Инҷил мо мехонем, ки Рӯҳи Муқаддас ба Исо монанди кабӯтар нозил шуд (ниг. Мат. 3:16; Мар. 1:10; Лук. 3:22; Юҳ. 1:32). Оё мо худамон ягон касро монанд карда, намегӯем «чун» ё «монанди», масалан, «вай мисли шамол тез аст», «ӯ мисли шер пурқувват аст»? Агар ман гӯям, ки писарам мисли шер пурқувват аст, оё ин суханон ӯро ба ҳайвони чорпо табдил медиҳад? Албатта, не! Инчунин гуфтани он, ки Рӯҳ мисли кабӯтар нозил шуд, ин маънои онро надорад, ки Ӯ кабӯтар аст. Касе мегӯяд: «Хуб, лекин Ҷон, Ӯ

ба чароғдони назди тахти Худо шабоҳат дода шудааст» (ниг. Ваҳй 4:5). Бале, ин рост аст, лекин Китоби Муқаддас инчунин мегӯяд: «Ман дидам ва ана... дар миёни он пирон Баррае, мисли забҳшуда истодааст...» (Ваҳй 5:6). Ин тасаввуротест дар бораи Исо, ки ба Юҳанно аён гашт. Лекин мо аниқ медонем, ки Исо ҳайвони чорпо нест. Инчунин Рӯҳи Муқаддас оташи сеҳрноке нест, ки дар назди тахти Худо фурӯзон мебошад.

## ИНАК, РӮҲИ МУҚАДДАС КИСТ?

Каломи Худо возеҳ мегӯяд, ки Рӯҳи Муқаддас ин Шахсияти сеюм дар Илоҳияти Худо мебошад. Дар китоби Ҳастӣ (1:26) навишта шудааст: «Одамро ба сурат ва шабоҳати Худ биофарем». Пайхас кунед, ки Худо нагуфтааст: «Одамро биофарам». Барои саҳнаи офариниш се ҳунарпешаи гуногун лозим буд, ки ҳар яке нақши махсусе дошт. Худо дар се моҳияти худ: Падар, Писар ва Рӯҳи Муқаддас.

Биёед, ба китоби Аъмол (10:38) назар мекунем, ки чӣ гуна фарқияти дақиқ байни Падар, Писар ва Рӯҳи Муқаддас оварда шудааст.

> Исои Носириро Худо бо Рӯҳулқудс ва қуввати Худ тадҳин кард, ва Ӯ ба ҳама ҷо рафта, корҳои нек мекард ва ба ҳамаи онҳое, ки дар қайди иблис буданд, шифо мебахшид, зеро ки Худо бо Ӯ буд.

Дар ин оят мо Падарро, ки Исоро бо Рӯҳи Муқаддас тадҳин кард, мушоҳида мекунем ва ин се Шахсияти алоҳида аст, ки якҷоя барои ҳадафи умумӣ кор мекунанд.

Боз як мисолро мебинем:

> Ва Исо таъмид ёфта, дарҳол аз об баромад, ва инак, осмон ба рӯи Ӯ кушода шуд, ва Рӯҳи Худоро дид, ки чун кабӯтаре нозил шуда, бар Ӯ қарор мегирад. Ва инак, овозе аз осмон расид, ки мегуфт: «Ин аст

Писари маҳбуби Ман, ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ман бар Ӯст» (Мат. 3:16, 17).

Дар ин ҳодисаи таъмиди Исо шумо боз шоҳиди он ҳастед, ки ҳар як шахсияти Илоҳӣ амал мекунад. Аввал Исо аз ҷониби Яъҳё таъмид меёбад, пас Рӯҳи Худо ба Ӯ нозил мешавад, баъд Худои Падар аз осмон эълон мекунад «Ин аст Писари Маҳбуби Ман, ки ҳусни тавваҷӯҳи Ман бар Ӯст». Боз се моҳияти Илоҳӣ якҷоя барои як ҳадаф кор мекунанд.

Иҷозат диҳед, ки ман як мисоли асосиро ба шумо пешкаш кунам, ки ҳақиқатро возеҳ мегардонад. Об (формула H2O) дар се ҳолат вуҷуд дошта метавонад. Кадом шаклро гирифтани ин формуларо ҳарорат муайян мекунад: сахт, моеъ ва газ. Моҳият ва сохтори молекулярии об ҳеҷ гоҳ таъғир намеёбад, лекин шакли он вобаста аз муҳит (ҳарорат) таъғир меёбад. Айни ҳамон хел моҳияти Худо таъғирнопазир мебошад. Ҳангоме ки шумо ба Писар назар мекунед, Падарро мебинед, Рӯҳ бошад барои нишон додани Писар фиристода шуда буд (ниг. Юҳ. 17:21; Эфс. 1:17, 18). Худо ягона аст, лекин аз се ипостасия (Шахсият) иборат мебошад ва ҳар яки он вазифаи махсусе дорад. Новобаста аз он ки се Шахсият вуҷуд дорад, Худо яктост. Дар китоби Такрори Шариат (6:4) омадааст: «Бишнав, эй Исроил: Худованд Худои мо Худои ягона аст...». Дар Нома ба Румиён (3:30) навишта шудааст: «Чунки Худо ягона аст...». Дар Номаи Яъқуб (2:19) айни ҳамон чиз гуфта шудааст: «Ту имон дорӣ, ки Худо ягона аст? Хуб мекунӣ». Ин ҳақиқат санги таҳдоби тамоми китоби мо мебошад: Се Шахсияти алоҳидаи Илоҳӣ мавҷуд аст, лекин як Худост.

## Рӯзи 3

# ШАХСИЯТИ АВВАЛ

Рӯҳи Муқаддас ин аввалин шахсияти Илоҳӣ аст, ки мо дар Китоби Муқаддас вомехӯрем. Дар боби аввали китоби Ҳастӣ омадааст: «Дар ибтидо Худо осмон ва заминро офарид» (ояти 1) Ба ояти дуюм назар мекунем: «Замин дар ҳолати ҳарчумарҷ буд, ва торикӣ дар рӯи варта ва Рӯҳи Худо бар рӯи об дар парвоз буд». Дар ояти дуюми боби аввал дар бораи Рӯҳ зикр мегардад, Ӯ аввалин шахсияти Илоҳӣ мебошад, ки бо ном гуфта шудааст.

Чунин савол ба миён меояд: «Ҷон, лекин дар ояти аввал гуфта шудааст: “Дар ибтидо Худо осмон ва заминро офарид”. Чӣ тавр гуфтан мумкин аст, ки Рӯҳи Муқаддас аввал дар Навиштаҷот зикр гардидааст, агар дар ояти аввал дар бораи Худои Падар гуфта шуда бошад?» Саволи аҷоиб. Лекин ба хотир биёред, Худо гуфтааст: «Одамро бо сурат ва шабоҳати Худ биофарем». Барои ҳамин дар ояти аввал Худо на танҳо ба як шахсият, балки ба ҳамаи се шахсиятҳои Илоҳӣ тааллуқ дорад. Бинобар ин, якумин шахсияте, ки дар алоҳидагӣ бо вазифааш зикр мегардад, ин Рӯҳи Муқаддас мебошад. Дар ояти ду навишта шудааст, ки «Рӯҳи Худо дар болои об парвоз мекард».

Биёед, боз ба саволи аввал бармегардем: Рӯҳи Муқаддас кист? Далерона гуфта метавонам, ки Ӯ дар рӯи ин замин аз ҳама Шахсияти нек, аҷоиб, зебо, раҳим, меҳрубон, ва пурқудрат мебошад. Шумо хоҳед гуфт: «Ҷон, дар тамоми рӯи замин?» Бале, дар тамоми рӯи замин. Мо бояд дарк кунем, ки дар рӯи ин замин Падар нест , Ӯ дар осмон дар тахти худ нишастааст. Инчунин Исо дар рӯи замин нест. Ман одатан мешунавам, ки чӣ гуна одамон мегӯянд : «Исо дар қалби ман аст», ҳол он ки Навиштаҳо возеҳ мегӯянд, ки Ӯ дар осмон дар ямини тахти Падар нишастааст (ниг. Мар. 16:19). Дар китоби Аъмол (1:9-11) омадааст:

«...боло бурда шуд, ва онҳо (шогирдон) менигаристанд, ва абре Ӯро аз пеши назари онҳо гирифта бурд. Чун Ӯ боло

мебаромад, ва онҳо ба осмон менигаристанд, ногоҳ ду марди сафедпӯш назди онҳо пайдо шуданд. Ва гуфтанд: Эй мардони Ҷалил! Чаро ин ҷо истода сӯи осмон нигаронед? Ҳамин Исо, ки аз пеши шумо ба осмон равона дидед, боз ҳамон тавр хоҳад баргашт». Ду марде, ки дар асл фаришта буданд, ба шогирдон возеҳу равшан гуфтанд, ки Исо, айни ҳамон тавре ки боло бурда шуд, пас хоҳад баргашт. Бо дигар суханон, Ӯ дигар ба замин барнамегардад, магар ин ки ба тариқи абрҳо поён фарояд. Оё Исо дар абрҳо ба замин баргашт? Бешубҳа, не. Ин маънои онро дорад, ки то ҳол Исо дар ямини тахти Худо дар осмон нишастааст. Дар хотир биёред он ҷои Навиштаҷотро, ки Истефанусро сангсор мекарданд. Дар китоби Аъмол (7:55,56) омадааст: «Аммо ӯ , ки пур аз Рӯҳи Муқаддас буд, сӯи осмон нигариста, ҷалоли Худо ва Исоро, ки ба ямини Худо истода буд, дид ва гуфт: Инак, осмонро кушода ва Писари Одамро ба ямини Худо истода мебинам». Тасаввур кунед Исоро, ки бар тамоми ҷалоли худ истода, мунтазири он лаҳзаи муқаддаси вохӯрӣ бо шоҳиди амини Худ мебошад, ки ӯ дар тамоми наслҳои оянда ҳамчун шоҳиди аввале, ки ба хотири Масеҳ кушта шуд, машҳур хоҳад гашт. Ин воқеа нишонаи пайванди пурҷалол мебошад, лекин дар айни замон хотиррасон мекунад, ки ҳоло Исо дар назди Падари Худ дар осмон мебошад.

Ҳақиқат дар он аст, ки Исо дар ин мавқеи пурҷалол тақрибан ду ҳазор сол мебошад. Дар рӯи ин замин Ӯ нест. Ман медонам, мо суханони «Исо дар қалби ман зиндагӣ мекунад» гуфтанро дӯст медорем , лекин дар асл Рӯҳи Муқаддас, Рӯҳи Исои Масеҳ, маҳз Ӯ қалби моро чун макони истиқомати Худ ишғол кардааст.

Ба мо муҳим аст, то дарк кунем, ки Рӯҳи Муқаддас - ин Рӯҳи Худои Падар ва Рӯҳи Исои Масеҳ (Писар) мебошад. Биёед, ба якчанд мисолҳо назар меандозем.

Дар Нома ба Филиппиён (1:19) Павлус мегӯяд: «Зеро медонам, ки ин боиси наҷоти ман хоҳад шуд, мувофиқи дуои шумо ва бо мадади Рӯҳи Исои Масеҳ». Исо бисёр возеҳ гуфтааст, ки Ӯ бояд

биравад, то ки ба ҷои Ӯ Рӯҳи Муқаддас биёяд. Павлус дар ин ҷо дар бораи Рӯҳи Муқаддас (ҳамчун Мададгоре) мегӯяд, на ин ки дар бораи он ки Исо ба Рӯҳ табдил гашта бошад, чунки Исо дигар дар рӯи ин замин нест.

Дар Инҷили Матто (10:20) Исо эълон мекунад: «Зеро ки гӯянда шумо нестед, балки Рӯҳи Падари шумост, ки дар шумо гӯянда аст». Исо дар бораи замони оянда сухан гуфт, замоне, ки шогирдонаш ба хотири Инҷил зери таъқибот ва озмоиш қарор хоҳанд гирифт. Рӯҳи Худо (Рӯҳи Муқаддас) онҳоро роҳнамоӣ карда, суханони дурустро ба забони онҳо хоҳад гузошт.

Ва ҳатто ҳоло ки ман ин суханонро менависам, ин натиҷаи дониш ва таҷрибаи ман намебошад. Рӯҳи Падарам ба воситаи ман таълим медиҳад. Ман кӯшиш кардам, ки бо қуввати худ таълим диҳам, лекин натиҷаи баде дошт. Ба воситаи файзи Ӯ ва қуввати Рӯҳи Муқаддас ман ҳамон кас ҳастам, ки ҳастам. Хабари хуш он аст, ки ҳангоми фурӯтан шудану сархам карданам Ӯ ҳеҷ вақт маро дар нокомиҳоям танҳо нагузошт. Ӯ ҳамеша барои кӯмак тайёр буда, заъфи маро ба қувват табдил мекард.

## ЧӢ ТАВР ҲАР СЕ ШАХСИЯТ АМАЛ МЕКУНАНД?

Ин ҳақиқатро дар бораи «се дар як» фаҳмидан мушкил аст, чунки он ба фикри инсонии мо намеғунҷад. Номаи Аввал ба Қӯринтиён (12:5-7) ба моҳияти ин масъала равшанӣ меандозад, ки чӣ гуна Се дар ягонагӣ амал мекунанд.

> «Ва хизматҳо гуногун аст, аммо Худованд ҳамон як аст. Ва амалҳо гуногун аст, аммо Худованд ҳамон як аст, ки ҳама чизро дар ҳама ба амал меоварад. Лекин ба ҳар кас зуҳуроти Рӯҳ барои манфиати ҳамаҷониба бахшида мешавад» (1 Қӯр. 12:5-7).

Ин ҷои Навиштаҷотро мутолиа карда, мо ба хулосае меоем,

ки Падар, Писар ва Рӯҳи Муқаддас вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд. Падар саркардаи ҳар амал мебошад (ояти 6), Писар тақсимкунадаи вазифаҳо (ояти 5) Рӯҳи Муқаддас - иҷрокунанда (ояти 7), вале ҳамаи онҳо якҷоя барои ба амал баровардани ҳамон як мақсад кор мекунанд.

Агар мо тасмим гирем, ки хонае бино кунем, барои мо чӣ зарур аст? Ба мо архитектор, сардори сохтмон ва коргарон (бинокорон) зарур мебошанд. Дар ин мисол Худои падар ба ҷои архитектор аст, Исо сардори сохтмон ва Рӯҳи Муқаддас кормандоне мебошад, ки хонаро бино мекунанд. Ӯ «бунёдгузори» офариниш мебошад. Ва ҳар се мақом барои сохтани хона муҳим ҳастанд.

## АНГУШТИ ХУДОВАНД

Биёед, ба ду тарзи гуногуни шарҳи як ҳодисаи Китоби Муқаддас назар меандозем. Исо як шахси девонаро шифо дод. Мардум дар тааҷҷуб ҳастанд, лекин фарисиён дар дили худ фикр мекунанд: «Ӯ девҳоро бо қуввати иблис берун меронад» (ниг. Мат. 12:23, 24). Дар ояти 28 мо ҷавоби Исоро ба фикрҳои онҳо мехонем. «Агар Ман бо Рӯҳи Худо девҳоро берун мекарда бошам, пас Малакути Худо ба шумо омада расидааст».

Инчунин Луқо назари худро дар ин бобат навиштааст, ки аз назари Матто камтар фарқ мекунад. дар Инҷили Луқо (11:20) омадаст: «Лекин агар ман девҳоро бо ангушти Худо берун мекарда бошам, пас Малакути Худо ба шумо омада расидааст». Аммо Луқо ва Матто дар бораи Рӯҳи Муқаддас сухан меронанд. Одатан, муаллифон вазифаи Рӯҳи Муқаддасро аз Шахсияти Ӯ ҷудогона менависанд, чуноне ки Луқо дар ин мисол баён намудааст. Барои ҳамин, мо ба хулоса меоем, ки Рӯҳи Муқаддасро ҳамчун «ангушти Худо» гуфтан мумкин аст.

Вазифаи Рӯҳи Муқаддас на танҳо ангушти Худо, балки дастони Худо низ гуфта шудааст. Навиштаҷот мефармояд,

ки Худованд халқи Худро «бо дастон ва бозуи қавӣ» озод кардааст (Забур 135:12). Дар Забур (8:4) омадааст: «Вақте ки ба осмони Ту менигарам, ки санъи ангуштони Туст, ва ба моҳ ва ситорагоне, ки Ту офаридаӣ...». Бисёре аз имондорон дарк намекунанд, ки Рӯҳи Муқаддас дар асл Ҳамоне аст, ки ситорагон ва сайёраҳоро дар осмон мегузорад, Ӯ Касе аст, ки офариниШро ба амал меоварад. Ба хотир оред, ки дар китоби Ҳастӣ (1:2) чӣ навишта шудааст: «...Рӯҳи Худо дар болои об парвоз мекард». Ӯ мунтазири ташаббуси Падар буд. Баъд Писар вазифаи Худро анҷом дода, мебоист эълон мекард: «Бигзор рӯшонӣ шавад», чунки Исо каломи Худо аст. Ҳангоме ки суханони «Бигзор рӯшноӣ шавад» эълон карда шуд, Писар иродаи Падарро ба ҷо овард ва Рӯҳи Муқаддас мутобиқи суханони Ӯ офарид.

Яке аз ҷойҳои дӯстдоштаи ман роҷеъ ба ҷалол ва бузургии Рӯҳи Худо дар китоби Ишаъёи набӣ (40:12-15) омадааст:

> «Кист, ки обҳоро бо мушташ андоза намудааст, ва афлокро бо ваҷаб паймудааст, ва хоки заминро дар ченаке гунҷонидааст ва кӯҳҳоро бо каппон ва теппаҳоро бо паллаи тарозу баркашидааст? Кист, ки Рӯҳи Худовандро андоза намудааст, ва мушовири Ӯ гардидааст, ва Ӯро таълим додааст? Кӣ бо Ӯ машварат кардааст, ва кист, ки ба Ӯ хирад бахшидааст, ва тариқи адлу инсофро ба Ӯ таълим додааст, ва ба Ӯ дониш омӯхтааст, ва роҳи дурустиҳоро ба Ӯ ёд додааст? Халқҳо, охир, мисли қатрае аз сатил ва мисли гарде бар тарозу ҳисоб меёбанд. Ҷазираҳоро, охир, Ӯ мисли ғуборе мебардорад» (Ишаъё 40:12-15, NLT ).

Дар ояти дувоздаҳум омадааст: «Кист, ки афлокро бо ваҷаб паймудааст?». Шумо мебинед, ки инҷо Рӯҳи Муқаддас аз рӯи вазифаи Худ хонда шудааст. Дар бораи ин мулоҳиза кунед. Рӯҳи Худованд тамоми укёнусҳоро дар кафи худ нигоҳ медорад. Ҳоло шумо мебинед, ки то чӣ андоза Ӯ қудратманд аст? Ва ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Ӯ Худро фурӯтан сохта, бо Падар ва Писар

розӣ гашта, қарор кард, ки дар вуҷуди мо истиқомат кунад. Ин чӣ қадар воқеияти аҷоиб, ҳаяҷоновар ва рӯҳбаландкунанда мебошад!

## Рӯзи 4

# РӮҲИ МУҚАДДАС ХУДО АСТ

Биёед, ҳоло назар мекунем, ки ҳангоми офариниши одам Рӯҳи Муқаддас кадом вазифаро иҷро мекард. «Ва Худованд Худо одамро аз хоки замин бисиришт, ва ба бинии вай рӯҳи ҳаёт дамид ва одам ҷони зинда шуд» (Ҳастӣ 2:7). Маҳз Рӯҳи Муқаддас одамро биофарид ва ба бинии вай рӯҳи ҳаётро дамид. Аз куҷо ман медонам, ки маҳз ҳамин тавр буд? Дар китоби Айюб (33:4) омадааст: «Рӯҳи Худо маро ба вуҷуд овардааст, ва нафаси Қодир ба ман ҳаёт бахшидааст». Рӯҳи Муқаддас на танҳо одамро офаридааст, балки дар бинии вай ҳаётро дамидааст. Инчунин Ӯ ман ва шуморо офарида, ба мо низ нафаси ҳаётро дамидааст. Дар Забур (138:13) омадааст: «Зеро ки Ту ботинамро ба вуҷуд овардаӣ, маро дар батни модарам тарҳ намудаӣ». Дар асл ҳама чизро, ки мо мебинем Рӯҳ офаридааст, чунки дар китоби Масалҳо (26:10) навишта шудааст: «Худои бузург, ки ҳама чизро ба вуҷуд овард...» (тарҷ. аз ингл. – Прим. перев) Хилқате, ки мо мебинем, ин маҳсули нақшаи созандагии Падар мебошад, ки аз ҷониби Рӯҳи Муқаддас ба вуҷуд омадааст.

Акнун барои шумо возеҳ гашт, ки Рӯҳи Муқаддас Худост. Биёед, ба якчанд номҳое, ки дар Китоби Муқаддас нисбат ба Ӯ истифода мешаванд, назар мекунем. Ӯро чунин меноманд:

- Рӯҳи Муқаддас (96 маротиба);
- Рӯҳи Худованд (28 маротиба);
- Рӯҳи Худо (26 маротиба);
- Рӯҳи абадӣ (Ибр. 9:14, тарҷ. аз ингл. – Прим. перев );

- Мададгор (дар Инҷили Юҳанно Исо Ӯро 4 маротиба чунин меномад);
- Тасаллибахш (одатан, дар тарҷумаи васеи Китоби Муқаддас истифода мекунанд);
- Қуддус (Забур 77:41);
- Худованд (2 Қӯр. 3:17);
- Рӯҳи ростӣ (4 маротиба);
- Рӯҳи Масеҳ (Рум. 8:9; 1 Пет. 1:11);
- Рӯҳи Исои Масеҳ ( Фил 1:19);
- Рӯҳи машварат (Ишаъё 11:2);
- Рӯҳи шинохтани Худованд (Ишаъё 11:2);
- Рӯҳи қудрат (Ишаъё 11:2);
- Рӯҳи ҳикмат (Ишаъё 11:2);
- Рӯҳи хирад (Ишаъё 11:2);
- Рӯҳи худотарсӣ (Ишаъё 11:2);
- Рӯҳи Падари шумо (Мат. 10:20);
- Рӯҳи Ҷалол (1 Пет. 4:14);
- Рӯҳи файз (Зак. 12:10, Ибр. 10:29);
- Рӯҳи доварӣ (Ишаъё 4:4);
- Рӯҳи оташ (Ишаъё 4:4);
- Рӯҳи ҳаёт (Рум. 8:2);
- Рӯҳи муҳаббат (2 Тим. 1:17);
- Рӯҳи қувват (2 Тим. 1:17);
- Рӯҳи парҳезгорӣ (2 Тим. 1:17, тарҷ. нав);
- Рӯҳи нубуват (Ваҳӣ 19:10);
- Рӯҳи ваҳй (Ибр. 1:17);
- Рӯҳи муқаддасот (Рум. 1:4);
- Рӯҳи Худои Муқаддас (4 маротиба дар Китоби Дониёл);

Ӯ сазовор, Ӯ тавоно, Ӯ пуршукӯҳ аст!

## ИСО ПУРРА АЗ РӮҲИ МУҚАДДАС ВОБАСТА БУД.

Исо пурра аз Рӯҳи Муқаддас вобаста буд. Ӯ ба воситаи Рӯҳ ба дунё омад, Ӯ аз ҷониби Рӯҳ таълим ёфт, дар дарёи Ӯрдун бо Рӯҳи Муқаддас таъмид гашт ва то замони таъмид Ӯ ҳеҷ мӯъҷиза накард (ба навиштаҳои Юҳанно дар бораи мӯъҷизаи аввал дар Қонои Ҷалил нигоҳ кунед: Юҳанно 1:29-34 ва 2:1-11). Ӯ аз ҷониби Рӯҳ ҳидоят мешуд ва Ӯ танҳо он суханонро мегуфт, ки аз Рӯҳ мешунид.

Дар Инҷили Юҳанно (14:10) Исо мефармояд: «Суханоне, ки Ман ба шумо мегӯям, аз Худ намегӯям; Падаре, ки дар Ман сокин аст, Ӯ ин аъмолро мекунад» Пайхас кунед, ки Исо нагуфтааст: «Падаре, ки дар осмон аст». Балки гуфт: «Падаре, ки дар Ман сокин аст».

> Як лаҳза, Ҷон, ту гуфтанӣ ҳастӣ, ки Ӯ дар бораи Рӯҳи Муқаддас ҳамчун Падари Худ сухан мегӯяд?
>
> Чаро не? Гӯш кунед, фаришта ба Юсуф гуфт: «Аз гирифтани зани худ Марям натарс; зеро ки он чи дар вай ба вуҷуд омадааст, аз Рӯҳулкудс аст» (Мат. 1:20). Исо ба тариқи Рӯҳи Муқаддас ба вуҷуд омад, аз ин рӯ фаҳмо аст, ки Ӯ дар бораи Рӯҳи Муқаддас ҳамчун Падаре, ки дар Ӯ сокин аст, сухан меронад.

Ҳақиқат дар он аст, ки дар ҳаёти заминӣ Исо ҳамеша бо Рӯҳи Муқаддас якҷоя кор мекард. Дар асл Исо чунин хулосае кардааст: «Писар наметавонад аз Худ чизе ба амал оварад» (Юҳанно 5:19). Агар Исо, худи Писари Худо, ҳамеша ба ҳамкорӣ бо Рӯҳи Муқаддас зарурат дошта бошад, чӣ қадар мо барои иҷрои вазифаи худ бештар ба кӯмаки Рӯҳ мӯҳтоҷ ҳастем?

Ҳеҷ кас аз Исо дида бештар Рӯҳи Муқаддасро намешиносад,

аз ҳамин хотир, биёед ба суханони Исо, ки дар бораи хислат, қувват ва дигар қобилиятҳои Рӯҳи Муқаддас гуфта шудаанд, назар меандозем.

Дар Инҷили Юҳанно (14:15-18) Исо эълон мекунад:

> «Агар Маро дӯст медоред, аҳкоми Маро риоя хоҳед кард. Ва Ман аз Падар илтимос хоҳам кард, ва Ӯ ба шумо Пуштибони дигаре ато хоҳад кард, то ки ҳамеша бо шумо бошад, яъне Рӯҳи ростӣ, ки ҷаҳон наметавонад Ӯро бипазирад, зеро ки Ӯро намебинад ва намешиносад; лекин шумо Ӯро мешиносед, зеро ки Ӯ бо шумо мемонад ва дар шумо хоҳад буд. Шуморо ятим намегузорам; назди шумо меоям».

Дар ин порча бисёр ҳақиқатҳои арзишманде ҷой гирифтаанд. Дар аввал бубинед, ки Исо чӣ гуфтааст: «Агар Маро дӯст медоред, аҳкоми Маро риоя хоҳед кард». Аҷиб аст, ки Исо суханро дар бораи Рӯҳи Муқаддас оғоз намуда, дар бораи он мегӯяд, ки мо бояд қудрати олии Ӯро эътироф кунем. Петрус ин ҳақиқатро тасдиқ мекунад: «Мо шоҳидони Ӯ дар ин бобат ҳастем ва ҳамчунон Рӯҳи Муқаддас аст, ки Онро Худо ба фармонбардорони Худ бахшидааст» (Аъмол 5:32). Худо Рӯҳи Муқаддасро ба он касоне медиҳад, ки ба Ӯ итоат мекунанд.

Диққат кунед, ки Исо дар Инҷили Юҳанно (14:16) чӣ мегӯяд: «Ва Ман аз Падар илтимос хоҳам кард, ва Ӯ ба шумо Пуштибони дигаре ато хоҳад кард, то ки ҳамеша бо шумо бимонад». Биёед, маънои калимаи «дигар»- ро ба забони юнонӣ таҳлил мекунем. Дар забони юнонӣ, ки дар Аҳди Ҷадид истифода мешавад, ду калимае ҳастанд, ки ба забони инглисӣ ҳамчун калимаи «дигар» тарҷума мешаванд. Ин калимаҳои юнонии heteros ва allos. Heteros маънои «дигар, навъи дигарро» дорад. Allos маънои «дигар, лекин ҳамон навъро» дорад (эзоҳ-2). Саволе, ки мо бояд ба миён гузорем: Исо дар ин ҷо кадом калимаро истифода кардааст?

Пеш аз он ки ба ин савол ҷавоб диҳам, иҷозат диҳед, як

мисолеро биоварам, ки фарқи ин ду калимаи юнониро возеҳ нишон медиҳад. Тассавур кунед: ман ба шумо як қисми мева, фарз кунем, себро пешкаш мекунам. Баъд аз он ки шумо истеъмол мекунед, ман мепурсам: «Оё шумо қисми дигари ин себро ҳам мехостед?».

Шумо мегӯед: бале. Он гоҳ ман ба шумо афлесӯн, яъне «дигар» меваро медиҳам. Ва дар ин ҳолат ман ба шумо на фақат дигар қисм, балки дигар меваро медиҳам. Афлесун нисбат ба себ ин навъи дигари мева мебошад. Ин мисоли маънои heteros мебошад.

Агар шумо қисми дигаре бихоҳед ва ман як қисми дигари себро бидиҳам, шумо мегӯед, ки ин дигар қисм, лекин ҳамон як навъ аст. Ин маънои калимаи allos мебошад.

Ба саволи аввал бармегардем. Ҳангоме ки Исо мегӯяд, ки Падар ба шумо дигар Пуштибоне мефиристонад, кадом калимаро Ӯ истифода мекунад?

Ӯ калимаи allos ро истифода мекунад. Бо чунин тарз Ӯ мегӯяд: «Падар ба шумо дигар Пуштибонеро медиҳад, ки айни Ҳамоне, ки Ман ҳастам, Ӯ ҳаст». Бо дигар суханон Исо мегӯяд, ки Ӯ ва Рӯҳи Муқаддас як навъ мебошанд.

**Рӯзи 5**

## ШАРИКИ МО ТО АБАД

Боз як калимаи дигаре, ки Исо дар Инҷили Юҳанно (14:16) истифода мекунад, ин Пуштибон мебошад. Барои ифодаи маънои калимаи «пуштибон» дар забони юнонӣ калимаи parakletos истифода мешавад. Дар Номаи Юҳанно Худи Исо низ бо калимаи parakletos хонда шудааст: «Эй фарзандонам!... мо ба ҳузури Падар Шафоатгаре (parakletos) дорем, ки Исои Масеҳи одил аст» (1 Юҳ. 2:1). Исо ва Рӯҳи Муқаддас ба сифати мададгор ё «parakletos» баромад мекунанд. Инак, маънои

ин калимаи юнонӣ чист? Дар забони ҳамон давра ин калима маънои «ҳуқуқшинос»-ро мефаҳмонд, ки барои мудофиаи касе дар суд иштирок мекард (эзоҳ-3). Ба ғайр аз он, ин калима барои ифодаи мафҳуми «маслиҳатчӣ» ё «мураббӣ», ки барои рушди шахсии варзишгар кӯмак мекард, истифода мешуд.

Parakletos калимаи сохта буда, аз ду калимаи алоҳидаи юнонӣ иборат мебошад: para ва kaleo. Para маънои «хеле наздик» -ро дорад (эзоҳ-4). Павлус ин калимаро барои навиштани муносибатҳои худ бо Тимотиюс истифода бурда буд. Павлус аз Тимотиюс дида шахси наздиктаре надошт ( ниг.Флп. 2:20). Ҳамсари ман Лиза барои ман Para мебошад. Дар тамоми рӯи замин аз ӯ дида шахси наздиктаре барои ман мавҷуд нест. Ман ин калимаро барои муносибати ман бо хонумам истифода карда метавонам.

Дуюм, калимаи юнонии «kaleo» маънои «хондан, даъват карданро» дорад. Ин калима дар Китоби Муқаддас, одатан, ҳангоме ки ҳаввориён дар бораи даъвати худ мегӯянд, истифода шудааст. Масалан, ҳангоме ки Павлус гуфтааст: «Ман ҳамчун ҳаввории ғайрияҳудиён даъват шудаам» (тарҷ. аз ингл. – Прим.перев.), ӯ низ калимаи юнонии «kaleo»- ро истифода кардааст. Мафҳуми калимаи «даъват» дар худ маънои таъинот ва амалро дорад.

Ҳангоме ки мо ин ду калимаи юнониро якҷоя мегузорем, он гоҳ суханони Исоро беҳтар дарк мекунем. Дар асл Ӯ мегӯяд, Рӯҳи Муқаддас даъват шудааст, ки назди ҳар яки мо бошад, то ки моро таълим диҳад, роҳнамоӣ кунад, кӯмак расонад ва дар роҳи зиндагӣ ба мо машварат диҳад. Ин даъвати Ӯст, вазифаи Ӯст ва Ӯ ҳамеша ва дар ҳама ҷо бо мо мебошад, Ӯ ҳеҷ гоҳ хаста намешавад. Исо фармудааст, ки Рӯҳи Муқаддас то абад бо мо хоҳад буд (Юҳ. 14:16). Ӯ ҳеҷ вақт моро танҳо намегузорад ва тарк намекунад. Ин чӣ қадар ваъдаи аҷоиб аст! Исо дар асл мегӯяд, ки Рӯҳи Муқаддас давомдиҳандаи кор ва вазифаи Ӯ (Исо) дар ҳаёти мо мебошад.

Одатан ман мешунавам, ки чӣ тавр одамон мегӯянд: «Оҳ, агар ман имконияти вохӯрданро бо Исо медоштам, чӣ қадар

бисёр саволҳо ба Ӯ медодам». Хайр, чаро ин саволҳоро ба Рӯҳи Муқаддас надиҳем?. Ин бисёр соҳаи муҳиме аст, ки пазироии Рӯҳи Муқаддас аз ҷониби мо оғоз меёбад. Агар мо Ӯро ҳамчун як махлуқи нофаҳмо бипазирем, он гоҳ мо пеши Ӯ ҳамчун шахсе, ки таълимдиҳанда ва роҳнамои ҳаётамон мебошад, омада наметавонем. Рӯҳи Муқаддас Холиқ мебошад, на ин ки махлуқ. Агар мо дар асл бовар кунем, ки Ӯ айни Ҳамон аст, ки дар борааш дар Навиштаҳо омадааст, он гоҳ мо назди вай бо эҳтиром ва тарс меоем, чунки медонем, ки Ӯ Воҷибулвуҷуд ва Қодир аст. Ӯ Он шахсест, ки метавонад ва мехоҳад моро таълим диҳад, кӯмак намояд ва роҳнамоӣ кунад. Бале, Ӯ ташнаи муносибати наздик бо мо аст.

Афсӯс, ки дар калисо Рӯҳи Муқаддас аз ҳама Шахсияти бештар радшаванда мебошад. Мо чӣ қадар зиёд якҷоя ҷамъ мешавем ва Ӯро ба хотир намеорем ва ёд намекунем? Чӣ қадар соатҳои субҳона, рӯзона ва бегоҳӣ ва ҳатто тамоми рӯзро аз сар гузаронида, бо Он шахсе, ки даъват шудаасту то абад ҳамроҳи мо мебошад, ҳатто як калимае ҳам ба забон намеорем?

## СУХАНОНИ ҲАЙРАТАНГЕЗ

Исо дар Инҷили Юҳанно (16:7) суханони ҳайратангезе гуфт: «Лекин ба шумо рост мегӯям...».

Пеш аз он ки дидани ин порчаро идома диҳем, ман ба шумо тасвири пурра нишон додан мехоҳам. Исо ба шогирдони Худ муроҷиат мекунад. Ӯ ҳамроҳи онҳо се сол якҷоя буд. Ва ҳамаи суханоне, ки Ӯ гуфта буд, иҷро шуд. Ӯ фармон дод: «Бӯрон хомӯш шав!» ва оромӣ фаро гирифт. Ӯ ба онҳо гуфт, ки куҷо бояд бираванд, то ки харкурраеро биёбанд, ва албатта, онҳо он ҷо рафтанд ва харро ёфтанд. Пеш аз он ки ба Ӯ хиёнат кунад, Ӯ медонист, ки байни шогирдонаш хоин ҳаст. Ӯ ба дарахти анҷир амр кард, ки хушк шавад, ва дар тӯли бисту чор соат он хушк гашт. Ҳама чизе, ки Исо мегуфт, амалӣ мегашт, лекин ба ҳар ҳол

Ӯ мебоист суханони Худро аз сарсухан оғоз намояд. «Лекин ба шумо рост мегӯям...». Он чӣ ки Исо мебоист ба шогирдонаш мегуфт, ба ақли онҳо ҷой намегирифт, барои ҳамин Ӯ мебоист боварӣ ҳосил кунад, то онҳо бифаҳманд, ки суханони Ӯ рост аст.

Инак, Исо чӣ мегӯяд? «Лекин ба шумо рост мегӯям: рафтани Ман барои шумо беҳтар аст; зеро ки агар ман наравам, Пуштибон (Parakletos) назди шумо нахоҳад омад; ва агар Ман биравам, Ӯро назди шумо мефиристам» (Юҳ. 16:7). Дар тарҷумаи New Living Translation омадааст: «Аз ҳама роҳи беҳтарин барои шумо он аст, ки Ман биравам».

Худро дар ҷои шогирдон тасаввур кунед. Роҳбари шумо, ки Ӯ Худи Писари Худост, ба шумо мегӯяд, ки шуморо тарк хоҳад кард ва рафтани Ӯ ба нафъи шумо хоҳад буд. Ба фикри ман, ин ахмақона садо медиҳад. Агар Ӯ Худо бошад, оё барои мо беҳтар нест, ки Ӯ бо мо бошад? Ман боварӣ дорам, ки шогирдон низ чунин ақида доштанд. Маҳз аз ҳамин сабаб, Исо суханони худро бо «Лекин ба шумо рост мегӯям...» оғоз карда буд.

Инак, барои чӣ ба шогирдон ва дигар имондорони наслҳои оянда, аз ҷумла ба мо низ беҳтар аст, ки Исо биравад? Дар бораи он мулоҳиза кунед, ки агар Исо ҳеҷ вақт заминро тарк намекард, он гоҳ Рӯҳи Муқаддас намеомад, то ки ҳамеша ҳамроҳи мо бошад. Агар ба ман чизе аз Исо лозим мешуд, мебоист, ки масофаро ба ҳазорҳо километр тай карда, Ӯро вомехӯрдам. Сафари ман аз шаҳри Тел-Авив оғоз мееёфт (фурудгоҳи он шаҳр аз ҳама масруфтарин дар дунё мебуд). Баъд мебоист, ки мошинро киро карда, ба шаҳри Ҷалил биравам, дар орзуи он, ки ақалан ягон хобгоҳе барои худ биёбам (чунки ҳамаи меҳмонхонаҳо пур мебуданд). Баъд мебоист ман Исоро биёбам. Ин кори мушкил мебуд, чунки миллионҳо нафар мехостанд бо Ӯ мулоқот дошта бошанд. Ҳангоме ки ман Ӯро мееёфтам, аз навбати дуру дароз ва мушкилтарин мебоист мегузаштам, ки умуман одамизод вохӯрда буд, зеро ки ҳама мехоҳанд Исоро бубинанд ва аз Ӯ савол кунанд ё хоҳиши худро ба Ӯ бигӯянд.

Азбаски ин навбат калону дуру дароз мебуд, ба ман барои мулоқот бо Исо ҳамагӣ 60 сония медоданд ва саволу дархостҳои худро пешакӣ тайёр кардан лозим мешуд. Дар хотир доред, ки Исо мебоист хӯрок бихӯрад, об бинӯшад, истироҳат бикунад, хоб равад ва аз ин сабаб барои вохӯрӣ бо одамон Ӯ дар як шабонарӯз на бештар аз 14 соат ҷудо карда метавонисту халос. Аз рӯи ҳисоби 60 сонияи мулоқот бо як нафар, Исо дар як рӯз фақат бо 840 нафар мулоқот дошта метавонист. Ва барои пазируфтани 1 миллион нафар ба Ӯ 1190 рӯз (3.26 сол) лозим мебуд. Аз хотир набарорелд, ки ба ин ҷараёни мардум ҳар рӯз нафарони нав илова мешуданд ва чӣ илоҷе мебоист пайдо кард барои қабули онҳое, ки мӯҳтоҷиашон таъҷилӣ мебуд? Охир, ҳамаи онҳоро мебоист, ки роҳ медодем. Ҳамин тавр не? Фикр мекунам, ки вохӯрӣ бо Исо аз ҳама кори мушкил ё тақрибан имконнопазир мебуд.

Хабари Хуш он аст, ки Рӯҳи Муқаддас ҳамеша ба мо дастрас аст. Ба Ӯ зарур нест, ки хӯрок бихӯрад ё хоб ра вад. Ӯ метавонад бо миллиард нафар, оиди миллиард мавзӯи гуногун дар як лаҳза мулоқот дошта бошад. Ҳангоме ки мо ба Каломи Худо иҷозат медиҳем, ки тасаввуроти моро дар бораи Рӯҳи Муқаддас дигаргун созад, он гоҳ мо дарк мекунем, ки барои чӣ Исо гуфт: «Агар Ман биравам, барои шумо беҳтар аст».

Дар хотир дошта бошед, ки Рӯҳи Муқаддас айнан ба монанди Исо таълим медиҳад, мисли Исо Ӯ корҳои Худоро анҷом медиҳад ва Ӯ дар ин ҷо бо мо мебошад! Шумо ҳоло дарк мекунед, ки чӣ қадар Ӯ аҷоиб аст? Ва ҳатто ҳоло ки ман ин суханонро менависам, Рӯҳи Муқаддас чашмони маро воз мекунад, ки чӣ гуна ман ҳузур ва овози Ӯро дар зиндагиам маҳдуд мекардам. Инак такрор мекунам: Ӯ муаллим, мураббӣ, ва муҳофизи мо мебошад, мо ба ширкати Ӯ дар зиндагии ҳаррӯзаамон зарурат дорем!

Дар боби навбатӣ дар бораи он мегӯем, ки муносибати наздик доштан бо Худо чӣ маъно дорад.

# ШИНОХТАНИ РӮҲ

*Ва Ман аз Падар илтимос хоҳам кард, ва Ӯ ба шумо Пуштибони (Маслиҳатчӣ, Мададгор, Шафоаткунанда, Муҳофиз, Тарафгир, Паноҳдиҳанда) дигаре ато хоҳад кард, то ки ҳамеша бо шумо бимонад. Яъне Рӯҳи ростӣ...*
–Юҳанно 14:16, 17

Рӯҳи Муқаддас дар ҳақиқат аҷоиб аст! Баъд аз наҷот ёфтани мо дар Масеҳ Ӯ аз ҳама тӯҳфаи беҳтарине мебошад. Рӯҳи Муқаддас Кист? А. У. Тозер муаллиф ва усқуфи ботаҷриба навиштааст:

> «Рӯҳи Муқаддас ин эҳсосот нест... Ӯ Шахсият аст. Инро ба ҳарфҳои калон барои худ бинависед - Рӯҳи Муқаддас на ин ки ягон махлуқе дар шакли дигар аст, балки Ӯ Худаш Шахсияте бо хислатҳо ва хусусиятҳои Худ мебошад. Ӯ на як чизи хаёлӣ, балки Шахсияти ҳақиқӣ мебошад... Рӯҳи Муқаддас дорои ирода, тафаккур, эҳсосот, дониш, дилсӯзӣ ва қобиляти дӯст доштан, дидан, фикр кардан, шунидан ва сухан гуфтанро мисли ҳар як инсон дорад» (эзоҳ-1).

Пеш аз оғоз кардани ин дарсҳо фаҳмиши шумо дар бораи Рӯҳи Муқаддас чӣ буд? Ин боб фаҳмиши шуморо дар бораи шахсияти Ӯ васеъ кард?

___

___

___

___

___

___

Бо диққат дар бораи рӯйхати номҳое, ки мо дар бораи Рӯҳи Муқаддас дар саҳифаҳои боло гуфта гузаштем, фикр кунед. Ин номҳо ба шумо дар барои Ӯ чӣ мегӯянд?

________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

Донистани он, ки Рӯҳи Муқаддас Шахсияти баробар ба Падар ва Писар аст, барои пешрафти муносибатҳои шумо бо Худо бисёр муҳим мебошад. Тозер менависад...

«...Ҳама он чизе, ки Писар ҳаст, Рӯҳи Муқаддас низ айни ҳамон аст, ҳама он чизе, ки Падар ҳаст, Рӯҳи Муқаддас низ айни ҳамон аст ва Рӯҳи Муқаддас дар калисои Худ мебошад. Чӣ тавр мо Ӯро меёбем? Ӯ айни Ҳамоне мебошад, ки Исо ҳаст. Шумо аҳди Ҷадидро хондаед ва Исоро медонед. Рӯҳи Муқаддас айни Ҳамоне, ки Исо мебошад, ба хотири он ки Исо Худо буд, ва Рӯҳ низ Худо аст, ва Падар низ айни Писар аст; шумо метавонед дар бораи Исо бидонед, агар дар бораи Падар медонед, шумо Рӯҳро шинохта метавонед, агар дар бораи Исо бифаҳмед» (эзоҳ-2).

Акнун шумо Рӯҳи Муқаддасро ба тариқи нав назар мекунед? Чӣ тавр ин ҷиҳатҳои хислати Вай шуморо ташвиқ ва рӯҳбаланд мекунанд, ки шумо ба ҳаёти худ ба Ӯ бештар ҷой бидиҳед?

________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

**Барои идомаи омӯзиш...**
Юҳанно 12:44, 45; 14:8-11; 2 Қӯринтиён 4:4; Қӯлассиён 1:15-19; Ибриён 1:3.

# Ӯ ХОЛИҚ АСТ, НА МАХЛУҚ

*Худованд ва Рӯҳ як ҳастанд...*

–2 Қӯр. 3:17, CEV

Ба шумо ҳамчун ба фарзанди Худо тӯҳфаи ваъдашудаи бебаҳое ато шудааст: ин тӯҳфаи Рӯҳи Муқаддаси Ӯ мебошад (ниг. Ғалотиён 4:6). Рӯҳи вай ин ягон қуввати ҷодугарӣ намебошад, ки тамоми сайёраҳоро ба ҳаракат меорад. Рӯҳи Муқаддас ин Худи Ӯ, пуррагии Худаш мебошад.

Эндрю Мюррей хизматгузор ва муаллифи зиёда аз 200 китобҳо, ки дар асри нуздаҳум зиндагӣ кардааст, гуфта буд, ки Рӯҳи Муқаддас «бо Падар ва Писар ягона аст» ва Ӯ дар бораи ҷалоли Худо «мукошифаи пурра ва комилро» меоварад. Ӯ идома медиҳад:

> «Ҳама он чизе, ки дар Аҳди Қадим аз ҷониби Худо ваъда карда шуда буд, ҳама он чизе, ки аз рӯи файзи Исо ба мо бахшида шуда буд, акнун онро Рӯҳи Муқаддас аз они мо мегардонад. Ба воситаи Ӯ ҳамаи ваъдаҳои Худованд амалӣ мегарданд, тамоми файз ва наҷоте, ки мо дар Масеҳ дорем, аз они мо мегарданд» (эзоҳ-3).

Шумо дарк кардед? Ба воситаи Рӯҳи Муқаддас ҳама ваъдаҳои Худо амалӣ мегарданд ва аз они мо ва таҷрибаи мо мегарданд. Ин фикри як инсон нест, балки ин ҳақиқат аз рӯи Навиштаҷот мебошад. Ин порчаро бо диққат хонда, дар бораи он фикр кунед.

> Муборак (сазовор, пурҷалол ва сарфароз) аст Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ, ки моро бо ҳар баракати рӯҳоние, (ба воситаи Рӯҳи Муқаддас ато шудааст) ки дар афлок аст, дар Масеҳ баракат додааст.
>
> –Эфс. 1:3, Тарҷ. васеъ

Ҳама он чизе, ки барои ҳаёти писандидаи Худо зарур

> аст, бо мӯъҷиза аз тариқи муносибати наздик бо Ӯ (Рӯҳи Муқаддас), ки моро ба Худо даъват намудааст, ато шудааст. Ин аз ҳама даъвати беҳтарине, ки мо дар ҳаёти худ гирифтаем.
>
> –2 Петрус 1:3, The Message

Калимаҳои дар дохили қавс навишташуда барои бештар фаҳмо будан навишта шудаанд.

> Аммо чунон ки навишта шудааст: «Он чиро ки чашм надидааст, гӯш нашунидааст ва ба дили инсон наомадааст, Худо барои дӯстдорони Худ муҳайё кардааст. Вале ба мо Худо онро ба воситаи Рӯҳи Худ ошкор сохтааст; зеро ки Рӯҳ ҳама чизро, ҳатто умқҳои Худоро пай мебарад».
>
> –1 Қӯр. 2:9, 10, Ҷ. Б. Филлипс

0Рӯҳи Муқаддас ба воситаи ин оятҳо ба шумо чиро ошкор мекунад?

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

Оё шумо ҳузур ва қуввати Рӯҳи Муқаддасро дар ҳаёти худ маҳдуд мекунед? Бозистед ва дуо кунед. Аз ӯ хоҳиш кунед, то нишон диҳад, ки чӣ тавр Ӯ метавонад ояндаи шуморо дигар кунад. Он чиро ки Ӯ ба шумо ошкор мекунад, бинависед.

________________________________________

________________________________________

________________________________________

**Барои идомаи омӯзиш...**

Суханони “бо Рӯҳ”, “Дар Рӯҳ”, “ба воситаи Рӯҳ” ба тариқи сайт http//bibleonline.ru биомӯзед. Инчунин дар бораи ҷойҳои Навиштаҷот 1 Қӯр. 12:4-11; Ғалотиён 5:5; 2 Таслӯникиён 2:13 фикр ронед.

# Ӯ РӮҲИ ҲАЁТ АСТ

*Чунки қонуни Рӯҳи ҳаёт дар Исои Масеҳ маро аз қонуни гуноҳ ва мамот фориғ кардааст***.**

–Румиён 8:2

Рӯҳи Муқаддас ин Рӯҳи ҳаёт мебошад! Ана ҳамин аст номи Ӯ! Дар ин бора фикр кунед. Ҳаёт ин ҳама чиз аст. Ӯ ҳамаи ҷабҳаҳоро аз ҷумла, саломатӣ, рушд, хушҳолӣ, қувват ва сарсабзиро дар бар мегирад. Дар Рӯҳи ҳаёт на сояи марг вуҷуд дорад, на касалӣ, на маризӣ, на хастагӣ, на фасод, на ҳеҷ як нишонаи марг дар он мавҷуд нест.

Рӯҳи ҳаёт ҳангоми офариниш иштирок карда, ба ҳамаи соҳаҳои замин ҳаёт мебахшид. Миссионери байналмилалӣ ва башоратдиҳанда Лестер Самралл ин суханонро тасдиқ кардааст:

> «Аввалин бор дар Навиштаҳо амали Рӯҳи Муқаддасро мо дар китоби Ҳастӣ 1:2 мушоҳида мекунем. Аҷоиб аст, ки аллакай дар саҳифаи аввал дар ояти дуюми Китоби Муқаддас дар бораи амали Рӯҳи Муқаддас гуфта шудааст... Ӯ сайёраҳо, зебоӣ ва латофати онҳоро аз харҷумарҷ ба амал овард. Замин бе шаклу андом буд. Худо ба эҷоди шоҳкории худ машғул буд ва Рӯҳ амал карда, дар ин кор ба Ӯ кӯмак менамуд. Рӯҳи Худованд дар рӯи обҳо парвоз мекард ва кайҳон ба вуҷуд омад» (эзоҳ-4).

Дар кадом соҳаи ҳаёти худ шумо холигӣ ва харҷумарҷро эҳсос мекунед? Дар куҷо Рӯҳи Муқаддас бояд, ки зебоӣ, тартибот ва озодиро биоварад? Дуо карда хоҳиш кунед, ки Ӯ тартибот биоварад, айни ҳамон тавре ки Ӯ дар вақти офариниш дунё амал карда буд.

Хонед: Филиппиён 4:6,8; 1 Петрус 5:7; Забур 36:4-6.

Шумо аз якрангии доимӣ хаста шудаед? Рӯҳи ҳаёт шуморо бо қудрати Худ қувват бахшидан мехоҳад. Ҳангоме ки шумо бо Ӯ вақт гузаронида, бо Ӯ ошно мегардед, Ӯ ба шумо қуввати тоза мебахшад. Дар бораи ин суханони Худо фикр кунед:

> Магар ту намедонӣ? Магар ту нашнидаӣ? Худованд Худои ҷовид, ки ақсои заминро офаридааст, хаста намешавад ва лакот намегардад, хиради Ӯ таҳқиқнопазир аст. Ӯ хастаро қувват мебахшад ва ба бемаҷол тавоноӣ афзун мекунад.
>
> –Ишаъё 40:28, 29, Тарҷ. васеъ.

> Оё маълум нест, агар Худои зинда, ки Исоро аз мурдагон эҳё кард, дар шумо сокин бошад, Он ки Масеҳро аз мурдагон эҳё кард, ҷисмҳои мирандаи шуморо низ бо Рӯҳи Худ, ки дар шумо сокин аст, ба монанди Исо барои Худ зинда хоҳад кард? Вақте ки Худо дар шумо зиндагӣ мекунад ва ба шумо нафаси Худро медамад ( ва Ӯ воқеан ҳам инро чуноне ки дар Исо карда буд, ба амал меорад), пас шумо аз марг раҳо шудаед. Бо Рӯҳи Ӯ, ки дар шумост, тани шумо ба монанди Исо зинда мегардад.
>
> –Румиён 8:11, The Message

> Ман барои ҳар амал дар Масеҳ қувват дорам (ман ба ҳар чизе ки ҳаст тайёрам, ва бо воситаи Он Кас, ки маро аз қуввати ботинӣ пур макунад, ман шикастнопазирам...).
>
> –Филиппиён 4:13, Тарҷ. васеъ.

Ба воситаи ин оятҳо Рӯҳи Муқаддас ба шумо чӣ мегӯяд? Дуоро бинависед, аз Рӯҳи ҳаёт хоҳиш кунед, ки шуморо бо қуввати ботинӣ пур кунад ва шуморо мисли Исо, ки дар рӯи замин қадам мезад, зинда гардонад.

**Барои идомаи омӯзиш...**
Ҳастӣ 1:2; Наҳемё 9:6; Ишаъё 40:12-15; Забур 8:4-9; 103:24-30; Айюб 33:4.

# МО БОЯД ПУРРА АЗ Ӯ ВОБАСТА БОШЕМ

*...на бо ҷасорат ва на бо қувват, балки бо Рӯҳи Ман, мегӯяд Худованди лашкарҳо.*

–Закарё 4:6, NLT

Исои Масеҳ Писари Худо пурра аз Рӯҳи Муқаддас, Рӯҳи Падар вобаста буд. Ҳама чиз дар Ӯ аз лаҳзаи дар батни модараш пайдо шудан то дубора зинда шудани Ӯ ин кори Рӯҳ буд. Навиштаҷот мегӯяд...

Ӯ ба воситаи Рӯҳ ба батн омад - **Матто 1:20; Луқо 1:31-35.**

Ӯ аз ҷониби Рӯҳ ҳидоят мешуд - **Матто 4:1; Луқо 4:1.**

Ӯ бо қуввати Рӯҳ пур шуда буд - **Луқо 4:14, 18, 19; Юҳанно 3:34.**

Ӯ аз ҷониби рӯҳ таълим гирифта ва ба Ӯ итоат мекард - **Юҳанно 5:19, 20, 30; 14:10.**

*Исо дар ҷавоб ба онҳо гуфт: Ба ростӣ*, *ба ростӣ ба шумо мегӯям: Писарнаметавонад аз Худ чизе ба амал оварад, магар он чи бубинад, ки Падар ба амал меоварад: зеро ки он чи Ӯ мекунад*, *Писар низ мекунад. Зеро ки Падар Писарро дӯст медорад ва ҳар он чи Худаш мекунад, ба Писар нишон медиҳад; ва корҳои бузургтар аз ин ҳам нишон хоҳад дод, то ки шумо тааҷҷуб намоед*.. *Ман аз Худ чизе ба амал оварда наметавонам. Ончунон ки мешунавам доварӣ мекунам, ва доварии Ман одил аст, зеро ки толиби иродаи Худ не, балки иродаи Падаре ҳастам, ки маро фиристодааст*.

–Юҳанно 5:19, 20, 30, GW

Оятҳои дар боло овардашудаи фасли панҷуми Инҷили Юҳанноро, ки дар бораи эъломияи вобастагии Исо мебошад, бо диққат бихонед. Рӯҳи Муқаддас дар бораи муносибатҳояш

бо Исо ба шумо чиро ошкор мекунад? Оё шумо даъватро эҳсос мекунед? Ташвиқ мешавед?

______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________

Аъмол 5:32; Румиён 8:16; Ғалотиён 4:6; 1 Юҳанно 3:24 ва 4:13-ро бихонед. Шумо кадом ду ҳақиқати такроршавандаро дар бораи Рӯҳи Муқаддас ва муносибатҳои моро бо Ӯ фаҳмидед?

______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________

Ҳамчун имондорони аввал, ки дар калисои Ғалотиён буданд, мо низ баъзан вобастагии худро аз Рӯҳи Муқаддас аз хотир мебарорем. Нома ба Ғалотиён (3:2-9) ва Инҷили Луқо (11:13)-ро бо диққат мутолиа кунед. Бо кӯмаки Рӯҳи Муқаддас, ки ҳамеша дастрас мебошад, шумо кадом дарсҳоро дар ҳаёти худ омӯхта ва онҳоро истифода бурда метавонистед?

______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________

# ДӮСТИ ШУМО ТО АБАД!

*Ман аз Падар илтимос хоҳам кард ва Ӯ ба шумо дӯсти дигаре хоҳад дод, то ки Ӯ ҳамеша назди шумо бошад. Ва ин дӯст Рӯҳи ростӣ аст.*

–Юҳанно 14:16, 17; The Message

Рӯҳи Муқаддас дӯсти шахсии шумо шудан мехоҳад! Ӯ ҳамеша мехоҳад, ки назди шумо бошад, бисту чор соат дар як шабонарӯз, ҳафт рӯз дар як ҳафта Мададгори шумо бошад. Навиштаҳо мефармоянд: «Рӯҳеро, ки дар мо сокин аст, то ба дараҷаи рашк дӯст медорад» (Яъқуб 4:5, тарҷ. васеъ).

Дӯстии ҳаққонӣ бо Рӯҳи Муқаддас бебаҳо аст. Ҳузур ва қуввати Ӯ қаноатмандии нотакрор ва абадӣ мебахшад. Исо дар бораи Рӯҳи Муқаддас сухан ронда, аз ҷумла фармудааст: «Лекин ҳар кӣ аз обе, ки Ман ба вай медиҳам, нӯшад, абадан ташна намонад, балки обе ки Ман ба вай медиҳам, дар вай чашмаи обе гардад, ки то ҳаёти ҷовидонӣ меҷӯшад» (Юҳ. 4:14). Дар бораи ин оятҳо фикр карда, башоратдиҳанда ва муаллим Р.А. Торрей ба хулосае омадааст:

> «Об маънои Рӯҳи Муқаддасро дорад. Ҷаҳон моро қонеъ карда наметавонад. Дар бораи ҳар хурсандии ин ҷаҳон гуфтан мумкин аст, ки “касе, ки аз ин об бинӯшад, боз ташна хоҳад монд”. Лекин Рӯҳи Муқаддас қодир аст, ки ҳар хоҳиши ҷонро қонеъ гардонад. Рӯҳи Муқаддас ва танҳо Ӯ метавонад дили инсонро қонеъ гардонад.
>
> Агар шумо худро зери ҷараёни Рӯҳи Муқаддас гузоред, шумо дигар ҳеҷ вақт ташна нахоҳед монд. Оҳ, бо чӣ қадар хушӣ ва хурсандӣ Рӯҳи Муқаддас ба ҷонҳое, ки ташнаи Ӯ ҳастанд, оби ҳаёти Худро мерезад. Оё

шумо дар дохили худ он фаввораи зиндаро доред? Оё чашмаи шумо пок гардидааст? Оё он ба ҳаёти абадӣ ҷорист?» (эзоҳ-5).

Дар бораи саволи Р. А. Торрей фикр кунед: «Оё ман дар дохили худ он фаввораи зиндаро дорам? Оё ман ин ҳаловати тасвирнашавандаро аз сар гузарондаам? Агар ҷавоб қаноатманд набошад, барои чӣ? Пас, аз Рӯҳи Муқаддас хоҳиш кунед, ки барои бо Ӯ дӯсти наздик шудан шумо чӣ кор карда метавонед. Ҳама чизе, ки Ӯ ошкор мекунад, бинависед.

Назди Худованд (ки Рӯҳи Муқаддас аст) ором шавед. Аз Ӯ хоҳиш кунед, ки Худашро барои шумо ошкор кунад, ба шумо аз ҳарвақта дида воқеитар гардад. Аз Ӯ хоҳиш кунед, ки ба шумо муҳаббат, пазирой ва осоиштагӣ ҷорӣ кунад. Саросема нашавед. Ӯро дар оромӣ мунтазир бошед ва бидонед, ки Ӯ Худост. Ҳама он чизе, ки Ӯ ба шумо мегӯяд, бинависед.

Шумо озодед ва чуноне ки ҳастед, бо Рӯҳи Муқаддас ҳамон тавр бошед . Ӯ шуморо аз ботин ва зоҳир медонад. Агар шумо худро мисли гумшуда эҳсос кунед, Ӯ аниқ гуфта метавонад, ки шумо дар куҷо ҳастед. Ӯ ҳамеша дар дохили шумо буда, шуморо ташвиқ, рӯҳбаланд ва раҳнамоӣ мекунад. Доимо назди Ӯ биёед. Шумо Ӯро хастаю лакот нахоҳед кард. Ӯ дӯсти беҳтарини шумо мебошад.

**Дуо**

Рӯҳи Муқаддас фаҳмиши маро дар бораи Ту ба таври куллӣ васеъ гардон, то донам, Ту Кӣ ҳастӣ. *Ба ман хислати Худ ва мав*қеи Худатро ҳамчун Мададгори ман нишон бидеҳ ва ошкор бисоз. Ба ман кӯмак кун, ки ҳузур, қувват ва овози Туро ҳеҷ вақт маҳдуд накунам. Ман дар бораи ин барои худам, оилаам ва калисоям ба номи Исо дуо мекунам. Омин.

## САВОЛҲО БАРОИ ОМӮЗИШ

Агар шумо ин китоб ё дигар маводҳои хизматгузории “Messenger**”**-ро дар бораи Рӯҳи Муқаддас мавриди омӯзиш қарор дода бошед, пас хоҳиш мекунем, ки дарси видеоии ***1***-ро бубинед.

1 | Ҳаёти масеҳии мо бидуни Рӯҳи Муқаддас хушк, якранг ва беқувват мегадад. Инак, ҳаёти мо бо Рӯҳи Муқаддас чӣ гуна бояд бошад? То ҳадди имкон зиёдтар нишонаҳои мусбии онро номбар кунед.

*Худованд Рӯҳ аст, ва ҳар куҷо Рӯҳи Худованд аст, он ҷо озодист.*

–2 Қӯр. 3:17

2 | Рӯҳи Муқаддас ин «як чиз» ё як худои серхрноке намебошад. Ӯ Шахсияти Сегона Илоҳӣ аст, ки пуррагии Худои Падар ва Писарро дар бар мегирад. Натиҷаҳои тасаввуроти мо дар бораи Рӯҳи Муқаддас мисли «як чиз» чӣ тавр хоҳанд буд? Ва кадом натиҷаҳои мусбие хоҳанд буд, агар мо Ӯро ҳамчун Худои воқеӣ бубинем?

3 | Дар ҳаёти имондорони аввал иштироки Рӯҳи Муқаддас як чизи оддие буд, лекин дар ҳаёти имондорони ҳозиразамон ин камёфт мебошад. Шумо чӣ фикр мекунед, аз кадом сабаб мо аз ин ҳузур ва роҳнамоии пурқудрат маҳрум шуда, дигар дунболи ҳидоят ва вобастагӣ аз Ӯ намебошем?

4 | Исо ҳамчун шахсият имрӯз дар куҷо мебошад? Оё имрӯз ҳам Ӯ дар қалби имондорон зиндагӣ мекунад? Асрори наҷот ёфтан ва фаҳмиши онро, ки Худо қалби моро хонаи Худ мегарданд, мо чӣ тавр хубтар маънидод карда метавонем?

Роҳбарон: аз гурӯҳи худ хоҳиш намоед, ки ин ҷойҳои Навиштаҷотро бихонанд: Маркӯс 16:19; Аъмол 1:9-11; 7:55, 56; Румиён 8:34; Қӯлассиён 3:1; Ибриён 10:12, 13 ба қисми аввали савол ва Румиён 8:9, 10; 1 Қӯринтиён 3:16, 6:19; 1 Юҳанно 3:24 барои қисми боқимонда.

*Дар ҷавоби ӯ Исо гуфт: касе, ки Маро дӯст медорад, аҳкоми Маро риоя хоҳад кард; ва Падар вайро дӯст хоҳад дошт ва Мо назди вай омада, бо вай маскан хоҳем гирифт.*

–Юҳ. 14 :23

5 I Худованд Худои мо ягона аст , лекин аз се шахсияти алоҳида - Падар, Писар ва Рӯҳи Муқаддас иборат мебошад. Вазифаҳои асосии ҳар як аъзои Сегонаро шарҳ диҳед, ва гӯед, ки чӣ тавр онҳо барои амалӣ гардонидани иродаи Худо кор мекунанд.

Роҳбарон: аз гурӯҳи худ хоҳиш кунед, ки оятҳои зеринро бихонанд: 1Қӯринтиён 12:5-7 ва инчунин дар бораи офариниш, ки дар китоби Ҳастӣ 1 ва суханони Исо, ки дар Юҳанно 5:17, 19, 20 гуфтааст.

**Рӯҳи Худо Падар=Рӯҳи Масеҳ=Рӯҳи Муқаддас**

6 I Исо фармудааст, ки Рӯҳи Муқаддас parakletosи мо мебошад. Ин маънои онро дорад, ки Ӯ «даъват шудааст, то доимо назди мо бошад, моро таълим диҳад, дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо бо Худо моро ҳидоят намояд». Чӣ тавр ин дониш моро ба муносибатҳои ҳаррӯзаи мо бо Худо ташвиқ ва рӯҳбаланд мекунад?

7 I Кадом хислатҳои нави Рӯҳи Муқаддасро шумо акнун мебинед, ки пештар дар бораи онҳо хабар надоштед? Чӣ тавр ӯ чашмони шуморо роҷеъ ба он, ки Ӯ Кӣ аст, воз мекунад?

## МУШОҲИДАҲО

## ШАРҲИ КӮТОҲИ БОБ:

- Рӯҳи Муқаддас узви Сегонагии Илоҳӣ, ки пуррагии Падар ва Писарро дорад.
- Ӯ на «чизе аст», на ягон қувваи сеҳрнок, балки Ӯ Худост.
- Ӯ бо вақт ё фазо маҳдуд намебошад, Ӯ ба гурӯҳи зиёди одамон дар як замон муносибат дошта ва кӯмак карда метавонад.
- Ӯ ба ҳаёти имондорони аввал сахт ҷалб карда шуда буд, Ӯ имрӯз ташнаи он аст, ки дар ҳар соҳаи ҳаёти ту низ иштирок кунад.
- Бидуни Ӯ ҳаёти масеҳӣ вуҷуд дошта наметавонад, лекин онҳоеро, ки дӯстии Ӯро мепазиранд, ҳаёти аҷоибу ғароиб ва фаровон мунтазир аст.
- Бо Ӯ шахсан ошно гардед!

# 2

# ШАХСИЯТИ РӮҲИ МУҚАДДАС

*Файзи аҷоиби Худованди мо Исои Масеҳ, муҳаббати беохири Худо ва дӯстии наздики Рӯҳи Муқаддас бо шумо то абад бошад.*

–2 Қӯринтиён 13:13, The Message

## Рӯзи 1

Барои муносибати наздик доштан бо шахси дигар, дар қадами аввал, бояд дар хотир дошта бошем, ки кадом чизҳои шабеҳе мо дорем. Чӣ қадаре, ки мо бештар медонем, ки ин шахс чиро дӯст дорад ва чиро дӯст надорад, ба сӯи кадом мақсад ӯ мешитобад, дӯстии мо ҳамон қадар хубтар рушд хоҳад кард. Айни ҳамон, агар мо бо Рӯҳи Муқаддас муносибати наздик доштан хоҳем, пеш аз ҳама, мо бояд кӯшиш кунем, ки бо шахсияти Ӯ ошно гардем.

Чӣ тавре ки аллакай мо аз боби пештара фаҳмидем, Исо ба шогирдони Худ суханони ҳайратангез гуфт: «Рафтани Ман барои шумо беҳтар аст; зеро ки агар Ман наравам, Пуштибон назди шумо нахоҳад омад; ва агар Ман биравам, Ӯро назди шумо мефиристам...» (Юҳ. 16:7). Ин айни ҳамон Исоест, ки боре гуфта буд: «Даҳони Худро бо масалҳо мекушоям, чизҳоеро, ки аз офариниши олам пинҳон мондааст, баён менамоям» (Мат. 13:35). Исо, устоди бузургтарин дар ҳар вақту замон, Он Касе, ки сирҳои аз вақти офариниш пинҳонмондаро ошкор кардааст, кӯшиш мекунад, то дӯстони наздики Худро ба он бовар кунонад, ки шарики беҳтарин барои насли оянда, на Худи Исо дар бадани ҷисмонӣ, балки Рӯҳи Муқаддас хоҳад буд. Ӯҳӯ! Дар бораи

шумо намедонам, лекин аз ин суханон ман бештар ташнаи Рӯҳи Муқаддас мегардам.

Биёед, аз Номаи Дуюм ба Қӯринтиён (13:13) оғоз мекунем, ки дар он ҷо Павлус мефармояд:

> Файзи Худованди мо Исои Масеҳ, ва муҳаббати Худои Падар, ва мушорикати Рӯҳи Муқаддас бо ҳамаи шумо бод.

Павлус хусусияти ҳар як шахсияти Илоҳиро зикр мекунад. Ӯ аз «файзи Исои Масеҳ...» оғоз мекунад. Ҳамчун имондорон мо набояд аз хотир барорем, ки бидуни файзи Худованд ва Наҷотбахши мо Исои Масеҳ мо одил шуморида намешудем, ки ин адолат дар навбати худ он санги таҳдобе барои муносибатҳои аҷоиби мо бо Рӯҳи Муқаддас мебошад. Ин файзро кор карда гирифтан ё сазовор шудан имконнопазир аст, ин бахшоиши бузурги ҳаёти Ӯ мебошад, ки бахшоиш, омурзиш ва қувватро дар бар мегирад.

Павлус идома медиҳад: «...ва муҳаббати Худо». Ҳангоме ки ман фикр мекунам, ки чӣ қадар зиёд ман чор писари худро дӯст медорам, ман ҳаётро танҳо бо яке аз онҳо тасаввур карда наметавонам. Лекин танҳо фикри он, ки ман фақат як писар дорам ва ӯро бояд ба хотири душманонам ба марг супорам, маро ба ларза меорад. Охир, ҳақиқатан ҳам мо ҳама душманони Худо будем, вакте ки Ӯ Писари ягонаи Худро барои мо дод. (ниг. Рум 5:10). Чӣ қадар ин муҳаббати бузург аст! Оё шумо хушнуд намебошед, ки Падари осмонӣ шуморо дӯст медорад? Пештар шумо душманони Ӯ будед, ҳоло фарзандонаш ҳастед; акнун чӣ қадар бештар Ӯ муҳаббати Худро ба шумо ҷорӣ хоҳад кард. Ӯ шуморо бо муҳаббати махсус дӯст медорад ва шуморо аз они Худ хондааст.

Ман фарзандони худро беҳад дӯст медорам, лекин қобилияти дӯст доштани ман аз муҳаббати Худо нисбат ба мо бисёр фарқ

мекунад. Каломи Ӯ мефармояд: «Зеро ман мӯътақидам, ки на мамот, на ҳаёт, на Фариштагон, на Мабдаъҳо, на Қувваҳо, на ҳозира, на оянда, на баландӣ, на умқ, на ҳар гуна махлуқи дигар моро аз муҳаббати Худо, ки дар Худованди мо Исои Масеҳ аст, ҷудо карда наметавонад» (Рум. 8:38, 39). Чӣ қадар ваъдаи аҷоиб аст! Оё шумо шукронаи онро намекунед, ки ҳеҷ кас моро аз муҳаббати Падар ҷудо карда наметавонад?

Акнун, биёед, ба қисми дуюми ин оят (2 Қӯр. 13:13) назар меандозем. Хотиррасон мекунам, ки ин номаи охирини Павлус ба калисои Қӯринтус мебошад. Ин нома (ба шакли мактуб навишта шудааст) пур аз ҳикмат ва ваҳй мебошад. Павлус аз рӯи ҳидояти Рӯҳ дар хулосаи ин нома чиро интихоб мекунад? «Мушорикати Рӯҳи Муқаддас бо ҳамаи шумо бод». Мутаваҷҷеҳ бошед, ки Павлус калимаи «мушорикатро» бо Рӯҳи Муқаддас пайваст мекунад. Ман дар калисои католикӣ ба воя расидаам, барои ҳамин калимаи «мушорикат»-ро шунида, (аз ингл. communion маънои «таоми шоми Худованд»-ро дорад. – Прим. перев.) нон ва шаробро тасаввур мекунам. Возеҳ аст, ки дар ин ҷо Павлус дар бораи таоми шоми Худованд намегӯяд. Инак, «Мушорикати Рӯҳи Муқаддас» чист?. Агар ба матни аслӣ, ки ба забони юнонӣ навишта шудааст, баргардем «мушорикат», яъне kainonia мебошад. Ана ин якчанд маънои ин калима, ки ман ёфтам: дӯстӣ*, рафо*қат, муносибат, ошноии наздик, равобити наздик, алоқаи ичтимоӣ*, шарик*ӣ*, иштироки як*ҷоя ва кӯмак ба якдигар.

Ин рӯйхати дуру дароз ва пурқувват мебошад. Иҷозат диҳед тамоми калимаҳои дар боло зикр шударо ба се гурӯҳ ҷудо кунам.

- Дӯстӣ;
- Шарикӣ;
- Равобити наздик;

# МУНОСИБАТ, ЯЪНЕ ДӮСТӢ АСТ

Луғати ман калимаи «дӯстӣ»-ро ҳамчун «муносибати дӯстонаи борафоқат, ҳангоме ки дӯстон ҳар чизе, ки доранд бо якдигар тақсим мекунанд» маънидод мекунад. Дӯстони наздик ва рафиқон дӯстӣ доранд. Ҳар чизе ки онҳо доранд, ба якдигар мегӯянд, бо якдигар сӯҳбат мекунанд ва аз ҳаёти якдигар бохабар мебошанд.

Чӣ тавре ки дар боло гуфта гузаштам, ман бозии голфро дӯст медорам. Одатан, барои бозӣ ман дӯстони наздики худро даъват мекунам. Мо вақти бештари бозиро бо сӯҳбатҳо мегузаронем. Ин муҳити хуб ва вақти пурсамаре аст, ки мо бо дӯстон дошта метавонем, зеро ки дар он вақт моро дигар чизҳо ташвиш намедиҳанд. Ҳангоме ки ман дар донишгоҳ таҳсил мекардам, бозии теннисро дӯст медоштам, лекин мушкилӣ дар он аст, ки дар корти теннис бо ҳарифи худ сӯҳбат кардан ғайриимкон мебошад. Голфро ман бештар ба хотири он дӯст медорам, ки имконияти сӯҳбат карданро бо ҳарифи худ дорам. Дар дохили майдони бозӣ нисбат ба дигар ҷой ман бо одамон муносибатҳои наздике бино карда метавонам. Маҳз дар ҳамон ҷо «мушорикати» ман барпо мегардад. Акнун шумо мефаҳмед, ки чаро ман мехоҳам, ки хонуми худро ба он ҷо ҳамроҳи худ бубарам, чунки дар рӯи замин дигар инсоне нест, ки аз ӯ дида зиёдтар ман вақт гузаронидан мехоҳам.

Бештари дӯстони наздики ман ин аъзоёни дастаи «Messenger International» мебошанд. Мо ҳар рӯз дар бораи ақидаҳои худ, даъватҳо ва вазифаҳои дар пеш истода сӯҳбат мекунем. Ман ба таҷриба ва дӯстии онҳо боварии комил дорам. Ва агар ин мардон ва занони аҷоиб ҳамкорони ман намебуданд, ман намедонам, ки ҳоло дар куҷо мебудам. Мо бисёр вақтро якҷоя мегузаронем, бидуни ин муносибатҳои дӯстона миссияи «Messenger International» наметавонист, ки таълим диҳад ва барои наҷот мардумро дастрас кунад.

Аз Навиштаҷот маълум аст, ки ҳавворийён аз муносибат бо Рӯҳи Муқаддас пурра вобаста буданд. Дар китоби Аъмол (20:22, 23) омадааст: «Ва инак, ҳоло ман (Павлус) бо тақозои Рӯҳ ба Ерусалим меравам ва аз он чӣ дар он ҷо ба сарам хоҳад омад, чизе намедонам. Ҷуз ин ки Рӯҳи Муқаддас дар ҳар шаҳр шаҳодат дода, мегӯяд, ки занҷирҳои асорат ва уқубатҳо барои ман муҳайёст». Павлус дар бораиояндаи худ бо Рӯҳи Муқаддас муносибат дошт. Мутаваҷҷеҳ бошед, ки Рӯҳи Муқаддас нагуфтааст, ки ӯро дар ягон як шаҳри алоҳида занҷирҳо ва уқубатҳо мунтазир мебошад. Балки ба хотири он ки ӯ доимо муносибат бо Рӯҳи Муқаддас дошт, Павлус фаҳмида буд, ки дар ҳар шаҳр ӯро озмоишҳо мунтазир мебошанд.

Намедонам, шумо чӣ тавр аксуламал мекардед, лекин агар шарики ман, он шахсе, ки бо ман муносибати наздик дорад, ҳар дафъа ба ман мегуфт, ки дар ҳама ҷо маро уқубатҳо мунтазир мебошанд, ман ба вай шубҳа мекардам. Ман чунин суханҳоро мегуфтам: «Ту чӣ, фикрат дигар шуд?», «Шояд ягон имконияте барои камтар таъғир додани вазъият мавҷуд бошад?» ё « Чӣ мешавад, агар камтар ин шароитҳоро сабуктар кунем?». Рӯҳи Муқаддас ба азобҳои Павлус хурсанд намешуд, Ӯ Павлусро ба он чӣ, ки дар пеш буд, омода мекард. Ва Ӯ вайро омода карда метавонист, чунки дӯстӣ ва муносибати онҳо қавӣ буд.

Замонҳое буданд, ки Рӯҳи Муқаддас ба ман он суханонро мегуфт, ки ман онҳоро шунидан намехостам. Ман дар бораи ҳамон чиз такроран мепурсидам (бо умеди он, ки як чизи дигаре бишавам), лекин ҳар рӯз ҳамон як ҷавобро мегирифтам. Ҳангоме ки мо бо Рӯҳи Муқаддас бо чунин тарз сӯҳбат мекунем, дар охир Ӯ дигар сухан намеронад ва бо ин кори Худ ба мо мефаҳмонад, ки: «Ман ба ту возеҳ нишон додам, акнун интихоб аз ҷониби туст, ки роҳнамоии Маро қабул мекунӣ ё не». Дӯстии наздик доштан бо Рӯҳи Муқаддас, яъне ин гузаштани давраҳое мебошад, ки ҳангоми ба ту сухан кардани Ӯ ту онро шунидан намехостӣ.

Дар боби 10-уми китоби Аъмол мо мушоҳида мекунем, ки чӣ гуна Петрус аз ҷониби Рӯҳи Муқаддас чунин роҳнамоиро гирифт. Худо ба Петрус рӯъёе дод, ки хоҳиши Худоро барои наҷоти ғайрияҳудиён нишон медод. Дар ояти 19 омадааст: «Инак се мард туро суроғ мекунанд». Ин шахсон омада буданд, то ки Петрусро ба хонаи мирисади ғайрияҳудӣ бубаранд, ба он ҷое, ки худи Петрус ҳамчун яҳудии амин ҳеҷ гоҳ намехост равад. Барои ҳамин Рӯҳи Муқаддас ба ӯ возеҳ гуфт: «Пушти дарвоза туро меҳмонон мунтазир ҳастанд. Ман мехоҳам, ки ту ба пешвози онҳо бароӣ. Ту ба ман барои иҷрои ин вазифа лозим ҳастӣ». Рӯҳи Муқаддас медонист, ки Петрус бо шунидани ин хабар аз хурсандӣ ҷастухез нахоҳад кард, Ӯ ба вай гуфт, ки чӣ бояд кард, бе он ки боз ягон дастуроти дигари навбатӣ ба ӯ фармояд.

Дар боби ҳаштуми ин китоб ҳодисаи дигар дар бораи итоати пурра ба Рӯҳи Муқаддас навишта шудааст. «Фариштаи Худованд ба Филиппус гуфт: Бархез ва ба тарафи ҷануб, ба роҳе, ки аз Ерусалим сӯи Ғазза меравад, ва роҳи биёбон аст, равона шав» (Аъмол 8:26). Дар ин ҷо мо фариштаи Худовандро мебинем, ки Филиппусро роҳнамоӣ мекунад. Дар ин ҷо гуфта нашудааст, ки фаришта назди Филиппус омад, балки навишта шудааст: «Фариштаи Худованд ба Филиппус гуфт». Ҳар як тарҷума инро тасдиқ мекунад. Барои чӣ ин фарқ бисёр муҳим аст? Аз ин ҷои Навиштаҷот мо ба хулосае омада метавонем, ки Филиппус овози фариштаро аз овози Рӯҳ фарқ карда метавонист, чунки дар идома омадааст: «Рӯҳ ба Филиппус гуфт: «Наздик биё ва ба он ароба ҳамроҳ шав»»» (Аъмол 8:29). Ба Филиппус он қадар овози Рӯҳи Муқаддас ошно буд, ки вай овози фариштаро аз овози Рӯҳ дақиқ фарқ мекард.

Ман овози ҳамсарамро он қадар хуб мешиносам, ки овози ӯро дар байни садҳо овози дигар фарқ мекунам. Мо дар ҳар гӯшаи утоқи пур аз мардум буда метавонем, лекин ҳангоме, ки ӯ сухан меронад, ман аз байни даҳҳо овозҳо овози ҳамсарамро

мешиносам. Ва масеҳиёни аввал низ ҳамон қадар хуб овози Рӯҳро мешинохтанд. Ҳикояи Филиппусро ба Луқо ҳангоми навиштани китоби Аъмол ба худ тасаввур кардан мумкин аст. Филиппус мегӯяд: «Не, Луқо, он овозе, ки дар шаҳр ба ман гап зада буд, овози Рӯҳ набуд. Ин овози фаришта буд. Лекин маҳз Рӯҳ ба ман гуфт, ки ба ароба наздик шавам». Оё ба шумо низ ин овоз он қадар ошно аст?. Шояд аз ин ҳам муносибати наздиктаре бо Рӯҳ мавҷуд бошад, ки то ҳол мо ба он нарасидаем?

Ҳангоме ки Филиппус дар биёбон буд, Рӯҳи Муқаддас аробаи аниқро нишон дода гуфт, ки маҳз ба он наздик шавад. Барои чӣ ин вохӯрӣ он қадар муҳим буд? Ин шахс нафари сеюм дар тамоми мамлакати Ҳабашистон буд. Ва ба воситаи Ӯ қудрат ва мақоми Инҷил дар тамоми кишвари Ҳабашистон интишор ёфт. Агар Филиппус ба овози Рӯҳ он қадар бодиққат намебуд, он гоҳ вай ин имконияти бузургро аз даст медод.

Баъд аз якчанд боб ҳодисае бо иштироки Павлус, Тимотиюс ва Сило навишта шудааст:

> Вақте ки аз Фриҷия ва кишвари Ғалотия мегузаштанд, Рӯҳи Муқаддас онҳоро нагузошт, ки каломро дар вилояти Осиё мавъиза кунанд. Ба Мисия расида, аз он ҷо ба Битуния рафтанӣ шуданд, лекин Рӯҳ ба онҳо иҷозат надод (Аъмол 16: 6,7).

Диққат кунед, ки «Рӯҳи Муқаддас онҳоро нагузошт» ва «Рӯҳ ба онҳо иҷозат надод».

Акнун шумо мефаҳмед, ки масеҳиёни аввал чӣ қадар зиёд бо Рӯҳи Муқаддас мулоқот доштанд? Магар имрӯз бояд дигар хел бошад? Оё дигар тарзи беҳтаре ҳаст, ки бе Рӯҳи Муқаддас ба Худованд хизмат кунем? Ё ки пешвоёни калисои аввал усулҳои қадимиро дошта, ба онҳо технологияҳои ҳозиразамон дастрас набуданд? Алабатта, Не. На технологияҳо ва на усулҳои нав овози Рӯҳи Муқаддасро иваз карда наметавонанд.

Ин роҳбарон мунтазири он буданд, ки Рӯҳи Муқаддас ба ҳаёти онҳо дахолат мекунад, онҳо Ӯро эҳтиром мекарданд ва ба Ӯ мавқеи хубе медоданд. Ҳоло ҳеҷ чиз тағйир наёфтааст. Имрӯз Рӯҳ мехоҳад, ки бо шумо низ муносибати наздик дошта бошад.

Ба худ тасаввур карда метавонед, ки мо бо Лиза соатҳои зиёдро дар як хона гузаронида, лекин бо якдигар сӯҳбат намекунем? Инро тасаввур кардан мушкил аст. Кӣ хоҳони он аст, ки чунин оила дошта бошад? Ман хонуми худро дӯст медорам ва мехоҳам, ки доимо ҳамроҳи вай бошам. Ман шунидани ӯро хуш дорам, овози вай ба гӯшҳои ман мисли садои мусиқӣ мебошад. Мо сӣ сол аст, ки дар издивоҷ ҳастем, лекин агар ӯ бе шавҳар мебуд (шукри Худо, ки вай шавҳар дорад), ман доимо аз пушти вай медавидам. Аз ҳамаи одамони рӯи замин бе ҳеҷ гуна шак, ҳамсарам он нафаре аст, ки ман бештар бо ӯ будан мехоҳам. Инчунин Рӯҳи Муқаддас низ бо мо муносибати наздик доштан мехоҳад.

Дар тӯли бисту чор сол ҳангоми сафарҳои худ ман дар ҳар гуна меҳмонхонаҳо меистам ва ҳеҷ вақт зиқ намешавам. Чунки чӣ тавр ғамгин шудан мумкин аст, агар ҳар сония Худо бо туст? Дар ҳар утоқи меҳмонхона Ӯ бо ман аст. Маҳз барои ҳамин ман вақтҳои худро дар меҳмонхонаҳо қадр мекунам. Баъзан ман мегӯям, ки вақтро бо дастаи худ гузаронидан намехоҳам, чунки мехоҳам, ки дар танҳоӣ бо Рӯҳи Муқаддас бошам. Маро нодуруст нафаҳмед, ман бо одамон низ якҷоя буданро дӯст медорам, дар асл ҳатто ман бисёр хуш дорам, ки бо одамон бошам. Ман шахси гӯшанишин ва канораҷӯй нестам. Ман ҷамъияти мардумонро хуш дорам, лекин дар айни замон ман вақти муносибати худро бо Рӯҳи Муқаддас низ бисёр қадр мекунам.

Рӯзи 2

# МУНОСИБАТ, ЯЪНЕ ШАРИК БУДАН АСТ

Шарикӣ ин боз як калима аст, ки маънои kainonia ро медиҳад. Мисоли шарикӣ дар Инҷили Луқо ҷой гирифтааст: «Ва онҳо чунин карданд, ки миқдори зиёди моҳиро сайд карданд, ва кам монда буд, ки тӯрашон кафида равад. Ва ба рафиқони худ, ки дар қаиқи дигар буданд, ишорат карданд, ки ба ёрии онҳо биёянд; ва онҳо омада ҳарду қаиқро пур карданд, ба тавре ки қариб буд зери об раванд» (Луқо 5:6, 7).

Калимаи юнонии «шарикӣ» metochos (синоними kainonia) мебошад, ки маънои «шарик, ҳамкор, рафиқ»-ро дорад (эзоҳ-1) (1 Қӯр. 3:9). Оё ин аҷоиб нест? Тарҷумаи ин оятро дар шарҳи Уэймаута хуш дорам: «(Мо) ҳамкорон бо Худо ва барои Худо мебошем». Ба мо имконияте дода шуда буд, ки барои Холиқ ва якҷоя бо Холиқи осмону замин кор кунем. Бо дигар суханон мо дар кори Худо шарик мебошем. Чӣ қадар даъвати аҷоиб аст!

Шарикони ҳақиқӣ ҳама вақт бо ҳамдигар дар як равиши кор мебошанд. Ман дар назди кӯли Мичиган ба воя расидаам ва вақти зиёди худро дар он ҷо дар киштиҳо гузаронидаам. Ба ман қаиқи оилавии мо хеле маъқул буд. Ман ду сол дар мактаби киштиронон дарс хонда, ҳатто дар мусобиқаҳо иштирок карда будам. Ва дар яке аз мусобиқаҳо аз ман хоҳиш карданд, ки бо як капитани машҳури дастаи беҳтарине якҷоя бошам. Ҳама барои ман хушнуд буданд. Капитан фармони худро дод ва даста ба фаъолият оғоз намуд. Ҳар як шахс медонист, ки чӣ бояд кард ва ҷои худро дар киштӣ ишғол мекард. Аз дигар тараф ман на он қадар чолок будам. Ба он нигоҳ накарда, ба ман дақиқ мегуфтанд, ки чӣ бояд кард, ман таҷриба ва лаёқати кофиро надоштам. Аъзоёни боқимондаи даста хуб кор мекарданд, лекин ба ман лозим буд, ки бисёр чизҳоро аз худ кунам.

Шарикӣ бо Рӯҳи Муқаддас низ маънои онро дорад, ки

ту аъзои даста мебошӣ. Шумо бояд якҷоя кор кунед. Дафъаи аввале, ки ман аз минбар мавъиза мекардам, хонуми ман ва дугонаи беҳтаринаш рост дар қатори аввал дар вақти мавъиза хоб карданд. Ман бо Рӯҳи Муқаддас дар як ҷараён кор намекардам. Барои дар вақти мавъиза бо Ӯ ҳамкор будан барои ман вақт лозим буд. Айни ҳамон чиз бо навиштани китобҳо низ мебошад. Пеш аз он ки ман китоби аввалини худро ба нашр расонам ва дар ин кор бо Рӯҳи Муқаддас шарик буданро аз худ кунам, ман як соли мушкил ва пур аз афсудахотириро доштам. Ва бо мурури замон ин кор осонтар ва зудтар мегашт. Ман дарк кардам, ки дар ин кор ҳамеша Ӯ ҳиссаи Худро дораду ман ҳам ҳиссаи худро дорам ва Ӯ маҳз ҳамин тавр кор кардан мехоҳад!

Дар боби 15-уми китоби Аъмол мо намунаи шарикиро мебинем. Ҳаввориён як мактубро навишта мехоҳанд, ки онро ба ҳамаи имондорони ғайрияҳудӣ равон кунанд. Дар он мактуб онҳо мегӯянд: «Зеро ки Рӯҳи Муқаддас ва мо савоб дидем, ки ба зиммаи шумо бори дигаре нагузорем, ҷуз воҷиботи зерин» (Аъмол 15:28). Мо шарикиро дар амал мебинем. Роҳбарон назари Рӯҳи Муқаддас ва фикри худро нисбат ба шароити мушаххас возеҳ арз карданд. Дар қабул кардани қарор ҳарду тараф иштирок карданд. Ҳар ду тараф вазифаи худро доштанд. Онҳо дар кори Подшоҳӣ шарик буданд.

Чунин шарикиро дар Аҳди Қадим низ дидан мумкин аст. Дар хотир доред, он вақте ки Худо ба Иброҳим зоҳир шуд, дар бораи фикрҳои Худ нисбат ба шаҳрҳои Садӯм ва Амӯро чӣ гуфт? (ниг. Ҳастӣ 18). Маълум аст, ки Худо Иброҳимро шарики Худ медонист. Онҳо бармехезанд ва дар дами роҳ Худо ба вай мегӯяд. «Ман мехоҳам, ки ин ду шаҳрро аз рӯи замин несту нобуд кунам. Ту чӣ фикр мекунӣ»? (дигар кардани суханон аз ҷониби муаллиф). Иброҳим зиқ мешавад, чунки дар яке аз ин шаҳрҳо бародарзодаи вай зиндагӣ мекунад. Баъд аз андешаҳои тӯлонӣ Худоро розӣ мекунонад, ки агар дар он шаҳрҳо даҳ шахси одил ёфт шавад, он гоҳ Худо он ҷойро эмин дорад.

Аён мешавад, ки Худо пешниҳоди Иброҳимро қадр мекунад. Ва Ӯ ҳатто дар китоби Ҳастӣ (18:17) мегӯяд: «Оё он чи Ман карданиам, аз Иброҳим пӯшида дорам?» Маълум аст, ки барои амалӣ гардонидани нақшаҳои Худ, Худо Иброҳимро шарик сохтан мехост. Барои чӣ? Чунки Иброҳим дар муносибат ё мушорикати наздик бо Худо буд.

Ин гуна мисол дар ҳаёти Мусо низ вуҷуд дошт. Худо ба Мусо фармуд: «Ва алҳол Маро бигзор, то ки ғазабам ба онҳо аланга зада, онҳоро маҳв намоям, ва туро қавми бузурге гардонам» (Хуруҷ 32:10). Чунин суханонро шунида, Мусо Худоро илтимос мекард, ки фикри Худро таъғир дода, ғазабашро аз онҳо дур кунад. Имрӯз мо ин суханҳоро ба осонӣ хонда, ба онҳо диққат намекунем. Лекин дар бораи ин фикр кунед: ҳатто баъд аз он ки Худо гуфт «Аз Ман дур шав!» Мусо ҷуръат пайдо кард, то хотиррасон кунад, ки барои Ӯ ва барои халқ чӣ аз ҳама беҳтар мебошад. Чунки Мусо бо Худо ҳамкории наздик дошт.

Дар баробари ин аз хотир набарорем, ки Худо Қодир аст ва Ӯ доимо сазовори эҳтироми мо мебошад. Танҳо ба воситаи файз ва қудрати Вай мо метавонем бо Ӯ ҳамкор бошем. Худо иҷозат дод, ки мо қисми нақша ва иродаи бузурги Ӯ бошем. Ба воситаи ин интихоб Ӯ як афзалияти бузургеро ба мо ато кардааст!

Ин ду мисоли аҷоиб аст аз Аҳди Қадим, лекин гап дари сари он мебошад, ки Иброҳим ва Мусо он чиро, ки мо ҳоло дорем, онҳо надоштанд. Ин фақат лаҳзаҳо ва ҳолатҳои мушаххасе мебошад, ки чунин қаҳрамонони имон шарики Худованд буда метавонистанд. Аммо ҳоло Рӯҳи Муқаддас бисту чор соат дар як шабонарӯз, ҳафт рӯз дар як ҳафта, дар дохили мо зиндагӣ мекунад. Барои муносибат бо Ӯ доштан ба мо зарур нест, ки дар зери дарахт мунтазир бошем ё болои кӯҳи Сино бароем. Мо ба Ӯ ҳамеша дастрас ҳастем. Ва аз ҳама муҳим он аст, ки Худи Ӯ мехоҳад бо мо ҳамкор бошад, моро роҳнамоӣ кунад ва аз фикрҳои мо бохабар бошад.

Рӯҳи Муқаддас на танҳо ҳамеша бо мост, балки Ӯ ҳеҷ вақт

хоб намеравад. Боре ман шабона соати 2:20 аз хоб бедор шуда, аз натиҷаи хизматгузорӣ, ки рӯзи пеш доштем, ташвиш кашида, дигар хоб рафта наметавонистам. Барои ҳамин ман бедор шуда, бо Шарики худ сӯҳбат кардам. Ва медонед-чӣ? Ӯ хоб набуд. Аҷоиб! Ӯ нагуфт «Ҷон, чаро ту Маро аз хоб бедор кардӣ?» Агар ман ҳамсари худро бедор мекардам, ӯ мегуфт: «Ҷон, барои чӣ ту маро дар нисфи шаб бедор кардӣ?». Агар ман дар ҷавоб мегуфтам. «Азизам, ман мехостам бо ту гап занам (чақ- чақ) кунам», он гоҳ вай маро бо болишт мезад. Ӯ хобро дӯст медорад ва барои ҳамин ман медонам, ки вайро бедор кардан даркор нест (ӯ низ медонад, ки маро низ беҳуда бедор кардан хуб нест). Лекин Рӯҳи Муқаддас дар ҳар соат бо ҳузури ман хуш аст. Ӯ дар бораи рӯзи оянда бо ман гап заданро хуш дорад, баъзан Ӯ пешакӣ ба ман нишон медиҳад, ки чӣ рӯй хоҳад дод. Ана барои ҳамин ман ҳар рӯзро дар ҳузури Вай оғоз карданро дӯст медорам. Ӯ шарики ман аст ва муносибати мо қисми муҳими рӯз мебошад.

Гуфтан зарур аст, ки дар ин муносибатҳо Рӯҳи Муқаддас Шарики бузургтар мебошад. Ба роҳбарони калисои Эфсӯс Павлус навиштааст: «Пас, нигаҳбони худатон ва нигаҳбони тамоми он рамае бошед, ки Рӯҳи Муқаддас шуморо барои назорат кардани он таъин намудааст, то ки калисои Худоро, ки Ӯ бо Хуни Худ харидааст, бичаронед» (Аъмол 20:28). Пайхас кунед, ки Павлус нагуфтааст: «Ба он рамае, ки Исо шуморо ба он таъин кардааст». Ин оят муносибати шарикии Исо ва Рӯҳи Муқаддасро возеҳ нишон медиҳад. Исо калисоро бо «Хуни Худ» харидааст. Рӯҳи Муқаддас қисми Илоҳияти сегона, ки дар айни замон дар рӯи замин мебошад, назоратчиён ва роҳбарони калисоро барои идора кардани корҳо таъин мекунад. Ӯ масъули ҳама чиз, бо дигар суханон, Рӯҳи Муқаддас Шарики асосӣ мебошад. Павлус хуб дарк мекард, ки Рӯҳи Муқаддас он шахсест, ки бо мо ва дар мо мебошад.

Боз як мисолро дар китоби Аъмол боби 13 мебинем: «Вақте

ки онҳо ба ибодати Худованд ва рӯзадорӣ машғул буданд, Рӯҳи Муқаддас гуфт: Барнаббо ва Шоулро аз баҳри коре, ки барояшон онҳоро даъват намудаам, ба Ман ҷудо кунед. Баъд аз рӯза гирифтан ва дуо гуфтан даст бар сари онҳо гузоштанд ва онҳоро равона карданд. Онҳо, ки фиристодагони Рӯҳи Муқаддас буданд, ба Салукия омаданд...» (Оятҳои 2 ва 4). Боз дар ин мисол мо шарикии (сӯҳбат) Рӯҳи Муқаддасро бо ҳаввориён мебинем. Дар хотир доред, ки ҳоло Исо дар осмон бо Падари худ мебошад. Рӯҳи Муқаддас ба замин фиристода шудааст, то ки дар ин ҳаёти аҷоиб Шарики мо бошад.

### Рӯзи 3

## АЛОҚАИ НАЗДИК

Биёед, бори дигар Номаи Дуюм ба Қӯринтиён (13:13)-ро мехонем. «Файзи Худованди мо Исои Масеҳ, ва муҳаббати Худои Падар, ва мушорикати Рӯҳи Муқаддас бо ҳамаи шумо бод». Акнун, мо калимаи мушорикатро бо мафҳумҳои «дӯстӣ» ва «шарикӣ» маънидод кардем, ҳоло ин оятро аз рӯи фаҳмиши ин ду мафҳум дида мебароем. Оё шумо қуввати суханони Павлусро дарк мекунед? Лекин ӯ ин бас намекунад. Калимаи «kainonia» инчунин дар худ маънои «алоқаи наздик»-ро дорад.

Он чизе ки ман ҳоло мегӯям, маро як шахси солхӯрда нишон хоҳад дод, лекин ба ҳар ҳол, вақте ки ман дар бораи алоқаи наздик фикр мекунам, ба ёдам гурӯҳи «Битлз» меояд. Ҳангоме ки ман шахси ҷавон будам (пеш аз он ки гурӯҳи Битлз аз байн равад), бо шунидани номи Пол МакКартни ман ҳамон лаҳза тамоми гурӯҳи Битлз: Ҷон Леннон, Ҷорҷ Харрисон ва Ринго Старро тасаввур мекардам. Дар он замон дар бораи ин шахсон ҳамчун сарояндагони алоҳида тасаввур кардан ғайриимкон буд: барои ман онҳо «Битлз» буданд.

Боз як мисоли алоқаи наздик ин се ландаҳӯре, ки аз як кинофилм буданд. Онҳо бидуни Мое, Лерри ва Керли, ҳатто бидуни яке аз инҳо се ландаҳӯр шуда наметавонистанд. Саҳна бо як Мое бемаъно мешуд.«Се ландаҳӯр» машҳур гаштанд, азбаски онҳо якҷоя буданд. Онҳо аз якдигар вобаста буданд.

Ҳангоме ки ман дар бораи шахсоне, ки дар ҳаёт бо Рӯҳи Муқаддас алоқаи наздик доранд, фикр мекунам, ба ёдам доктор Давид Йонги Чо меояд. Доктор Чо усқуфи яке аз калисоҳои бузургтарин дар ҷаҳон мебошад. Вохӯрии аввали худро бо ин шахс, ки дар соли 1980 баргузор гашт, ҳеҷ вақт аз хотир намебарорам. Ин сафари аввали ӯ дар калисои мо буд, ман бошам он вақт ман дар хизматгузорӣ оид ба пешвози меҳмонон машғул будам. То ташрифи доктор Чо низ ман якчанд сол дар ин хизматгузорӣ будам ва барои ҳамин ман даҳҳо хизматгузоронро дида будам. Аммо вохӯрии ман бо доктор Чо комилан дигаргун буд. Ҳангоме ки ман бо ӯ дар мошин нишастам, он ҷо ҳузури Худо омад. Ман ҳамон лаҳза гиря кардам, ашкҳо аз чашмони ман ҷорӣ шуданд. Ман то оғози хизматгузорӣ ӯро ташвиш доданӣ набудам. Барои ҳамин кӯшиш мекардам, ки сукутро нигоҳ дорам, лекин ба ҳар ҳол эҳсос мекардам, ки бояд гап занам. Ман ором гуфтам: «Доктор Чо, Худо ин ҷост, дар дохили мошини мо». Ӯ табассум кард ва гуфт: «Ман медонам». Вақте ки ман дар бораи он фикр мекунам, ки чӣ қадар Доктор Чо дар бораи мушорикат бо Рӯҳи Муқаддас бисьёр навиштааст ва мавъиза кардааст, ин вохӯрӣ ба ман фаҳмо аст. Ман шунидаам, ки ӯ ҳар рӯз аз ду то чор соат ва одатан дар Рӯҳ дуо мехонад. Доктор Чо барои худ вазифае гузоштааст, ки вақти самаранок бо Рӯҳи Муқадас дошта бошад; аз ҳамин сабаб ҳузури Худо дар зиндагии вай бо қувват эҳсос карда мешавад.

Якчанд сол пеш ман дар бораи Рӯҳи Муқаддас дар ҷаласаи субҳонаи рӯзи якшанбе дар як калисои калон мавъиза мекардам. Вақте ки ҳамон шом мо ба ҷаласа бегоҳӣ баргаштем, мебоист баъд аз чилу панҷ дақиқаи парастиш ман таълим доданро оғоз

мекардам. Лекин Рӯҳи Муқаддас амал кард ва одамон шифо ва наҷот ёфтан гирифтанд. Ва дар давоми ду соат ман баландгӯякро (микрофон) ба даст гирифта наметавонистам. Ва дар анҷом, пеш аз он ки ман ба саҳна бароям усқуф (шахси на он қадар заиф ва мулоим) назди ман омада, бо ашк ва овози гирён гуфт: «Ҷон, дар тӯли ҳашт соле, ки ман ин калисоро роҳбарӣ мекунам, ман ҳеҷ вақт ин қадар ҳузури Худоро наздик эҳсос накарда будам». Ман зуд ба ӯ ҷавоб додам: «Ин сабаб дорад. Чунки мо ин субҳ дар бораи Рӯҳи Муқаддас гуфтем. Ҳар маротибае, ки мо дар бораи Ӯ мегӯем, Вай ташриф меоварад». Ин саҳна айни ҳамонро нишон медиҳад, ки агар мо бо шумо, имондорони «оддӣ» дар алоқаи наздик бо Рӯҳи Муқаддас зиндагӣ мекунем, чӣ хоҳад шуд.

## МУНОСИБАТ МАЪНОИ НАЗДИКИРО ДОРАД.

Маънои охирини калимаи «kainonia» ин «наздик будан»-ро дорад. Калимае, ки Павлус истифода кард, дар Номаи Дуюм ба Қӯринтиён (13:13) маҳз ҳамин мафҳумро дошт. Наздикӣ танҳо дар дӯстӣ ва ё муносибатҳо мавҷуд буда метавонад ва аз ин ду мафҳум васеътар мебошад. Наздикӣ ба умқи афкор, сиру асрор ва хоҳиши дил дохил мешавад.

Дар як тарҷумаи ҳозиразамони Китоби Муқаддас омадааст: «Дӯстии наздики Рӯҳи Муқаддас бо ҳамаи шумо бод» (2 Қӯр. 13:13). Ман наздикиро ҳамчун сатҳи олии дӯстӣ мешуморам. Аз хотир набаронед, ки Рӯҳи Муқаддас дӯсти шумо шудан мехоҳад, Ӯ ташнаи мулоқот бо шумо мебошад. Дар Номаи Яъқуб (4:5) омадааст: «Рӯҳеро, ки дар мо сокин аст, то ба дараҷаи рашк дӯст медорад». Ӯ то ба дараҷаи рашк моро дӯст дошта, мунтазири вақт ва диққату эътибори мо мебошад. Танҳо фикр кунед: Рӯҳи Муқаддас Худост ва ҳеҷ чиз аз назари Ӯ пинҳон намебошад. Дониш, ҳикмат ва фаҳмиши Ӯ номаҳдуд аст ва Ӯ хоҳони он аст, ки инро барои мо ошкор созад. Ҳангоме ки ман дар бораи арзиш ва аҳамияти ягон чиз мефаҳамам, ман хоҳиши онро дорам, ки

инро ба наздикони худ бирасонам. Шояд ин ҳиссиёт ба шумо низ ошно бошад, Рӯҳи Муқаддас низ айни ҳамон аст.

Бисёр вақт имондорон ба Исо наздик шудан мехоҳанд, лекин Рӯҳи Муқаддасро аз хотир мебароранд. Тақрибан ҳамин иштибоҳро фарисиён мекарданд. Онҳо ба Исо гуфтанд: «Мо аз зино тавалуд наёфтаем; мо як Падар дорем, ки Худо бошад. Исо ба онҳо гуфт: Агар Худо Падари шумо мебуд, Маро дӯст медоштед, чунки Ман аз ҷониби Худо баромада, назди шумо омадаам; зеро ки Ман бо иродаи Худ наомадам, балки Ӯ Маро фиристод» (Юҳ. 8:41, 42). Фарисиён мехостанд бидуни Исо бо Падар муносибат дошта бошанд. Онҳо фикрҳои Худоро қабул кардан намехостанд. Исо ба фарисиён фаҳмонд, ки Ӯ ва Падар як ҳастанд. Ва дар асл баъдтар Вай гуфт: «Агар Маро мешинохтед, Падари Маро низ мешинохтед» (Юҳ. 14:7). Лекин фарисиён ба суханони Ӯ гӯш надоданд. Аз сабаби он ки онҳо назди Падар ба воситаи Писар омадан намехостанд, онҳо ба Падар наздик намешуданд.

Айни ҳамон тавр Исо возеҳ гуфт, ки Ӯ дигар дар рӯи замин намебошад ва Падар Рӯҳи Муқаддасро фиристодааст (Он Шахсе, ки мисли Наҷотдиҳандаи мо мебошад), то ки Мададгори мо бошад. (Юҳ. 16:7). Рӯҳ фиристода шуд, то ки Исоро зоҳир намояд, ҳамчуноне ки Писар фиристода шуда буд, то ки Падарро зоҳир намояд. Мо бояд дар хотир дорем, ки Рӯҳи Муқаддас мехоҳад, ки Исо ҷалол ёбад. Инак, агар шумо бештар дар бораи Исо донистан мехоҳед, шумо бояд бо Рӯҳи Муқаддас вақт гузаронед. Рӯҳ возеҳ Исоро ба шумо нишон хоҳад дод. Вале Рӯҳи Муқаддас дар он ҷо Худро нишон хоҳад дод, ки Ӯро эҳтиром мекунанд. Агар мо Рӯҳро эҳтиром кунем, он гоҳ Ӯ Худро ба мо ошкор хоҳад кард ва мо аз ҳузури аҷоиби Ӯ ҳаловат бурда, бо он Шахсе, ки Ӯ ба мо ошкор кардан мехоҳад, бештар ошно мегардем.

Дар тӯли сӣ соли хизмати худ ман истисноро аз ин қоида надидаам: одамоне, ки Исоро хуб мешиносанд, дар муносибати

наздик бо Рӯҳи Муқаддас мебошанд. Ҳамаи ин маъно дорад, чунки маҳз Рӯҳ ба мо Исоро ошкор месозад.

## ДАРК КАРДАНИ ШАХСИЯТИ РӮҲ

> Агар бо касе наздик шудан хоҳем, бояд хоҳиши аз наздик донистани шахсияти он касро дошта бошем. Ва албатта барои ин мулоқот кардан лозим аст ва он вақт наздикии мо бештар ва бештар мегардад.

Вақти дароз ман бар ҳар чор тифл худ як хел муносибат мекардам. Ва дар натиҷа байни мо нофаҳмие ба миён омад. Барои чӣ чунин тарзи тарбия босамар намебошад? Чунки ҳар яки онҳо хислати гуногун доранд. Ҳамсари ман дар бобати тарбия бисёр ҳушёр аст ва ӯ маро ёд дод, ки чӣ гуна фарқиятро байни онҳо бубинам. Он гоҳ ман беҳамтогии ҳар як писарамро ҳамчун шахсият дарк кардам, он гоҳ муносибати ман бо онҳо амиқтар гашт.

Ба хотири наздикии худ бо хонумам ман мефаҳмам, ки чӣ гуна вай хоҳишҳои худро иброз мекунад. Байни мо алоқаи наздике ҳаст, чунки мо зиёда аз сӣ сол дар никоҳ ҳастем, наздикӣ ин маҳсули вақти босифати якҷоя гузаронида мебошад. Танҳо як нигоҳи Лиза ба тарафаи ман кофӣ аст, то ки ман саҳифаҳои бисёрро дар бораи хислат ва эҳсосоти вай бинависам. Вақтҳое мешаванд, ки ҳатто вай сухане нагуфта, ман медонам, ки ӯ чӣ мехоҳад. Агар шумо мегуфтед, ки: «Ҷон, имрӯз барои ноништа ман тухм, гӯшт ва хӯрок аз орди ҷав тайёр мекунам», ман бо боварии комил гуфта метавонам, ки: «Медонед, Лиза гӯшт ва нони ҷав намехӯрад». Ба ман зарур нест, ки аз ӯ дубора бипурсам: ман медонам, ки вай хӯроки орди ҷав ва гӯштро дӯст надорад. Ин мисоли бисёр содда аст, лекин айни ҳамин чизҳоро бо дигар масалҳои шахсӣ гуфтан мумкин аст. Чунин муносибати наздик дар як рӯз ба вуҷуд намеояд. Ин гуна муносибатҳоро дар тӯли солҳо бо гузаронидани вақти босифати якҷоя рушд

додан мумкин аст. Аз ман дида хубтар ҳеҷ кас намедонад, ки кадом чизро ҳамсарам хуш дорад ва кадом чизро хуш надорад. Ҳангоме ки мо худро ба муносибат бо Ӯ мебахшем ва дар ҳузури Ӯ вақт мегузаронем, айни ҳамон тавр мо низ дар шинохтани Рӯҳи Муқаддас рушд пайдо мекунем.

## Рӯзи 4

# ДОНИСТАНИ ТАБИАТИ Ӯ

Дар бобҳои 14 то 16-уми Инҷили Юҳанно, ҳангоме ки Исо дар бораи Рӯҳи Муқаддас сухан меронад, ҷонишинҳои «Ӯ», «Вай», «Худи Ӯ»-ро нуздаҳ маротиба истифода мебарад. Возеҳ мегардад, ки Рӯҳи Муқаддас Шахсият мебошад. Боз ҳам Ӯро Шахсият хонда, ман Ӯро одам намегӯям. Дар хотир доред, ки инсон ба шабоҳати Худо офарида шуда буд. Барои ҳамин он хусусиятҳое, ки мо ба «шахсият» раво медонем, пеш аз ҳама дар Худо дида мешавад, лекин Худо айни шакли мо намебошад. Барои ҳамин тамоми пуррагии Шахсияти Ӯ ба «қуттии» инсонии мо ҷой намегирад.

Ман як чизро барои худ дарк кардаам, ки он ба муносибати ман бо Рӯҳи Муқаддас кӯмак мекунад. Ҳангоме ки ман ба омӯзиши он ҷонишинҳое, ки нисбат ба Рӯҳи Муқаддас навишта шудаанд, оғоз кардам, фаҳмидам, ки дар забони аслии юнонӣ ин ҷонишинҳо ифодакунандаи ҷинси миёна (яъне на ба мард ва на ба зан тааллуқдошта) мебошанд. Ва дар асл онҳо ҳам ба мард ва ҳам ба зан ҳангоми ифодаи як одам истифода бурда мешаванд.

Дар забони инглисӣ ҷонишинҳои ифодакунандаи ҷинси мард ва ҷинси зан фарқ мекунад. Ва мо инчунин ҷонишинҳое дорем, ки барои ҳайвонот истифода мекунем ва барои предметҳои беҷон низ дорем. Ва ҷонишине надорем, ки ҳам ба мард ва ҳам ба зан истифода бубарем. Лекин дар забони юнонӣ ин ҷонишини

миёна ҳаст ва дар Аҳди Ҷадид мо мебинем, ки ин нисбати Рӯҳи Муқаддас истифода шудааст. Такрор мекунам, ки ин ҷонишин ба шахси ҷондор, на ин ки предмети беҷон истифода мешавад.

Дар Аҳди Қадим шумо ба ин монандаро вомехӯред. Дар забони аслии ибронӣ бисёр воқеаҳое, ки роҷеъ ба Рӯҳи Муқаддас аст, дар ҷинси зан ифода гардидааст. Яҳудиён инро одатан аз рӯи он вазифае, ки Ӯ анҷом медод, менавиштанд. Дар ҳеҷ ҷои Китоби Муқаддас Рӯҳи Муқаддас ҳамчун ҷинси зан навишта нашудааст, лекин баъзе амалҳои Вай бо тобишҳои маъноии ҷинси зан фаҳмонида шудааст.

Ин мавзӯъи бисёр амиқ мебошад ва дар ин ҷо мо наметавонем ба ҳамаи ҷабҳаҳои он равшанӣ андозем, лекин биёед як чизро маълум кунем: ман фикр мекунам, ки Рӯҳи Муқаддас шахсияти ҷинси зан нест. Боз ҳам як ҷумла рӯйрост менависам. Рӯҳи Муқаддас шахсияти ҷинси зан намебошад. Баъзе одамон инро ба як таълимот мубаддал мекунанд, лекин ман ба ин назари содда дорам. Ин фикрро аз сари худ дур кунед. Рӯҳи Муқаддас ин ягон олиҳа намебошад. Ман ана дар бораи чӣ мегӯям. Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки Худо ба сурат ва шабоҳати мо офарида нашуда буд. Ин мо ба сурат ва шабоҳати Ӯ офарида шуда будем. Ман медонам, ки ин бисёр чизи соддафаҳм аст, лекин барои идома додани омӯзиши ин мавзӯъ мо бояд ин ҳақиқатро аз худ кунем. Дар китоби Ҳастӣ (1:27) навишта шудааст: «Ва Худо одамро ба сурати Худ офарид, ӯро ба сурати Худо офарид: онҳоро марду зан офарид». Дигар тарҷумаҳо мегӯяд «Худо одамро офарид» ё «одамизодро». Шахсан ман фикр мекунам, дар ҷое ки «инсоният» ё «одамон» гуфта шудааст, тарҷумаи беҳтаре мебошад.

Инак, аз китоби Ҳастӣ мо медонем, ки Худо марду занро ба сурати Худ офарид. Он гоҳ саволе ба миён меояд: агар Ӯ марду занро ба сурати Худ офарида бошад, оё ин маънои онро дорад, ки он хислатҳоеро ки мо «занона» мегӯем, сарчашмаи худро дар Худо доранд? Маҳз ҳамин тавр бояд бошад. Чунки ҳам мард ва

ҳам зан аз ҷониби Худо офарида шудаанд.

Ман боварӣ дорам, ки шумо пайхас кардед, ки ҳангоми сухан рондан дар бораи Рӯҳи Муқаддас ман ҷонишинҳои мардона «Ӯ», «Вай»-ро (дар забони инглисӣ барои мардон дигар намуди ҷонишинҳо ва барои занҳо дигар истифода бурда мешаванд ба монандӣ he, she дар забони тоҷикӣ чунин нест; шарҳи тарҷумон) истифода мебарам. Ва дар идомаи китоб низ ман чунин хоҳам кард. Ин фаҳмише, ки Рӯҳи Муқаддас хислатҳои занонаро дорад, барои фаҳмиш мушкил аст. Чаро ман дар бораи ин чизҳо менависам? Ман дар бораи ин мавзӯъ намегуфтам, агар фикр намекардам, ки ин ба шумо кӯмак мекунад, то муносибати Рӯҳи Муқаддасро хубтар дарк кунед.

## Ӯ МЕҲРУБОН ВА РАҲИМ АСТ

Пеш аз идомаи ин суханон ман камтар дар бораи гузаштаи худ менависам. Падари ман иштирокчии ҷанги дуюми ҷаҳон мебошад. Вай наваду се сола аст ва ман ӯро хеле сахт дӯст медорам. Падарам ба ман бисёр чизҳоро ёд дод, ки онҳо дар тӯли тамоми зиндагиам ба ман кӯмак мерасонанд. Аммо як чизе ҳаст, ки ӯ маро ба он омода насохт: чӣ тавр шавҳар бояд бошам. Петрус гуфтааст: «Зиндагии якҷоя дошта, ба занони худ хушмуомила бошед» (1 Пет. 3:7, NLT). Ҳангоме ки ман бо Лиза издивоҷ кардам, ман бо ӯ «хушмуомила» набудам. Лиза муҳаббати аввалин дар зиндагии ман буд. Пеш аз ӯ ман бо ягон зани дигар равобити наздик надоштам. Бинобар ин ман ба ӯ ҳамчун ба ҷавонмард муносибат мекардам. Шумо пай бурда метавонед, ки чунин рафтор ноком буд. Ба ман зарур буд, ки муносибат карданро бо ӯ ҳамчун бо зан ман аз нав ёд мегирифтам.

Махсусан, ман бо ӯ нармтар муомила карданро ёд гирифтам. Афсӯс, баъзан ҳолатҳое шуданаш мумкин аст, ки ман бо аъзои оилаам дағалона гап мезанам. Ҷалол ба Худо, ки Рӯҳи Муқаддас

маро фош мекунад ва он гоҳ ман бахшиш пурсида, шароитро таъғир медиҳам. Боре ман бисёр сахт бо писарам ҷанҷол карда, баъд аз он аз ӯ бахшиш пурсидам. Ӯ маро зуд бахшид ва боз муносибати мо барқарор гашт. Бо Лиза ҳама чиз дигар хел буд. Аз сабаби он ки ман дағалона бо писарамон гап задам, Лиза якчанд рӯз аз ман хафа буд. Гап дар сари хафагӣ набуд, балки бар аксуламали табиӣ, ки аз муносибати меҳрубонона бармеомад. Ман бо писарам ҳамон лаҳза оштӣ шудам, лекин барои ман кӯшиши зиёдтаре даркор шуд. то ки муносибати худро бо занам барқарор кунам. Баъд аз ду рӯз ӯ ба ман гуфт: «Аз суханоне ки ба писарамон гуфтӣ, ман то ҳол ба худ наомадаам». Ман фаҳмидам, ки муносибат, яъне ин як атое дар ҳаёти Лиза мебошад. Мисли дигар занон дар муносибатҳо ӯ бениҳоят боэҳсос буда, бо тамоми қувваташ наздиконашро ҳимоя мекунад.

Оё имкон дорад, ки Рӯҳи Муқаддас низ дорои чунин қуввати бузурге дар муносибатҳо бошад, ки мо одатан ин гуна хислатро занона мешуморем? Китоби Муқаддас мефармояд: «Рӯҳи Муқаддасро наранҷонед» (Эф. 4:30, тарҷумаи ҳозиразамон). Чӣ тавре ки Рик Реннер дар китоби худ бо номи «Ҷавоҳироти забони юнонӣ» нишон медиҳад, калимаи «ранҷонидан» маънои «хафагии сахт ва афсурдахотирӣ»-ро дорад. Он аз решаи калимае гирифта шудааст, ки маънои дардро дорад ва он фақат дар байни ду шахсе, ки якдигарро беандоза дӯст медоранд ба вуҷуд омаданаш мумкин аст. Бо чунин тарз Павлус дар ин ҷо дар асл мегӯяд: «Ба Он Шахсе, ки шуморо беандоза дӯст медорад, дард нарасонед». Биёед, ин ҷои Навиштаҷотро дар матн мехонем:

Ҳеҷ як сухани қабеҳе аз даҳонатон набарояд, балки фақат сухани нек, ки дар вақти эҳтиёҷот барои обод кардан бошад, то ки ба шунавандагон файз бахшад. Ва Рӯҳи Муқаддаси Худоро, ки бо Он ба интизори рӯзи озодӣ мӯҳр зада шудаед, андӯҳгин накунед. Ҳар гуна кудурат, қаҳр, ва ғазаб ва фарёд, ва бадгӯӣ бигзор аз шумо бо ҳар навъ шарорат дур шавад. Балки бо

якдигар меҳрубон ва дилсӯз бошед ва якдигарро авф намоед, чунон ки Худо низ моро дар Масеҳ авф намудааст (Эф. 4:29-32).

## Дидед, ки чӣ қадар Рӯҳи Муқаддас меҳрубон аст?

Меҳрубонӣ дар асл қувватест, ки бояд ба он қоил шавем. Павлус моро даъват мекунад, ки дили нарм дошта бошем. Агар ман бо муносибати солим ва зиндае, ки бо занам дорам, ҳаловат бурдан хоҳам, ман бояд қалби нарм дошта, ба писарони худ ҳалимона ва самимӣ рафтор кунам. Айни ҳамон, агар аз муносибатҳои солим ва зинда бо Рӯҳи Муқаддас ҳаловат бурдан хоҳем, мо бояд боэҳсос буда, Ӯро ғамгин насозем. Аҷоиб аст, ки чӣ тавр Павлус рафторҳое, ки Рӯҳи Муқаддасро хафа месозанд, навиштааст: сухани қабеҳ, қаҳр, ғазаб, бадгӯӣ ва фарёд задан. Ин бисёр монанд аст ба рафтор ва суханоне, ки ҳамсарам аз онҳо нороҳат мешавад. Боз ҳам оё ин исботи он нест, ки дар муносибатҳо Рӯҳ хислати пурқудрати занонаро дорад?

Мутаваҷҷеҳ бошед, ки Павлус намегӯяд: «Исоро андӯҳгин накунед», ва ӯ намегӯяд, «Падарро андӯҳгин накунед». Ӯ дақиқ мегӯяд: «Рӯҳро андӯҳгин накунед». Рӯҳи Муқаддас қалби моро ҷои истиқомати худ интихоб кардааст. Ҳар ҷое, ки мо меравем, Ӯ ҳамроҳи мо аст: ин алоқаи наздик мебошад. Барои ҳамин чизҳои нодурусте, ки мо дар зиндагии худ ҷой медиҳем, Ӯро меранҷонанд.

Аз дигар тараф назар мекунем. Агар касе маро дашном диҳад, ман ба ин диққат намедиҳам. Лекин агар касе ҳамсари маро дашном диҳад, ба он шахс беҳтар аст, ки аз ман дур бошад. Исо низ тақрибан ҳамин чизро гуфтааст: «Ҳар кӣ бар зидди Писари Одам сухане гӯяд, ба вай омурзида мешавад; лекин ҳар кӣ бар зидди Рӯҳи Муқаддас сухане гӯяд, ба вай омурзида нахоҳад шуд, на дар ин олам, на дар олами оянда» (Мат. 12:32). Оё ин аҷиб нест, ки Худои Падар (ки ба Писар зоҳир шуда амали Худро иҷро мекард) Рӯҳи Муқаддасро муҳофизат мекунад? Падар ба муносибати мо нисбат ба Исо ё Худаш чунин муҳофизатро намегузорад, балки фақат нисбат ба Рӯҳи Муқаддас.

Муносибат байни Падар, Писар ва Рӯҳи Муқаддас ин асроре мебошад, ки шояд мо ҳеҷ вақт дарк накунем. Аҷиб аст, ин фарқиятро дар муносибати мо ба Рӯҳи Муқаддас бубинем. Муносибати моро бо Ӯ бояд ҳамаҷониба муҳофизат ва қадр кард. Муҳим аст дар хотир дошта бошем, ки баъзан мо Ӯро ғамгин ва ё умуман андӯҳгин месозем. Барои чӣ ин дар муносибатҳои мо бо Ӯ ин қадар муҳим аст? Барои он ки агар шумо нафаҳмед, ки чӣ тавр бо Ӯ бояд рафтор кард, он гоҳ ҳузури Ӯ дар ҳаёти шумо кам мешавад.

## Рӯзи 5

# Ӯ БОЭҲСОС, ВАЛЕ ҚАВӢ АСТ

Рӯҳи Муқаддас Пуштибон номида шудааст, дуруст аст? Одатан, вақте ки кӯдакон касал мешаванд, назди кӣ медаванд? Онҳо назди модари худ меоянд. Оиди фикрҳои дар боло зикршуда дар якчанд мамлакати ҷаҳон барои фаҳмонидани нақши коргарзанон, ки дар соҳаи адлияи наврасон кор мекунанд, дастурамале бароварданд. Дар Гавайи дастурамале кор мекунад, ки бо наврасони ҷиноятсодиркарда дар қадами аввал коргарзани адлия бояд сӯҳбат кунад. Маълум гашт, ки ноболиғон ба саволҳои коргарзан ба осонӣ ҷавоб медиҳанд. Занҳо қобилияти ба худ хоси тасалло додан ва ором карданро доро мебошанд. Боз ҳам ман гуфтанӣ нестам, ки Рӯҳи Муқаддас зан мебошад.

Дар баъзе ҷиҳатҳо ман Рӯҳи Муқаддасро бо шоҳ Довуд монанд мекунам. Шумо ягон дафъа пайхас кардаед, ки чӣ қадар шоҳ Довуд меҳрубон ва нармсухан буд? То чӣ андоза вай дилсӯз ва раҳим буд. Гарчанде ки Довуд фармон дода буд, ки ба шӯриши Абшолӯм хотима дода шавад, лекин вақти кушта шудани ӯ зор-зор мегирист. (ниг. 2 Под. 19). Маротибаи бисёр мо Довудеро мушоҳида мекунем, ки бо ашкҳо суруди

Забур мехонад. Муносибати вай бо Йӯнотон яке аз мисолҳои муносибати наздики дӯстона дар Китоби Муқаддас мебошад. Лекин аз хотир набаоред, ки Довуд марди диловаре буд, ки азимҷуссаеро ба қатл расонида, аз болои ҳазорон нафар ғолиб омада буд. Ӯ ба гурӯҳи мардони диловар, ки шояд дар таърих аз ҳама дастаи бузургтарин буд, роҳбарӣ мекард. (ниг. 2 Под. 23). Мисол, Довуд қасди куштани он шахсеро кард, ки ба одамони хӯрок додан нахост (ниг. 1 Под. 25). Довуд шахси заиф набуд, ӯ ҷанговар буд. Лекин новобаста ба ин ӯ меҳрубон ва нармдил буд. Хотиррасон мекунам, ки Рӯҳи Муқаддасро боз Рӯҳи қудрат меноманд (ниг. Ишаъё 11:2). Ӯ на заиф ва на қавӣ, балки Ӯ Тавоно ва Қодир мебошад. Ва дар айни замон Ӯ нек ва меҳрубон аст. Ӯ ба хотири суханон ва рафтори мо андӯҳгин шуда метавонад. Чӣ қадар Худо аҷоиб аст!

Агар тамоми пуррагии табиат ва шахсияти Ӯро дарк накунед, афсурда нашавед. Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки шахсияти Ӯро дар ақли худ ҷой карда наметавонем. Вале агар мо ҷурат карда, бо Ӯ наздик шавем, он гоҳ Ӯ ваъда кардааст, ки Худро ба мо ошкор кунад. Ин чӣ даъвати аҷоиб аст!

Тавре ки ман пештар гуфта гузаштам, тамоми асрор ва ҷалоли Рӯҳи Муқаддасро бо сухан иброз кардан ғайриимкон мебошад (1 Қӯр. 2:6-16). Мақсади ман он аст, ки танҳо Ӯро ба шумо муаррифӣ намоям, то ки шумо дар навбати худ бузургии Ӯро дарк карда, аз ҳузури Ӯ дар ҳаёти худ ҳаловат бубаред.

## ЭҲТИЁТ КУНЕД, ТО КИ Ӯ АЗ ШУМО ХАФА НАШАВАД

Ба наздикӣ барои як мӯҳлати муайян ман худро пурра аз дидани телевизион маҳрум сохтам. Ҳангоме ки ман ғарқи дуо ва Калом гаштам, муносибати ман бо Худо хеле қавӣ буд. Боре дар он вақт ман дохили утоқи меҳмонхона шуда, дидам, ки бачаҳо кадом як филмро тамошо мекарданд. Ин филми бад

набуд, лекин дар он вақт, ки ман дохил шудам, саҳнаи куштори як шахсро нишон медод. Ман зуд аз он утоқ баромадам. Дар вақти муносибатҳоям ман ин қадар ба Рӯҳ боэҳсос шудам, ки ҳамон лаҳза аз дидани ин гуна саҳна ғам дили маро пур кард.

Мо набояд аз хотир барорем, ки Рӯҳ то абад дар мо ҷой гирифтааст. Ҳангоме ки шумо филмро тамошо мекунед, шумо Ӯро - Худои тамоми ҷаҳон, қудус ва беандоза тавоноро бо худ мегиред. Ӯ ҳамеша бо шумо аст, чунки Ӯ ваъда кардааст, ки ҳеҷ гоҳ шуморо танҳо намегузорад ва тарк намекунад. Лекин шумо мефаҳмед, ки агар Ӯро дар шароитҳои барои Ӯ ногувор мегузоред, Ӯ ногаҳон дигар бо шумо сухан гуфтанро бас мекунад.

Ҳангоме ки мо Рӯҳро хафа месозем, суханони мо чӣ бояд бошад? Мо бояд ҳамон лаҳза бахшиш бипурсем, лекин ин бояд тавбаи самимӣ ва аз сидқи дил бошад. Агар ман ҳамсари худро хафа кунам, суханони ҳавоии «биё, ҳама чизро ислоҳ мекунем» кӯмак намекунад. Лиза ҳама чизро амиқ ҳис мекунад. Ӯ медонад, ки ман дар зиндагӣ ҳама вақт ба пеш ҳаракат карда, ба чизҳои майда-чуйда, ки ба муносибатҳои мо зарар мерасонад, диққат намекунам. Хоҳиши Лиза на дар он аст, ки маро маҳкум кунад, лекин нисбат ба ман боварӣ ҳосил кунад, ки дар муносибатҳои мо ҳеҷ чизи сохтакорӣ ва риёкорона мавҷуд намебошад. Инчунин Рӯҳи Худо бо мо рашк дорад, Ӯ муносибатҳои рӯякиро намехоҳад, Ӯ дар асл наздик будан мехоҳад.

Пештар дар ин боб ман гуфта будам, ки чӣ гуна бо яке аз писаронамон дағалона рафтор кардам. Дар тӯли якчанд рӯзи баъд аз он воқеа, ҳангоми дуо, Рӯҳи Муқаддас ба ёди ман меовард, ки рафтори ман нодуруст буд. Ин маҳкумият набуд, ин мавзӯи муносибат буд. Ман дарк намекардам, ки то кадом андоза бо ӯ дағалона рафтор кардам, гарчанде як чанд маротиба ман аз вай бахшиш пурсидам, лекин ин пушаймонии самимӣ набуд. Ман бештар мутаваҷҷеҳи он будам, ки ин масъала зуд хотима ёбад. Ӯ моро оромона ба сӯи пушаймонии самимӣ ва

муқаддас роҳнамоӣ мекард, ки он дар навбати худ ҷони маро (ақл, эҳсосот ва ирода) пок мекард.

Павлус тақрибан ҳамин тавр ба калисои Қӯринтус, ки беитоатии онҳо сабаби барҳам хӯрдани муносибатҳои онҳо бо Худо шуда буд, муроҷиат мекунад (ва ҳангоме ки шумо суханони ӯро мехонед, дар хотир дошта бошед, ки онҳо аз ҷониби Рӯҳи Муқаддас гуфта шудаанд):

Зеро бубинед, ки ғами Худо додаро хӯрданатон чӣ гуна ҷидду ҷаҳдро, чӣ гуна узрхоҳиро, чӣ гуна тарсро, чӣ гуна шавқро, чӣ гуна рашкро, чӣ гуна қасосро дар шумо ба амал овард! Ва дар ҳамааш шумо нишон додед, ки дар ин кор пок ҳастед (2 Қӯр. 7:11, NLT).

Ҷалол бар Худо барои пок шудан ва шуста шудан бо хуни Барра. Лекин мо ҳоло ҳамчун имондороне, ки назди Худо сафед гашта истодаем, ба ҳар ҳол ҳангоме ки мо Рӯҳи Муқаддасро андӯҳгин месозем, бояд муносибати худро бо Ӯ барқарор намоем. Чуноне ки ҳавворӣ Павлус дар муносибат ба имондорони шаҳри Қӯринтис рафтор мекард, то онҳоро пурра ба тавба ва пушаймонӣ водор кунад, Рӯҳи Муқаддас моро таълим медиҳад ва ислоҳ мекунад, чунки Ӯ ташнаи дӯстии ҳаққонӣ бо мо мебошад. Ин ғам, ки ба хотири Худованд ман аз сар гузаронидам, хоҳиши сахти пок шудан ва барқарор кардани муносибатҳоро ба вуҷуд овард. Ҷалол ба Худо, ки Рӯҳи Муқаддас зуд мебахшад!

Аз хотир набароред, ки Рӯҳи Муқаддас меҳрубон, пур аз раҳм ва тасалло (хислатҳое, ки мо занона мешуморем), лекин Ӯ инчунин пурқувват ва тавоност, Ӯ мисли ҷанговар аст (хислатҳое, ки мо мардона меҳисобем). Агар мо бо Рӯҳи Муқаддас надикӣ доштан мехоҳем, мо бояд бар бораи шахсияти Ӯ бештар ва бештар бидонем. Бояд мо ҳамеша бо Ӯ дар шароитҳои ба Вай мақбул алоқа дошта бошем. Ва бо мурури афзоиши фаҳмиши мо дар бораи он, ки Ӯ Кӣ ҳаст, мо мулоқотамонро бо Қодир амиқтар эҳсос мекардагӣ мешавем.

Баъзан ман бо ҳамсари худ дар бораи голф сухан меронам. Ман тақрибан чунин суханонро мегӯям. «Азизам, тасаввур кун, ки ман имрӯз дар бозӣ 68 хол гирифтам» Писарони ман ба ҳаяҷон омада, мегӯянд: «Падар, дар бораи ҳар як холе, ки ба даст овардӣ, ба мо бигӯй». Зани ман баръакс дар бораи он сӯҳбатҳое, ки мо дар майдон доштем, мепурсад. Ӯ бештар ба муносибатҳо шавқманд аст. Агар ман мехоҳам, ки бо Лиза муносибат барқарор кунам, ман бояд дар сатҳи ӯ муносибат карда, дар бораи он чизҳое, ки ӯ шавқманд аст, сухан ронам. Айни ҳамон хел мо бояд ба Рӯҳи Муқаддас худро кушода, доир ба он мавзӯъҳое, ки Ӯро шавқманд мекунад, муносибат кунем. Ҳангоме ки мо ба воситаи омӯхтани Калом ва гузаронидани вақти босифат дар ҳузури Ӯ шукӯҳу шавкати Ӯро таҳқиқ мекунем, Ӯ вафодор буда, Худро ба мо ошкор хоҳад кард.

# ШУМО ОВОЗИ ӮРО ШУНИДА МЕТАВОНЕД!

*Ҳар касе, ки аз они Худованд аст, суханони Ӯро шунида метавонад*

–Юҳ. 8:47, NIV

Бале, Шумо овози Худоро шунида метавонед! Ӯ то ба ҳол ба халқи Худ сухан меронад, Ӯ ба мо ба воситаи Рӯҳи Муқаддаси азизи Худ сухан меронад. Ба кӯшиши он ки масеҳиёнро ба муносибати амиқтар бо Худованд бирасонанд, муаллифон Генри Блакеби ва Клод Кинг навиштанд:

> «Дар китоби Аъмол Худо ба шахсони Худ возеҳ сухан меронд. Ва Ӯ имрӯз ба мо низ возеҳ гап мезанад. Аз замони Аъмол то имрӯз Худо ба халқи Худ ба воситаи Рӯҳи Муқаддас сухан меронад... Аз сабаби он ки Ӯ ҳамеша бо имондорон ҳаст, Ӯ метавонад ба шумо ҳама вақт ва дар ҳар шароит мутобиқи хости Худ сухан ронад» (эзоҳ-1).

Исо фармудааст, ки Ӯ Чӯпони Нек ва мо рамаи Ӯ ҳастем, ки овози Ӯро мешунаванд ва мешиносанд. Аз болои суханоне, ки дар Инҷили Юҳанно навишта шудаанд (10:3-5, 11, 14, 27), мулоҳиза намоед. Рӯҳи Муқаддас ба шумо чиро ошкор мекунад?

________________________________________________________

________________________________________________________

________________________________________________________

________________________________________________________

Яке аз номҳои Рӯҳи Муқаддас ин Рӯҳи ростӣ мебошад. Барои чӣ? Блакеби идома медиҳад:

«Мо бо шумо ҳақиқати Худоро дарк карда наметавонем, агар фақат Рӯҳи Муқаддас онро ба мо ошкор накунад. Ӯ муаллими мо

аст. Ҳангоме ки ба шумо Каломи Худоро ёд медиҳад, назди Вай нишинеду ҷавоб диҳед. Ҳангоме ки дуо мехонед, мутаваҷҷеҳи он бошед, ки барои тасдиқи он каломе, ки шумо дар қалб доред, чӣ гуна Ӯ Каломи Худоро истифода мебарад. Бодиққат бошед, ки дар ҳар гуна шароитҳо Ӯ чӣ кор мекунад. Худое, ки ҳангоми дуо ба шумо сухан мегӯяд, ва Худое, ки ба шумо ба воситаи Навиштаҷот гап мезанад, Ӯ Он Худоест, ки дар гирду атрофи шумо амал мекунад. Худо ба воситаи Рӯҳи Муқаддас, ба тариқи Китоби Муқаддас, дуо, шароитҳо ва калисо сухан меронад, то ки Худро , нақшаҳои Худро ва роҳҳои Худро ба шумо ошкор кунад» (эзоҳ-2).

Инак, чӣ чизи муҳимро аз Рӯҳи Муқаддас интизор бошем, ки ба мо ошкор кунад? Суханони Исоро дар Инҷили Юҳанно (14:26, 15:26 ва 16:12-15) бодиққат хонда, панҷ нуктае, ки Рӯҳи Муқаддас дар бораи он таълим медиҳад, муайян намоед.

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

Чӣ тавр бояд овози Худоро шинохт? Блакеби ва Кинг идома медиҳанд:

> «Асрори шинохтани овози Худо ин ягон формула нест. Ин усуле барои такрор кардан ҳам намебошад. Донистани овози Худо дар натиҷаи муносибатҳои наздик ва пурмуҳаббат бо Худо бармеояд... ҳангоме ки Худо сухан меронад ва шумо ҷавоб медиҳед, он гоҳ вақте фаро хоҳад расид, ки шумо овози Ӯро возеҳ ва возеҳтар хоҳед шунид...» (эзоҳ-3).

Муносибати дуҷониба ин калид барои шунидан ва шинохтани овози Худо мебошад. Ҳанӯх, Нӯҳ, Иброҳим ва бисёр дигарон низ дар бораи ин шахсан медонистанд ва айни ҳамин тавр шумо низ метавонед. Кадом принсипҳо аз Амӯс 3:7, Дониёл 2:22, Забур

24:14 дар Юҳанно 15:15, 1 Қӯринтиён 2:9, 10 ва Эфсӯсиён 1:9 инъикос меёбанд? Шуморо ҳамчун «имондорони охирзамон» ин ҳолат чӣ тавр рӯҳбаланд мекунад?

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

Масалан, воқеаҳоро аз ҳаёти Ҳанӯх (Ҳастӣ 5:21-24), Нӯҳ (Ҳастӣ 6:9-18), Иброҳим (Ҳастӣ 18:16-22) ва Петрус (Аъмол 10:9-23) бихонед.

# ҲУЗУРИ Ӯ ИН ЗАРУРАТИ АВВАЛИ ШУМО МЕБОШАД

*Ту гуфтаӣ*: *ҷӯёи рӯи Ман бошед (хоҳон ва талабгори ҳузури Ман бошед, ҳамчун зарурати аввалиндараҷа) Дили ман аз ҷониби Ту мегӯяд: ман хоҳони рӯи Ту мебошам (ҳузури Ту), Худовандо хоҳам ҷуст*...

–Забур 26:8, Тарҷ. васеъ.

Довуд шахсӣ оддӣ набуд. Дар дили ӯ ҳамеша хоҳише фурӯзон буд, ки тамоми афкори вайро фаро мегирифт. Ӯ хоҳиши сахти ҳузури Худоро дошт. «Як чизро аз Худованд пурсидаам, ва онро хоҳам талабид, ки тамоми айёми умри худ дар хонаи Худованд сокин бошам. Шавкати Худовандро мушоҳида намоям ва дар қасри Ӯ назорат кунам» (Забур 26:4).

Аз ҳузури Худо ва аз шарик будан бо Ӯ дида ҳеҷ чизи арзишмандтаре вуҷуд надорад. Ба хотири он ки ҳоло Падар ва Писар дар осмон мебошанд, Рӯҳи Муқаддас ба замин фиристода шудааст, то ки ҳузури Худро дар ҳаёти ҳар як имондор ва ба воситаи ҳар як имондор зоҳир намояд. Никлас Герман, ки бештар бо номи бародар Лоуренс машҳур аст, «аз сар гузаронидани ҳузури Худоро» ёд гирифта, барои худ вазифае гузошта буд, ки дар ин кор ба дигарон кӯмак кунад. Аз рӯи суханони ин хизматгузори монастири асри ҳафтдаҳум бармеояд:

> «Аз ҳама таҷрибаи муҳим ва муқаддас дар ҳаёти рӯҳонии мо ин ҳузури Худо мебошад. Ин маънои онро дорад, ки бе ҳеҷ ваҷҳ гуфтугӯро маҳдуд накарда, ҳамеша дар ҳузури Ӯ ҳаловат бурдан, ҳар лаҳза бо муҳаббат ва фурӯтанӣ бо Ӯ сӯҳбат кардан аст» (эзоҳ-4).

Якчанд лаҳза таваққуф кунед ва дар бораи ин фикр ронед: Чӣ

қадар ҳузури Худо барои ман ҳаётан муҳим мебошад? Ҳаёти ман бидуни Ӯ *чӣ* гуна мебуд? Тасаввур кунед, ки субҳи фардо шумо бе ҳузури Рӯҳи Муқаддас бедор мешавед. Рӯйхати номҳо ва вазифаҳои Ӯро ба хотир оваред. Ва бо ин назари тоза бинависед, ки чӣ қадар ҳузури Ӯ дар ҳаёти шумо муҳим мебошад.

___

___

___

___

Кай ва дар куҷо мо бояд ҳузури Рӯҳи Муқаддасро аз сар гузаронем?

Лоуренс идома медиҳад:

> «Барои дар ҳузури Худо будан зарур нест, ки ҳамеша дар калисо бошем. Мо қалби худро маъбади Ӯ карда метавонем ва дар он ҷо барои муносибат кардан бо Ӯ мо ҳама вақт омада метавонем. Ин сӯҳбатҳо пур аз муҳаббат ва навозиш шуда метавонанд ва ҳар як инсон шарики он шуда метавонад. Оё ягон сабабе ҳаст, ки мо аз ин худдорӣ кунем» (эзоҳ-5).

Бе ягон шубҳа, шуморо лозим аст, ки вақти пурсамар дар ҳузури Рӯҳи Муқаддас гузаронед, то ки диққати худро пурра ба Ӯ ҷалб кунед. Ин вақте буда метавонад, ки шумо Калом мехонед, ба Ӯ сухан меронед, Вайро гӯш мекунед, аз Ӯ сипосгузорӣ карда, ба Ӯ суруди ҳамду сано мехонед ё ҳатто танҳо дар оромии Ӯ мешинед. Бозистода дуо кунед: «Рӯҳи Муқаддас, ҳаёти ҳаррӯзаи ман бо Ту дар ин марҳилаи зиндагиам чӣ тавр бояд бошад?» Ва он чиро, ки Ӯ ошкор кард, нависед.

___

___

___

Чӣ тавр шумо ҳузури Худоро аз сар гузаронида метавонед?

Libнуs Бародар Лоуренс гуфтааст: «Худро пурра ба дастони Худо супоред... ва диққати худро ба ҳузури Ӯ ҷалб кунед. Агар ақли шумо парешон шавад, афсурдахотир нагардед, чунки афсурдахотирӣ шуморо бештар дур мекунад. Бо кӯшиши иродаи худ диққатро ба Худо ҷалб намоед... хислати муқаддаси дар бораи Ӯ фикр ронданро дар худ рушд диҳед» (эзоҳ-6).

**Барои идомаи омӯзиш...**

Тафтиш кунед: 1 Вақоеънома 16:9-11; Забур 21:26, 104:3, 4; Масалҳо 8:17,18; Ишаъё 55:1-3; Ирмиё 29:11-13; Матто 6:33; Ибриён 12:1, 2.

# Ӯ МЕХОҲАД, КИ БО ШУМО НАЗДИК БОШАД

*Инак, назди дар истода, тақ-тақ мекунам: агар касе овози Маро шунида, дарро воз кунад, назди ӯ даромада, бо ӯ таоми шом хоҳам хӯрд, ва ӯ бо Ман.*

–Ваҳй 3:20

Худо ба воситаи Рӯҳи Муқаддас ба шумо нисбат ба ҳама дигар шахсон наздиктар шудан мехоҳад. Ӯ наздикиро бо шумо, то ҳадди имкон дар сатҳи амиқ хоҳон аст.

Чӣ тавре ки дар боло зикр карда гузаштем, наздикӣ бо Худо доштан ин гуфтани айни ҳамон аст, ки «Худо аз умқи ботини ман огоҳ аст», ва ин рост мебошад. Рӯҳи Муқаддас ба он ҷо дохил шуда метавонад, ки инсон он гуна қобилияти дохил шуданро надорад, - дохили ҷон ва рӯҳи мо. Ӯ на бо вақт ва на бо фазо маҳдуд намебошад. Рӯҳ на танҳо дилҳои моро таҳқиқ мекунад, балки аз он огоҳ аст, Ӯ инчунин дили Худоро месанҷад ва аз он бохабар мебошад, ва фикрҳои амиқи Ӯро ба мо ошкор месозад, мисли он ки мо онро аз дохил мушоҳида мекарда бошем.

*Сиррри (ширин,саршор аз дӯстӣ) Худованд бо тарсгорони(шахсоне, парастишу эҳтиром мекунанд) Ӯст, ва аҳди Худроба онҳо маълум (амиқ ва ботинӣ) мекунад.*

–Забур 24:14, Тарҷ. васеъ

Инак, такрор мекунем, ки Рӯҳи Муқаддас ин «Рӯҳи ростӣ» мебошад, ки ба мо ростиро таълим медиҳад. Оё ягон ҷиҳат ва ё ягон ҷои Навиштаҷотро дар бораи Худо ё Исо донистан мехоҳед? Он гоҳ дуо карда, аз Рӯҳи Муқаддас хоҳиш намоед, ки маънои аслии онро ба шумо ошкор созад ва шумо онро истифода бурда тавонед. Он чизе, ки Ӯ ба шумо ошкор мекунад, бинависед.

*Ва аз Мусо ва аз тамоми анбиё сар карда, он чиро ки дар ҳамаи Навиштаҳо дар бораи Ӯ гуфта шудааст, ба онҳо фаҳмонда дод.*

–Луқо 24:27

Рӯҳи Муқаддас на танҳо ҳақиқатҳоро аз рӯи Навиштаҷот, балки ҳақиқатҳоро вобаста ба чизҳои заминии зиндагии мо ошкор мекунад.

Оё дар ҳаёти шумо ягон соҳае мавҷуд мебошад, ки шумо дарк намекунед? Оё баъзан якбора ба ғазаб омада, баъд аз он азоби виҷдон мекашед, ё бе ягон сабаби асоснок дар баъзе ҳолатҳо шуморо тарс фаро мегирад? Рӯҳи Муқаддас сабаби онро медонад. Истода чунин дуо кунед: «Рӯҳи Муқаддас сабаби асосии рафтори маро ба ман ошкор бисоз. Ба ман чашмони Худатро ато кун, то бубинам. Ман чиро бояд бубинам, то ки ба бадӣ дар ҳаёти худ хотима гузорам?» Он чизеро, ки Ӯ ошкор мекунад, бинависед.

Оё ҳолатҳое дар гузашта ва ҳозира мавҷуд ҳастанд, ки шумо дарк намекунед? Рӯҳи Муқаддас сабаби онҳоро медонад. Бозистода чунин дуо кунед: Рӯҳи Муқаддас дар ин шароит сабаби асосӣ дар чӣ аст? Чӣ тавр дарк кунам, ки ту дар ҳаёти ман чизеро таъғир доданӣ ҳастӣ, чӣ тавр дар ин ҳолат ман бо Ту

ҳамкор шуда метавонам, то ки ба Ту кӯмак кунам? Он чизе, ки Ӯ ошкор мекунад, бинависед.

**Барои идомаи омӯзиш...**

Исо бо Падар муносибати хеле наздик дошт: Мат. 14:22, 23; 17:1-5; Мар. 1:35, 6:31, 46,47; Луқ. 5:16; 6:12.

Рӯҳи Муқаддас ба мо наздик аст, вақте ки мо ба Ӯ наздик мешавем: Заб. 15:8; 33:19; 72:28, 144:18; Ибр. 10:22; Яъқуб 4:8.

# ЭҲТИЁТ БОШЕД, ТО КИ ӮРО НАРАНҶОНЕД

*Ва бо ҳаёти худ Рӯҳи Муқаддаси Худоро нараҷонед, дар хотир дошта бошед, ки Ӯ шуморо аз они Худ хондааст...*

–Эфсӯсиён 4:30, NLT

Муносибат бо Рӯҳи Муқаддас бебаҳо аст! Ҳузури Ӯ ба ҳар соҳаи зиндагии мо ҳаёти тоза мебахшад. Барои Кетрин Кулман ин тарзи ҳаёт буд. Миллионҳо нафар мавъизаи ӯро дар бораи муҳаббати Худо ва қуввати Рӯҳи Худо мешуниданд, ва бисёриҳо бо мӯъҷиза шифо меёфтанд. Дар китоби худ бо номи “Қуввати бузургтарин дар ҷаҳон” Кетрин маънидод мекунад, ки бо кадом рафтор Рӯҳи Муқаддасро раҷонидан мумкин аст.

> «...Рӯҳи Муқаддас қуввати бузурги Сегона буда, ва дар айни ҳол боэҳсос аст ва Ӯро ранҷонидан осон мебошад. Бе ҳар гуна шубҳа, ин шахсияти аҷоибро бо хашм, ғазаб, бадӣ ва бо оҳанги дағалони гуфтор ранҷонидан мумкин мебошад. Бо дигар суханон, ҳар чизе ки муқобили меҳрубонӣ, пуртоқатӣ, муҳаббат ба одамон, ҳифзи ягонагии Рӯҳ дар иттифоқи осоиштагӣ мебошад, Ӯро меранҷонад» (эзоҳ-7).

Фаҳмидан зарур аст, ки чӣ Рӯҳро меранҷонад (хафа месозад) ва чӣ водор месозад, ки аз Худро аён кардан худдорӣ намояд. Боби 4-уми Нома ба Эфсӯсиёнро бо диққат бихонед, дар он ҷо навишта шудааст, ки чӣ Рӯҳи Муқаддасро меранҷонад (мутаваҷҷеҳи оятҳои 1- 6 ва 17- 32 бошед).

Кадом муносибат, тарзи тафаккур ва рафтор, ки дар оятҳои 17-24 омаданд, Рӯҳи Муқаддасро хафа месозанд?

Дар Нома ба Эфсӯсиён (4:17-24) интихоби чунин тарзи ҳаёт, рафтор ва тафаккур нишон дода мешавад, ки Рӯҳи Муқаддасро меранҷонад ва ҳузури Ӯро аз мо дур мекунад.

Ҳама гуна рафторҳои маҳзункунандаи Рӯҳро, ки дар ояти 25 - 31 омадааст, такрор кунед. Як вақти алоҳида пайдо карда, дар бораи рафторҳои махсусе, ки барои шумо ошкор шуд, нависед.

Нома ба Эфсӯсиён (4:25-31) тарзи рафтори мушаххаси одамонро нишон медиҳад, ки Рӯҳи Муқаддасро меранҷонад ва Ӯро аз мо дур месозад.

Бале, Рӯҳи Муқаддасро ранҷонидан мумкин аст, лекин хабари хуш он аст, ки мо Ӯро хурсанд низ карда метавонем! Оятҳои 1-7, 14, 15, 25, 29 ва 32 бо диққат хонда, тарзи рафторҳоеро номбар кунед, ки Рӯҳи Муқаддасро хурсанд мекунанд.

Ба ин савол ҷавоб навишта, дар бораи антонимҳои (калимаҳои муқобилмаъно) ин калимаҳо фикр кунед ва онҳоро низ ҳамчун рафторҳое, ки Рӯҳи Муқаддасро меранҷонанд, номбар кардан мумкин аст.

Барои он ки Рӯҳи Муқаддасро наранҷонем, бояд ки ба рӯҳи покӣ ва ягонагӣ ҳаракат карда, онро маҳфуз дорем. Ғурур ва нопокӣ кори Рӯҳро мебандад, лекин фурӯтанӣ онро озод мекунад. Назди Худованд ором бошед. Аз Ӯ бипурсед: «Оё ман ягон кореро анҷом медиҳам, ки Туро хафа месозад?» ва аз ҳама чизе, ки Ӯ ба шумо ошкор месозад тавба кунед, ва хоҳони марҳамати Ӯ бошед, то ки поку фурӯтан зиндагӣ карда тавонед, ки он ба Ӯ хурсандӣ оварда, ҳузурашро дар ҳаёти шумо зоҳир созад.

# ХОНАИ РӮҲИ МУҚАДДАС ДАР ИНСОН МЕБОШАД

*Оё шумо намедонед, ки шумо маъбади Худо ҳастед, ва Рӯҳи Худо дар шумо сокин аст?*

–1 Қӯринтиён 3:16

Худои Қодир, Пурқудрат ва Тавоно, Холиқи ҳама чиз аз молекулаҳои хурдтарин сар карда то сайёраҳои азимҷусса қалби моро ҳамчун ҷои истиқомати Худ интихоб кардааст! Бале, агар шумо имондорон бошед, айни ҳамон Рӯҳ, ки Исоро аз мурдагон эҳё кардааст, дар дохили шумо зиндагӣ мекунад!

Усқуф, муаллиф ва мутахассиси забони юнонӣ Рик Реннер, маънои хонаи Рӯҳи Худо буданро чунин мефаҳмонад:

> «Ҳангоме ки Рӯҳи Муқаддас ба дили шумо дохил шуд, Ӯ дар он ҷо хонае бино кард ва он ин қадар форам буд, ки Ӯ хушбахт буд дар дохили шумо истиқомат кунад! Ӯ дар он ҷо дохил шуда, дар қалби шумо ҷои истиқомати доимӣ сохт. Хонаи нави Худ!
>
> Бубинед, ҳангоме ки шумо наҷот ёфтед, мӯъҷизаи ҳақиқӣ дар дили шумо рух дод. Рӯҳи Муқаддас рӯҳи шуморо, ки ба хотири гуноҳҳо мурда буд, гирифта барои ҳаёти нав дубора зинда кард. Кори Вай дар дохили шумо он қадар аҷоиб буд, ки баъди анҷом ёфтани он кор Ӯ шуморо махлуқи наве эълон кард (Эфс. 2:10). Дар ҳамон лаҳза рӯҳи шумо маъбади аҷоиби Худо шуд!»(эзоҳ-8).

Ҳар ҷое, ки шумо меравед, ҳар сӯҳбатеро, ки шумо оғоз мекунед, бо кадом коре, ки машғул мешавед, шумо Рӯҳи Худоро ҳамроҳатон доред. Ин китобро як сӯй гузошта, камтар дар бораи ин фикр ронед.

То кадом андоза ин ҳақиқат шуморо ташвиқ, рӯҳбаланд ва устувор мекунад? Бо кадом тарз он ба дуоҳои шумо таъсир мерасонад?

Дар бораи ваъдаҳои Худо, ки дар ин оятҳо омадааст, фикр ронед: Эфсӯсиён 3:14-20; Луқо 12:11, 12; Юҳанно 14:12-17; Қӯлассиён 1:27; 2 Тимотиюс 1:13, 14 ва Румиён 8:1-17.

Донистани ин ҳақиқат ба чӣ шуморо даъват мекунад, ва дар чӣ шуморо мазаммат менамояд? Ҷавобҳои шумо чӣ тавр шуморо ба дуо кардан водор месозанд?

Дар бораи он барномаҳои телевизоние, ки шумо тамошо мекунед, оиди шахсоне, ки шумо сӯҳбат мекунед ва корҳое, ки анҷом медиҳед, фикр кунед.

Инак, сатҳи муносибати худро бо Рӯҳи Муқаддас мо чӣ гуна баҳо додем? Оё шумо бо муносибат, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо Ӯ ҳаловат мебаред? Оё шумо овози Ӯро мешунавед, оё шумо ҳузури Ӯро аз сар мегузаронед ва дар ҳаёти худ эҳсос мекунед? Оё вақти «рӯбу чин»-и калон дар дохили хонаи қалби шумо наомадааст, то ки Ӯ Худро дар он ҷо хуб ва роҳат эҳсос кунад? Дуо хонед ва аз илтимос кунед, ки Ӯ ҳолати аслии қалби шуморо бароятон ошкор созад. Ӯ чӣ мегӯяд? Кадом амалҳоро Ӯ аз шумо хоҳон аст?

Пас шуморо, эй бародарон, ба марҳамати Худо даъват менамоям, ки ҷисмҳои худро ҳамчун қурбонии зинда, муқаддас ва писандидаи Худо тақдим кунед: ибодат оқилонаи шумо ҳамин хоҳад буд. Худро ба ин дунё ҳамшакл насозед, балки ба воситаи таҷдиди ақлатон шакли тозае ба худ бигиред...

–Румиён 12:1, 2, NLT

## САВОЛҲО БАРОИ ОМӮЗИШ

Агар шумо ин китоб ё дигар маводҳои хизматгузории «Messenger Series»-ро дар бораи «Рӯҳи Муқаддас» мавриди омӯзиш қарор дода бошед, пас хоҳиш мекунем, ки дарси видеоии 2- ро бубинед.

Мо муносибат бо Рӯҳи муқаддас дорем.

> Муносибат ба забони юнонӣ koinonia, ки маънои «дӯстӣ, рафоқат, муносибат, наздикӣ, равобити ичтимоӣ, шарикӣ, ҳамкорӣ, кӯмакрасонӣ»-ро дорад. Ин намудҳои муносибатро ба се гурӯҳи асоси ҷудо кардан мумкин аст: дӯсти, шарикӣ ва наздикӣ.

1 I Рӯҳи Муқаддас бо мо ҳамчун бо фарзандони Худо муносибати наздик (koinonia) доштан мехоҳад. Ин муносибат равобити дӯстиро дар бар мегирад, ки дар он тарафҳо фикру ақидаҳои худро ба якдигар иброз мекунанд. Барои чӣ донистани шарикии Рӯҳи Муқаддас хуб мебошад? Чӣ мешавад, агар мо онро надошта бошем?

2 I Ба ғайр аз дӯстӣ Рӯҳи Муқаддас шарики мо шудан мехоҳад. Кадом қадамҳои мушаххасро дӯстон ба нақша мегиранд, то ки ба якдигар барои комёбӣ кӯмак кунанд? Имрӯз барои шарокати мо бо Рӯҳи Муқаддас нисбат ба замони Аҳди Қадим ки Мусо ва Иброҳим доштанд, чӣ чизи фарқкунандае мавҷуд мебошад? Ин шуморо то кадом андоза ташвиқ мекунад?

3 I Муносибат бо Рӯҳи Муқаддас аз муносибатҳо дӯстона ва шарикона дида амиқтар мебошад. Он дар худ наздикӣ - кӯмаки байниҳамдигарии наздикро дар бар мегирад. Мо ҳамчун имондорон чӣ тавр ин сатҳи муносибатро ривоҷ дода метавонем?

**Шараф**

Шараф ин ҳамаи намуди эҳтиром ё баҳои баланд бо сухан ва амал аст. Дар моҳият шараф ин қадр кардан, аз рӯи арзиш баҳо додан, ҳурмат кардан, бо эҳтиром муносибат кардан ва фикри олӣ доштан мебошад.

Аз луғати забони инглисии Амрико, Ной Вебстер, 1828 иқтибос карда шудааст.

1 | Вазифаи асосии Рӯҳи Муқаддас дар он мебошад, ки Исоро ба мо ошкор карда, ҷалол ва шарафи Ӯро нишон диҳад. Ӯ дар он ҷое, ки Вайро эҳтиром мекунанд, Масеҳро ошкор карда ва Худро дар он зоҳир мекунад. Бо кадом тариқҳо мо Рӯҳи Муқаддасро дар алоҳидагӣ ва дар якҷоягӣ ҳамчун калисои Ӯ эҳтиром карда метавонем?

2 | Гарчанде ки дар ҳеҷ ҷои Навиштаҷот Рӯҳи Муқаддас (Рӯҳи Худо) ба шакли зан навишта нашудааст, хислатҳо ва рафторҳои Ӯ баъзан ба хислатҳои занон монанд мебошад. Китоби Ҳастӣ 1:27-ро бо диққат хонед ва маънидод кунед, ки ин ояти Навиштаҷот дар бораи хислати Худо, махсусан, дар бораи Рӯҳи Муқаддас чӣ мегӯяд. Донистани ин ростӣ ба муносибати шумо бо Ӯ чӣ гуна таъсир мекунад?

3 | Рӯҳи Муқаддас аз рӯи табиати Худ бисёр меҳрубон ва ғамхор мебошад. Агар мо мутаваҷҷеҳ набошем, он гоҳ мо метавонем Ӯро озурда кунем ва сахт бираҷонем, ки дар натиҷа Ӯ дигар дар ҳаёти мо амал нахоҳад кард. Дар бораи оятҳои Нома ба Эфсӯсиён (4:29-32) бо диққат мулоҳиза кунед ва он амалҳоеро, ки Рӯҳи Муқаддасро меранҷонанд, муайян кунед. Ин ранҷонидан аз хомӯш кардан Рӯҳ, ки дар Номаи Якум ба Таслӯникиён (5:19-22) навишта шудааст, чӣ фарқ дорад? Аз ин гуна амалҳо мо чӣ гуна худро эмин нигоҳ дошта метавонем?

41 Ҳар гуноҳеро, ки ба одамизод маълум мебошад, Худо бахшида метавонад, ба истиснои яке: куфр гуфтан нисбат ба Рӯҳи Муқаддас. Суханони огоҳкунандаи Исоро, ки дар Инҷили Матто (12:22-32) ва Марқӯс (3:22-30) ва Луқо (12:10) гуфтааст, бихонед. Аз рӯи ин оятҳо бигӯед, ки куфр бар зидди Рӯҳи Муқаддас чист? Шумо чӣ фикр доред, Исо барои чӣ ин қадар ҷиддӣ огоҳ кард?

МУШОҲИДАҲО

## ШАРҲИ КӮТОҲИ БОБ:

- Рӯҳи Муқаддас доимо мунтазири муносибат бо мо мебошад.
- Муносибат дӯстӣ, шарикӣ ва наздикиро дар бар мегирад.
- Дӯстӣ ба туфайли алоқа ва сӯҳбатҳое, ки дар он фикру ақидаҳо ба якдигар гуфта мешаванд, имконпазир аст.
- Шарикӣ ин кор дар якҷоягӣ аст, он ба равобити мо амалро низ илова мекунад.
- Наздикӣ ин сатҳи амиқи дӯстӣ мебошад ва ҳангоме ки мо фикрҳои боарзиш, хоҳишҳо ва розҳои худро ба Рӯҳи Муқаддас мегӯем, Ӯ низ дар навбати худ фикрҳо, хоҳишҳо ва розҳои Худро ба мо мегӯяд.
- Рӯҳи Муқаддас пурра Худо буда, дилҳои (рӯҳ) моро ҳамчун ҷои истиқомати доимии Худ интихоб кард.
- Мо бояд бо диққат бошем, то ки Ӯро хафа накунем, чунки Ӯ раҳим ва нозук мебошад, мо бо рафтори нодурусти худ ба осонӣ Ӯро ранҷонида метавонем.

# 3

# СЕ САТҲИ МУНОСИБАТ

*Ба ҳамин тариқ шумо ҳукми Худоро бо ривояти худ бартараф намудаед. Эй риёкорон! Ишаъё дар бораи шумо некӯ пайғом дода, гуфтааст: «Ин мардум бо забони худ ба Ман наздик мешаванд ва бо лабони худ Маро парастиш мекунанд, лекин дилашон аз Ман дур аст; ва бар абас парастиш мекунанд, зеро ки таълимоту аҳкоми инсониро таълим медиҳанд»*

–Исо (Матто 15:6-9, Тарҷ. васеъ.)

## Рӯзи 1

Исо ин ҳақиқати бедоркунандаро ба фарисиён барои он гуфт, ки онҳо расму русумҳои худро аз Каломи Худо болотар гузошта буданд. Дар луғате, ки ман истифода мекунам, ба калимаи «анъана» чунин мафҳум дода шудааст: «расму русумҳои аз қадим устуворгардидае, ки аз насл ба насл дода мешаванд, меъёрҳои рафтор ва назарҳо». Аён аст, ки анъанаҳо дар худ ҳеҷ чизи баде надоранд. Бисёр анъанаҳое ҳастанд, ки мо дар байни гурӯҳи дӯстон ё оилаамон онҳоро риоя мекунем. Вале фарисиён расму русумҳоро болотар аз Каломи Худо мегузоштанд, ки дар натиҷаи он Калом дар ҳаёти онҳо қувваташро аз даст медод. Ин ҳақиқат имрӯз ҳам амал мекунад. Мо бояд мутаваҷҷеҳ бошем, ки фаҳмиши мо дар бораи ҳақиқат дар асоси Каломи Худо бошад, на ин ки ба эҳсосот, анъанаҳо ва ҳикмати инсонӣ асос ёбад.

Исо гуфт, ки анъанаҳои фарисиён ба муносибати онҳо бо Худо монеъ шуданд. Дар асл Ӯ гуфт, ки ҳатто ибодати онҳо ба Худо беҳуда аст, чунки онҳо бештар ба таълимот бовар

мекарданд (таълимот ва тафаккур дар бораи онҳо). Агар фарисиён аз нобиноии рӯҳонии худ тавба карда, ҳақиқатро қабул накунанд, имконияти аслии аз муносибат бо Худо ҳаловат бурданро надоштанд. Айни ҳамон хел бо мо низ аст: барои аз муносибати наздик бо Рӯҳи Муқаддас ҳаловат бурдан бояд ҳамаи фикрҳои анъанавии инсониро як сӯй гузошта, ҳақиқати Ӯро, ки возеҳ дар Каломаш навишта шудааст, қабул кунем. Дар акси ҳол кӯшишҳои мо барои муносибати наздик доштан бо Худо мисли фарисиён ноком мемонад.

## УСТОДИ КОМИЛ

То он даме ки ман муносибати наздик бо Рӯҳи Муқаддас пайдо кардам, Китоби Муқаддасро мехондам ва фикр мекардам, ки Худоро дӯст медорам, лекин ба ҳар ҳол дар муносибатҳо бо Ӯ хушкӣ эҳсос мекардам. Гап дар сари он аст, ки ман дар вақти дуо ва омӯзиши Китоби Муқаддас Рӯҳи Муқаддасро даъват намекардам ва фаҳмидам, ки танҳо Ӯ Навиштаҷотро дар қалби ман зинда карда метавонад. Ба воситаи роҳнамоии Ӯ Китоби Муқаддас аз суханҳои оддӣ ба моҳияти ҳаёт табдил мегарданд. Дар Номаи Дуюм ба Қӯринтиён (3:6) навишта шудааст:

> Ки Ӯ ба мо лаёқат бахшидааст, ки хизматгузорони Аҳди Ҷадид бошем, на бар тибқи ҳарф, балки бар тибқи Рӯҳ, зеро ки ҳарф мекушад, аммо Рӯҳ зинда мекунад.

Аҳди Ҷадид, ки ба воситаи Каломи Худо баён гардидааст, ин на танҳо маҷмӯи қоидаю рафторҳо, балки худи ҳаёт мебошад. Аз ин ҳам бештар , Аҳди Ҷадид ба онҳое, ки ба қоидаҳои он итоат мекунанд, ҳаёт мебахшад. Аз пуррагии Аҳди Ҷадид танҳо ба воситаи Рӯҳ ҳаловат бурдан мумкин аст, чунки Ӯ асрори бузургеро дар бораи он, ки мақоми мо дар Масеҳ чӣ гуна аст, ошкор мекунад (ин аст номаи Аҳди ҷадид). Ана барои ҳамин

мо Устоди комили худ, яъне Рӯҳро ҳангоми омӯзиши Китоби Муқаддас бояд даъват кунем.

Шумо ягон бор бо устоде вохӯрдаед, ки ба фанни худ шавқ надошта бошад? Ба фикри ман сифати таълим дар дарси ин гуна устодон аз ҳама бадтар аст. Аз онҳо таълим гирифтан ба азоби дарди дандон кашидан монанд мебошад. Шумо ягон бор устодонеро вохӯрдаед, ки шогирдони худро дӯст намедоранд? Ин воқеаи ғамангез аст. Аммо хабари хуш дар он аст, ки Рӯҳи Муқаддас шавқу рағбати сахте барои ошкор кардани Каломи Худо ва ишқи аҷоибе нисбат ба шумо дорад! Ӯ хоҳони он аст, ки ҳама бахшоишҳое, ки ба воситаи Масеҳ дастраси шумо аст, дар зиндагии шумо амал кунад. Агар мо ҷӯё ва талабгори он бошем, он гоҳ Ӯ вафодорона асрори ҳаётро ба мо ошкор хоҳад кард.

## МУҲИТ ВА ҲУЗУР

Мутассифона, ҳамин тавр эҳсос карда мешавад, ки мо баъзан дар ҳаёти масеҳии худ бидуни ҳидоят ва маслиҳати Устоди худ роҳ меравем. Дар асл Рӯҳи Муқаддас дар бисёр калисоҳои имрӯза мисли меҳмони даъватнашуда мебошад. Мо аз рӯи нодонии худ ҳузури Ӯро ба муҳити хуб иваз кардаем. Бо дигар суханон, мо ҳузури Рӯҳи Худоро танҳо аз сабаби онро ба тариқи «ғайриоддӣ» тақаллуб кардани баъзеҳо ва ё ба тариқи «ғайриоддӣ» қабул доштани баъзеи дигарон рад кардем.

Маро нодуруст нафаҳмед, ман боварӣ дорам, ки дар хизматгузориҳои мо муҳити хуб зарур аст. Дар давоми солҳои охир дар калисо бисёр таъғиротҳои маданӣ ба амал омад ва баъзе ин таъғиротҳо барои беҳтар кардани муҳит буданд. Калисо барои олам наздиктар ва ҷалбкунанда шуд. Ман фикр мекунам, ки ин ба Худо писанд мебошад. Чуноне ки Павлус гуфт: «Чунки ман низ дар ҳар бобат дили ҳамаро меёбам, ва толиби нафъи худ не, балки нафъи касони бисёр ҳастам, то ки онҳо наҷот ёбанд» (1 Қӯр. 10:33). Мо ба воситаи қобилиятҳои

эҷодкоронаи инсонӣ ва пешрафти технологияҳо қадами бузургеро дар ин самт гузоштем; яке аз пешқадамтарин ҷойҳое, ки ман шоҳиди он будам, ин бинои калисо мебошад. Бадани Масеҳ бояд, ки пешрафта ва доимо дар соҳаи эҷодкорӣ дар сатҳи баланд бошад. Лекин калисо ҳеҷ гоҳ пурра мавқеи қувват, муҳаббат ва қудратро ишғол намекунад, агар Рӯҳи Муқаддасро дар кори худ даъват накунад. Дар хотир дошта бошед, ки Ӯ шарики асосии шумо мебошад.

Хуб аст, агар мо муҳити хуб ва ҳузури намоёни Ӯро дошта бошем. Аз ҳама калисоҳое, ки ман ташриф меоварам, дар он калисоҳо хурсанд мешавам, ки ҳар дуи ҳамин ду чизро мушоҳида кунам. Эҳтиёт бошед, то шумо ба доми он ақида наафтед, ки гӯё ҳузури Рӯҳи Муқаддас барои дигарон ба дохил шудан ба Малакут монеъ мешуда бошад. Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки шарикии ҳавворийён бо Рӯҳи Муқаддас одамони роҳгумзадаро ба назди онҳо ҷалб мекард, на ин ки одамонро аз онҳо дур менамуд. Ҳамаи дастовардҳои калисо, ки бидуни Рӯҳи Муқаддас дастрас карда шудааст, ба сифр мубаддал мегардад.

Ҳатто Исо, Писари Худо бидуни қуввати Рӯҳи Муқаддас ҳеҷ коре намекард. (ниг. Луқо 4:1-15). Дар Инҷили Луқо (4:14, 15) навишта шудааст: «Ва Исо бо қуввати Рӯҳ ба Ҷалил баргашт, ва овозаи Ӯ дар тамоми кишвар паҳн шуд. Ва Ӯ дар куништҳои онҳо таълим медод, ва ҳама Ӯро ситоиш мекарданд». Диққат кунед, ки дар ин ҷо навишта шудаааст: «...бо қуввати Рӯҳ ба Ҷалил баргашт». Ин порча натиҷаи онро нишон медиҳад, ки баъди чил рӯзи озмоиш, ки Исо дар биёбон гузаронид, чӣ рӯй дод. Аз биёбон ба Носира баргашта, Исо эълон кард:

> Рӯҳи Худованд бар Ман аст; зеро ки Ӯ Маро тадҳин намудааст, то ки ба мискинон башорат диҳам, ва Маро фиристодааст, то ки шикастадилонро шифо бахшам, озодиро ба асирон ва биноиро ба кӯрон мавъиза намоям, мазлумонро озод кунам. Ва соли таваҷҷӯҳи Худовандро мавъиза намоям (Луқо 4:18, 19).

Ба хотири он ки Исо дар қуввати Рӯҳи Худо амал мекард, Ӯ дар рӯи замин иродаи Падари Худро иҷро карда метавонист. Айни ҳамон тавр Калисо бо ҳамон қувват бояд Инҷилро ба мискинони рӯҳ мавъиза кунад, ба шикастадилон шифо бахшад, озодиро ба асирон, биноиро ба кӯрон эълон кунад ва он ҳақиқатро нишон диҳад, ки дастони Худо барои наҷот додан кӯтоҳ нашудааст. Агар мо бо қуввати Рӯҳ такя накунем, ин қувваи осмониро паҳн карда наметавонем. Ба Исо қуввати Рӯҳ лозим буд, мо чӣ фарқе дорем?

### Рӯзи 2

## «ИСОРО БЕШТАР»

Ман хоҳиш сахти онро дорам, ки ҳамаи одамоне, ки ба калисо ташриф меоваранд, дар зиндагии худ ҳузури Исои Масеҳро дошта бошанд. Ман мешунавам, ки дар ҳама ҷой мегӯянд: «Мо дар калисоҳо бештар Исоро бояд дошта бошем» ва бо ин суханон ман пурра розӣ ҳастам. Лекин Исоро ба мо кӣ ошкор мекунад? Рӯҳи Муқаддас. Чӣ тавре ки мо аз ин дарсҳои худ фаҳмидем, Рӯҳи Муқаддас чиз нест, ки Ӯро харида шавад; Ӯ Шахсияте аст, ки Ӯро бояд эҳтиром ва даъват кард. Барои чӣ мо хоҳони он набошем, ки Рӯҳи ростӣ дар ҳар корамон бо мо бошад? Исо боре ба шогирдони Худ гуфт:

> Боз бисёр чизҳои дигар дорам, ки ба шумо бигӯям, лекин шумо алҳол онҳоро наметавонед бардоред. Лекин Ӯ, яъне Рӯҳи ростӣ ояд, шуморо ба тамоми ростӣ роҳнамоӣ хоҳад кард: зеро ки аз Худ нахоҳад гуфт, балки ҳар чи мешунавад, онро хоҳад гуфт, ва аз воқеоти оянда ба шумо хабар хоҳад дод. Ӯ Маро ҷалол хоҳад дод, чунки аз он чи аз они Ман аст, гирифта, ба шумо хабар хоҳад дод. Ҳар он чи Падар дорад, аз они Ман аст; бинобар ин гуфтам: аз он чи аз они Ман аст, гирифта, ба шумо хабар хоҳад дод (Юҳ. 16:12-15).

Рӯҳи Муқаддас Исоро ҷалол медиҳад. Исо ба мо ба воситаи Рӯҳи Муқаддас ошкор мешавад. Он чиро ки Худо муқаррар кардааст, мо таъғир дода наметавонем. Агар дар ҳаёти худ бештар Исоро бихоҳем, мо бояд дар муносибати наздик бо Рӯҳи Муқаддас, ки Рӯҳи Масеҳ хонда шудааст, бошем. (ниг. 1 Пет. 1:11; Рим. 8:9). Ҳангоме ки Рӯҳ ба мо сухан меронад, Ӯ аз номи Исо гап мезанад. Рӯҳи Муқаддас на танҳо «иловаи хуб» ба ҳаёт бо Масеҳ, балки моҳияти Масеҳ дар замин мебошад. Он ҷое ки Ӯро эҳтиром намекунанд, ҳузури Ӯ зоҳир намешавад. Барои ҳамин, агар мо аз эҳтироми Рӯҳ даст кашем, он гоҳ ҳаёт ва ҳузури Масеҳ аз ҳаёти мо нопадид мешавад. Оё ба ҳамин хотир ҷаҳон одатан калисоро бе ҳаёт ва бе қувват мебинад?

## МУНОСИБАТҲОИ АМИҚ БО ХУДО

Ҳадафи ниҳоии муносибат ин дӯстии амиқу ҳаққонӣ мебошад. Рӯҳи Худо дӯсти шумо шудан мехоҳад. Ӯ дар асл ташнаи муносибати дӯстона бо шумо мебошад. Яъқуб мефармояд: «Рӯҳеро, ки дар мо сокин аст, то ба дараҷаи рашк дӯст медорад» (Яъқуб 4:5). То ба дараҷаи рашк дӯст доштан чӣ маъно дорад? Ин маънои онро дорад, ки Ӯ хоҳони дӯстии наздик доштан бо шумо мебошад. Оё мо аз наздикони худ низ инро намехоҳем? Ба ибораи «Ӯ то ба дараҷаи рашк дӯст медорад» диққат кунед. Ин маънои онро дорад, ки Ӯро писанд нест, агар мо ба чизҳои пучу беҳуда дил мебандем. Ҳатто агар ман бо дигар зан вақт гузаронам, он гоҳ ҳамсари ман намехоҳад ба ман дили худро ошкор кунад.

Худо аз мо пурра бахшоишро хоҳон аст. Дар ояти пештараи нома Яъқуб навиштааст: «Оё намедонед, ки дӯстӣ бо дунё душманӣ бо Худост?» (Яъқуб 4:4). Дар луғат ба калимаи душманӣ чунин мафҳум дода шудааст: «ҳолат ё эҳсосоти хашмгинӣ, бадбинӣ, иродаи носолим, канораҷӯӣ». Ин суханони сахт мебошанд. Он гоҳ савол ба миён меояд: барои чӣ дӯстӣ бо

ҷаҳон душманӣ бо Худо мебошад?

Дӯстӣ бо ҷаҳон, яъне ин шаҳвати ҷисм аст. Ин хоҳиши худпарастонаест, ки хоҳони манфиат, мавқеъ ё мақоми худ , писанд омадан ба табиати гуноҳкоронаи худ аст. Рӯҳи Муқаддас медонад, ки пайравӣ кардани ин мақсадҳо хуб нест ва танҳо ба бадбахтӣ бурда мерасонад. Худо ба хотири муҳаббати пуррашки Худ, аз ҳар гуна бозиҳои мо бо чизҳои ҳалоккунанда нафрат мекунад. Аз хотир набаоред, ки Худо Падари комили мо мебошад ва мисли ҳар Падари бузург, Ӯ аз чизҳое, ки ба фарзандашон зарар мерасонанд, нафрат мекунад. Ана барои ҳамин Ӯ дӯстии моро бо ҷаҳон тоқат намекунад. Исо мехоҳад, ки мо ҳаёти фаровон дошта бошем, (ниг. Юҳанно 10:10) ва Рӯҳи Муқаддас бошад хоҳиши Писарро амалӣ мегардонад. Дар хотир доред, ки Сегонагии Илоҳӣ дар ҳадафи Худ ягона мебошад. Худо хоҳони муносибатҳои наздик бо фарзандони Худ аст. Ҳангоме ки мо бо ҷаҳон бозӣ мекунем, мо худро аз муносибатҳои наздик бо Худо маҳрум месозем. Ин ҳолати фоҷианок қалби Падарро маҷрӯҳ мекунад.

## БЕАНДОЗА БЕШТАР АЗ НАҶОТ

Ман фаҳмидам, ки Худо ба мо аз танҳо наҷот дида беандоза зиёдтар хоҳон мебошад. Бале, воқеияти наҷоти мо аҷоиб мебошад ва он берун аз фаҳмиши мо аст; лекин ҷой дар осмон ин фақат оғози ҳама чиз мебошад, ки Худо ба мо ато кардан мехоҳад. Худо Писари Худро фиристод, то ки мо бо ҳаёти аҷоиб дар рӯи замин ҳаловат бубарем. Барои чӣ? Чунки агар мо бо тарсҳо ва хоҳиши ин ҷаҳон асир ҳастем, паҳн кардани Малакути Ӯ мушкил мебошад.

Павлус боре гуфт: «...вале диндорӣ (покизагӣ, шарҳи тарҷумон) барои ҳама чиз фоиданок аст, ки ваъдаи ҳаёти ҳозира ваояндаро дорад» (1 Тим. 4:8). Ба калимаи покизагӣ диққат кунед. Танҳо он шахсе, ки Худоро мешиносад, покиза

буда метавонад, чунки Худо пок аст. Ба фикри ман ба он шахсе, ки кам ҳамнишин мешавӣ, монанд будан мушкил аст. Ҳангоме ки мо бо одамон вақт мегузаронем, онҳо ба мо таъсир мерасонанд. Ана барои ҳамин Яъқуб суханони худро дар бораи дӯстӣ бо ҷаҳон идома дода мегӯяд: «Ба Худо наздик шавед ва Ӯ ба шумо наздиктар хоҳад шуд». Худо мехоҳад, ки бо шумо вақт гузаронад, то ки шумо ба Ӯ монанд шавед. Мо ба воситаи шиносоӣ бо Худо пок мегардем ва ягона роҳ ин рушд додани муносибатҳои наздик бо Рӯҳи Ӯ мебошад (ниг. 1 Қӯр. 2).

Одатан, вақте ки имондорон мехонанд, ки: «Дӯстӣ бо ҷаҳон душмани бо Худо аст», онҳо зуд худро аз одамони ҷаҳон дур мекунанд. Алабатта, дар ин ҷо ба ин маъно гуфта нашудааст. Чӣ тавр калисо ҷаҳонро ба даст меоварад, агар худро аз одамони ин ҷаҳон дур кунад? Мо ҳамчун калисо Исоро барои худ бояд намунаи ибрат созем. Ӯ бо боҷгирон, фоҳишагон, бо он шахсоне вақт мегузаронд, ки роҳбарони дин ба онҳо хунукназарона нигоҳ мекарданд. Ӯ ҳатто ба иди онҳо меомад, лекин ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, аз он шахсон бисёр фарқ мекард. Исо намунаи аҷоиби он буд, ки чӣ гуна дар ҷаҳон буда, аз ҷумлаи он ҷаҳон набошад. Дили Ӯ ба он шахсоне месӯхт, ки пешвоёни дин аз онҳо нафрат мекарданд. Барои чӣ Ӯ ба он одамон, ки «покизагон» аз онҳо нафрат мекарданд, бахшида шуда буд? Чунки Ӯ медонист, ки ин шахсон фурӯтан ва ташнаи чизҳои бузург мебошанд. Ӯ ба идҳои онҳо мерафт, на ба хотири он ки ба ҳаловатҳои онҳо шарик бошад, балки барои он ки ба онҳо роҳи наверо нишон диҳад.

Айни ҳамон хел мо даъват шудаем, ки ба назди шахсони ахлоқан бад ва шикастадилон биравем. Агар калисо дастҳо ва пойҳои Исо нашавад, он гоҳ кӣ мешавад? Мо ва танҳо мо бадани Ӯ ҳастем. Мо дар рӯи замин хизматгузорони Ӯ мебошем. Агар мо ҳақиқат ва нури Масеҳро ба ин олам нарасонем, ҳеҷ каси дигар ин корро нахоҳад кард.

**Рӯзи 3**

# ОҒОИ КАМГАП

Аз таҷрибаи ҳаёти худ бо Рӯҳи Муқаддас ман фаҳмидам, ки Ӯ оғо (джентльмен) мебошад. Ӯ ҳеҷ вақт иродаи Худро ба шумо маҷбур намекунад. Агар мо ба Ӯ наздик нашавем, он гоҳ Ӯ хомӯш мемонад.

Ҳоло ман зиёда аз бисту панҷ сол дар хизматгузорӣ буда, ба кишварҳои бисёри дунё сафар мекунам. Дар ин вақт ман як чизи умумиро дар рафтори ҳамаи ронандагоне, ки маро аз фурудгоҳ пешвоз мегиранд, пайхас кардам. Онҳо ҳамеша меҳрубон мебошанд ва бо ҳама чизе, ки метавонанд кӯмак мекунанд; онҳо ҳамеша ба ҳар ҷиҳати масъала, ки ба вақт ва ҷои ташрифу хидмати ман алоқамандӣ доранд, бодиққат мебошанд. Одатан,агар ман худам гапро оғоз накунам, ин ронандагон ҳангоми дар роҳ будан бо ман гап намезананд. Онҳо чунин рафтор мекунанд, чунки усқуфҳояшон ба онҳо гуфтаанд, ки дар роҳ бо ман гап назананд, ба он хотир ки шояд ба ман дар роҳ ба ҷаласа омодагӣ гирифтан даркор бошад. Дар тӯли ин солҳо ман бисёр ронандагони хубро, ки қалби омодаи хизмат доранд, вохӯрдаам ва барои онҳо Худовандро шукр мегӯям. Барои ҳамин ман қарор кардаам, ки ҳар ронандаро дар бораи оилааш ва хизматгузориаш дар калисо мепурсам. Агар ман сӯҳбатро оғоз накунам, мо тамоми роҳ хомӯш меравем.

Ман фикр мекунам, ки ин ҳолатро ба Рӯҳи Муқаддас шабоҳат додан мумкин аст. Агар мо гапро сар накунем ва овози Ӯро шунидан нахоҳем, Ӯ бо мо сӯҳбат намекунад. Дар хотир доред, ки Яъқуб гуфтааст: «Худо он вақт ба шумо наздик мешавад, агар шумо ба Худо наздик шавед». Мо масъулияти гузоштани қадами аввалро дорем. Мо бояд хоҳиши ин муносибатҳои аҷоиб бо Ӯ доштанро нишон диҳем. Бо дигар суханон, ба шумо пешниҳоди бузурге, ки аз ҳама пешниҳодҳо беҳтар аст, карда

шудааст. Акнун шумо бояд амал кунед.

Бисёр аз имондорон дар бораи ин ҳақиқат огоҳ нестанд. Барои ҳамин ман бисёр вақт чунин суханонро мешунавам: «Барои чӣ Худо бо ман сухан намеронад?» ё «Худо дар тӯли чандин сол бо ман сухан намеронад». Оё ин шахсон бо Худо толиби он муносибатҳое мебошанд, ки Китоби Муқаддас дар бораи он мегӯяд? Агар мо ба Худо наздик шудан хоҳем, мо бояд ба шинохтани Ӯ кӯшиш кунем. Ин маънои онро дорад, ки мо бояд бо Рӯҳи Ӯ дӯстӣ кунем.

Ман шуморо даъват мекунам, ки фаъолтар дӯстиро бо Рӯҳи Муқаддас биҷӯед. Он гоҳ шумо дар ҳайрат мемонед, ки Ӯ чӣ тавр ҷавоб медиҳад. Мисли бисёр ронандагони ман, новобаста аз он ки шумо гап мезанед ё не, Ӯ назди шумо мебошад, чунки Ӯ ваъда кардааст, ки ҳамеша бо шумо бошад ва ҳеҷ вақт шуморо тарк нахоҳад кард. (ниг. Ибр. 13:5). Лекин агар шумо ба Ӯ муроҷиат накунед, одатан Ӯ хомӯш мемонад ва шумо ҳеҷ вақт аз пуррагии ҳузури Ӯ дар ҳаёти худ ва ҳамаи некиҳое, ки аз муносибат бо Ӯ бармеояд, ҳаловат бурда наметавонед.

## УМҚҲОИ ИЛОҲӢ

Биёед, порчае аз Инҷили Юҳанно боби 16 мехонем:

> Боз бисёр чизҳои дигар дорам, ки ба шумо бигӯям, лекин шумо алҳол онҳоро наметавонед бардоред. Лекин Ӯ яъне Рӯҳи ростӣ ояд, шуморо ба тамоми ростӣ роҳнамоӣ хоҳад кард: зеро ки аз Худ нахоҳад гуфт, балки ҳар чи мешунавад, онро хоҳад гуфт, ва аз воқеоти оянда ба шумо хабар хоҳад дод. Ӯ Маро ҷалол хоҳад дод, чунки аз он чи аз они Ман аст, гирифта, ба шумо хабар хоҳад дод. Ҳар он чи Падар дорад, аз они Ман аст бинобар ин гуфтам: аз он чи аз они Ман аст, гирифта, ба шумо хабар хоҳад дод (Юҳанно 16:12-15).

Бо ин суханон Исо ба шогирдони Худ пеш аз маслуб

шуданаш муроҷиат кард; баъд аз якчанд лаҳзае, ки Исо ин суханонро гуфт, аз ҷониби аскарони Румӣ дастгир ва ба марг ҳукм карда шуд. Аз ин маълум мегардад, ки дар ҳаёти Ӯ ин даврае барои суханони муҳимтарин буд.

Ба суханони Исо диққат кунед, ки мегӯяд: «Боз бисёр чизҳое дигар дорам, ки ба шумо бигӯям, лекин шумо алҳол онҳоро наметавонед бардоред» (ояти 12). Барои ин шахсон Исо ҳама чиз буд. Онҳо якчанд сол бо Ӯ буданд. Ҳар яки аз онҳо оила, дӯстон, кору бори худро тарк карда, Ӯро пайравӣ карданд. Эҳтимолан, шогирдон фикр мекарданд: «Мо бояд чӣ кор кунем, ки тамоми тасвирро бубинем ва дарк кунем?» Он гоҳ Исо суханони беҳтаринро гуфта, ба онҳо ваъда медиҳад: «Лекин Ӯ, яъне Рӯҳи ростӣ ояд, шуморо ба тамоми ростӣ роҳнамоӣ хоҳад кард» (ояти 13). Бо дигар суханон: «Гарчӣ Ман бо шумо ҳастам (дар ҷисм), шумо дар он ҳолате нестед, ки ҳама чизро аз Ман қабул карда тавонед. Лекин Ман ба шумо Рӯҳи Муқаддасро мефиристам, Ӯ суханони Маро хоҳад гуфт, Ӯ иродаи Маро хоҳад ошкор хоҳад намуд ва шуморо ба чизҳои оянда омода хоҳад кард». Ин чӣ ваъдаи аҷибест! Суханони Исоро, ки ҳамон шом пештар аз ин гуфта буд, ба хотир биоваред:

> Лекин ба шумо рост мегӯям: рафтани Ман барои шумо беҳтар аст; зеро ки агар Ман наравам, Пуштибон назди шумо нахоҳад омад; ва агар биравам, Ӯро назди шумо мефиристам (Юҳ. 16:7).

Умедворам, ки ин суханон нури тозае мепошанд. Худо бо мо бозӣ карда, моро ба масъалаҳои мураккаб рӯ ба рӯ намекунад, балки баръакс. Ҳар яки мо хоҳони он ҳастем, то шахсоне, ки мо онҳоро дӯст медорем, моро наздиктар шиносанд. Айни ҳамон хел бо Худо мебошад. Ҳангоме ки Исо дар рӯи замин буд, Ӯ пурра мисли Падари Худ барои мардум дастрас буд. (ниг. Ибр. 1:1-3; Қӯл. 1:15-19). Лекин чӣ тавре ки ҳоло мо медонем, Исо дар осмон дар тарафи рости Падар нишастааст. Рӯҳи Муқаддас

ин Шахсияти Сегонаи Илоҳӣ аст, ки дар замин бо халқи Худо мебошад. Бинобар ин, барои дарк кардани умқи Худо мо бояд Рӯҳи Ӯ - Рӯҳи ростиро шиносем.

## ТУМОИ ШУБҲАКУНАНДА

Баъд аз он ки Исо дубора зинда шуд, даҳ шогирди Ӯ дар як утоқ дарро баста, нишаста буданд. Ва ногаҳон Худованд зоҳир шуд; шогирдон музтариб ва дар ҳайрат буданд. Ба Исо ҳатто лозим шуд, ки онҳоро бовар кунонад, ки Ӯ арвоҳ нест. Ҳамаи ин даҳ шогирд дар бораи дубора зинда шудани Ӯ хурсанд шуда, баъд ба Тумо нақл карданд, чунки вақти зоҳир шудани Исо Тумо дар он ҷо набуд. Ин хабарро шунида, Тумо чунин суханонро гуфт: «То дар дастҳои Ӯ ҷои меххоро набинам, ва ангушти худро дар ҷои меххо нагузорам, ва дасти худро бар қабурғаи Ӯ нанихам, бовар нахоҳам кард» (Юҳ. 20:25).

Баъд якчанд рӯз ҳамаи ёздаҳ нафар шогирдон якҷоя дар як утоқ ҷамъ шуда буданд ва ногоҳон боз Исо зоҳир шуд. Пеш аз он ки Ӯ сухане гӯяд ё амал бикунад, Ӯ рост ба Тумо мурочиат кард, мисли он ки мегуфт: «Тумо, биё, мо мушкилоти беимонии туро ҳал мекунем». Ӯ гуфт: «Ангушти худро ба ин ҷо биёр ва дастҳои Маро бубин; ва дасти худро биёр ва бар қабурғаи Ман бигузор; ва беимон набош, балки имон дошта бош» (Юҳ. 20:27). Тумо дар ҷавоб Ӯ гуфт: «Эй Худованди ман ва эй Худои ман!» Акнун ба ҷавоби Исо назар кунед: «Ба хотири он ки Маро дидаӣ, имон овардӣ: хушо касоне, ки надида имон меоваранд» (Юҳ. 20:29).

Дар асл Исо мегӯяд: «Тумои азиз, одамони пурбаракат онҳое ҳастанд, ки надида имон меоваранд». Пештар ман фикр мекардам, ки Исо бо Тумо дағалона рафтор кард. Ин ҷавон тавба карда, назди пойҳои Ӯ афтод; аён аст, ки ӯ аз суханони худ пушаймон шудааст. Лекин Исо ба ӯ назар карда мегӯяд: «Хушо он касоне, ки надида имон меоваранд». Ман фаҳмида наметавонистам, ки чаро Исо ба Тумо ин қадар дағалона ҷавоб

дод. Сипас боре Худованд ба ман гуфт: «Ман Туморо сарзаниш накардам, балки ҳақиқатро гуфтам. Мо ба он касоне, ки Маро ба тариқи Рӯҳ мешиносанд, наздиктар ҳастем, назар ба он касоне, ки Маро ба тариқи ҷисм мешинохтанд».

## Рӯзи 4

# СЕ САТҲИ МУНОСИБАТ

Инак, вақте ки Исо ин суханонро ба Тумо мегуфт, чиро дар назар дошт? Барои ба ин савол ҷавоб додан, иҷозат диҳед, то фаҳмонида диҳам, ки чаро назар ба чизҳои дидашаванда мо бо имон бештар муносибатҳои амиқтарро муваффақ мегардем.

Се сатҳи муносибат мавҷуд мебошад: ҷисмонӣ, равонӣ (ақл, ирода, эҳсосот) ва рӯҳонӣ. Аз ҳама сатҳи поёнтарин (аз ҳама рӯякӣ) ин табиӣ ё ҷисмонӣ мебошад. Бисёр муносибатҳои ошиқона аз чунин фикрҳо оғоз меёбанд: ӯ хеле зебо аст, шояд мо аз наздик шинос шавем. Афсӯс, ки баъд аз издивоҷ низ бисёр ҷуфтҳо дар ин сатҳи муносибатҳо мемонанд. Онҳо фикр мекунанд, ки метавонанд нофаҳмиҳои майда-чуйда ва норасогии муносибатро нодида гиранд. Онҳо хеле кам умумияте доранд, онҳо танҳо майлу ҳаваси ҷисмонӣ ба якдигар доранд. Дар ин ҳолат сатҳи равонӣ рушд пайдо карда наметавонад. Суруди ботантанаи тӯй ҳам ба охир мерасад, асалмоҳ ҳам мегузарад ва ҳаёт оғоз меёбад. Дар ин вақт ҷуфти нав бояд бидонад, ки онҳо бояд ба сатҳи дигари муносибатҳо гузаранд, дар акси ҳол ҳаёти оилавии онҳо оқибати нохуше пайдо хоҳад кард. Агар онҳо якдигарро ба муносибатҳои амиқтар набахшанд, он гоҳ зан шавқи худро дар сӯҳбати дугонаҳояш меёбад ва мард бошад бо дӯстони худ вақт мегузаронад. Ва ҳаёти якҷояи онҳо берангу бемаънӣ мегардад. Худо дар оила чунин муносибатҳоро ба нақша нагирифтааст.

Инчунин сатҳи равонии муносибатҳо ё муносибатҳои хислатҳо низ вуҷуд дорад. Масалан, муносибати Довуд ва Йӯнотон: «... ҷони Йӯнотон ва ҷони Довуд пайваста шуд, ва Йӯнотон ӯро мисли ҷони худ дӯст дошт» (1 Под. 18:1). Ҳангоме ки Йӯнотон ҳалок шуд Довуд барои ӯ мотам гирифт: «Ман барои ту андӯҳгинам, эй бародарам Йӯнотон! Ту ба ман бағоят меҳрубон будӣ; муҳаббати ту барои ман пурзӯртар аз муҳаббати занон буд» (1 Под. 1:26). Дар ин ҷо Довуд дар бораи муносибатҳои фосиқонаи ҷисмонии байни мард ва мард намегӯяд. Байни онҳо алоқаи ҷисмонӣ набуд. Алоқаи онҳо дар сатҳи равонӣ буда, аз ҳар гуна алоқаи ҷисмонӣ онҳо озод буданд. Муносибатҳои онҳо аз муносибатҳои ҷисмонии байни марду зан дида амиқтар буданд ( Довуд «муҳаббати занон» гуфта, ана ҳаминро дар назар дошт).

Сатҳи равонӣ ин ҳамон сатҳест, ки бояд оилаҳо дар он бино гарданд. Маро нодуруст нафаҳмед, ҷиҳати ҷисмонии муносибатҳо низ муҳим мебошад. Ман ба сӯи занам бисёр ҷалб мегардам, барои ман ӯ аз ҳама зани зеботарин дар ҷаҳон мебошад. Лекин байни мард ва зан бояд муносибатҳои амиқтаре бошад. Гап дар он аст, ки зебогии ботинии Лиза аз зебогии зоҳирии ӯ маро бештар ҷалб мекунад.

Мутассифона, ман бисёр ҳодисаҳоро дар бораи мардон ва занон шунидаам, ки онҳо ба хотири шахсе, ки ба воситаи интернет шинос шудаанд, аз ҳамсарони худ ҷудо шудаанд. Якчанд сол пештар ман дар калисое мавъиза мекардам; баъд аз ҷаласа як марде назди ман омад. Ҳамроҳи ӯ шаш фарзандаш буд, дутояш дар дасташ буданд, дутояш аз пояш маҳкам мегирифтанд ва дутои дигараш дар гирду атрофаш медавиданд. Азбаски дар чеҳраи ӯ нишонае аз хурсандӣ дида намешуд, ман аз ӯ ҳолашро пурсидам. Ӯ дар ҷавоб гуфт: «Ҳолам хуб нест. Имрӯз занам ба хотири марде, ки дар интернет шинос шуд, маро бо шаш фарзандам тарк карда рафт». Муносибатҳои «равонӣ»-и вай бо он мард то ба дараҷае рафта расид, ки ӯ баъд аз солҳои зиёди издивоҷ шавҳари худро тарк карда рафт. Муносибатҳои

онҳо дар сатҳи равонӣ он қадар сахт шуданд, ки аз болои эҳсоси табиии бо фарзандон будан ва ғамхорӣ кардан ба онҳо ғолиб омаданд.

Сатҳи равонии муносибатҳо одатан алоқаи ҷисмониро талаб намекунад ё кам дар кам талаб мекунад. Ана барои ҳамин муносибати ду нафаре, ки дар масофаи дур оғоз меёбад дар охир ба оилаи мустаҳкам табдил мегардад. Ба инкишофи муносибатҳои ҷисмонӣ имконият надошта, ҷуфт тамоми диққати худро ба рушди муносибатҳои равонӣ ҷалб мекунад.

## АЗ ҲАМА САТҲИ БАЛАНДТАРИНИ МУНОСИБАТҲО

Аз ҳама баландтарин ё амиқтарин сатҳи муносибатҳо ин рӯҳонӣ мебошад. Ин ҳамон сатҳест, ки Исо ба Тумо гуфта буд. Павлус боре гуфт: «Зеро кист аз одамон, ки ботини инсонро бидонад, ба ҷуз рӯҳи инсон ки дар ӯст?» (1 Қӯр. 2:11). Бо дигар суханон, то он даме ки шумо ҳамоҳанги рӯҳи инсон нагардед, афкор ва мақсаду мароми инсонро дарк намекунед.

Чӣ тавре ки ман гуфта гузаштам, якчанд вақт пештар мо бо Лиза сисолагии никоҳи худро ҷашн гирифтем. Аз ҳама бештар ман он лаҳза хушам меояд, ки мо назди ҳавз нишаста, дар бораи Худо гап мезадем. Мо ҳатто дар вақти сӯҳбат дар мавзӯи ҳамин китоб бисёр гуфтугӯ кардем. Ман дар бораи он чизе, ки Худо ба дилам гузоштааст, ба ӯ нақл мекардам, ӯ бошад бо ҳикмат ва маърифат ҷавоб медод ва дар натиҷаи он Рӯҳ боз дигар чизҳоро ба ман ошкор кард. Ба хотири он ки ҳардуи мо муносибатҳои амиқе бо Рӯҳ дорем, мо дар сатҳи баланди рӯҳонӣ муносибат карда метавонем.

Ин боз яке аз сабабҳоест, ки мо бо Лиза якҷоя дуо мекунем. Дуо моро дар рӯҳ пайваст мекунад, чунки мо бо якдигар дар бораи корҳои Рӯҳ сӯҳбат мекунем ва аз ҳамин сабаб ҳам мо ба хизматгузорони ташкилоти Messenger International як қоидае таъин кардем, ки ҳар рӯз пеш аз оғози кор понздаҳ дақиқа дуои якҷоя дошта бошанд. Мо чунин рафтор мекунем, то ки дастаи

мо дар рӯҳ ягона бошанд. Бисёр аҷиб аст мушоҳида кардани он, ки дуо байни кормандони ташкилот тағйиротҳоро ба вуҷуд овард. Айни ҳамон хел дар ҳар гуна муносибатҳо мебошад: Мутолиаи Калом ва дуои якҷоя муносибатҳои амиқ ва наздикро байни одамон барпо мекунад, чунки ин алоқаи рӯҳонӣ мебошад. Байни мубоҳисаҳои ақлонӣ дар мавзӯи рӯҳонӣ ва муносибати аслии рӯҳонӣ фарқияте мавҷуд мебошад. Баъзан одамон ба ман дар бораи Китоби Муқаддас сухан меронанд ва ман мефаҳмам, ки ин танҳо маълумот асту халос. Аз куҷо ман инро мефаҳмам? Чунки аз суханони онҳо ақли ман зуд хаста мегардад. Онҳо аз ақл сухан меронанд, на аз рӯҳ. Баъзеи дигарон ҳастанд, ки дар бораи чизҳои рӯҳонӣ аз рӯҳи худ гап мезананд. Ман бо ин шахсон соатҳои бисёр сӯҳбат карда, хастагиро эҳсос намекунам, чунки мо дар сатҳи рӯҳонӣ пайваст мешавем.

## Рӯзи 5

# ШИНОХТАНИ ХУДО БА ВОСИТАИ РӮҲИ Ӯ

Биёед, ҳоло оятеро аз Номаи Аввал ба Қӯринтиён пурра мехонем:

> «Зеро кист аз одамон, ки ботини инсонро бидонад, ба ҷуз рӯҳи инсон, ки дар ӯст? Ҳамчунин он чиро, ки дар фикри Худо ҳаст, ҳеҷ кас намедонад, ба ҷуз Рӯҳи Худо» (1 Қӯр. 2:11, NASB).

Калимаи юнонӣ, ки дар ин ҷо «фикр» тарҷума шудааст, дар асл маънои «ҳастӣ ё тарзи фикррронӣ»-ро дорад. Павлус дар асл мегӯяд, ки бидуни ошноӣ бо Рӯҳи Худо, донистани «тарзи фикррронӣ»-и (яъне умқи дили Ӯ) Худо имконнопазир мебошад. Дар зери мафҳуми «донистан» ман дарк карданро, ки аз дониши рӯякӣ фарқ дошта, он бе зӯр задан ё бо кӯшиши каме ба даст оварда мешавад, дар назар дорам. Ҳар як нафар дар ИМА президенти кишварро мешиносанд, лекин аксари онҳо бо Ӯ муносибати шахсӣ надоранд. Мо аз асрори дили огоҳ нестем

ва намедонем, ки чӣ гуна фикрҳо дар сари ӯст ва дар асл ӯ ба чӣ бовар мекунад. Айни ҳамон тавр агар мо Худоро ба воситаи Рӯҳи Ӯ нашиносем, мо дар бораи Худо бештар аз «донишҳои оммавӣ» чизе нахоҳем донист. Павлус дар идома мегӯяд: «Лекин мо на Рӯҳи ин ҷаҳонро, балки Рӯҳеро қабул кардем, ки аз Худост, то он чиро, ки аз Худо ба мо ато кардааст, бидонем» (1 Қӯр. 2:12). Чӣ қадар суханони аҷоиб. Ҳеҷ кас дар бораи фикрҳои Худо намедонад, ба ҷуз Рӯҳи Худо (ояти 11), аммо Ӯ ин Рӯҳро ба мо ато кардааст! Ба воситаи муносибат бо Рӯҳи Худо мо дар сатҳи рӯҳонӣ, ки аз ҳама дараҷаҳои муносибат баландтарин мебошад, ба Холиқи худ наздикӣ дошта метавонем.

Павлус бо Рӯҳ дар ин сатҳ буд. Новобаста аз он ки ӯ ба тариқи ҷисмонӣ бо Исо наздик набуд, ӯ гуфт: «Ба шумо, эй бародарон, эълон мекунам: Инҷиле, ки ман башорат додаам, аз они одамизод нест; Зеро ки ман онро на аз одамизод қабул кардаам ва таълим гирифтаам, балки ба василаи ваҳйи Исои Масеҳ» (Ғал. 1:11, 12). Чӣ тавр Павлус аз Исои Масеҳ ваҳй гирифт? Павлус возеҳ мегӯяд, ки ваҳй на аз ҷониби инсон ба ӯ ато шудааст. Агар ин аз ҷониби инсон набошад ва ӯ ҳангоми зиндагии ҷисмониаш ҳамроҳи Исо набуд, пас маълум мешавад, ки ӯ ин ваҳйро аз ҷониби Рӯҳи Масеҳ (Рӯҳи Муқаддас) гирифтааст.

Оё ин имкон дорад, ки Павлус ҳеҷ вақт дар рӯи замин якҷоя бо Наҷотдиҳанда ҳамроҳ набуда, чунин муносибатҳои амиқро бо Ӯ рушд дод? Петрус, ки бо Исо ба тариқи ҷисмонӣ мулоқот дошт, дар охири умри худ чунин суханонро навиштааст: «...Бародари маҳбуби мо Павлус низ, аз рӯи ҳикмате ки ба ӯ ато шудааст, ба шумо навиштааст. Ва ҳамчунин дар ҳамаи номаҳои худ ӯ дар ин бора сухан меронад, ки дар онҳо кадом як чизи душворфаҳме ҳаст» (2 Пет. 3:15, 16). Петрус аз ҷумлаи шахсоне буд, ки дар тӯли чандин сол бо Исо рӯ ба рӯ мулоқот мекард. Ҳангоме ки Исо болои кӯҳ ҷалол ёфт, ӯ он ҷо ҳузур дошт. Ӯ шоҳиди маслуб шудани Масеҳ буд ва баъд аз дубора зинда шудан Исо бо Ӯ мулоқот дошт. Лекин ба ҳар ҳол ин шогирде, ки ҳаловати муносибати наздикро бо Исо чашида буд, ҳангоме ки ӯ дар рӯи замин буд, гуфт, ки

ваҳйи Павлус, ки аз ҷониб Рӯҳ аст, «душворфаҳм» мебошад. Шахсан ман фикр мекунам, ки ин нишонаи он аст, ки Павлус нисбат ба Петрус муносибатҳои амиқтар бо Исо дошт.

Новобаста аз он ки Павлус дар ҳаёти ҷисмонӣ бо Исо вонахӯрд, аз рӯи илҳоми Рӯҳ Ӯ қисми бисёри Аҳди Ҷадидро навишт. Ин чӣ тавр имконпазир буд? Чунки маҳз Рӯҳ пурра Исоро ошкор мекунад. Суханони Худовандро дар хотир биоваред: «Боз бисёр чизҳои дигар дорам, ки ба шумо бигӯям, лекин шумо алҳол онҳоро наметавонед бардоред. Лекин Ӯ, яъне Рӯҳи ростӣ ояд, шуморо ба тамоми ростӣ роҳнамоӣ хоҳад кард (ба шумо кушоиши пурра медиҳад)» (Юҳ. 16:12, 13). Павлус дар асоси муносибатҳои ҷисмонӣ бо Исо имконияти бино кардани имони худро надошт, чунки ӯ дорои чунин таҷриба набуд. Аз ҳамин сабаб ӯро зарур шуд, ки ба дигар тариқ имон биоварад ва ваҳй бигирад. Дар асл, ӯ аз ҳар гуна муносибатҳои ҷисмонӣ маҳрум буд, ки онҳо метавонистанд барои қабул кардан аз ҷониби Рӯҳ монеъ гарданд. Ана ҳаминро Исо дар назар дошт, ҳангоме ки ба Тумо муроҷиат кард. Азбаски Павлус бо Исо мулоқоти ҷисмонӣ, ки ба он такя карда метавонист, надошт, ӯ пурра ба муносибатҳои рӯҳонии худ бо Устод таваккал мекард. Ӯ дигар интихобе надошт.

Мо низ мисли Павлус бидуни ҳар гуна монеаҳо, ки аз мулоқоти ҷисмонӣ бармеоянд, Масеҳро пайравӣ карда метавонем. Ҳақиқати аҷоиб дар он аст, ки ҳоло мо Исоро надида, ба Ӯ хеле бештар наздиктар шуда метавонем, назар ба он ки агар мо Ӯро дида бошем. Аз имконияти мулоқоти ҷисмонӣ маҳрум буда, мо маҷбур шудаем, ба воситаи Рӯҳи Масеҳ, ки дар дохили мо аст, бо Ӯ мулоқот карда, бо чунин тарз муносибатҳои амиқи рӯҳонӣ бо Худо барпо намоем. Ин мӯъҷиза аст!

## ДАР САТҲИ БАЛАНД БО Ӯ БУДАН

Худо медонад, ки ҷисми инсон (ҳоло) наҷот наёфтааст. Рӯҳи инсон наҷот ёфтааст ва он шабоҳати Исоро дорад. (ниг. Юҳ. 4:17). Ҷон дар ҷараёни наҷот ёфтан мебошад (ниг. Яъқуб 1:21).

Лекин бадани ҷисмонӣ то ҳол наҷот наёфтааст.

Оё шумо пайхас кардаед, ки мо чӣ қадар зуд аз ҳама чиз хаста мешавем? Баъзе шахсон мошини нав мехаранд ва баъд аз як ҳафта хабари харидани мошини нав кӯҳна мешавад. Чунин аст табиати ҷисме, ки наҷот наёфтааст. Сатҳи ҷисмонӣ умқ надорад, он умри кӯтоҳ дорад ва зуд аз байн меравад. Барои ҳамин Худо дар некии Худ гуфтааст: «Ман ба таври ҷисмонӣ Худро барои халқам ошкор намекунам. Ман ба онҳо имконияти бо Рӯҳи Худ мулоқот доштанро медиҳам, то ки онҳо дар асл Маро шиносанд». Ё ки Худо чунин мегӯяд: «Бо азизони Худ Ман чунин муносибат хоҳам дошт, ки масофаи дур дорад, то ки онҳо дар асл қалби Маро бидонанд».

Ҳамчун калисо мо арӯси Масеҳ мебошем. Худо моро ба муносибатҳои аҷоибе, ки дар издивоҷ мебошад, тайёр мекунад. Ӯ ба мо иҷозат медиҳад, ки мо дар сатҳи баландтарин (рӯҳонӣ) Ӯро бидонем, пештар аз он ки мо дар сатҳи ҷисмонӣ Ӯро бишносем. Ана барои ҳамин Павлус навиштааст: «Бинобар ин мо ҳеҷ касро ба ҳасби ҷисм намешиносем. Ва агар Масеҳро ба ҳасби ҷисм шинохта бошем, алҳол дигар намешиносем» (2 Қӯр. 5:16). Мо Ӯро тибқи Рӯҳ медонем, тибқи Рӯҳи Худои зинда. Вақте буд, ки Масеҳ дар рӯи замин дар ҷисм зоҳир шуд. Лекин ҳоло, ки Ӯ дар рӯи замин дар бадани ҷисмонӣ намебошад, мо имконияти шинохтани Рӯҳи Ӯро дорем.

Агар мо ба муносибат бо Рӯҳ хунукназарона нигоҳ кунем, ин маънои онро дорад, ки мо худро аз имконияти шинохтани Писар маҳрум месозем. Рӯҳ тамоми умқи дил ва фикри Худоро таҳқиқ карда, Исоро ба мо ошкор мекунад. Агар шумо муносибатҳои амиқ бо Худо доштан мехоҳед, шумо бояд аз ҳудуди донишҳои рӯякӣ дар бораи Худо берун баромада ва сайёҳати Худро оғоз кунед, ки Ӯро дар нури ҳақиқӣ ошкор мекунад. Ин сайругашт танҳо ба воситаи муносибат бо Рӯҳи Муқаддас имкон дорад. Ана барои ҳамин дар муносибат бо Рӯҳи Муқаддас мо ба анъанҳои (тарзи одатии фикронӣ) худ, ки ба каломи абадии Худо асос наёфтаанд, такя карда наметавонем. Агар мо ба

нофаҳмиҳо, фикронии шахсӣ ва таҷрибаи манфии худ роҳ бидиҳем, ки онҳо қобилияти таъғир додани тасаввурот дар бораи Рӯҳи Муқаддасро доранд, он гоҳ мо бо пуррагии ҷалол ва ҳузури Худо дар ҳаёти худ ҳаловат бурда наметавонем. Мо Худоро дар алоҳидагӣ бидуни Рӯҳи Ӯ шинохта наметавонем.

Ман имон дорам, ки агар мо хоҳиши Рӯҳро бихоҳем ва он чиро, ки Ӯ эҳсос мекунад, эҳсос кунем, он гоҳ бо Ӯ муносибат дошта метавонем. Ба шумо сатҳи амиқи муносибат, яъне сатҳи рӯҳонӣ дастрас мебошад. Дар он шумо наздикиро бо Холиқи худ бештар аз дигарон эҳсос мекунед. Агар шумо муносибати наздик бо Ӯ доштан мехоҳед, он гоҳ шумо бояд ба шинохтани Рӯҳ кӯшиш намоед. Чӣ тавр Ӯро шинохтан мумкин аст? Ба воситаи мутолиаи (хондан ва фикр кардан) Каломи Худо ва гузаронидани вақт дар ҳузури Ӯ. Худо мехоҳад ба шумо наздик бошад, шумо танҳо бояд қадами аввал ба сӯи Ӯ гузоред.

Аз болои ин оятҳои дар зер овардашудаи Навиштаҷот фикр ронед ва бигзор Рӯҳи Муқаддас дар қалби шумо кор кунад. Ҳангоме ки ба Худо муроҷиат мекунед аз Ӯ хоҳиш кунед, ки пардаро аз фикри шумо дур кунад, то ки ба аз сар гузаронидани ҳузури Ӯ ҳеҷ монеае набошад. Ҳамон лаҳзае ки ин парда бардошта мешавад, шумо зебогии Ӯро мисли пештар, ки надида будед, мушоҳида хоҳед кард. Дар ҳамон вақте ки шумо ба рӯи Ӯ назар мекунед ( вақти босифат бо Ӯ ҳамчун бо дӯсти наздики худ мегузаронед), Ӯ шуморо ба шабоҳати Худ табдил медиҳад. Шуморо бо суханони расул Павлус мегузорам:

> Аммо вақте, ки ба Худованд рӯ меоварданд, парда бардошта мешавад. Худованд Рӯҳ аст, ва ҳар куҷо Рӯҳи Худованд аст, он ҷо озодист. Аммо ҳамаи мо, бо рӯи кушода, мисли он ки дар оина бошад, ба ҷалоли Худованд нигариста, ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол табдил меёбем, ва ин аз Худованд, яъне аз Рӯҳ аст (2 Қӯр. 3:16-18).

# ӮРО ҲАМЧУН УСТОДИ ХУД БИПАЗИРЕД

*Валекин тадҳине, ки шумо аз Ӯ ёфтаед, дар шумо сокин аст, ва шумо эҳтиёҷе надоред, ки касе шуморо таълим диҳад; аммо азбаски тадҳини Ӯ ба шумо ҳар чизро таълим медиҳад, ва он рост аст ва дурӯғ нест, ва ҳамон тавр, ки шуморо таълим додааст, дар Ӯ бимонед.*

–1 Юҳанно 2:27

Дар ҳаёти мо Рӯҳи Муқаддас нақши муҳим мебозад ва аз ҳама асоситаринаш Ӯ Устоди мо мебошад. Ӯ доимо моро ба ягон чиз таълим медиҳад. Ӯ ҳидоятгари комилест, ки доимо дар мо сокин мебошад. Ӯ Он Касест, ки моро роҳнамоӣ мекунад ва дар муҳаббат ислоҳ менамояд.

Навиштаҷот ин китоби Рӯҳ мебошад, ки новобаста аз вақту замон вуҷуд дорад. Дар Каломи Худо фикрҳои Ӯ ҷой гирифтаанд. Барои фикрҳои Ӯро дарк кардан, мисли Ӯ сухан рондан, мисли Ӯ амал кардан, ба мо Каломи Ӯ лозим аст, ки мо онро фаҳмида тавонем. Ин кори Устоди мо мебошад: моро дар ҳақиқат роҳнамоӣ мекунад, таълим медиҳад ва ҳангоми зарурат Ӯ ба мо Навиштаҷотро ошкор мекунад. Муаллиф ва усқуф Френсис Френгипейн чунин суханони зеборо гуфтааст.

> «Каломи Худо, дар ягонагӣ бо Рӯҳи Муқаддас , он чизе мебошад, ки мо ба воситаи он ба шабоҳати Масеҳ дигаргун мешавем... Калом Худо аст. На Навиштаҷот Худо аст, лекин Рӯҳ, ки дар байни он калимаҳо илҳом ёфтааст. Ва ин Рӯҳи Муқаддасро мо бояд ҳамчун Худо парастиш кунем. Барои ҳамин вақте ки шумо Худовандро меҷӯед... дуо кунед, то шумо на бо фикри худ мутолиа кунед, балки аз Рӯҳи Муқаддас хоҳиш кунед, ки ба воситаи калом ба қалби шумо гап занад... ҳангоме ки дар фурӯтанӣ назди Худо зону мезанед,

> Калом дар ҷони шумо ҷой гирифта, қисми табиати дохилии шумо мегардад (ниг. Яъқуб 1:21)» (эзоҳ-1).

Бозистода аз худ савол кунед: «Ман чӣ тавр Каломи Худоро қабул мекунам? Оё ман Устодро даъват мекунам, ки маро таълим диҳад? Оё ман Каломро мехонам, оё ман қабул мекунам?» Акнун аз Рӯҳ бипурсед: «Чиро ман дигаргун карда метавонам, то ки Каломи Худо зинда шуда, қисми табиати дохилии ман гардад?» Ҳамаи он чиро, ки Ӯ ошкор мекунад, бинависед ва баъд дар амал онро истифода кунед.

____________________________________________

____________________________________________

____________________________________________

____________________________________________

Оё Рӯҳи Муқаддас танҳо дар вақти дуо ва мутолиаи Калом моро таълим дода метавонад? Не. Ӯ доимо таълим медиҳад ва агар шумо бо ӯ дар як мавҷ бошед, он гоҳ шумо ҳар лаҳза аз Ӯ дарс гирифта метавонед. Френгинпейн чунин маслиҳат медиҳад:

> «...Ҳамеша бо худ қоғазу қалам бигиред... Мо даъват шудаем, ки дар Ӯ бошем, на ин ки гоҳ-гоҳ Ӯро хабар бигирем... Шумо бояд ҳисси шунавоии худро рушд диҳед, то ки Рӯҳро бишнавед; дар ҳар ҷо ва ҳар вақте, ки Ӯ сухан бигӯяд, Ӯро эҳтиром ва қадр кунед ва Ӯ шуморо ташриф хоҳад овард» (эзоҳ-2).

Ҳама чиз аз инсон вобаста аст. Бо ҳама воситаҳо ва техноголияҳои ба шумо роҳат истифода баред. Аз ҳама муҳимаш шунидан ва ба хотир нигоҳ доштани он чизҳоест, ки Ӯ ба шумо мегӯяд.

Дар бораи ин оятҳо бо диққат фикр ронед. Рӯҳ дар бораи калом ба ҳаёти шумо чӣ ошкор мекунад?

**2 Тимотиюс 3:16,17; 2 Петрус 1:12-21**

**Такрори шариат 6:6; 11:18; Забур 118:9-11; Қӯлассиён 3:16**

**Забур 18:9; 118:105,130; Масалҳо 4:20-23; 6:20-23**

**Ибриён 4:12; Яъқуб 1:21; Ирмиё 23:28, 29**

*Маро бихон ва Ман туро иҷобат хоҳам намуд, ва ба ту чизҳои бузург ва ниҳониеро, ки намедонӣ, баён хоҳам кард.*

–Ирмиё 33:3, The Message

# ВАФОДОРИИ ХУДРО БА Ӯ ҲАМЧУН БА ХУДОВАНД ИЗҲОР КУНЕД

*Исо ба вай ҷавоб дод: Аввалин аҳком ин аст:... Худованд Худои мо Худованди ягона аст; Ва Худованд Худои худро бо тамоми дили ту ва бо тамоми ҷони ту ва бо тамоми ҳуши ту ва бо тамоми қуввати ту дӯст бидор; аввалин аҳком ҳамин аст!*

–Марқӯс 12:29, 30

Худованд, ки Рӯҳ аст, ошиқи сахти мо мебошад ва мехоҳад, ки мо низ ба Ӯ муҳаббати самимӣ дошта бошем. Ӯ намехоҳад, ки мо сӯи ин олам равона бошем. Ӯ мефармояд:

> Ҷаҳонро дӯст надоред, на он чиро, ки дар ҷаҳон аст: касе ки ҷаҳонро дӯст медорад, дар вай муҳаббати Падар нест; Зеро ҳар чи дар ҷаҳон аст шаҳвати ҷисм, ҳаваси чашмон ва ғурури зиндагонӣ аз Падар нест, балки аз ин ҷаҳон аст. Ва ҷаҳон бо ҳавасҳояш гузарон аст, аммо касе ки иродаи Худоро ба ҷо меоварад, то абад боқист.
>
> –1 Юҳанно 2:15-17, The Message

Инчунин ин ҷойҳои навиштаҷот, ки ба ҳамин мавзӯъ наздик аст, бихонед: Матто 16:24-26; Тит. 2:12-14; Яъқуб 4:4-6; Юҳ. 15:18-21; Рум. 12:2.

ҶОНИ ШУМО БА ЧӢ ДОДА ШУДААСТ? Ба саволҳои зерин ростқавлона ҷавоб диҳед:

Кӣ ё чӣ қисми бештари вақт ва диққати маро ба худ мегирад? Вақти холигии худро ман чӣ тавр мегузаронам?

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

Кӣ ва ё чӣ ба ман хурсандӣ меоварад? Оё технологияҳои ҳозиразамон ва чизҳои дар муд (мода) буда ҷои худро дар зиндагии ман доранд?

Ман маблағи худро барои чӣ сарф мекунам?

Ақли ман бо кадом фикрҳо банд аст? Одатан дар бораи чӣ ман сухан меронам? Дар дуоҳои ман одатан кадом мавзӯъ баён мешавад?

Суханони мо тобеияти моро нишон медиҳад. Исо гуфтааст, ки даҳон аз пурии дил сухан меронад (ниг. Луқо 6:45)

Боз ба ҷавобҳои худ назар кунед. Аз Рӯҳи Муқаддас бипурсед: «Оё барои аз нав дида баромадани афзалиятҳои худ Ту ба ман зарур ҳастӣ? Оё дар ҳаёти ман бутҳо пайдо шудаанд? Оё дар ҳаёти ман чизе ҳаст, ки бо он ман бештар аз Ту алоқа дорам?»

Ӯ чӣ мегӯяд? Барои вафодории худро аз нав исбот кардан кадом қадамҳоро Ӯ ба шумо пешкаш мекунад?

Дар бораи Навиштаҳо аз Инҷили Матто (6:19-21) ва Қӯлассиён 3:1-17 фикр ронед. Барои навиштани дуои содиқона онҳоро истифода кунед ва аз Рӯҳи Муқаддас хоҳиш кунед, ки шуморо ба Худованд Худои шумо садоқатманд нигоҳ дорад.

# БО МУРУРИ ЗАМОН АЗ ФАЙЗИ Ӯ ПУР ШУДАН

*Аммо ҳамаи мо, бо рӯи кушода, мисли он ки дар оина бошад, ба ҷалоли Худованд нигариста, ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол табдил меёбем, ва ин аз Худованд, яъне аз Рӯҳ аст.*

–2 Қӯринтиён 3:18, The Message

Пеш аз маслуб гардиданаш Исо дар бораи Рӯҳи Муқаддас суханони асосиро гуфт: «Боз бисёр чизҳои гуфтанӣ дорам, лекин шумо ҳоло намефаҳмед. Ҳангоме ки Дӯсти шумо – Рӯҳи ростӣ меояд, он гоҳ Ӯ шуморо аз дастатон гирифта сӯи ростӣ равона мекунад...» (Юҳ. 16: 12, 13, The Message).

Исо донандаи ҳама чиз буда, ба шогирдони худ боз бисёр чизҳоро гуфта метавонист, лекин Ӯ медонист, ки онҳо ҳама чизро он вакт дарк карда наметавонистанд. Барои рушди онҳо вакт лозим буд. Ҳангоме ки Ӯ ҷон дод ва баъд дубора зинда шуд ва ба ба осмон сууд кард, он гоҳ Падар Рӯҳи Муқаддасро фиристод, то ки онҳо бо мурури замон дар файзи Ӯ рушд кунанд.

Оё падару модари солим аз кӯдаки навзоди худ донистани ҷадвали зарбро талаб карда метавонанд? Ё аз кӯдаки худ супоридани андозро талаб мекунанд? Не. Айни ҳамон тавр Рӯҳи Муқаддас мунтазири он аст, ки мо ба воя бирасем, то ҳақиқатро, ки Ӯ ба мо ошкор мекунад, дарк кунем. Ӯ моро бо тамоми ростӣ на танҳо аз рӯи Навиштаҳо таълим медиҳад, балки дар бораи ростӣ роҷеъ ба худи мо, фарзандони мо, саломатиамон, шароитҳо ва ғайраҳо низ таълим медиҳад.

Мутобиқи Каломи Худо мо аз як сатҳи имон ва ҷалол ба сатҳи дигар рушд мекунем (монади Исо мешавем) (эзоҳ-3). Дар ин ҷараён мо қисми худро анҷом медиҳем ва Рӯҳ қисми Худро.

Дар бораи ин ҷойҳои Навиштаҷот фикр кунед. Филиппиён 1:6; 2:12, 13; 1 Таслӯникиён 5:23, 24 ва Ибриён 13:20, 21. Дар ин оятҳо Рӯҳи Муқаддас дар бораи рушд дар Масеҳ ба шумо чиро ошкор мекунад? Оё шумо мавзӯи такроршавандаро мушоҳида мекунед?

______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________

Аз ҳама воизи машҳури Инглистон Чарлз Сперҷен, ки дар охирҳои асри нуздаҳ зиндагӣ кардааст, дар бораи мавзӯъҳои гуногун, аз ҷумла дар бораи кори Рӯҳи Муқаддас ва рушди рӯҳонӣ хеле зиёд навиштааст. Ӯ чунин гуфтааст:

> «Мо ба Исо имон дорем, ба хотир он ки худамон он корҳоро анҷом дода наметавонем. Агар ин дар тавоноии мо мебуд, пас барои чӣ мо ба Ӯ муроҷиат мекардем? Лекин мо маҳз бо қуввати худ имон меоварем, ва қуввати Худо (Рӯҳи Муқаддас) моро махлуқи нав мегардонад. Ӯ ба ҷои мо имон намеоварад ва мо низ ба ҷои Ӯ кори барқароршавиро набояд анҷом диҳем. Ба мо кифоя аст, ки ба амри бомарҳамати Ӯ итоат кунем. Зеро ки ин кори Худо аст, ки моро аз олами боло таваллуд кунад» (эзоҳ-4).

На танҳо дар бораи он фикр кунед, ки шумо бояд ҳатман ба камолоти рӯҳонӣ расед. Ин нодуруст аст. Бо чунин фикрҳо шумо маҳкумиятро эҳсос карда, қуввати рӯҳонии худро аз даст медиҳед. Бозистед ва фикр кунед: «Рӯҳи Муқаддас, ҳоло Ту маро дар куҷо мебинӣ (рушди рӯҳонии ман дар кадом сатҳ аст)?» Ӯ ба шумо чӣ мегӯяд?

Шумо худро бояд айни ҳамон тавр бубинед, ки Рӯҳ мебинад. Аз Ӯ файзеро бихоҳед, то ки ҷои имрӯзаи худро дарк карда, ба рушди оянда ҳаракат кунед.

Оё шумо ягон маротиба мехостед худро дигаргун кунед? Агар ҷавоби шумо «бале» бошад, ин кадом натиҷа дод? Ҳоло шумо кадом тағйиротҳоро мушоҳида мекунед?

# ОН РОБИТАҲОИ ИЛОҲӢ, КИ Ӯ МЕОФАРАД, ҚАДР КУНЕД

*Бигзор муҳаббати шумо самимона бошад... Дӯстони аслие бошед, ки якдигарро аз сидқи дил дӯст дошта, дар мавқеи дуюм истода тавонед.*

–Румиён 12:9, 10, The Message

Мо барои муносибат бо Падар ва муносибат бо дигар одамон офарида шуда будем. Дар бораи ин фикр кунед. Ҳаёти шумо бидуни муносибат чӣ гуна мешуд? Агар аз ҳаёти шумо ҳамаи муносибатҳоро дур кунем, чӣ боқӣ мемонад? Ҳаёти бемаъно ва танҳоӣ.

Барои он муносибатҳое, ки доред, Худоро шукр гӯед! Дӯсти вафодор ва худотарс бисёр арзишманд мебошад. Дӯсти хуб моро аз ҷиҳати рӯҳонӣ, фикрӣ ва эҳсосотӣ сайқал медиҳад, мисли он ки оҳан оҳанро тез мекунад. Дӯсти хуб дар вақти зарурӣ аз рӯи муҳаббат иштибоҳоти моро нишон дода, моро ислоҳ мекунад. Дӯсти хуб барои комёбиҳои шумо хурсанд шуда, ҳангоми мушкилиҳои зиндагӣ шуморо дастгирӣ мекунад.

*Ду нафар аз як нафар беҳтаранд, чунки барои онҳо аз меҳнаташон музди хубе пайдост. Зеро ки агар яке афтад, дигаре аз онҳо рафиқи худро бармехезонад. Валекин вой бар ҳоли одами танҳо, вақте ки ӯ афтад, ва касе набошад, ки ӯро бархезонад!*

–Воиз 4:9, 10, CEV

Мо фаҳмидем, ки се сатҳи муносибатҳо ҷисмонӣ, равонӣ ва рӯҳонӣ мавҷуд аст. Ҳоло акнун дар бораи онҳо дониста, шумо муносибатҳои худро чӣ тавр баҳо медиҳед? Ба кӣ ҳамаи ин кӯмак мекунад? Барои чӣ?

Аз ҳама муносибатҳои амиқ ва пурмаънотаринро мо дар сатҳи рӯҳонӣ дошта метавонем. Онҳоро шарҳ диҳед. Муносибат дар сатҳи рӯҳонӣ нисбат ба сатҳи ҷисмонӣ ва равонӣ кадом бартариҳоро дорад?

Оё он шахсоне ҳастанд, ки шумо мехостед бо онҳо муносибати наздиктаре дошта бошед? Як лаҳза истода дуо кунед: «Рӯҳи Муқаддас, чӣ тавр ман бо он одамоне, ки Ту дар ҳаёти ман гузоштаи муносибатҳои рӯҳонии худро рушд дода метавонам?» Ором истода бишнавед. Ва он чӣ ки Ӯ мегӯяд, бинависед.

Дуо дар бораи равобити илоҳӣ:

Рӯҳи Муқаддас ба ман алоқаҳои илоҳиро ато фармо. Ҳамчуноне ки Йӯнотон барои Довуд буд, чуноне ки Рут барои Ноомӣ ва Юҳанно барои Исо буд, ҳамчунон маро бо

он шахсоне, ки мехоҳӣ*, пайванд кун. Ба ман файзи худро ато кун, то ки д*ӯстии солимро дар сатҳи рӯҳонӣ бо одамон рушд диҳам. Ба номи Исо, Омин!

**Барои идомаи омӯзиш...**

Масалҳо 13:20; 17:9, 17; 27:6, 10,17; Юҳанно 15:13; 1 Юҳанно 1:7; 1 Подшоҳон 18:1-4.

# ХУДОРО ДАР САТҲИ АМИҚ ЭҲСОС КАРДАН

*...Худои падари худро бишнос, ва Ӯро бо дили комил ва бо ҷони иштиёқманд ибодат намо.*

–1 Вақоеънома 28:9, NLT

Кӯшиш бузурги Худо дар он аст, ки моро аз наздик бишносад, Ӯ моро даъват мекунад, ки якҷоя бо Ӯ зиндагӣ кунем. Оё сайру гашт аз ин ҳам шавқовартар шуда метавонад? Павлус гуфтааст: «Ва ҳанӯз ҳамаашро ба хотири афзалияти дониши Худованди ман Исои Масеҳ нуқсон медонам, ки барои Ӯ ман аз ҳамааш даст кашидам ва ҳамаашро ахлот медонам, то ки Масеҳро пайдо кунам» (Флп. 3:8).

Хоҳиши сахти Жанна Гийон ин зиндагӣ бо шинохтани умқҳои Исои Масеҳ буд. Ин вазифа он қадар барои ӯ муҳим буд, ки ӯ китоберо бо ҳамин ном навиштааст. Ин зани фаронсавие, ки дар асри ҳафтдаҳум умр ба сар бурдааст, бо ҳаёти худ бо чунин имондорон, аз ҷумлаи Ҷон Уесли, Хадсон Тейлор, Вочман Ни таъсир расонидааст. Дар бораи муносибатҳои наздик ӯ навиштааст.

> «Иҷозат диҳед аз шумо бипурсам... Оё шумо Худовандро боз ҳам наздиктар шинохтан мехоҳед? Чунин ҳаёт, чунин роҳро Худо ба воситаи файзи Худ ба мо дастрас кардааст ва инро Ӯ бо воситаи Рӯҳи Муқаддас ба фарзандони наҷотёфтаи Худ ато кардааст. Пас чӣ тавр мо наздиктар шуда, умқҳои Худовандро дониста метавонем? Асрор дар дуо мебошад» (эзоҳ-5).

Инак, шумо чӣ тавр дуои шахсе, ки Худовандро аз наздик мешиносад, баён карда метавонистед? Дуои Исоро, ки дар Инҷили Матто (6:5-15) навишта шудааст, бо диққат бихонед.

Шумо аз Ӯ чиро омӯхта ва дар ҳаёти худ истифода карда метавонед?

________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________

Мо фаҳмидем, ки вақте инсон аз олами боло таваллуд меёбад, он гоҳ Рӯҳи Муқаддас нозил шуда, дар рӯҳи ӯ зиндагӣ мекунад. Бо мо муносибат карда, Рӯҳ бо воситаи рӯҳи мо гап мезанад. Жанна Гийон чунин суханонро гуфтааст:

> «Худовандро шумо фақат дар дохили рӯҳи худ, дар Қудси Қудсҳо ёфта метавонед; маҳз дар ҳамон ҷо Ӯ истиқомат мекунад. Боре Худованд ваъда кардааст, ки дар дохили мо барои Худ хонае бино кунад. (ниг. Юҳ. 14:23). Ӯ ваъда кардааст, ки дар он ҷо ба ҳамаи онҳое, ки ба Ӯ саҷда мекунанд ва иродаи Ӯро иҷро мекунанд, вомехӯрад. Худованд бо шумо дар рӯҳи шумо вомехӯрад... Ҳамон лаҳзае ки дили шумо дар дохилатон ба Худованд муроҷиат мекунад, он гоҳ шумо ҳузури Ӯро эҳсос мекунед» (эзоҳ-6).

Бештар аз ҳама мо Худоро ба воситаи Рӯҳи Ӯ шинохта метавонем, Рӯҳи Муқаддаси Ӯ ба мо ато шудааст. (ниг. 1 Қӯр. 2:9-12). Бозистед ва дуо хонед: «Рӯҳи Муқаддас, оё дар зиндагии ман ягон чизи нодурусте ҳаст, таҷрибаи нодуруст ё ки фикррониии кӯҳна, ки ба шинохтани Ту монеъ мешавад?» Хомӯш монда, гӯш диҳед. Аз ӯ хоҳиш кунед, ки шуморо аз фикрҳои нодуруст, ки ба ҳузури Ӯ монеъ мешаванд, пок кунад. Ҷавоби Ӯро нависед.

________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________

Аз болои ин ҳақиқат мулоҳиза кунед ва аз Рӯҳи Муқаддас хоҳиш кунед, ки маънои онро ба шумо ошкор кунад.

*Аммо вақте ки ба Худованд рӯ меоваранд, парда бардошта мешавад. Худованд Рӯҳ аст, ва ҳар куҷо Рӯҳи Худованд аст, он ҷо озодист. Аммо ҳамаи мо, бо рӯи кушода, мисли он ки дар оина бошад, ба ҷалоли Худованд нигариста, ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол табдил меёбам, ва ин аз Худованд, яъне аз Рӯҳ аст.*

–2 Қӯринтиён 3:16-18

## САВОЛҲО БАРОИ ОМӮЗИШ

*Агар шумо ин китоб ё дигар маводҳои хизматгузории “Messenger”-ро дар бораи Рӯҳи Муқаддас мавриди омӯзиш қарор дода бошед, пас хоҳиш мекунем, ки дарси видеоии 3-ро бубинед.*

1 I Исо гуфт, ки фарисиён анъанаҳои инсониро аз Каломи Худо боло гузоштаанд. Ин кадом анъанаҳои инсонӣ мебошанд ва барои чӣ онҳо ба муносибатҳои мо бо Худо монеъ мешаванд? Ягон мисоли ҳозиразамонро дар бораи анъанаҳои инсонӣ бигӯед, ки аз аҳкоми Худо боло ҷой гирифта бошад?

2 I Рӯҳи Муқаддас хоҳиши сахте дорад, ки дӯсти наздики мо бошад, Ӯ хоҳиши сахти муносибат карданро бо мо дорад. Ба фикри шумо диққати калисоро (имондоронро) аз Рӯҳи Муқаддас дар ин ҷаҳон чӣ дур мекунад? Агар ба ивази муносибат кардан бо Рӯҳи Муқаддас мо бо ҷаҳон бозӣ кунем, хоҳони ҳаловат буда, сарватталаб ва мансабҷӯй бошем, чӣ хоҳад шуд?

3 I Дар Инҷили Юҳанно (20:29) Исо бо шогирди худ Тумо чӣ мегӯяд? Чӣ тавр ин ҳақиқат бо суханони ҳавворӣ Павлус, ки дар Номаи Дуюм ба Қӯринтиён (5:16) гуфтааст, вобастагӣ дорад ва чӣ тавр ин ҳақиқат муносибатҳои моро бо Худо устувор ва пойдор мегардонад?

4 I Се сатҳи муносибатҳое, ки мо бо инсонҳо дошта метавонем, номбар карда онҳоро шарҳ диҳед. Кадоме аз ин муносибатҳо амиқтарин мебошанд ва барои чӣ? Чӣ тавр мо ин гуна сатҳи муносибатҳоро бо дигарон бино карда метавонем?

5 | Ба мо ба воситаи Рӯҳи Муқаддас бахшоиши аҷоибе ато шудааст: қобилияти аз наздик шинохтани Худо. 1 Қӯринтиён 2:11-16-ро бо диққат хонед. Дар ин порча Рӯҳи Муқаддас дар бораи ҳақиқат роҷеъ ба донистани Худо ба шумо чиро ошкор кард?

6 | Петрус ва дигар шогирдон чунин таҷрибае дар зиндагии худ бо Исо доштанд, ки дигар ҳеҷ кас надошт, онҳо бо Ӯ рӯ ба рӯ мулоқот мекарданд. Павлус чунин таҷрибаи муносибатро надошт, лекин Худованд ӯро ба таври аҷоиб истифода мебурд. Ин чӣ тавр имкон дошт?

Дигар ҷойҳои Навиштаҷот барои омӯзиш Юҳанно 20:29; 2 Қӯринтиён 5:16 ва 2 Петрус 3:15, 16.

7 | Агар мо ба муносибат бо Рӯҳи Муқаддас хунукназарона рафтор карда, толиби мулоқот бо Ӯ набошем, муносибати мо бо Худо чӣ хоҳад шуд? Агар хоҳиш дошта бошед, ба аъзоёни гурӯҳи хонагии худ якчанд мисолҳои амалӣ дар бораи муносибат бо Рӯҳи Муқаддас биоваред, ки шумо шахсан онҳоро истифода мебаред ва дар бораи дӯстии аҷоиби худ бо Ӯ нақл кунед.

## МУШОҲИДАҲО

## ШАРҲИ КӮТОҲИ БОБ:

- Агар мо муносибатҳои амиқ бо Худованд доштан хоҳем, он гоҳ мо бояд Ӯро ба воситаи Рӯҳаш шиносем.
- Танҳо Рӯҳ аз фикрҳои дили Худованд ва нақшаҳои Ӯ бохабар аст.
- Бо мо Рӯҳи Худо ато шудааст ва Ӯ Устоди комил аст, ки моро ба ҳар ростӣ роҳнамоӣ мекунад.
- Дӯстӣ бо ҷаҳон (хоҳиши худпарастона барои ҳаловат) душманӣ бо Худо мебошад.
- Рӯҳи Муқаддас оғои бофарҳанг (джентелмен) мебошад, Ӯ ирода ва дӯстии худро ба мо маҷбур намекунад.
- Се сатҳи муносибат: ҷисмонӣ (аз ҳама сатҳи поён ва рӯякӣ), равонӣ (ё эҳсосотӣ) ва рӯҳонӣ (аз ҳама амиқ ва қавӣ).
- Худоро мо ба воситаи Рӯҳи Ӯ назар ба тариқи ҷисм амиқтар мешиносем.

# 4

# БО ҚУВВАТИ РӮҲ ПУРШУДАГОН

## Рӯзи 1

Ба худ подшоҳи асримиёнагиро тасаввур кунед. Кӯшиш карда, он муҳите, ки ӯро иҳота мекард, пеши назар биёред: қаср, амвол, аскарон, задухӯрдҳо, қудрат ва ҷалол. Дар асри миёна ақидае мавҷуд буд, ки подшоҳ бо тамоми ҳастии ӯ аз ҷониби Худо ато мешавад, ба ин хотир подшоҳон бо сарват ва ҷалол умр ба сар мебурданд ва шахсоне, ки зери дасти онҳо буданд, ҳурмату эҳтироми онҳоро ба ҷо меоварданд. Сухани подшоҳ қонун буд ва қазовати ӯ аз рӯи адолат ҳисобида мешуд. Агар подшоҳ нек мебуд, он гоҳ ӯ масъулияти худро эҳсос карда, шаҳрвандони шоҳигарии худро ҳимоя намуда, инчунин дар бораи манфиатҳои шоҳигарии худ ғамхорӣ мекард ва ҳудудҳои онро дифо ва васеъ менамуд.

Дар он мақом масъулияти калоне вогузор карда шуда буд, бинобар ин, подшоҳ дорои салоҳияти бузург ва баъзан дорои тамоми салоҳият буд. Дар хотир дошта бошед, ки ман на дар бораи намояндаи ҳукумати ҳозиразамон ҳарф мезанам (чунки дар замони мо демократия ва ҷумҳурият намуди маъмулии ҳокимият ба шумор меравад). Ман дар бораи монархияи пурра сухан меронам. Акнун подшоҳеро тасаввур кунед, ки қудрати ба мақоми худ муносибро рад мекунад ё онро дарк намекунад. Дар ин ҳолат бо шоҳигарии ӯ чӣ хоҳад шуд? Он ба зудӣ забт карда мешавад, шаҳрвандонаш ба ғуломӣ бурда шуда, молу мулкаш тасарруф мегардад. Подшоҳ бояд на танҳо мақоми подшоҳии худро нигоҳ дорад (яъне бо ҳаёти фаровони худ дар қасраш лаззат бубарад), балки вазифаи худро иҷро кунад, ки танҳо ба туфайли қувват ва мақоми ӯ имконпазир аст. Агар мақоми

подшоҳ бо қувват тасдиқ нашуда бошад, он гоҳ он ҳеҷ аст.

Ҳамчун фарзандони Худо мо ҳамирсони Масеҳ гаштаем. Дар Нома ба Румиён навишта шудааст: «Ва агар фарзандонаш бошем, ворисонаш низ ҳастем: ворисони Худо ва ҳамирсони Масеҳ ҳастем...» (8:17). Дар Нома ба Эфсӯсиён (2:6) боз дар бораи ҳамин мақом гуфта шудааст: «Ва бо Ӯ моро бархезонд ва дар афлок дар Исои Масеҳ шинонд». Дар Масеҳ ва бо Масеҳ мо дорои мақоми муайяне гаштаем. Мо дигар фарзандони ин ҷаҳон нестем, балки аъзоёни хонаводаи шоҳ (ворисон) дар подшоҳии Худованд ҳастем. Ҳамчун ворисони Подшоҳии Ӯ мо вазифадорем, ки аҳкоми Худовандро паҳн кунем. Ҳақиқати бедоркунанда! Лекин агар мо дар мақоми худ дар Масеҳ босамар шудан хоҳем, он гоҳ ҳамчун он подшоҳи заминие, ки мо мисол овардем, он қувватеро, ки мутобиқ ба мақомамон дода шудааст, барои худ ошкор созем. Дар ин боб мо бештар дар бораи он қудрате, ки баҳри ба амал баровардани нақши худ дар паҳн кардани Подшоҳии Худо дорем, сӯҳбат мекунем. Павлус мегӯяд:

> Лекин шумо насли баргузида, каҳонати шоҳона, халқи муқаддас, қавме ҳастед, ки мулки азизи Худо дониста шудаед, то аз камолоти Ӯ, ки шуморо аз зулмот ба рӯшноии аҷоиби Худ даъват намудааст, нақл кунед (1 Пет. 2:9).

Пеш аз он ки хондани худро давом диҳед, диққат кунед: мақом пеш аз қувват меояд. Пеш аз он ки ягон корро дар Подшоҳии Ӯ анҷом диҳем, мо бояд дар Масеҳ мавқеи худро пайдо кунем.

## ҚУВВАТЕ, КИ БА МО ЛОЗИМ АСТ

> Ва онҳоро ҷамъ карда чунин амр фармуд: Ерусалимро тарк накунед, балки мунтазири он ваъдаи Падар бошед, ки аз Ман шунидаед; Зеро ки Яҳё бо об таъмид медод, лекин шумо баъд аз чанд рӯз, бо Рӯҳи Муқаддас таъмид хоҳед ёфт (Аъмол 1:4, 5).

Исо ба шогирдонаш пешниҳод накард, ки ваъдашударо мунтазир бошанд ва ба онҳо маслиҳат надод, ки аҳкоми Ӯро иҷро намояд. Ӯ ба онҳо амр фармуд, то он даме ки ваъда иҷро нашавад, Ерусалимро тарк накунанд. Исо мебоист, ки аҳамияти суханони худро таъкид кунад, чунки қуввати Рӯҳи Муқаддас барои иҷро кардани корҳои Подшоҳӣ мавқеи асосиро дорад. Ӯ медонист, ки шогирдон барои паҳн кардани Хушхабари Малакут дар бораи дубора зинда шудани Масеҳ бетоқат буданд ва ин барои интизорӣ ба Рӯҳи Муқаддас монеъ шуда метавонист. Дар китоби Аъмол (1:3) мо мебинем, ки онҳо якчанд рӯзро бо Исо гузаронида, суханони Ӯро дар бораи Подшоҳии Худо гӯш мекарданд. Китоби Муқаддас мефармояд, ки ҳаввориён «тасдиқи раднашавандаи» эҳё шудани Ӯро доштанд. Онҳоро ба эҳё шудани Ӯ бовар кунонидан лозим набуд, чунки онҳо аз шахси аввал тасдиқи ғалабаи Масеҳро аз болои марг гирифта буданд. Бо дигар суханон онҳо омода буданд, ки бо ин паём пеш раванд!

Лекин Исо ба онҳо назар карда гуфт: «То он даме ки қувватеро аз ҷониби Рӯҳи Муқаддас пайдо накунед, хизмати худро оғоз накунед, Инҷилро ба тамоми дунё паҳн накунед ва калисоҳо бино накунед» (Луқо 24:49 аз рӯи суханони муаллиф). Навиштаҷот мефармояд, ки Исо тақрибан ба 500 нафар зоҳир шуда, ба онҳо дастур дод, ки чӣ бояд кард. (ниг. 1 Қӯр. 15:6). Лекин дар китоби Аъмол (1:16) мо мебинем, ки дар болохона танҳо 120 нафар ҷамъ омада буданд. Бо 380 нафари дигар чӣ рух дод? Ман фикр мекунам, ки рӯз ба рӯз теъдоди онҳо кам мешуд ва дар охир аз 500 нафар 120 кас монданд. Эҳтимол он 380 нафаре, ки то охир намонданд, чунин фикр карданд: «Биёед, ба куништҳои худ бармегардем, калисоҳои нав барпо мекунем ва ба ҳамаи мардум хабари хушро дар бораи эҳёи Масеҳ нақл мекунем. Охир, хуб нест, ки вақти қиммати худро аз даст дода, ба ҳеҷ кас дар бораи Хушхабар нагӯем». Танҳо 120 нафар хоҳиши иҷро кардани амри Устоди худро доштанд.

Ҳоло шумо фикр мекунед: «Охир,Ҷон, албатта, ба шогирдон

зарур буд, ки мунтазири Рӯҳи Муқаддас бошанд. Чунки дар он вақт онҳо ҳоло таъмид нагирифта буданд. Лекин шароити мо дигаргун аст, зеро ҳангоми наҷот ёфтанамон мо Рӯҳи Муқаддасро низ мегирем».

Инҷили Юҳанно (20:21, 22)- ро хонед:

> Боз Исо ба онҳо гуфт: Салом бар шумо бод! Чунон ки Падар Маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам. Чун инро гуфт, ба онҳо дамид ва гуфт: Рӯҳи Муқаддасро пайдо кунед.

Исо ба шогирдони Худ дамид ва гуфт: «Рӯҳи Муқаддасро қабул кунед». Калимаи юнониe, ки ба ҷои калимаи «қабул кардан» истифода бурда шудааст, бо маънои «худи ҳозир ё дар айни замон» фаҳмида мешавад» (эзоҳ-1).

Дар ин ҷо сухане дар бораи оянда намеравад. Дар асл, то вақти ба осмон сууд кардани Исо, шогирдон Рӯҳи Муқаддасро қабул карданд. Лекин онҳо ҳоло қувват наёфта буданд, то даме ки дар рӯзи Пантикост аз Рӯҳ пур нашуданд.

## РӮЗИ ПАНТИКОСТ

> Вақте ки рӯзи Пантикост фаро расид, ҳамаашон якдилона дар як ҷо ҷамъ омаданд; Баногоҳ ғулғулае, мисли садои тундбод, аз осмон баромад ва тамоми хонаро пур кард, Ва забонаҳои аз ҳам ҷудое, мисли забонаҳои оташ, ба онҳо зоҳир шуда, якто-якто бар ҳар яке аз онҳо қарор гирифт. Ҳамаашон аз Рӯҳи Муқаддас пур шуданд, ва чун Рӯҳ ба онҳо қудрати такаллум бахшид, ба забонҳои дигар-дигар ба сухан гуфтан шурӯъ карданд (Аъмол 2:1-4).

Ман медонам, ки бисёре аз мо ин воқеаро аз кӯдакӣ аз рӯи расмҳо ҳангоми дарсҳои рӯзи якшанбе дар ёд дорем. Одатан дар

он имондороне оварда шуданд, ки дар болои сари онҳо оташи хурде кашида шудааст. Шояд, ин на аз ҳама акси беҳтарини ин воқеа бошад. Дар Аҳди Қадим оташ ин нишонаи ҳузури Худо мебошад. Аз рӯи тасвири муаллифи китоби Аъмол «забонаҳои мисли оташ» ин нишонаи ҳузури Худо мебошад. Ин пайравони Исо, ҳам мардон ва ҳам занон, бо ҳузури Худо иҳота карда шуда, дар он ғарқ буданд. Ин ҳузури намоёни Худоро аз ибораи «мисли садои тундбод» низ фаҳмидан мумкин аст. Чӣ тавре, ки мо дар боби аввал гуфта гузаштем, Рӯҳи Муқаддас «тундбоди сахт» намебошад. Ӯ Шахсият аст. Аммо нишонаи ташриф овардани Ӯ дар он болохона мисли тунбоди шадиде буд.

Калимаи юнонние, ки дар Аъмол (2:4) ба маънои «пур шудан» омадааст, маънои «сер шудан»-ро дорад (эзоҳ-2). Дар луғат «сер шудан» маънои «бо фаровонӣ таъмин шудан»-ро дорад. Одамон дар он болохона то ба ҳадди фаровонӣ аз Рӯҳи Муқаддас пур гаштанд. Ҳамаи онҳо ҳузури бузургтарини Худоро аз сар гузарониданд. Ба ғайр аз оташ ва тундбод боз як аломати дигари пур гаштани имондорон аз Рӯҳ мавҷуд буд: онҳо ба забонҳои дигар сухан гуфтанро шурӯъ карданд.

### Рӯзи 2

## ЗАБОНҲОИ ДИГАР ИН ЧИСТ?

Забони дигар маънои забони оддиро дорад. Агар фарз кардем ман ба Испаниё сафар карда, дар он ҷо шахсеро вомехӯрдам, ки ба забони испаниёгӣ гап намезанад, ман аз вай мепурсидам, ки забони модарии вай кадом аст. Агар дар он ҷо шахсеро, ки ба забони инглисӣ сухан меронад, вомехӯрдам, аз ӯ намепурсидам, ки забони аслиаш кадом мебошад, чунки худам низ ба забони инглисӣ гап мезанам. Барои ҳамин забони инглисӣ ба ман шинос аст, вале кадом як забони дигар барои ман забони бегона ё хориҷӣ ҳисоб мешавад. Мо баъдтар ба ин мавзӯъ боз бармегардем.

Дар рӯзи Пантикост барои ҷашн гирифтани иди динии худ яҳудиён аз тамоми гӯшаву канори дунё дар Ерусалим ҷамъ омада буданд. Азбаски онҳо аз ҳар мантиқа буданд, бо забонҳои гуногун ҳарф мезаданд.

> Дар Ерусалим яҳудиён, одамони худотарсе, ки аз ҳар халқи зери осмон буданд, сукунат доштанд. Ҳангоме ки он ғулғула баланд шуд, мардуми бисёре ҷамъ омада, дар ҳайрат афтоданд, зеро ки ҳар кас ба забони худаш сухани онҳоро мешунид. Ва ҳама моту мабҳут ва мутааҷҷиб шуда, ба якдигар мегуфтанд: Оё ҳамаи инҳо, ки гап мезананд, ҷалилӣ нестанд? Пас чӣ гуна ҳар яке аз мо суханони онҳоро ба забони зодгоҳи худ мешунавем? (Аъмол 2:5-8).

Диққат кунед, ки Китоби Муқаддас чӣ мефармояд: «Ҳангоме ки он ғулғула баланд шуд, мардуми бисёре ҷамъ омаданд». Аз сабаби он ки шогирдон суханро оғоз карданд, мардум назди онҳо ҷамъ омаданд. Бисёр одамон дар ҳайрат буданд, ки онҳо ҷалилӣ ҳастанд ( ки аксарияти он мардум бесавод ба шумор мерафтанд) ва ба забонҳои дигар сухан меронанд. Ба он мардуме, ки ҳоло пайрави Исо набуданд, чунин зуҳури Рӯҳ нишона буд.

> Суханони инҳоро аз кибриёи Худо ба забонҳои худамон мешунавем. Ҳама мутааҷҷиб шуда ва дар ҳайрат афтода, ба якдигар мегуфтанд: Ин чӣ маъно дорад? (Аъмол 2:11, 12).

Ҷорӣ шудани Рӯҳ ба Петрус имконият дод, ки назди мардум, бо яке аз мавъизаҳои машҳуртарин, ки дар Китоби Муқаддас омадааст, сухан ронад. «Ҳамин Исоро Худо эҳё кард, ва ҳамаи мо шоҳидони он ҳастем. Акнун, ки Ӯ ба ямини Худо боло бурда шудааст, ваъдаи Рӯҳи Муқаддасро аз Падар ёфта, он чиро, ки шумо дида ва шунида истодаед, фурӯ рехтааст» (оятҳои 32,33). Диққат кунед, ки ҳар як шахс шоҳиди исботи қуввати Рӯҳи Муқаддас буд.

Баъд аз якчанд оят ин анбӯҳи мардум ба онҳо мегӯянд:

«Эй бародарон, акнун мо чӣ кунем?» (Аъмол 2:37).

Он гоҳ Петрус ба онҳо гуфт:

Тавба кунед, ва ҳар яке аз шумо ба исми Исои Масеҳ барои омурзиши гуноҳҳо таъмид бигиред, ва ато Рӯҳи Муқаддасро хоҳед ёфт. Зеро ки ин ваъда барои шумо ва фарзандони шумо ва барои ҳамаи онҳоест, ки дур ҳастанд, яъне барои ҳар касе, ки Худованд Худои мо ӯро бихонад (Аъмол 2:38,39).

Ҳангоме ки Петрус Хушхабари наҷотро, ки дастраси ҳамаи даъваткунандагони исми Худованд аст, эълон кард (ниг. Румиён 10:13), ӯ инчунин возеҳ гуфт, ки бахшоиши Рӯҳи Муқаддас низ ба шахси имондор дастрас мебошад. Аҷоиб! Ин ваъда ба ҳамаи имондорон дар гузашта, ҳозира ва оянда дастрас мебошад.

## ЧОР ВОҚЕА

Дар китоби Аъмол боз чор воқеъа навишта шудааст, ки чӣ тавр одамон дар рӯзи Пантикост аз Рӯҳи Муқаддас пур гаштанд. Мо онҳоро мехонем. Ба ду чиз махсусан диққат кунед, аввалан, дар ҳама воқеа ба ғайр аз яке, пур шудан аз Рӯҳи Муқаддас аз ҳодисаи наҷот ёфтани онҳо дар алоҳидагӣ рух медод. Дуюмин, он касоне, ки ба рехта шудани Рӯҳи Муқаддас шоҳид буданд, ҳузури воқеии Рӯҳи Муқаддасро дар ҳаёти навимоновардагон медиданд ва мешунавиданд.

### Филиппус ва сомариён

Яке аз ин чор воқеа дар китоби Аъмол боби 8-ум навишта шудааст. Филиппус ба Сомария рафт, то ки дар бораи Инҷили Исои Масеҳ башорат диҳад. Ҳангоме ки ӯ Хушхабарро эълон кард, он гоҳ тамоми шаҳр ба ҷунбиш омад. Мафлуҷон шифо меёфтанд, арвоҳи нопок аз мардум берун мешуданд, бисёриҳо хабари бузургро дар бораи наҷоти Худо қабул карданд.

> Лекин вақте ки ба башорати Филиппус дар бораи Малакути Худо ва исми Исои Масеҳ имон оварданд, мардон ва занон таъмид гирифтанд. Худи Шимъӯн низ имон овард ва таъмид гирифт ва ҳамеша ҳамроҳи Филиппус буд; ва аз дидани аломот ва мӯъҷизоти азиме, ки ба амал меомад, дар ҳайрат мемонд (Аъмол 8:12,13).

Оё сомариён ба Хушхабари Исои Масеҳ имон оварда, аз олами боло таваллуд ёфтанд? Бале, албатта! Агар инсон ба Инҷил имон биоварад, Исои Масеҳро қабул мекунад ва фарзанди Худо мегардад. Баъд ин навимоновардагон ҳамчун нишонаи имон ба Масеҳ бо об таъмид гирифтанд. Лекин дар оятҳои навбатӣ мо мебинем, ки роҳбарони калисои аввал яке чизи аз он бештарро медонистанд. Ба ғайр аз тавба ва таъмид бо об, лозим буд, ки онҳо бо Рӯҳи Муқаддас таъмид шаванд.

> Ҳаввориёне, ки дар Ерусалим буданд, чун шуниданд, ки аҳли Сомария каломи Худоро (наҷотро) қабул карданд, Петрус ва Юҳанноро назди онҳо фиристоданд, Ва чун омаданд, барои онҳо дуо гуфтанд, то ки Рӯҳи Муқаддасро қабул кунанд. Зеро ки Рӯҳ ҳанӯз бар ҳеҷ кадоме аз онҳо нозил нашуда буд, балки фақат ба исми Исои Худованд таъмид ёфта буданд (таъмид бо об) (Аъмол 8:14-16).

Ҳавворигён шуниданд, ки сомариён Инҷилро қабул кардаанд, қарор доданд, ки ба назди навимоновардагон Петрус ва Юҳанноро фиристонанд. Барои чӣ ҳавворигён ду шахси аз ҳама мӯҳтарамро барои дуо хондан ба сомариён фиристоданд? Сомариён наҷотро қабул карда, бо об таъмид гирифта буданд. Петрус ва Юҳанноро махсус ба он ҷо фиристоданд, то ки барои одамон дуо кунанд, то ки онҳо Рӯҳи Муқаддасро қабул кунанд. (ояти 15). Дар хотир доред, ки Ерусалим дар масофаи панҷоҳу панҷ километр аз Сомариё ҷой гирифта буд. Дар замони мо ин масофаи начандон дур ба шумор меравад, лекин ҳавворигён

мошин ва дигар воситаҳои нақлиётро надоштанд. Онҳо мебоист, ки ин масофаро пиёда ё савори ягон ҳайвон тай мекарданд. Ин сафар камаш як ду рӯзро дар бар мегирифт.

Боз қайд кардани он муҳим аст, ки дар ин вақт навимоновардагон ба исми Исои Худованд таъмид гирифта буданд. Онҳо аллакай фарзандони Худо буданд. Аммо як қисми бахшоишро онҳо аз сар нагузаронида буданд. Шумо мегӯед: «Як лаҳза, Ҷон, ман фикр мекардам, ҳамон лаҳзае, ки мо Рӯҳи Исои Масеҳро даъват мекунем, Ӯ дар дили мо хонаи Худро бино мекунад». Бале, ин ҳамин тавр аст. Дар Навиштаҷот аён гуфта шудааст, ки: «ҳеҷ кас наметавонад Исоро Худованд бихонад, магар бар тибқи Рӯҳи Муқаддас» (1 Қӯр. 12:3). Мо бидуни таъсири Рӯҳи Муқаддас Исоро ҳамчун Худованд эътироф карда наметавонем, гарчанде ки ин ҷо сухан дар бораи пур шудан бо Ӯ намеравад.

Китоби Муқаддас возеҳ ба мо мегӯяд, ки мо дар Масеҳ бо Рӯҳи Муқаддас пок гардидаем ва мӯҳр зада шудаем (ниг. 1 Пет. 1:2; Эф. 1:13). Инак, ҳеҷ шаке нест, ки қабул кардани ҳузури доимии Рӯҳи Муқаддас ин қисми наҷоти мо мебошад. Ҳангоме ки Худо ба мо назар мекунад, Ӯ Рӯҳи Писари Худро дар мо мебинад. Дар хотир доред, ҳангоме ки шумо наҷот ёфтед, шумо бо Масеҳ шинонда шудаед ва шарики мероси Ӯ ва Подшоҳии Ӯ гаштаед. Аммо то он даме ки шумо аз Падар хоҳиш накунед, шумо бо қуввати Рӯҳ пур намегардед.

> Пас агар шумо, ки шарир ҳастед, ба фарзандони худ додани инъомҳои некро медониста бошед, пас Падари шумо, ки дар осмон аст, чанд маротиба зиёдтар ба онҳое ки аз Ӯ металабанд, Рӯҳи Муқаддасро хоҳад дод (Луқо 11:13).

Исо Худоро «Падари осмонии шумо» номидааст, барои ҳамин возеҳ аст, ки Ӯ ба имондорон мурочиат мекунад. Мо инро аз он медонем, ки дар Инҷили Юҳанно Исо дар бораи Рӯҳи Муқаддас сухан ронда, Ӯро ҳамчун «Рӯҳи ростӣ» арзёбӣ

кардааст, ки «ҷаҳон наметавонад Ӯро бипазирад, зеро ки Ӯро намебинад ва намешиносад» (Юҳанно 14:17). Ҷаҳон дар ин ҳолат шахсонеро дар назар дорад, ки берун аз Подшоҳии Худо ҳастанд. Возеҳ аст, ки он касе, ки ба Подшоҳии Исо итоат намекунад, Рӯҳи Муқаддасро қабул карда наметавонад. Аз ин рӯ, ин ибораи «аз Падари худ Рӯҳро талаб кунед» ба масъалаи наҷот тааллуқ надорад. Он ба минбаъд низ аз Рӯҳ пур шудан, ки танҳо барои наҷотёфтагон имконпазир аст, алоқаманд мебошад.

Акнун, биёед, ба китоби Аъмол боби 8-ум муроҷиат мекунем:

> Пас, дастҳои худро гузоштанд, ва онҳо Рӯҳи Муқаддасро қабул карданд. Шимъӯн, чун дид, ки бо дастгузории ҳаввориён Рӯҳи Муқаддас ато мешавад, ба онҳо пул овард. Ва гуфт: Ин қудратро ба ман низ бидиҳед, то ки ба ҳар кас даст гузорам, Рӯҳи Муқаддасро қабул кунад (Аъмол 8:17, 19).

Петрус ва Юҳанно дастро ба имондорон мегузоштанд ва онҳо Рӯҳи Муқаддасро қабул мекарданд. Ин бо Рӯҳ пур гаштан ба тариқи ҷисмонӣ эҳсос карда мешуд, бинбар ин, Китоби Муқаддас мефармояд: «Шимъӯн дид, ки бо дастгузории ҳаввориён Рӯҳи Муқаддас ато мешавад». Шимъӯн шахси имондоре буд. Ва аз нозил гаштани Рӯҳ ба имондорон дар ҳайрат буда, ба ҳаввориён пуле пешкаш кард, то ки ӯ низ ин бахшоишро дошта бошад. (лекин хоҳиши ӯ аз ҷониби Петрус қатъиян рад карда шуд).

Дар тӯли тамоми китоби Аъмол пур гаштан аз Рӯҳ бо аломатҳои зоҳирӣ намоён мегашт, ки онҳо дида ва шунида мешуданд, одатан ин аломатҳо ба намуди забонҳои дигар ё нубувват намоён мешуданд. Барои ҳамин ҳаввориён одатан мегуфтанд, ки Рӯҳи Муқаддас ба имондорон «нозил» шуд. Ин ҳодиса дар Сомариё яке аз намунаҳоест, ки Китоби Муқаддас дақиқ дар бораи забонҳои дигар ё нубувватҳо ҳамчун исботи нозил шудани Рӯҳи Муқаддас чизе намегӯяд. Лекин инро

фаҳмидан мумкин аст, ки чунин аломатҳо ҷой доштанд, чунки дар акси ҳол Шимъӯни ҷодугар аз ин бохабар намешуд.

### Рӯзи 3

## ШОУЛ АЗ ШАҲРИ ТАРСУС

Воқеаи имон овардани Шоул яке аз ҳодисаҳои машҳуртарин дар Китоби Муқаддас мебошад. Ҳоло ман диққатамонро ба як ҷиҳати назарногири ин вохӯрии аҷоиб ҷалб кардан мехоҳам. Дар китоби Аъмол, боби 9-ум, мо мебинем, ки Павлус ба сӯи Димишқ равона буда, қасди таъқиби имондоронро дорад.

> Дар аснои роҳ, вақте ки ба Димишқ наздик омад, баногоҳ нуре аз осмон давродаври ӯ дурахшид; Ӯ бар замин афтод ва овозе шунид, ки мегуфт: Шоул, Шоул! Барои чӣ Маро таъқиб мекунӣ? Гуфт: Худовандо Ту кистӣ? Худованд гуфт: Ман Исо ҳастам, ки ту Ӯро таъқиб мекунӣ; лагад заданат ба сихак душвор аст. Ва ӯ ба ларза ва даҳшат афтода, гуфт: Худовандо! Чӣ амр мефармоӣ, то ба ҷо оварам? Ва Худованд дар ҷавоб гуфт: Бархез ва ба шаҳр бирав, ва дар он ҷо ба ту гуфта хоҳад шуд, ки чӣ бояд бикунӣ (оятҳои 3-6).

Диққат кунед, ки Шоул Исоро «Худованд» мехонад. Ҳангоме ки Исои Масеҳ Худованди ҳаёти инсон мегардад, он гоҳ вай аз олами боло таваллуд меёбад. Ман имон дорам, ҳамон лаҳзае, ки Павлус Исои Масеҳро ҳамчун Худованд иқрор кард, вай имондор шуд.

Баъд аз ин вохӯрӣ дар муддати се шабонарӯз Павлус рӯза дошта, мунтазири амри навбатии Худованд буд. Баъд Худованд аз шогирди Худ бо номи Ҳанониё хоҳиш кард, ки назди Павлус равад. Ҳанониё аз ин хоҳиш музтариб гашт, чунки дар бораи бераҳмии Павлус нисбат ба масеҳиён ва таъқиботҳои вай ба калисо бисёр чизҳоро шунида буд. Аммо Худованд ба вай гуфт:

«Ту бояд биравӣ, зеро ки ӯ зарфи баргузидаи Ман аст, то ки исми Маро пеши халқҳо ва подшоҳон ва банӣ Исроил эълон кунад» (Аъмол 9:15). Ҳанониё рафта, ба он хона даромад ва даст бар ӯ гузошта, гуфт: «Эй бародар Шоул! Исои Худованд, ки дар роҳе ки меомадӣ, бар ту зоҳир шуд, маро фиристод, то ки боз бино гардӣ ва аз Рӯҳи Муқаддас пур шавӣ» (Аъмол 9:17). Аз ин маълум мегардад, ки Ҳанониё медонист, ки Павлус наҷот ёфтааст, барои ҳамин ӯро «бародар Шоул» хонд. Гарчанде ки Шоул аллакай имон оварда бошад ҳам, ба ҳар ҳол Худованд Ҳанониёро назди вай фиристод, то ки барои шифо ёфтанаш ва аз Рӯҳи Муққадас пур шуданаш дуо кунад.

Боз дар ин мисол мо мебинем, ки пур гаштан бо Рӯҳи Муққадас баъд аз наҷот ёфтан рух дод. Дар китоби Аъмол, боби нӯҳум, шумо дар бораи ба забонҳои дигар сухан рондани Шоул (ки ӯро боз Павлус мехонанд) чизе пайдо намекунед. Лекин мо медонем, ки Павлус ба забонҳои дигар сухан меронд, чунки ӯ баъдтар навиштааст: « Худоямро шукр мегӯям, ки ман бештар аз ҳамаи шумо ба забонҳо сухан меронам» (1 Қӯр. 14:18). Шахсан ман имон дорам, ки Павлус баъд аз даст гузошта, дуо хондани Ҳанониё ба забонҳо сухан ронд. То ин лаҳза Павлус наҷот ёфта бошад ҳам, бо Рӯҳи Муқаддас пур нашуда буд. Аз ин рӯ қуввати Рӯҳи Муқаддас ба Павлус хеле зарур буд, то ки номи Исоро пеши подшоҳон, ғайрияҳудиён ва банӣ Исроил башорат диҳад.

## Петрус ва Корнилиюс

Дар китоби Аъмол, боби 10-ум, як шӯхии Худовандро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ояти аввал мо, Корнилиюс, як мирсади румиро мебинем. Китоби Муқаддас ӯро як шахси парҳезгор ва худотарс, саховатманд ва назди Худо дуогӯй муаррифӣ мекунад. Дар ин замон то ҳол Инҷил ба ғайрияҳудиён нарасида буд, барои ҳамин Худованд фариштаи худро назди Корнилиюс фиристонд. Аммо фаришта нақшаи наҷоти Худоро

ба Корнилюс ошкор насохт, балки ӯ амр кард, ки ба суроғи Петрус шахсеро равон кунад ва Корнилюс шахсони худро ба ҷое, ки фаришта амр карда буд, равона кард.

Баъд мо тасвири онро мебинем, ки Петрус дар шаҳри Ёфо дар дуо рӯъёе дид, ки дар он Худо ба ӯ ҳар гуна ҳайвонотро нишон дод ва гуфт: «Он чи Худо пок кардааст, ту ҳаром нахон» (ниг. Аъмол 10:9-15). Худованд медонист, ки дарки ин барои Петрус мушкил мебошад, ва барои ҳамин ин рӯъё ба вай се маротиба такрор шуд. Ҳангоме ки Петрус дар бораи маънои ин рӯъё фикр мекард, ба хонаи ӯ фиристодагони Корнилюс омаданд. Рӯҳи Муқаддас Петрусро бо онҳо равона кард. Худо нагуфт, ки барои чӣ Петрус назди Корнилюс бояд равад, гарчанде ки дар он замонҳо яҳудиён асил бо ғайрияҳудиён рафтуомад надоштанд. Ба хонаи Корнилюс расида, Петрус чунин суханонро гуфт:

> Шумо хуб медонед, ки ба яҳудӣ бо шахси бегона муоширaт доштан ё наздик шудан мамнӯъ аст, вале Худо ба ман дастур дод, ки ҳеҷ касро палид ё наҷис надонам. Бинобар ин вақте, ки даъват шудам, бечуну чаро омадам, ва акнун мепурсам: аз барои чӣ маро даъват намудед? (Аъмол 10:28, 29).

Петрус алоқамандии байни рӯъё ва вохӯриро бо ин ғайрияҳудии худотарс фаҳмид, бинбар ин ӯ Инҷилро ба Корнилюс мавъиза кард. Ногаҳон ҳангоми мавъизаи Петрус Рӯҳи Худо зоҳир гашт ва ғайрияҳудиён ба забонҳо сухан ронданд. Петрус дар ҳайрат монд, чунки ин ҳодиса қаблан рӯй надода буд.

Худо медонист, ки Петрус ва ҳамсафарони яҳудии вай бовар карда наметавонистанд, ки бахшоиши наҷот на танҳо ба онҳо, балки ба ғайрияҳудиён низ тааллуқ дорад. Барои ҳамин Худо Рӯҳи Муқаддасро, пеш аз он ки Петрус дуохонӣ ва таъмид доданро бо об оғоз кунад, ба онҳо ҷорӣ кард. Бо чунин аъмол Худи Худо исбот кард, ки ғайрияҳудиёнро низ ба нақшаи наҷот дохил кардааст.

> Ва имондорони махтун, ки ҳамроҳи Петрус омада буданд, дар ҳайрат афтоданд, ки атои Рӯҳи Муқаддас ба ғайрияҳудиён низ ҷорӣ шудааст, Зеро шуниданд, ки онҳо ба забонҳо сухан ронда, Худоро ҳамду сано мехонанд. Он гоҳ Петрус гуфт: Оё касе метавонад ба онҳое, ки Рӯҳулқудсро мисли мо низ ёфтаанд, бо об таъмид гирифтанро манъ кунад? Ва фармуд, ки онҳоро ба исми Исои Масеҳ таъмид диҳанд. Ва аз ӯ хоҳиш карданд, ки якчанд рӯз назди онҳо бимонад (Аъмол 10:45-48).

Яҳудиён ин далелро, ки Худо ба ғайрияҳудиён наҷотро бахшидааст, рад карда наметавонистанд, чунки худашон шоҳиди аён гардидани қуввати Худо (ҷорӣ шудани Рӯҳи Муқаддас) буданд. Имондорони яҳудӣ дар ҳайрат буданд. Худо на танҳо наҷотро ба ғайрияҳудиён бахшид, балки Ӯ Рӯҳи Муққаддасро бидуни эътирофи ошкорои имон ва таъмид бо об ба онҳо ато кард! Ин дар Китоби Муқаддас ягона мисолест , ки шумо амали Худоро ба ин тартиб мушоҳида карда метавонед.

Дар дигар вақтҳо Рӯҳи Муқаддас баъд аз имон овардан ҷорӣ мешавад. Ман бовар дорам, ки Худо чунин амал кард, чунки ба яҳудиён аломати махсус лозим буд, то онҳо имон оваранд, ки наҷоти Худованд ба ғайрияҳудиён низ тааллуқ дорад.

## Эфсӯсиён

Чорум воқеае, ки ман мехоҳам дар бораи он бигӯям, дар боби 19-уми китоби Аъмол навишта шудааст. Павлус дар яке аз сафарҳои худ дар шаҳри Эфсӯс мебошад. Китоби Муқаддас мефармояд, ки Павлус ворид шаҳр гашта, бо якчанд шогирдони Яҳёи Таъмидиҳанда вомехӯрад. Аввалин чизе, ки ӯ пурсид, чунин буд: «Оё вақте, ки имон овардед, Рӯҳи Муқаддасро қабул кардед?» (ояти 2). Ана ҳамин хел! Агар Павлус ба эфсӯсиён чунин мурочиат карда бошад, мо низ ба ҳама навимоновардагон низ бояд чунин савол диҳем.

Боз ҳам барои чӣ ин мавзӯъ барои роҳбарони калисои аввал ин қадар муҳим буд? Чунки пур гаштан бо қуввати Рӯҳ барои иҷро кардани вазифаи мо дар Масеҳ беандоза аҳамиятнок мебошад. Барои чӣ ягон нафар аз мо ҳатто як соат ҳам бидуни ин қувват зиндагӣ кардан намехоҳад (ниг. Аъмол 1:8)? Дар подшоҳии Падар мо он вақт самаранок мегардем, ки дар Масеҳ шинонида шавем (наҷот) ва бо қуввати Рӯҳи Муқаддас пур гардем.

Павлус фаҳмид, ки ин эфсӯсиён, ҳарчанде ки шогирдони Яҳёи Таъмиддиҳанда бошанд ҳам, онҳо Хушхабари Исои Масеҳро нашунидаанд ва барои ҳамин ӯ аввал ба онҳо башорат дод.

Чӣ тавре ки ман пештар гуфта гузаштам, пеш аз он ки дар мақоми худ дар Масеҳ устувор гардем, бояд ҳатман бо қуввати Рӯҳи Муқаддас пур шавем. Ҳатто агар нишони зоҳирии қувват (аз Рӯҳ пур шудан), масалан дар ҳолати Корнилиюс, аз эътирофи наҷоти мо (ба шакли таъмиди бо об) пештар бошад ҳам, наҷот ҳамеша пешопеши пур гаштан аз қувват мебошад.

Барои ҳамин эфсӯсиён суханони Павлусро шунида, аввал «ба номи Исои Худованд таъмид гирифтанд» (Аъмол 19:5). Бо дигар суханон, онҳо наҷотро қабул карданд, ки он танҳо ба воситаи Масеҳ ва бо Масеҳ ба даст овардан мумкин аст. Лекин бо ин ҳам ҳама он чиз тамом нест: «Ва ҳангоме, ки Павлус дастҳои худро ба сари онҳо гузошт, Рӯҳи Муқаддас ба онҳо нозил шуд, ва ба забонҳо сухан ронда, нубувват карданд» (Аъмол 19:6).

Баъд аз он ки навимоновардагон ба номи Исои Худованд таъмид гирифтанд, бо Рӯҳи Муқаддас пур гаштанд. То вохӯрӣ бо Павлус ин одамон дар бораи Исо хеле кам медонистанд. Лекин ҳамон лаҳзае ки онҳо бо Рӯҳи Муқаддас пур гаштанд, онҳо нубувват карданд, яъне ин маънои онро дорад, ки онҳо паёми Масеҳро эълон мекарданд. Ин атои нубувват , ки якчанд дақиқа пештар аз он хабар надоштанд, ба воситаи Рӯҳи Муқаддас ба онҳо имконпазир шуд. Барои имондор бе шинохтани Рӯҳи Худо бо қудрат эълон кардани асрори Худо ғайриимкон мебошад. (ниг. 1 Қӯр. 2).

Ман бисёр миннатдорам, ки ҳеҷ вақт бидуни қуввати Рӯҳ мавъиза накардаам. Худ аз худ ман он шахси беҳтарине намебошам, ки аз минбар баромад кунам, ва инчунин нависандаи беҳтарин низ намебошам. Ман дар фанни «забони инглисӣ» он қадар бад мехондам, ки дар имтиҳон ноком мондам. Аз 800 хол ман танҳо 370 гирифтам. Ҳеҷ кас аз ман хубтар намедонад, ки танҳо ба воситаи файзи Худо ман он шахсе ҳастам, ки шумо медонед. Бе қуввати Ӯ ман ин китобро навишта наметавонистам. Ӯ сарчашмаи қувват ва лаёқати ман мебошад. Бидуни Ӯ вазифаи ман дар Подшоҳӣ иҷронашаванда мебуд. Рӯҳи Муқаддас файзи Худоро ба ман «зоҳир» мекунад.

**Рӯзи 4**

# ОЁ ЗАБОНҲО ХОМӮШ ШУДААНД?

> Муҳаббат ҳаргиз хотима намеёбад, гарчанде ки нубувватҳо хотима хоҳад ёфт, забонҳо хомӯш хоҳад шуд ва дониш ботил хоҳад гашт. Зеро ки мо ба таври ҷузъӣ нубувват мекунем. Аммо вақте ки камол меояд, он чи ҷузъӣ буд, хотима меёбад (1 Қӯр. 13:8-10).

Акнун ҳоло, ки мо ҳамаи мисолҳоро аз китоби Аъмол дар бораи пур шудан бо Рӯҳи Муқаддас бодиққат дида баромадем, ман мехостам саволеро дар миён гузорам, ки нафарони зиёд ҷавоби онро донистан мехоҳанд. Ман бисёр мешунавам, ки одамон мегӯянд, ки забонҳо хомӯш хоҳанд шуд. Одатан барои исботи суханони худ онҳо суханони Павлусро аз номаи 1 Қуринтиён 13 оварда мегӯянд: «аммо вақте ки камол меояд, он чи ҷузъӣ буд хотима меёбад», яъне он чизи комиле, ки ба мо дода шудааст, ин Китоби Муқаддас мебошад. Ин маънои онро дорад, ки вақте ин чизи комил (Китоби Муқаддас) ба мо ато шуд, забонҳо хомӯш шуданд.

Муҳим аст, ки мо ин қисми суханони Худоро бо диққат мутолиа

кунем, то ки ба суханони Павлус сарфаҳм рафта тавонем. Дар бораи ин оятҳо тафаккур карда, фаҳмида метавонем, ки ин ақида ғалат мебошад. Агар забонҳо хотима ёфта бошанд, он гоҳ дониш ва нубувват низ хотима ёфтаанд. Оё донишҳо ва нубувватҳо хотима ёфтаанд? Албатта не. Пас, Павлус дар бораи кадом чизи «комил» сухан меронад?

Ҷавоброн мо дар ояти дувоздаҳум меёбем:

> Зеро ки ҳоло дар оина, ба таври муаммо мебинем, лекин он вақт рӯ ба рӯ хоҳем дид; ҳоло ман ба таври ҷузъӣ медонам, лекин он вақт хоҳам донист ба монанди он ки худам низ дониста шудаам (1 Қӯр. 13:12).

Павлус дар бораи он, ки чӣ тавр бо Масеҳ рӯ ба рӯ вохӯрд, фикр баён мекунад. Ана маънои «комил» ин аст, ки Исоро дар тамоми ҷалоли Ӯ шиносем. Оё мо дар айни замон ҳамин гуна вохӯриро бо Исо аз сар мегузаронем? Оё мо тамоми ҷалоли Ӯро дар пуррагиаш мебинем? Дар ҳаёти заминиамон вохӯрии мо бо Исо мисли дар оинаи хира мебошад. Лекин дар ҳаёти оянда мо Ӯро мисли он, ки Ӯ моро мешиносад, хоҳем донист. Ин эҳсоси амиқи наздикӣ бо Исо нишонаи он аст, ки дар оянда як чизи «комиле» моро интизор мебошад. Гарчанде ки ин сайругашт дар замин оғоз меёбад, то он даме ки бо Ӯ рӯ ба рӯ дар абадият вонахӯрем, хотима нахоҳад ёфт.

## ЧОР НАМУДИ ЗАБОНҲО

Одатан ба ман боз як саволро медиҳанд: «Ҷон, барои чӣ дар нома ба Қӯринтиён (12:30) навишта шудааст, ки : «Оё ҳама ба забонҳо сухан меронанд?». Оё ин маънои онро дорад, ки на ҳама ба забонҳои дигар сухан меронанд? Бале, ин ҳамин гуна аст. Аммо дар ин қисмат Павлус дар бораи забонҳои махсус сухан меронад, ки дар он на ҳамаи имондорон сухан меронанд. Барои фаҳмиши бештар, биёед, он чор намуди забонҳоро дида мебароем, ки Аҳди Ҷадид дар бораи онҳо мегӯяд.

Дар чорчӯбаи баҳсҳои мо ман забонҳоро аз рӯи истифода бурда шудани онҳо ба ду қисм ҷудо мекунам: шахсӣ ва оммавӣ. Ду намуди забонҳо барои хизмати оммавӣ пешбинӣ шуданд. Дар зери мафҳуми «оммавӣ» ман онро дар назар дорам, ки шахс бо бахшоиши Рӯҳ ба дигар шахс ё гурӯҳи одамон хизмат мекунад. Ва баръакс, ду забонҳои «шахсӣ» моро ҳамчун имондорон ба Худо наздик месозад, то ки мо мутобиқи ҳикмати бузурги Ӯ мустақим ба Худо тазаррӯъ кунем. Биёед, ҳар як намуди ин забонҳоро дида мебароем.

## Аввалин. Забонҳо ҳамчун аломот барои беимонон

Намуди якуми забонҳо ҳамчун аломот ба дигарон хизмат мекунанд.

> Пас забонҳо аломот аст на барои имондорон, балки барои беимонон; аммо нубувват на барои беимонон, балки барои имондорон аст (1 Қӯр. 14:22).

Ин забонҳо он гоҳ амал мекунанд, ки Рӯҳи Муқаддас ба ақли мо нозил шуда, ба мо қобилияти бо дигар забонҳо сухан гуфтанро ато кунад. Инҳо чунин забонҳое мебошанд, ки дар рӯи замин мавҷуда буда, пештар онҳоро мо намедонистем, нахондаем ва таҷрибаи сухан ронданро бо ин гуна забонҳо надоштам. Маҳз ҳамин намуди забонҳо дар рӯзи Пантикост ба воситаи шогирдон амал кард.

> Дар Ерусалим яҳудиён, одамони худотарсе ки аз ҳар халқи зери осмон буданд, сукунат доштанд. Ҳангоме, ки он ғулғула баланд шуд, мардуми бисёре ҷамъ омада, дар ҳайрат афтоданд, зеро ки ҳар кас ба забони худаш сухани онҳоро мешунид. Ва ҳама моту мабҳут ва мутааҷҷиб шуда, ба якдигар мегуфтанд: Оё ҳамаи инҳо, ки гап мезананд, ҷалилӣ нестанд? Пас чӣ гуна

> ҳар яке аз мо суханони онҳоро ба забони зодгоҳи худ мешунавем? Мо, ки портиён ва модиён ва эломиён, ва сокинони байнаннаҳрайн, Яҳудо ва Қаппадукия, Понтус ва вилояти Осиё, Фриҷия ва Памфилия, Миср ва ноҳияи Либия, ки дар наздикии Қурин аст, ва зиёратчиёни румӣ, ҳам яҳудиён ва ҳам онҳое, ки чанде пеш дини яҳудиро қабул карданд, ва аҳли Крит ва Арабистон ҳастем, суханони инҳоро аз кибриёи Худо ба забонҳои худамон мешунавем (Аъмол 2:5-11).

Яҳудиён шоҳиди он буданд, ки чӣ гуна имондорон ба лаҳҷаҳои маҳаллии онҳо сухан меронданд. Ин барои онҳо аломоте буд, ки Худованд дар байни онҳое, ки ба Инҷили Исои Масеҳ имон оварда буданд, амал мекунад. Дар акси ҳол ин мардуми бесаводи ҷалилӣ мӯъҷизаҳои Худоро бо забонҳои гуногун эълон карда наметавонистанд. Ба хотири ин мӯъҷизаи Худованд ва аён гаштани қуввати Рӯҳ бисёр касон он вақт ба Исо Масеҳ имон оварданд.

Якчанд сол пеш ман дар як калисо дар шаҳри Колорадо Спрингс мавъиза мекардам. Дар вақти ҷаласа як зан аз гурӯҳи ман дар курсии қафои калисо менишаст. Баъд аз ҷаласа марде, ки як қатор пештар аз ӯ нишаста буд, ба назди вай омада гуфт: «Шумо ба забони фаронсавӣ бисёр аҷоиб сухан меронед, шумо лаҳҷаи зебои қадимии ин забонро доро мебошед. Ман дар тӯли солҳои бисёр ин забонро дарс медиҳам, лекин ягон нафареро вонахӯрдаам, ки мисли шумо ин қадар тоза сухан ронад».

Ин зан дар ҷавоби ӯ гуфт: «Ман тамоман ба забони фаронсавӣ сухан ронда наметавонам». Мард дар ҳайрат монд.

Ӯ гуфт: «Шумо натанҳо ба забони фаронсавӣ сухан мерондед, балки ба забони фаронсавӣ ҷойҳои Навиштаҷотро, пеш аз он ки Ҷон гӯяд, шумо мегуфтед ва аз шунавандагон хоҳиш мекардед, ки он ҷойҳои Китоби Муқаддасро кушоянд». Ин воқеа ба ин мард нишонаи тасдиқи он паём буд, ки Худо ба воситаи ман мегуфт. Мақсади асосии забонҳо ҷалб кардани диққати шахсе

мебошад, ки ҳаёташро ба Масеҳ набахшидааст ва Ӯро ҳамчун Худованд ва Наҷотбахш қабул накардааст.

## Дуюмин. Забонҳо барои маънидод кардан

Намуди дуюм, инчунин, барои хизмати оммавӣ истифода мешавад. Дар фарқият аз забонҳо ҳамчун аломот, ин забонҳо осмонӣ мебошанд, ки дар рӯи замин дар ҳеҷ куҷо бо ин забонҳо сухан намеронанд. Павлус дар бораи забонҳои маънидодшаванда маълумот дода, ин намуди забонҳоро атои рӯҳонӣ мешуморад: «...ба дигаре забонҳои гуногун, ва ба сеюмӣ тафсири забонҳо» (1 Қӯр. 12:10). Ба хотири он ки дар ҳеҷ куҷои рӯи замин бо ин забонҳо сухан намеронанд, онро бояд тафсир кард.

Якчанд сол пеш ман дар як калисои кишвари Сингапур барои мавъиза кардан омодагӣ мегирифтам. Ногаҳон як шахс дар ҷаласа ба забони ношинос сухан ронд. Ман аниқ медонистам, ки ин ягон забони заминӣ набуд, балки забони осмонӣ буд. Ҳар як нафар дар толор аз ин аломот дар ҳайрат монда буд. Баъд аз он ки ин шахс суханони худро ба забони осмонӣ ба поён расонид, ҳамон лаҳза ӯ тафсир ҳам кард. Тафсири ӯ айнан ҳамон чизе буд, ки Худо барои ин калисо ба ман барои мавъиза кардан дода буд. Ман дар фикри худ барои ин тасдиқ Худоро шукр гуфтам! Барои тасдиқи суханони худ, ки дар қалби ман гузошта буд, Худо бахшоиши тафсири забонҳои ин шахсро истифода бурд. Ин барои ман ва барои ҳамаи ҷамъомадагон дар он толор аломот буд.

Пайхас кунед, ки нисбат ба ин намуди забонҳо калимаи «тафсир» истифода мешавад, на ин ки «тарҷума». Забонҳои осмониро (ки ба онҳо се аз чор намуди забонҳое, ки дар Аҳди Ҷадид омадааст, тааллуқ дорад) тарҷума кардан мумкин нест, чунки онҳо аз ақли инсон боло мебошанд, онҳоро танҳо тафсир кардан мумкин аст.

Ҳар як забон, ки мансуб ба категорияи «забонҳои тафсирӣ» мебошанд, ҳамеша бояд тафсир карда шавад. Бидуни тафсир

калисо обод намешавад, ва чунин забонҳо фақат барои ташвиқ ва ободии калисо дода мешаванд (ниг. 1 Қӯр 14).

Дар бораи ин намуди забонҳо Павлус ҳамон вақте сухан гуфт, ки аз ӯ пурсиданд: «Оё ҳама ба забонҳо сухан меронанд?» Биёед, акнун ба ин оят дар даруни матн назар мекунем:

> Ва Худо баъзеро дар калисо аввалан ҳаввори̅, сониян наби̅, солисан муаллим таъин кардааст, баъд қувваҳои мӯъҷизакор, ҳамчунин бахшоиши шифо додан, мадад расонидан, идора кардан ва забонҳои гуногунро бахшидааст. Оё ҳама ҳаввориянд? Оё ҳама набианд? Оё ҳама муаллиманд? Оё ҳама мӯъҷизакоранд? Оё ҳама бахшоиши шифодиҳи̅ доранд? Оё ҳама ба забонҳо сухан меронанд? Оё ҳама тафсир мекунанд? (1 Қӯр. 12:28-30).

Павлус дар бораи бахшоишҳои оммавие, ки Худо дар калисо гузоштааст, сухан меронад. Оё ҳама ҳаввориянд? Не. Оё ҳама набианд? Не. Оё ҳама муаллиманд? Не. Айни ҳамон хел, оё ҳама ба забонҳо сухан меронад ва тафсир мекунанд? Не. Павлус дар он ақида аст, ки мо бояд дар он бахшоишҳои мушаххасе, ки Худо ба мо ато кардааст, рушд кунем. На ҳама дар калисо бахшоиши ба забонҳои дигар хизмат карданро доранд.

## Фарқият байни ду намуди забонҳои оммави̅

Баъдтар дар Номаи худ ба Қӯринтиён Павлус фарқиятро байни ин ду категорияи забонҳои оммави̅ ин тавр менависад:

> Пас забонҳо аломот (забонҳо барои аломот) аст на барои имондорон, балки барои беимонон; аммо нубувват на барои беимонон, балки барои имондорон аст. Агар тамоми аҳли калисо дар як ҷо ҷамъ шаванд ва ҳама ба забонҳо (забонҳо барои тафсир) сухан ронанд, ва бехабарон ва беимонон дароянд, онҳо намегӯянд, ки шумо девона шудаед? (1 Қӯр. 14:22, 23).

Агар шумо нафаҳмед, ки чор намуди (категория) забонҳо мавҷуд аст, он гоҳ ба назар мерасад, ки Павлус ҳангоми навиштани ин суханон аз мантиқ берун аст. Дар аввал ӯ гуфт: «Забонҳо аломот барои беимонон аст». Ва баъд дар ояти навбатӣ навишта шудааст: «Агар шумо ба забонҳо сухан ронед, он гоҳ беимонон фикр мекунанд, ки шумо аз ақли худ берун шудаед». Лекин фарқияти байни ин чор категорияи забонҳоро дарк карда, мо мефаҳмем, ки Павлус дар ин ҳолат дар бораи ду забони гуногун сухан меронад.

Дар ҳолати аввал ӯ дар бораи забонҳо ҳамчун аломот мегӯяд, ки ин намуд беимононро ҷалб мекунад, чунки ин барои онҳо нишона аст. Намуди дуюм забонҳо (забонҳо барои тафсир) мавҷуданд, ки фақат барои ободии калисо пешбинӣ шудааст; ин забонҳо барои беимонон аломот намебошанд. Дар асл Павлус ба хулосае меояд, ки агар имондорон ба забонҳои категория дуюм сухан ронанд ва онро тафсир накунанд, он гоҳ беимонон фикр мекунанд, ки онҳо аз ақли худ берун шудаанд!

Ба худ ҷаласаи рӯзи якшанберо тасаввур карда метавонед, ки дар он ҳар як нафар баробар мавъиза мекунад, таълим медиҳанд ва нубувват мекунанд? Ин гуна ҷаласа ҳайратовар ва бемаъно мешуд. Барои ҳамин, Павлус таълим медиҳад, ки бо забонҳои тафсиршаванда низ дар калисо бесарусомонӣ наоваранд. Дар шароитҳои номусоид ин гуна забонҳо бетартиб ва беҳадаф мешаванд.

Пештар, дар ҳамон боб, Павлус мегӯяд, ки забонҳо на барои нороҳатӣ, балки барои ваҳй ва ошкоршавӣ хизмат мекунанд.

> Худоямро шукр мегӯям, ки ман бештар аз ҳамаи шумо ба забонҳо сухан меронам; лекин дар калисо гуфтани панҷ калимаро бо ақли худ, то ки дигаронро насиҳат кунам, афзал медонам аз он ки як олам калимаро ба забоне бигӯям (1 Қӯр. 14:18, 19).

Ин хеле содда аст: ҳангоме ки бо забонҳои ба гурӯҳи оммавӣ мутааллиқ сухан меронанд, он гоҳ ба хотири ободии ҳамаи ҳозирин онро бояд тафсир кард. Дар акси ҳол беҳтар аст, ки ба забони фаҳмо бо ҳама сухан ронем.

## Рӯзи 5

## Сеюмин. Забонҳо барои дуои шахсӣ

> Зеро, вақте ки ман ба забоне дуо мегӯям, рӯҳам дуо мегӯяд, лекин ақлам бесамар мемонад. Пас чӣ бояд кард? Бо рӯҳ дуо хоҳам гуфт, бо ақл низ дуо хоҳам гуфт; бо рӯҳ суруд хоҳам хонд, бо ақл низ суруд хоҳам хонд (1 Қӯр. 14:14, 15).

Ду намуди забоне, ки мо аввал дида баромадем, барои истифодаи оммавӣ вуҷуд дорад ва паёми Худоро ба одамон мерасонад. Забонҳои аломот барои дастрас кардани беимонон ва хидмат расонидан ба онҳо таъин шудааст; забонҳои тафсиршаванда барои хизмат кардан ба имондорон пешбинӣ шудааст. Дар оятҳои дар боло овардашуда Павлус намуди сеюми забонҳоро пешниҳод мекунад, ки ин забонҳо барои дуои шахсӣ мебошанд. Ӯ дигар дар бораи хизмати оммавӣ сухан намеронад, лекин ӯ таълим медиҳад, ки чӣ гуна мо бояд забонҳоро барои ҳадафҳои шахсии худ истифода кунем. Ин шакл барои ободии шахсӣ ва дуо ато шудааст. Павлус мушаххас мегӯяд, ки мо метавонем «бо ақли худ», яъне ба забони модарии худ дуо хонем ё «дар рӯҳ» - ба забонҳои ношинос, яъне осмонӣ дуо хонем. Ӯ боз мегӯяд, ки бо чунин тарз мо суруд низ хонда метавонем (парастиш мекунем).

Дар аввали боби 14-уми Номаи Аввал ба Қӯринтиён навишта шудааст: «Зеро касе ки ба забоне сухан меронад, вай на ба одамон, балки ба Худо сухан меронад» (ояти 2). Мо медонем, ки ин зуҳури Рӯҳро мо ба қатори забонҳои аломот шомил карда наметавонем, чунки дар рӯзи Пантикост шогирдон бо забони хориҷӣ дар бораи мӯъҷизаҳои Худованд ба мардум эълон мекарданд. Павлус дар бораи забонҳои тафсир низ нагуфтааст, чунки ин дар ҳолат гуфта мешавад, ки агар имондорон барои

ободии калисо ба забонҳои осмонӣ сухан ронда, онро тафсир кунанд. Павлус дар ин ҷо мушаххас дар бораи шахсе мегӯяд, ки дар рӯҳ «на ба одамон, балки ба Худо» сухан меронад.

Ба забонҳо сухан рондан дар дуои шахсӣ ин алоқаи шахсӣ байни Худо ва шахси дуогӯй мебошад. Ва ҳадафи он қувват бахшидан ба шахси дуогӯй аст. «Валекин шумо, эй маҳбубон, худро бо имони бағоят муқаддасатон обод кунед, ва дар Рӯҳи Муқаддас дуо гуфта, Худро бо муҳаббати Худо нигоҳ доред...» (Яҳудо 20,21). Тибқи ин суханон, ҳангоме ки мо дар Рӯҳи Муқаддас (ба забонҳо) дуо мегӯем, он гоҳ худамонро обод мекунем, аммо ҳангоме ки мо ба забонҳои тафсиршаванда дуо мехонем, калисо ва имондоронро обод мекунем (ниг. 1 Қӯр. 14:5). Худо хоҳони ҳардуи он мебошад, ҳам ободии мо ва ҳам ободии калисо низ муҳим мебошад.

Бисёр имондорон мепурсанд: «Оё имкон дорад, ки шахс бо Рӯҳи Муқаддас таъмид ёфта, лекин ба забонҳо сухан наронад?» Бале, имкон дорад. Ман фикр мекунам, ки одам метавонад бо Рӯҳи Муқаддас пур шавад, лекин ба забонҳо сухан наронад. Лекин ман боз илова карданӣ ҳастам, ки ҳар як шахсе, ки бо Рӯҳи Муқаддас пур гаштааст, қобилияти ба забонҳо сухан ронданро дорад. Бисёре аз имондорон дар ин бахшоиш амал намекунанд, чунки мутобиқи имони худ амал намекунанд, то онро ба даст биоваранд. Ҳар як бахшоиши Худованд бо имон қабул карда мешавад ва бо имон амал мекунад.

Ду одамро дар дарё тасаввур кунед. Яке аз онҳо оромона дар об меистад, дар ҳолате ки дарё бо майли худ ҷорист. Дуюмин ором шуда, ба ҷараёни дарё худро супорид. Ҳар дуи онҳо дар дохили дарё ҳастанд: он касе, ки қарор кард ором бошад ва худро устувор гирад ва он дигаре, ки худро ором карда, бо ҷараёни дарё рафт. Лекин маҳз ҳамин шахси дуюм, ки қарор кард худро ба ҷараёни дарё супорад, ба ҳамон ҷо мерасад, ки дарё равона аст.

Шахсеро, ки бо забонҳо дуо мехонад, бо он нафаре, ки ба

ҷараёни дарё худро супоридааст, монанд кардан мумкин аст; ва баръакс он касе, ки ба забонҳо дуо намехонад, мисли он шахсест, ки дар дохили дарё буда, ба самти он равона нест. (Агар дар бораи он ки чӣ гуна мо бояд худро ба Рӯҳ супорем, бештар донистан хоҳед, мо дар боби навбатӣ сухан меронем.)

Муносибат бо Рӯҳи Муқаддас ин яке аз он баракатҳоест, ки ба мо ба воситаи марг ва аз нав зинда шудани Исо ато шудааст. Лекин лаёқати пурра аз сар гузаронидани ин муносибат баъд аз наҷот ёфтанамон ба тариқи автоматикӣ ба амал намеояд. Афсӯс, ки бисёр имондорон аз баъзе ҷиҳатҳои бахшоиши наҷот бо пуррагӣ ҳаловат намебаранд. Муҳим он аст, ки мо ба дастрас кардани тамоми баракатҳои Худованд кӯшиш кунем. Дарк кардани он, ки ба воситаи марги Исо ба мо чӣ чизҳо ато шудааст, аз қисми муҳимтарини сайругашти мо дар Масеҳ мебошад. Чӣ тавре ки мо пештар фаҳмидем, маҳз Рӯҳи Муқаддас ба мо қувват ва қобилияти иҷро кардани вазифаҳоро дар Подшоҳии Худо медиҳад. Агар мо бахшоишҳое, ки ба воситаи Рӯҳи Муқаддас ато шудааст, аз хотирамон барорем, он гоҳ ба муносибат бо Худо ва ба он андозаи қуввате, ки барои хизмат кардан ба Ӯ зарур аст, низ хунукназарона рафтор мекунем.

## Чорум. Забон барои тазаррӯъ

> Ҳамчунин Рӯҳ низ моро дар нотавониамон тақвият медиҳад; зеро ки мо намедонем дар чӣ хусус ба таври бояду шояд дуо гӯем, лекин Худи Рӯҳ барои мо бо оҳу нолаҳое шафоат мекунад, ки сухан аз баёнашон оҷиз аст. Таҳқиққунандаи дилҳо аз андешаи Рӯҳ огоҳ аст, чунки Ӯ барои муқаддасон мувофиқи хости Худо шафоат мекунад (Рум. 8:26, 27).

Павлус дар ин ҷо суханони худро бо калимаҳои «Ҳамчунин Рӯҳ низ моро дар нотавониамон тақвият медиҳад» оғоз мекунад. Павлус дар бораи кадом нотавониҳо мегӯяд? Ҷавоб: «Зеро ки

мо намедонем дар чӣ хусус ба таври бояду шояд дуо гӯем». Бо ибораи дигар, заъфи мо дар он аст, ки мо чизҳои дар ин олам рӯй медодагиро бо пуррагиаш дарк карда наметавонем. Барои ҳамин вақтҳое мешаванд, ки мо намедонем дар бораи чӣ дуо гӯем. Лекин ҳангоме ки мо ба Рӯҳи Муқаддас таваккал мекунем ва дар Рӯҳ тазаррӯъ мекунем (чунки Ӯ аз ҳама чиз бохабар аст), он гоҳ Ӯ мутобиқи иродаи комили Худо ба воситаи мо тазаррӯъ мекунад.

Ҳангоме ки ман дар донишгоҳ таҳсил мекардам, барои донишҷуёни Донишгоҳи Пурдю дарсҳои Китоби Муқаддасро мегузаронидам. Дар ин гурӯҳ тақрибан шаст нафар буданд ва баъзе аз онҳо умуман ба калисо ташриф намеоварданд, дигарон аъзои ҳар гуна калисоҳо ва равияҳои масеҳият буданд. Дар ин гурӯҳ як духтаре аз як равияе буд. Пайравони ин равия дар он ақида буданд, ки забонҳо аз байн рафтааст. Боре як бегоҳ вай таълимоти маро дар бораи Рӯҳи Муқаддас шунид, ки дар замони мо низ забонҳо мавҷуд мебошанд ва дар бораи ин дар Китоби Муқаддас навишта шудааст. Он шом ӯ бо Рӯҳи Муқаддас пур гашт.

Дар рӯзи дигар соати 6:30 дақиқаи субҳ маро занги телефонӣ аз хоб бедор кард ва ин барои ман барин як донишҷӯ хеле барвақт аз он соат буд, ки ман мехостам! Ин ҳамон духтар буд ва ӯ хоҳиш кард, ки бо ӯ вохӯрам. Хобгоҳи духтарона, ки вай дар он зиндагӣ мекард, дар он тарафи роҳ дар рӯ ба рӯи хобгоҳи писарона ҷой гирифта буд. Ман худро аз ҷойгаҳ кашида, берун баромадам. Ӯ маро дар он ҷо мунтазир буд. Ман ҳоло аз ин занги барвақт хоболуд ва камтар хашмгин будам. Ӯ баръкас бисёр хурсанд ва хушҳол буд. Ман аз ӯ хоҳиш кардам, то нақл кунад, ки чӣ рӯй дод.

Ӯ гуфт: «Худо маро соати панҷи саҳар аз хоб бедор кард. Ман эҳсоси сахте доштам, ки ба забонҳо дуо гӯям, ва маҳз чунин кардам ва ба зудӣ ман ба тазаррӯъ кардан гузаштам. Ман аз Худо хоҳиш кардам, то нишон диҳад, ки ман чаро ин қадар ҳайратовар дуо мехонам ва Худованд нишон дод, ки ман барои ҳаёти як пирамарде тазаррӯъ дорам. Бинобар ин ман дуои худро давом додам».

Дар идома вай ба ман гуфт, ки соати шаши саҳар ҳамсояи вай телефон кард ва гуфт, ки ба бобои ӯ сактаи дил (инфаркт) рӯй додаст ва вайро ба беморхона бурдаанд ва муяссар гардид, ки ӯро дар он ҷо наҷот бахшанд. Ҳангоме ки ин шиноси ман инро шунид, Рӯҳи Муқаддас ба вай гуфт. «Ту барои ин шахс дуо хондӣ». Ин намунаи аҷоиби дуои тазаррӯъ бо забонҳо мебошад. Ӯ хабаре надошт, ки ҳаёти ин шахс дар хатар мебошад, лекин Рӯҳи Муқаддас медонист. Агар ӯ мисли пештара танҳо бо ақли худ дуо мегуфт, он гоҳ барои ин шахс тазаррӯъ карда наметавонист.

Модари ман дар штати Флорида зиндагӣ мекунад ва барои ҳамин ман аниқ намедонам, ки ҳоло дар ҳаёти вай чӣ рӯй медиҳад. Ман намедонам, ки дар ҳаёти хоҳарам, ки дар штати Калифорния зиндагӣ мекунад, чӣ рӯй медиҳад. Лекин Рӯҳи Муқаддас иродаи комили Худоро барои ҳар дуи онҳо медонад ва Ӯ ба воситаи хоҳиши ман, ки дар дуо шарики Ӯ бошам, тазаррӯъ мекунад. Рӯҳ ҳама чизро таҳқиқ мекунад ва медонад. Ҳангоме ки мо ба Рӯҳи Муқаддас иҷозат медиҳем, ки ба воситаи мо дуо хонад, мефаҳмем, ки олами аҷоибе моро иҳота мекунад!

## МАФҲУМИ ЗАБОНҲОИ МАХСУС

Муҳим аст, ки дар бораи ду категорияи забонҳо, ки ман онҳоро ба гурӯҳи «махсус» ҷой додам, диққат кунем. Чунин ҳолате мешавад, ки имондорон бо Рӯҳи Муқаддас пур шуда, якҷоя ба забонҳо дуо мехонанд. Дар ин ҳолатҳо хуб аст, ки онҳо дар Рӯҳ дуо хонанд. Дигар ҳолатҳое ҳастанд, ки бояд имондорон аз дуо гуфтан ба забонҳо дар байни ҷамъомад худдорӣ кунанд. Павлус чунин суханонро мегӯяд:

> Агар тамоми аҳли калисо дар як ҷо ҷамъ шаванд, ва ҳама ба забонҳо сухан ронанд, ва бехабарон ё беимонон дароянд, оё онҳо намегӯянд, ки шумо девона шудаед? (1 Қӯр. 14:23).

Дар ин оятҳо дар бораи ду гурӯҳи одамон гуфта шудааст. Дар аввал, Павлус дар бораи беимонон мегӯяд. Инҳо он шахсонеанд, ки Исои Масеҳро ҳамчун Худованди худ қабул накардаанд - он касоне, ки ҳоло дар имон нестанд. Гурӯҳи дуюми одамон - бехаборон. Инҳо он шахсоне мебошанд, ки ба Исои Масеҳ имон овардаанд, лекин то ҳол дар бораи Рӯҳи Муқаддас таълим нагирифтаанд. Одам хоҳ беимон ва хоҳ бехабар бошад, дар он фазое, ки ҳама ба забонҳо дуо мегӯянд, худро нороҳат эҳсос мекунад. Барои ҳамин вай ба осонӣ дар бораи шахсоне, ки дуо мегӯянд, фикр карданаш мумкин аст, ки: «Оё инҳо девона нашудаанд?».

Афсӯс, ки ман бисёр вақт шоҳиди он будам, ки дар ҷаласаҳои рӯзи якшанбе имондорон якҷоя ба забонҳо дуо мехонданд ва роҳбарони онҳо ин амалро дастгирӣ мекарданд. Дар асл дар гузашта ман низ одамонро даъват мекардам, ки бо чунин тарз дуо хонанд. Одатан дар ҷаласаҳои рӯзи якшанбе бисёр меҳмонон иштирок мекунанд, ки аз ҷумлаи беимонон ё бехаборон мебошанд. Онҳо шояд дар дили худ фикр кунанд: «Оё дар ин ҷо девонаҳо ҷамъ шуданд?». Ман пайхас кардам, ки чунин калисоҳо бисёр бо мушкилӣ рушд мекунанд ва дар шаҳрҳои худ таъсири мусбӣ надоранд. Оё сабаби ин фаромӯш кардани ҳикмате нест, ки дар Номаи Аввал ба Қӯринтиён (14:23) навишта шудааст? Фикр мекунам, ки агар онҳо чунин кори худро идома диҳанд, он гоҳ беимонон ва бехабаронро ҳеҷ гоҳ назди худ оварда наметавонанд.

Аз дигар тараф, калисо барои имондорон ҷаласаҳои дуохонӣ ташкил карда метавонад (шоми рӯзи шанбе ё саҳари рӯзи душанбе). Дар ин ҷаласаҳо танҳо имондорон ва хабардорон иштирок мекунанд. Он гоҳ ҷоиз аст, ки ҳама ба забонҳо дуо гӯянд, чунки ҳадафи ин ҷаласаҳо хизмат кардан ба Худованд ва тазарруъ намудан мебошад.

Бо дигар суханон, Павлус на дар бораи он ибрози андеша намудааст, ки чунин як вақте барои ҷаласаҳои махсуси дуогӯӣ «ба забонҳо» мавҷуд нест. Фақат ӯ он сарҳадеро нишон медиҳад,

то дар он ҷамъомаде, ки беимонон ё бехабарон ҷамъ шуданд, дуо бо забонҳо мутобиқи шароит бошад.

## ХОСТИ ХУДО ДАР БОРАИ ШУМО

> Хуллас, эй бародарон, иштиёқманди он бошед, ки нубувват кунед, ва ба забонҳо сухан ронданро манъ накунед; лекин ҳамааш бояд бо тартибу интизом ба амал ояд (1 Қӯр. 14:39, 40).

Павлус медонист, ки калисо ба таври шояду бояд аз ин бахшоиши аҷоиби забонҳо истифода карда наметавонад. Барои ҳамин ӯ моро огоҳ мекунад: «Бо намуди дурусти забонҳо дар ҷои муносиб истифода кунед ва бо забонҳо сухан ронданро низ аз хотир набароред, чунки баъзе аз имондорон ин бахошиши аҷоибро аз даст доданд». Мутассифона, калисо ба бисёр бахшоишҳои Рӯҳ хунукназарона нигоҳ мекунад. Ин фоҷианок аст, чунки Рӯҳи Муқаддас ба хотири он фиристода шуда буд, ки ба калисо қувват бахшад. Худо калисоро интихоб кард, то ки Подшоҳии Худро ба воситаи он паҳн кунад. Агар мо дар он қувват, ки ба мо дар якҷоягӣ бо мақоми мо дар Масеҳ дода шудааст, бедор наистем, он гоҳ мо аз шоҳе, ки аз қудрати худ даст мекашад, ҳеҷ фарқе надорем.

Имрӯз бисёр имондорон фикр мекунанд, ки забонҳо аз байн рафтаанд ва бо ин рафтори худ бахшоиши аҷоиби Худоро аз даст медиҳанд. Қалби Худоро фаҳмидан мушкил намебошад: «Мехоҳам, ки ҳамаатон ба забонҳо сухан ронед...» (1 Қӯр. 14:5). Баъзеҳо бо ин розӣ намешаванд, чунки мегӯянд, ки инро Павлус навиштааст, на ин ки Худо. Дар Номаи Дуюм ба Тимотиюс (3:16) навишта шудааст, ки тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳӣ аст ва ин оят низ аз он истисно намебошад.

Ҳеҷ вақт аз хотир набароред, ки дуо бо забонҳо ин як роҳи пур гаштан бо қуввати Рӯҳ буда, ин як қисми муносибати аҷоиби

мо бо Худованд мебошад. Бинобар ин ман ҳамон орзуро, ки Павлус нисбат ба шумо дошт, ёдрас мекунам ва дуо менамоям, ки шумо ин бахшоиши аҷоибро ба даст оред ва дар он рушд карда, ҳаррӯз бо қуввати Рӯҳ пур гардед.

# РӮҲ АМАЛРО БА ВУҶУД МЕОРАД!

*Ва Худо низ ба он шаҳодат дод ба воситаи аломот ва мӯъҷизот, ва ҳар навъ қувваҳо ва бахшоиши Рӯҳи Муқаддас ба ҳасби иродаи Худ.*

–Ибриён 2:4, NLT

Рӯҳи Муқаддас ин иҷрокунандаи амал мебошад, ки бо ҳар гуна роҳҳои аҷиб аён мегардад. Дар Навиштаҷот Ӯ ба рамзи кабӯтар, оташ, шамол ва шароб нишон дода шудааст. Дарк кардани ин рамзҳо ба мо кӯмак мекунад, ки хислати Ӯро бифаҳмем, хости Ӯро дар ҳаёти худ дарк кунем ва бифаҳмем, ки чӣ гуна Ӯ ба воситаи ҳаёти мо амал карда метавонад.

Рӯҳи Муқаддас ҳамчун кабӯтар. Дар ҳар чор Инҷил гуфта шудаст, ки Рӯҳи Муқаддас мисли кабӯтар ба Исо нозил шуд. Кабӯтар аз рӯи табиати худ паррандаи хоксор ва меҳрубон мебошад. Кабӯтарҳо бисёр нозуканд ва тарсонидани онҳо бисёр осон аст. Онҳо барои истироҳати худ танҳо он ҷойро интихоб мекунанд, ки дар амният ва оромӣ сокин ҳастанд. Онҳо ҷуфти худро интихоб карда, бо он то охири умр вафодор мемонанд. Ин донишҳои нав барои дарк кардани хислати Рӯҳи Муқаддас ба шумо чӣ қадар кӯмак мекунанд? Ва акнун муносибати шумо ба Ӯ чӣ тавр мешавад?

________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________

Хонед: Мат. 3:16, 17; Мар. 1:9-11; Луқ. 3:21, 22; Юҳ. 1:32, 33.

Рӯҳи Муқаддас мисли оташ аст. Ӯ Худро ба Мусо дар буттаи оташин ва ба халқи Исроил дар сутуни оташин аён кард. Дар

рӯзи Пантикост Рӯҳи Муқаддас «бо забонаҳои аз ҳам ҷудое, мисли забонаҳои оташ, ба онҳо зоҳир шуд» (Аъмол 2:3). Ӯ оташе аст, ки Исо дар рӯи замин овард ва мо бояд мутаваҷҷеҳ бошем, ки онро хомӯш накунем. Дар бораи хислати оташ фикр кунед: он пок мекунад, он рӯшноӣ медиҳад, гармӣ мебахшад, ҳама чизро дар гирду атроф фурӯ мебарад. То чӣ андоза ин фаҳмиш, ки Рӯҳи Муқаддас мисли оташ аст, барои дарк кардани хислати Ӯ ба шумо кӯмак кард? Оташ чиро фурӯ мебарад ва чӣ тавр фурӯзон мешавад?

Хонед: Аъмол 2:3 ,4; Луқ. 12:49; 1 Тас. 5:19-21; Мат. 3:11, 12; Луқ. 3:16, 17; Ирм. 20:9, 23:29; Ибр. 12:29.

Рӯҳи Муқаддас мисли шамол аст. Ӯ дар рӯзи Пантикост на танҳо мисли оташ, балки мисли шамол низ аён гашт. Шамол аз шаббодаи нарм ба тӯфони сахт табдил ёфта метавонад. Дар бораи он фикр кунед, ки шамол чӣ карда метавонад. Чӣ тавр шамоли Рӯҳ ба марҳилаҳои ҳаёти шумо дигаргуниҳои навро оварда метавонад? Он ба чӣ оварда мерасонад?

Хонед: Юҳ. 3:5-8.

Рӯҳи Муқаддас мисли шароб аст. Дар рӯзи Пантикост шогирдон ба забонҳо сухан ронда, корҳои аҷоиби Худоро эълон мекарданд. Ин амали Рӯҳ он қадар сахт буд, ки баъзеҳо фикр карданд, ки онҳо масти шароб шуданд. Лекин Петрус гуфт, ки гап дар шароб нест, балки ин қуввати Рӯҳ мебошад! Як лаҳза бозистода, фикр кунед. Одатан шароб ба эҳсосоти инсон чӣ

тавр таъсир мерасонад? Чӣ тавр шароби нави Рӯҳ ба шумо таъсир карда метавонад?

________________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

Хонед: Аъмол 2:13-18; Луқ. 5:37, 38; (инчунин Мар. 2:22; Мат. 9:17); Эфс. 5:18, 19; Эфс. 1:10; Ирм. 31:11-13.

*«Осмонҳо Рӯҳи Муқаддасро ғунҷонида наметавонанд, лекин новобаста ба ин Ӯ дар қалби мо хизматгузоронаш барои худ хонае бино кардааст. Мо маъбади Ӯ ҳастем. Ҳар як таъсири Вай ба мо бо ҳамди беқиёс инъкос меёбад. Агар Ӯ мисли шамол бошад, мо мусиқии он шамол ҳастем; агар Ӯ шабнам бошад, мо ҳамчун гул мешукуфем; агар Ӯ мисли оташ бошад, он гоҳ мо аз гармии он дармегирем. Бо кадом тарзе, ки Ӯ дар мо амал накунад, мо ба овози Ӯ ҷавоб хоҳем дод».*

Чарлз Х. Сперҷен (эзоҳ-2)

# ҲУЗУРИ Ӯ ШАҲОДАТ МЕДИҲАД

*Лекин ба ҳар кас шаҳодати Рӯҳ барои манфиати ҳамаҷониба дода мешавад.*

–1 Қӯринтиён 12:7, GW

Он ҷое, ки Рӯҳи Худост, он ҷо шаҳодати Ӯ низ ҳаст. Дарё ва баҳрҳо дар биёбонҳо ҷорӣ мешаванд. Кӯрҳо бино мешаванд ва карҳо шунаво мешаванд. Шалҳо кор мераванд ва гунгҳо гап мезананд. Тарс мағлуб шудааст ва умед дубора меояд! Ба он андоза ки мо бештар ба муносибатҳо бо Рӯҳи Худо ғарқ мешавем, ба ҳамон андоза аломот ва мӯъҷизаҳо дар ҳар соҳаи ҳаёти мо аён мешаванд.

Боз ва боз ҳодиса аз китоби Аъмол тасдиқ мекунад, ки ҳангоме омадани Рӯҳи Муқаддас одамон зоҳир шудани ҳузури Ӯро медиданд ва мешунавиданд. Ба ҳаёти худ назар карда, ба хотир биоваред, ки кадом вақт ҳузури Рӯҳи Худо ба шумо зоҳир гашта буд. Якчанд ҷумла дар бораи зоҳиршавии ҳузури Рӯҳ , ки ҳаёти шуморо ба таври куллӣ дигаргун сохт, бинависед.

Ман дар хотир дорам, ҳангоме ки________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Ман дар хотир дорам, ҳангоме ки________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Ман дар хотир дорам, ҳангоме ки________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Саросема нашавед. Дар бораи марҳамати Худо фикру хаёл кунед. Ҳангоме ки шумо ин ҳодисаҳоро ба хотир меоваред, бигзор Рӯҳ аз нав ҳаёти шуморо бо ҳузураш пур кунад!

*Амалиёти Худовандро зикр хоҳам кард, зеро корҳои аҷоиби Туро, ки аз қадим аст, дар хотир дорам. Ва дар тамоми аъмоли Ту диққат хоҳам намуд, ва дар бораи корнамоиҳои Ту фикру хаёл хоҳам кард. Худоё! Тариқи Ту дар қудсият аст. Кист Худои бузург мисли Худо? Ту Худое ҳастӣ****, ки кор****ҳои аҷоиб мекунӣ****,** қуввати Худро дар миёни қавмҳо зоҳир сохтаӣ****.***

–Забур 76:12-15

Рӯҳи Муқаддас пештар ҳам ба шумо кӯмак мекард, ва дар оянда ҳам Ӯ хоҳиш дорад, ки ба шумо ёрӣ расонад! Ҳоло ба шумо дар чӣ кӯмаки Ӯ лозим аст? Назди Ӯ ором шуда, аз Ӯ хоҳиш кунед, ки боз омада, ба шумо мадад бирасонад! Аз Ӯ хоҳиш кунед, ки Ӯ шаҳодати онро диҳад, ки Ӯ воқеист ва дар ҳақиқат ба шумо ва одамони гирду атроф Ӯ ғамхорӣ кардан мехоҳад. Дар оромӣ бимонед. Ӯ ба шумо чӣ мегӯяд?

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

Худовандро ҷалол диҳед. Дуои ҳамду саноро барои Ӯ бинависед. Ӯ сазовор аст!

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

# БО РӮҲ ПУР ШУДАН ИН ҲОЛАТИ ДОИМӢ МЕБОШАД

*Ва масти шароб нашавед, ки аз он фисқу фуҷур ба амал меояд; балки аз Рӯҳ пур шавед.*

–Эфсӯсиён 5:18, NLT

Аҳкоми Худованд дар бораи пур шудан аз Рӯҳ, ки ба воситаи Павлус арз карда шудааст, хеле муҳим мебошад. Калимаи «пур гаштан» ба забони юнонӣ pleroo (плейроо) буда, синоними ин калима «пур шудан ва дар ҷони худ ғарқ гаштан» мебошад. Дар ин ҳолат замони феъл хеле муҳим мебошад: замони феъли ғайрифаъол, амркунанда, ҳозира. Ғайрифаъол маънои онро дорад, ки «шумо» бояд зери амал қарор гиред, амркунанда маънои онро дорад, ки инфармон аст, на ин ки пешниҳод, замони ҳозира ин ҷараёни доимӣ ва беохирро дар назар дорад.

Дар Нома ба Эфсусиён (5:18) дар тарҷумаи васеъ Китоби Муқаддас ин ҳақиқатро ошкор мекунад: «Шароб нанӯшед, ки аз он ҳар бадӣ ба амал меояд, балки бо Рӯҳ пур гашта, ба Ӯ итоат кунед». Доимо бо Рӯҳ пур гаштан ба мо ҳама чизи заруриро дар ҳаёт бо Масеҳ таъмин мекунад ва иродаи Худоро дар рӯи замин мисли он ки дар осмон аст, устувор мегардонад. Башоратдиҳанда Смит Виглсворт чунин гуфтааст:

> «Ман ҳеҷ вақт ба пуррагиаш дарк карда наметавонам, ки таъмид ёфтан бо Рӯҳи Муқаддас ба ҳаёти ман чӣ қадар таъсири калон дошт... Бо Рӯҳи Муқаддас пур гаштан ин афзалият ва инчунин аҳкоми Худованд барои мо мебошад... Ман тасдиқ мекунам, ки шумо доимо бо Рӯҳи Муқаддас пур гашта субҳона, рӯзона ва бегоҳӣ ба забонҳо сухан хоҳед ронд. Дар Рӯҳ зиндагӣ карда, ҳангоме ки аз зинаи хонатон поён

> мефуроед, шайтон маҷбур мешавад, ки аз пеши шумо гурехта равад. Шумо дар назари ӯ аз ғолиб ҳам бештар мешавед.
>
> ...Дар Рӯҳ зиндагӣ карда, шумо аз рӯи каломи Худо амал мекунед, хӯрок мехӯред, нӯшоба менӯшед ва ҳама чизро барои ҳамду ҷалоли Худо хоҳед кард. Паёми мо доимо чунин хоҳад буд: «Бо Рӯҳ пур шавед». Ин мақоми Худо барои шумост ва чӣ тавре ки осмон аз замин болтар аст, ҳаёти пур аз Рӯҳ низ болотар аз ҳаёти муқаррарист. Барои пур шудан бо Рӯҳ худро ба Ӯ тобеъ кунед» (эзоҳ-4).

Петрус, Юҳанно ва дигар шогирдон дар рӯзи Пантикост бо Рӯҳ пур гаштанд. Ва баъд аз якчанд вақт ҳангоми дуохонӣ онҳо боз бо Рӯҳ пур шуданд.

Ин ҳодисаро дар китоби Аъмол (4:23-31) бо диққат хонед. Аз ин ҷои Навиштаҷот шумо кадом дарсҳоро омӯхтед, ки дар оянда барои пур гаштан бо Рӯҳ ба шумо кӯмак мекунад?

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

Ба воситаи Павлус Худо амр мекунад, ки мо ба ин бахшоиши Рӯҳи Муқаддас «беэътиноӣ накунем», балки онро «авҷ гиронем» (1 Тим. 4:14; 2 Тим. 1:6). Бо дигар суханон, доимо бо Рӯҳ пур шавед. Нома ба Эфсӯсиён 5:18, 19; 6:18 ва ояти 20-уми Нома ба Яҳудоро бо диққат хонед. Дар бораи авҷ гардонидани оташ дар дохили шумо Рӯҳи Муқаддас чӣ мегӯяд?

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

*Пас шуморо, эй бародарон, ба марҳамати Худо даъват менамоям, ки ҷисмҳои худро ҳамчун қурбонии зинда, муқаддас ва писандидаи Худо тақдим кунед: ибодати оқилонаи шумо ҳамин хоҳад буд. Худро ба ин дунё ҳамшакл насозед, балки ба воситаи таҷдиди ақлатон шакли тозае ба худ бигиред, то дарк кунед, ки иродаи нек, писандида ва комили Худо чист.*

–Румиён 12:1,2, The Message

# Ӯ БА ШУМО БАРОИ ҲАДАФИ МУАЙЯН ИН БАХШОИШРО АТО КАРДААСТ

*Лекин ба ҳар кас зуҳуроти Рӯҳ барои манфиати ҳамаҷониба бахшида мешавад.*

–1 Қӯринтиён 12:7, The Message

Рӯҳи Муқаддас ба мо бахшоишҳои махсусро барои анҷом додани кори Исо ато кардааст. Новобаста аз он ки бахшоишҳо гуногун мебошанд, «ҳамаи инро ҳамон як Рӯҳ ба амал меовард, ки ба ҳар кас махсусан, мувофиқи хости Худ, тақсим мекунад» (1 Қӯр. 12:11). Оё ин бахшоишҳо амал мекунанд? Оё он корҳоеро, ки Исо мекард, мо низ бояд бикунем? Бале, албатта!Башоратдиҳанда Рейнхард Бонке, ки шоҳиди ба Масеҳ омадани миллонҳо нафар одамон дар тамоми манотиқи Африқо буд, чунин гуфтааст:

> «Ман имони қавӣ дорам, ки Худо барои халқи Худ мӯъҷизакор аст. Ман имон дорам, он аломотҳое, ки ҳамроҳи Исо дар ҳаёти заминиаш буданд, бояд дар зиндагии мо низ амал кунанд. Исо ба шогирдони Худ гуфт: «Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, аъмолеро, ки Ман мекунам, вай низ хоҳад кард ва ҳатто бузургтар аз онҳо ҳам хоҳад кард, зеро ки Ман назди Падар меравам»»» (эзоҳ-4).

Нома ба Румиён 12:3-8-ро бодиққат хонда бахшоишҳое, ки дар он ҷо номбар шуданд, бинависед. Умуман (ҳадаф ва вазифаи) ин бахшоишҳоро шумо чӣ тавр баён мекардед?

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

Акнун, биёед, 1 Қӯринтиён 12:4-11-ро хонда, он нӯҳ бахшоишро муайн мекунем. Умуман, дар бораи (ҳадаф ва вазифаҳо) ин бахшоишҳо шумо чӣ фикр доред?

Ба ин бахшоишҳо дар ҳарду порча назар кунед. Дар шумо кадоме аз ин бахшоишҳо амал мекунанд? Агар, ҷавоби шумо «бале» бошад, кадоме аз онҳо?

Шумо мутмаин нестед? Кадоме аз ин бахшоишҳо диққати шуморо ҷалб мекунад? Аз Рӯҳи Муқаддас хоҳиш кунед, ки шуморо то чӣ андоза бо ин бахшоиш баракат додааст.

Муносибати шумо ба дигар бахшоишҳо ва ба он бахшоишҳое, ки Рӯҳи Муқаддас ато кардааст, муҳим мебошад. Худованд мефармояд: “Бигзор барои муносибатҳои шумо Худи Масеҳ намунаи ибрат бошад (Филиппиён 2:5; Phillips). Рейнхард ин суханонро тасдиқ карда, илова менамояд:

> «Комёбӣ ва пешрафти кори Худо аз мо вобаста намебошад... Ҳама чиз ба воситаи Ӯ амалӣ мешавад... Ман сифр ҳастам, ки Худо онро истифода карда метавонад, барои ҳамин ман овози Ӯро аз ҳама овозҳо болотар қадр мекунам... Ва ман ҳеҷ вақт худро набояд, ки аз дигар хизматгори Худованд боло гузорам» (эзоҳ-6).

1 Қӯринтиён 12:12-26 ва Румиён 12:3-5-ро бо диққат хонед. Дар бораи муносибати шумо Рӯҳ чиро ошкор мекунад? То кадом андоза бахшоиши ҳар як шахс дар баробари бахшоиши шумо муҳим аст? Агар шумо ба бахшоишҳои худ хунукназарона рафтор кунед, он гоҳ бо бадани Масеҳ чӣ хоҳад шуд?

Барои идомаи омӯзиш...

Муносибати дуруст доштан: Флп. 2:1-8; 2 Қӯр. 8:9; Мат. 23:11,12. Инчунин Рӯҳ имондоронро ба хизматгузорӣ бо ҳадафи муайян мегузорад: 1 Қӯр. 12:28-31; Эфсӯс. 4:11-14.

# ИҶОЗАТ ДИҲЕД, КИ Ӯ БА ВОСИТАИ ШУМО ВА БАР ТИБҚИ ИРОДАИ ХУДО ДУО ХОНД

*Рӯҳи Худо ҳамеша дар назди мо аст, то ки ба мо кӯмак кунад. Агар мо надонем, ки чӣ тавр ва дар бораи чӣ дуо гӯем, ин муҳим нест. Ӯ ба воситаи мо дуо мехонад, бо оҳу нолаҳои бесадо ва доду фиғони мо дуо мехонад.*

–Румиён 8:26, The Message

Оё шумо ягон бор дар зери фишори шароитҳои ногувори зиндагӣ монда будед, ки намедонистед чӣ тавр дуо хонед? Шумо танҳо нестед. Бисёре аз муқаддасон чунин давраҳои зиндагиро аз сар гузаронидаанд. Дар ин вақт Худо мехоҳад, ки шумо ба назди Ӯ бидавед, на ин ки аз пеши Ӯ биравед. Ба ҷои он ки дар қуттии худ пинҳон шавед, Ӯ мехоҳад, ки шумо қалби худро барои Ӯ воз кунед. Ҳангоме ки шумо сухане надоред ва намедонед, ки чӣ тавр дуо хонед, Рӯҳи Масеҳ, ки дар дохил шумост, аз ҳама чиз бохабар мебошад ва медонад, ки чӣ тавр бояд дуо кард.

Хеле муҳим аст, ки мо на танҳо бо ақли худ, балки бо дили худ низ бидонем, ки Рӯҳи Худо дар дохили мо зиндагонӣ мекунад. Якчанд лаҳза дар бораи ин оят фикр кунед. Кадом ҳақиқатро Рӯҳи Муқаддас барои шумо ошкор мекунад?

Аз болои оятҳои зерин фикр кунед: Ғал. 4:6; Рим 8:16; 1 Қӯр 6:9; Юҳ. 14:23; 1 Юҳ. 3:24; 4:12, 13. Аз Рӯҳи Муқаддас хоҳиш кунед, ки Худро ба шумо ошкор кунад.

Худо мехоҳад, ки «мо ҳар вақт ва дар ҳар шароит дар Рӯҳ дуо хонем» (Эфс. 6:18, NLT). Вочман Ни, хизматгузори арзишманд, ки бисёр азобу уқубати ҷисмонӣ кашида, солҳои зиёдро дар маҳбасхона гузаронида буд, чунин гуфтааст:

«Ҷалол ба Худо ки мо Рӯҳи Муқаддаси пурқудратро дорем, ки ба мо кӯмак мекунад. Мо ба Рӯҳи Муқаддас, ки дар дохиламон дорем, бояд таваккал кунем, ки Ӯ дар ботини мо сахт кор мекунад, зеро ки дар вақтҳои заифӣ ва нотавониамон Ӯ мададгори мо мебошад. Ҳатто мо намедонем, ки чӣ тавр бояд дуо хонем, он вақт Рӯҳе, ки дар дохили мо аст, аз иродаи Худо бохабар мебошад ва моро мутобиқи хости Худо таълим хоҳад дод» (эзоҳ-7).

Фикр кунед, дар кадом ҳолатҳо шумо аниқ медонед, ки чӣ тавр барои худ ё барои дигарон ва ё барои вазъиятҳое, ки рӯ ба рӯ мешавед, дуо хонед? Муносибат ва ҳолати қалби мо нисбат ба Худо ҳангоми дуо чӣ гуна бояд бошад?

________________________________________

________________________________________

________________________________________

Бихонед: Мас. 3:5-8 28:26; Луқ. 18:9-14; Яқуб 4:6-10.

Шумо тибқи иродаи комили Худо роҳ рафтан мехоҳед? Ҳангоме ки Рӯҳи Муқаддас бо оҳу нола, фиғон ва забонҳои осмонӣ ба воситаи шумо дуо мехонад, дар ин роҳ ба шумо кӯмак карда метавонад. «Падаре, ки аз қалбҳои мо бохабар мебошад, медонад, ки Рӯҳ чӣ мегӯяд, чунки Рӯҳ барои мо имондорон бар тибқи хости Худо дуо мехонад» (8:27, NLT). Ин ҷои Навишатҷотро бихонед. Рӯҳ ба воситаи он ба шумо чӣ мегӯяд?

> Зеро, ки агар касе қобилияти ба забонҳо сухан гуфтанро дошта бошад, он гоҳ ӯ фақат ба Худо сухан меронад... Ӯ бо қуввати Рӯҳ сухан меронад, лекин ҳамаи суханони вай сирру асрор мебошанд. Он касе, ки ба забонҳои нофаҳмо дуо мехонад, худашро

пурқувват месозад. Зеро ки агар ман ба забонҳои нофаҳмо дуо хонам, агар ҳатто Рӯҳи ман дуо хонад, ман суханони Ӯро намефаҳмам. Чӣ бояд кард? Ба забонҳо сухан меронам ва ба суханони ба ман фаҳмо низ дуо мекунам: дар Рӯҳ парастиш мекунам, ва бо калимаҳои ба худ фаҳмо низ парастиш мекунам.

–1 Қӯринтиён 14:2, 4, 14, 15 (NLT)

---

---

---

*«Ҳангоме ки шумо ба Рӯҳ итоат мекунед, он гоҳ Ӯ мӯҳтоҷиҳои шуморо назди тахти Падар меоварад. Рӯҳи Муқаддас фикри комил ва иродаи комили Худоро медонад. Ӯ қалби шуморо ташхис карда, онро аз шумо ҳам хубтар медонад, Ӯ мӯҳтоҷиҳои шуморо аз худи шумо беҳтар ба Падар пешкаш мекунад, ва ин фурсатро, ки Рӯҳи Муқаддас барои шумо дуо мехонад, аз даст надиҳед».*

–Кетрин Кулман

# САВОЛҲО БАРОИ ОМӮЗИШ

Агар шумо ин китоб ё дигар маводҳои хизматгузории «Messenger»-ро дар бораи Рӯҳи Муқаддас мавриди омӯзиш қарор дода бошед, пас хоҳиш мекунем, ки дарси видеои 4- ро бубинед.

1 I Ду чизи муҳиме мавҷуд мебошад, ки якеро аз дигаре мебояд фарқ кард. Аввал, Рӯҳи Муқаддас ба ҳангоми наҷот омада, дар мо хонаи Худро бино мекунад. Дуввум, Ӯ моро бо Худ минбаъд низ ба таври доимӣ пур мекунад. Чӣ хел шумо ин ду лаҳзаи аҷоибро эзоҳ медиҳед?

2 I Шумо чӣ фикр доред, барои чӣ Исо ба шогирдони Худ амр кард, ки пеш аз рафта барои Подшоҳии Худо ягон аъмолеро иҷро кардан, мунтазири Рӯҳи Муқаддас бошанд (ниг. Аъмол 1:4, 5)? Аз ин принсипи «мунтазири қабули қуввати осмонӣ» мо чиро омӯхта метавонем, ва чӣ тавр онро дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ истифода бурда метавонем?

3 I Пур шудан бо Рӯҳи Муқаддас ба мо қувват медиҳад, ки ба забонҳои бегона сухан ронем. Забони бегона ин он забонест, ки мо намефаҳмем. Худро ба ҷои ягон яҳудии бовафое, ки аз дигар ҷой барои ибодат рӯзи Пантикост ба Ерусалим омада буд, тасаввур кунед. Шумо чӣ фикр доред, ҳангоме ки вай суханони Рӯҳро дар бораи Исои Масеҳи Наҷотбахш бо лаҳҷаи зодгоҳи худ аз забони имондорон мешунид, чӣ хел қабул мекард?

4 I Ҳангоме ки Рӯҳи Муқаддас имондоронро пур мекунад, кадом ду қувват қариб дар ҳама ҳолатҳо амал мекунанд? Бо кадом сабаб Худо ба Корнилиюс ва аҳли оилаи ӯ якбора ҳам наҷот ва ҳам таъмид бо Рӯҳи Муқаддасро ато кард? Дар бораи он нақл кунед, ки чӣ тавр Худо он

«қуттии динпарастона», ки шумо Ӯро дар он ҷо дода будед, шикаст ва фаҳмиши шуморо дар бораи он, ки Ӯ Кӣ аст, васеъ намуд.

5 | Агар нубуват кардан ва ба забонҳо сухан рондан дар рӯзҳои мо низ ба имондорон раво бошад, пас Павлус, ҳангоме ки «на ҳама ба забонҳо сухан меронанд» (ниг. 1 Қӯр 12:27, 30) ва «забонҳо хомӯш мешаванд» (ниг.1 Қӯр. 13:8-12) гуфт, чиро дар назар дошт? Бодиққат ин оятҳоро хонед ва шарҳ диҳед.

6 | Китоби Муқаддас дар бораи чор намуди забонҳо сухан меронад. Оятҳои зеринро хонда, он чор намуди забонҳоро номбар кунед, ва инчунин бигӯед, ки барои чӣ Худо ин чор тарзи зоҳир гаштани Рӯҳи Муқаддасро ба калисо ато кардааст.

1 Қӯринтиён 14:22;

1 Қӯринтиён 12:10;

1 Қӯринтиён 14:14, 15;

Румиён 8:26-28.

Барои чӣ фаҳмидани фарқияти байни ин чор намуди забонҳо ин қадар муҳим аст?

7 | Оё имкон дорад, ки имондор бо Рӯҳи Муқаддас пур гашта бошаду ба забонҳо сухан нагӯяд? Ҷавоби худро шарҳ диҳед ? Кадом сабабҳо мавҷуд мебошанд, ки ин ҳолат ба миён меояд?

## МУШОҲИДАҲО

## ШАРҲИ КӮТОҲИ БОБ:

- Бо қуввати Рӯҳ пур гаштан барои кори тамоми калисо муҳим аст.
- Пур гаштан бо Рӯҳ ин ҳодисаи алоҳида, ки баъд аз наҷот ёфтан амалӣ мегардад.
- Ҳодисаи наҷот мавқеи моро дар Масеҳ муайён мекунад; пур шудан бо Рӯҳ ба мо қувват мебахшад, то мисли Ӯ зиндагӣ кунем.
- Забонҳо аз байн нарафтаанд, то Исоро рӯ ба рӯ набинем, онҳо амал хоҳанд кард.
- Чор намуди забонҳо ҳастанд: забонҳо ҳамчун аломот барои бо беимонон, забонҳо барои маънидод кардан, забонҳо барои дуои шахсӣ ва забонҳо барои тазаррӯъ. Дутои аввал барои хизмати оммавӣ, дутои дигар барои шахсӣ пешбинӣ шудаанд.

# 5

# ЗАБОНИ РӮҲ

*Агар шумо ба забонҳо Ӯро парастиш мекунед, Худо шуморо мефаҳмад....чунки чизҳои пинҳониро ба Худо мегӯед.*

–1 Қӯринтиён 14:2, The Message

## Рӯзи 1

Ба ман тарҷумаи The Message, ки ин ҳолати вохуриро бо Худо навиштааст, маъқул мебошад. Забонҳои бегона нишонаи ҳамбастагии қавии байни шумо ва Худо мебошанд.

Дар боби пештара мо чор намуди забонҳоро, ки Аҳди Нав дар бораи он мегӯяд, дида баромадем: забонҳо ҳамчун аломот барои беимонон, забонҳо барои маънидод кардан дар калисо, забонҳо барои дуои шахсӣ ва забонҳо барои тазаррӯъ. Ду намуди аввал барои истифодаи оммавӣ (он ҷое, ки ду ё зиёдтар аз он ҷамъ омадаанд), ва ду намуди дигар барои истифодабарии шахсӣ пешбинӣ шудаанд. Дар ин боб мо омӯзишро дар бораи нақш ва моҳияти ҳамоҳангии шахсиамонро бо Рӯҳи Муқаддас, ки ба забонҳо такаллум кардан ва бо фаҳмиш сухан ронданро ба худ шомил карда метавонад, давом медиҳем. Дар якҷоягӣ ин ду ифода забони Рӯҳро ташкил медиҳанд.

Боз як маротиба мефаҳмонам: забонҳо барои дуои «шахсӣ» гуфта, ман онро дар назар надорам, ки онҳо танҳо дар ҳолати ҷудогона аз дигарон истифода бурда мешаванд, балки изҳори шахсии забонҳои осмонӣ дар ҳузурии он касоне, ки Китоби Муқаддас «беимонон» ва «бехабарон» мегӯяд, боэҳтиёт

истифода бурда мешавад. Ин амал аз тарафи шахси имондор ё дар байни гурӯҳи имондорон, ки зуҳури Рӯҳро мефаҳманд, ҷой дошта метавонад. Он монанди масъалаҳои оилавие мебошанд, ки танҳо дар халқаи оила ҳаллу фасл карда мешаванд, чунки онро шахсони бегона нодуруст фаҳмиданашон мумкин аст (ниг. 1 Қӯр. 14:22-25).

Диққат кунед, ки Петрус дар Номаи Аввал ба Қӯринтиён (14:2) дар бораи истифодаи забонҳо ҳамчун «забонҳои шахсӣ» чӣ мегӯяд. Афсӯс, ки дар бисёр калисоҳо ин бахшоиши аҷоиби забонҳои шахсиро намефаҳманд ва истифода намекунанд, чунки онҳо намедонанд, ки муносибатҳои шахсӣ вақт ва ҷои муносибро талаб мекунад.

Ҷуфти ошиқон вақт ва ҷои муносибро барои муносибатҳои шахсии худ доранд. Оё ин то туй рух медиҳад? Не. Дар байни мардум? Алабатта Не. Он чизе, ки аз ҷониби Худо зебо барои ҷойҳои махсус таъин шудааст, дар ҷои номуносиб бад ва берун аз ахлоқи инсонӣ ба назар менамояд. Худо муқаррар кардааст, ки алоқаи ҷинсӣ байни мард ва зан танҳо шахсӣ ва баъд аз ваъдаи никоҳ бояд бошад. Айни ҳамон хел гурӯҳи муайяни забонҳо низ фақат барои истифодаи шахсӣ мебошанд, чунки онҳо барои муносибатҳои шахсӣ пешбинӣ шуданд ва аз ҷиҳати рӯҳонӣ онҳо мисли алоқаи ҷисмонӣ ҷой ва вақти муносибро талаб мекунанд. Оё танҳо ба хотири он, ки ҷаҳон нақшаи аввали илоҳиро роҷеъ ба муносибатҳои ҷисмонӣ фосид кард, мо масеҳиён бояд аз бахшоиши алоқаи ҷинсӣ худдорӣ кунем? Албатта не! Айни ҳамон хел мо бахшоиши забонҳоро манъ ё ба он хунукназарона нигоҳ карда наметавонем.

Ман медонам, ки бисёр одамон дар калисо бо он рӯ ба рӯ шудаанд, ки бисёр ҷиҳатҳои бахшоиши забонҳоро нодуруст истифода бурдаанд ё аз онҳо сӯистифода кардаанд. Аммо фақат ба хотири он ки касе нодуруст фаҳмидааст ё сӯистифода кардааст, мо аз таълим додани Бадани Масеҳ дар бораи бахшоишҳо набояд худдорӣ намоем. Ана барои ҳамин дар ин боб ман табиати

шахсии (интимний) забонҳои осмониро таҳқиқ карданӣ ҳастам, то ки шумо ҳадафи онро дар ҳаёти хубтар дарк кунед.

Дар хотир дошта бошед, Рӯҳи Муқаддас ин Рӯҳи ростӣ мебошад, ва ҳангоме ки шумо худро ба ростии каломи Худо тобеъ мекунед, Ӯ тамоми ҳақиқатро ба шумо ошкор мекунад. Якчанд дақиқа таваққуф намуда, Ӯро ба ин дарс даъват кунед. Аз Ӯ хоҳиш кунед, ки ақли шуморо аз ҳар гуна фикрҳои нодуруст, ки мутобиқи каломи Худо намебошанд, пок кунад. Агар мо бо ақли маҳдуди худ Худои бузургу беохирро дарк кардан хоҳем, он гоҳ пуррагии ҳузури Худоро эҳсос карда наметавонем.

## ПРЕЗИДЕНТ ВА ШОҲ

Ҳамчун шаҳрванди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, агар ман ба таоми шом ба назди президенти кишвар даъват мешудам, барои ман ин ифтихори бузург мебуд. Президенти кишвари мо яке аз шахсони пурмаърифаттарин ва қудратмандтарини курраи замин ба шумор меравад. Бо назардошти он ки ӯ бисёр кумитаҳо ва сохторҳоро зери даст дорад, ягон маълумоте нест, ки ӯ аз он бехабар бошад. Дониши президент дар бораи кор ва вазъи давлат аз донишҳои ман дар ин соҳа як чанд маротиба зиёдтар аст: дар ҳолате ки ман дар ҳукумат ягон мансаб надорам, ӯ сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи кишвар мебошад. Барои ҳамин, агар сӯҳбати мо дар бораи корҳои давлатӣ мебуд, ӯ бо ман дар сатҳи фаҳмиши ман сӯҳбат мекард. Дар акси ҳол сӯҳбати мо авҷ намегирифт, чунки сӯҳбати хуб сатҳи ягонаро талаб мекунад.

Айни ҳамон хел бо Шоҳи тамоми олам ман наметавонам дар сатҳи Ӯ сӯҳбат кунам. Презеденти ИМА дар бораи корҳои давлатии кишвари мо бисёр чизҳоро медонад, лекин Худо ҳама чизро комилан медонад. Аз чашмони Ӯ ҳеҷ чиз пинҳон нест. Ҳангоме ки ман ба Худо бо ақли худ дуо мекунам, дониш ва назари ман маҳдуд аст. Барои Худо муносибати маҳдуд

бо фарзандонаш кифоя намебошад. Барои ҳамин Худо ба мо имконияте дод, ки дар сатҳи Ӯ муносибат кунем. Ӯ инро ба воситаи бахшоиши Рӯҳ ба мо ато кард. Худо, гуё ки ба мо чунин суханонро мегӯяд: «Ман намехоҳам, ки бо фарзандони Худ аз сатҳи донишу фаҳмиш ва ҳикмати Худ поён муносибат кунам. Ман мехоҳам, ки онҳо бо Ман муносибати амиқе дошта бошанд. Барои ҳамин Ман ба онҳо Мададгор - Рӯҳи Худро мебахшам». Ба хотири ҳузури Рӯҳи Муқаддас ва муносибат бо Ӯ мо муносибати амиқ бо Холиқи худ дошта метавонем.

Ирода ва роҳҳои Худо аз фаҳмиши маҳдуди мо дида болотар мебошад, лекин ҳангоме ки мо дар Рӯҳ дуо мехонем, мо на аз рӯи фаҳмиши худ, балки аз рӯи иродаи Рӯҳ дуо мехонем. Шумо мефаҳмед? Мо аз рӯи иродаи комили Худо дар Рӯҳ дуо мекунем.

## ЗАБОН БАРОИ ҶАНГ

> Чунки муборизаи мо на бар зидди хун ва ҷисм аст, балки бар зидди сарварон , бар зидди ҳукуматдорон, бар зидди фармонравоёни ин олами зулмот аст, бар зидди қувваҳои рӯҳии шарорат, ки дар афлок аст (Эфс. 6:12).

Баъзан мо ба осонӣ аз хотир мебарорем, ки шайтон ба тамоми одамизод ҷанге эълон кардааст, то ки моро аз рӯи замин несту нобуд кунад. Нақшаи ӯ ҳамеша дар он буд, ки равобити моро аз Падари осмонӣ, аз Ҳамон Шахс, ки сарчашмаи ҳаёт аст, ҷудо кунад. Лекин Худо аз дасисаҳои душман бохабар мебошад. Бо ҳикмати беохири Худ Ӯ низ як нақшае сохтааст, ки нақшаҳои душманро барҳам медиҳад. Павлус ин таъғирёбиро дар бозӣ дар Номаи Аввал ба Қӯринтиён (2:7, 8) чунин навиштааст: «Балки дар бораи ҳикмати Худо маҳрамона сухан меронем, дар бораи ҳикмати ниҳоние, ки Худо аз азал барои ҷалоли мо муқаррар кардааст, ки онро ҳеҷ яке аз мирони ин ҷаҳон надонист; зеро

агар медонистанд, Худованди ҷалолро маслуб намекарданд». Павлус дар бораи қуввати салиб навишта, онро «ҳикмати ниҳонӣе» меномад, ки баъд аз марг ва дубора зинда шудани Исо ошкор гардидааст. Қурбонии Исо дар рӯи салиб ба мо роҳро ба сӯи муносибатҳои наздик бо Худованд воз кард ва бо ин кор нақшаҳои қадими душманро барбод дод.

Нақшаи Худо оиди салиб ин на фақат сиррест, ки аз ҳукуматдорони ин ҷаҳон пинҳон мондааст. Бисёр ҷиҳатҳои ҳикмати Худо мавҷуд мебошанд (Каломи Ӯ), ки ҳоло онҳо ниҳонианд, ва онҳоро танҳо ба воситаи Рӯҳи Муқаддас ошкор ва дарк кардан мумкин мебошад. Ба воситаи муносибат бо Рӯҳи Муқаддас мо имондорон ба сӯи ин асрор роҳ пайдо кардаем. Ман дар ин китоб қайд кардам, ки Худо танҳо бо наҷоти мо қонеъ нагашт. Ӯ инчунин дар Масеҳ ба мо мақомеро бахшид ва аз болои душмане, ки ин қадар ҷонҳои моро дар азоб мемонд, қудрат ва қувватро ато кард. Акнун дар Подшоҳии Худо мо ворисон ва аскарон мебошем ва ҳадафи мо дар он аст, ки кори Масеҳро идома диҳем. Дар ҳикмати Худ Худо роҳе кушод, то ки ба воситаи он хидматгузорони Худро аз нақшаҳои Худ ба таври пинҳонӣ хабардор созад.

Дар ҳолати ҷанг артиш барои пинҳонӣ расонидани нақшаҳо ва маълумотҳои худ «забонҳои» махсусро ихтиро мекунад, ки одатан ин аз рақамҳои печ дар печ иборат буда, маълумот аз тариқи хатҳои номаълум расонида мешавад. Барои чӣ онҳо ин тавр рафтор мекунанд? Пинҳонӣ барои бехатарии ҳаёти одамон ва комёбии амалиёт зарур мебошад. Агар душман аз нақшаҳои онҳо бохабар шавад, он гоҳ вай бар муқобили ин нақшаҳо ҳуҷуми ҷавобии худро ташкил карда метавонад. Ҳамчун фарзандони Худо ба воситаи Рӯҳи Муқаддас ба мо донистани рамзҳои осмонӣ ато шудааст, то ки ба воситаи он нақшаҳои Сарфармондеҳи худро ба душман ошкор накарда, асрори нақшаҳои Худоро дарк кунем. Павлус давом медиҳад:

> Дар ҳар вақт дар Рӯҳ бо ҳар дуо ва илтимос дуо гӯед, ва ҳушёр ва босабот буда, ҳамеша дар бораи ҳамаи муқаддасон илтимос кунед (Эфс. 6:18).

Худо ба шумо беҳуда амр накардааст, ки дуо кунед, балки ба хотири он ки мо аскарони Ӯ дар рӯи замин мебошем, бар зидди қувваҳои шарорат меҷангем. Ва яке аз силоҳи пурқувваттарини мо ин дуо ба забонҳо мебошад. Он душманро аз нақшаҳо ва ҳадафҳои стратегии Худо бехабар нигоҳ медорад.

Баъзан Худо ба қалби модар бореро мегузорад, ки барои фарзандаш бо тазаррӯъ дуо гӯяд. Модар, шояд, умуман аз ҳаёти фарзандаш дар он давраи зиндагии вай бехабар бошад, лекин аз рӯи тақвияти Рӯҳ ӯ медонад, ки дуо хондан лозим аст. Дар дуо ба воситаи забони осмонӣ ӯ дар олами рӯҳонӣ амру фармон медиҳад ва аз рӯи иродаи комили Худо барои фарзандаш дуо мекунад.

Ва бо ҳамин сабаб гуфта шудааст: «Нақшаҳо бо машварат ба амал меоянд, ва ту бо тадбирсозӣ ҷанг бикун» (Мас. 18:20).

Забони осмонӣ аз фаҳмиши мо боло буда, дар вақту фазо маҳдуд намебошад. Ҳангоме ки мо дар Рӯҳ дуо мехонем, мо ба ақли худ такя намекунем, балки ба ҳикмати беохири Худованд таваккал менамоем. Ин яке аз сабабҳое аст, ки Павлус мефармояд: «Мехоҳам, ки ҳама ба забонҳо сухан гӯянд».

Душман забони осмонии моро намешунавад ва намефаҳмад, барои ҳамин ин воситаи мулоқоти шахсии Худо бо фарзандони Худ мебошад, ки барои барҳам додани дасисаҳои душман, ки бар зидди мо ва бар зидди бародарону хоҳарони мо нигаронида шудааст, самаранок амал мекунад.

> Инак, ба шумо қудрат медиҳам, ки... тамоми қуввати душманро поймол кунед... (Луқ. 10:19).

Мо, имондорон дорои тамоми аслиҳа мебошем, то ки далерона Подшоҳии Худоро дар ин олам паҳн намоем. (ниг. Мат. 11:12). Калисо ин Бадани Масеҳ дар рӯи замин мебошад.

Чӣ хеле ки мо пештар қайд кардем, Исо бо ҷисми Худ дар замин ҳузур надорад. Мо аскарон ва сафирони Подшоҳии Худо мебошем, ки қуввати дигаргунсозандаи Ӯро ба одамони мӯҳтоҷ барои барқароршавӣ, озодшавӣ ва наҷоти онҳо бурда мерасонем. Лекин бидуни қуввати Рӯҳи Муқаддас барои ин дунёи мӯҳтоҷ ва талафшаванда мо ҳеҷ вақт Бадани Масеҳ шуда наметавонем. Шайтон ва зердастони ӯ аз шумо наметарсанд, онҳо аз мақоми шумо дар Масеҳ ва аз қуввате, ки шумо ҳамчун писарон ва духтарони Худои тавоно ба он соҳиб гаштаед, метарсанд.

## Рӯзи 2

# ЗАБОН БАРОИ НАЗДИКӢ

Ман бо ҳамсарам муддати зиёд якҷоя зиндагӣ мекунем ва барои ҳамин мо забони махсуси худро дорем. Ман ба осонӣ ТБМ гуфта метавонам ва занам зуд дарк мекунад, ки ман чиро дар назар дорам. Солҳое, ки мо хонадор шуда будем, ҳамин тавр буд, ки ҳар як хизматгузорӣ дар номи худ ибораи «Ташкилоти Байналхалқӣ»-ро дошт. Барои ҳамин мо бо Лиза қарор кардем, ки «Ташкилоти Байналхалқии «Муҳаббат»»-ро (ТБМ) асос гузорем. Мо ба якдигар нигоҳ карда, ТБМ мегӯем ва ҳардуямон мефаҳмем, ки мо ишқу муҳаббатро дар назар дорем. Ва ҳар шахси дигаре, ки моро мешунавад фикр мекунад: «Онҳо чиро дар назар доранд?». Мумкин ин забони бемаъно бошад, лекин он шахсӣ аст ва танҳо барои ман ва Лиза мебошад. ТБМ ин танҳо яке аз тарзҳои бисёри муносибат мебошад, ки мо барои якдигар фикр карда баромадаем.

Айни ҳамон хел ба забони осмонӣ дуо карда, мо наздик ва шахсӣ бо Худо муносибат мекунем. Шумо мегӯед: «Ҷон, ман ҳатто намефаҳмам, ки дар бораи чӣ дуо мекунам. Оё дар Китоби Муқаддас нахондаед: «Зеро вақте ки ман ба забоне дуо мегӯям, рӯҳам дуо мегӯяд, лекин ақлам бесамар мемонад»» (1 Қӯр 14:14).

Бале, ин рост аст. Маҳз барои ҳамин ояти пештар мегӯяд: «Бинобар ин касе ки ба забоне сухан меронад, бигзор дар бораи тафсири он тақозо кунад» (ояти 13). Ҳангоме ки ман дуо мехонам ва бо Худо ба забонҳо сухан меронам, ман аз Ӯ хоҳиш мекунам, ки дуои маро маънидод кунад. Медонед, чӣ рӯй медиҳад? Фикрҳо, ҳикматҳо ва ваҳйҳо дар рӯҳи ман ҷӯш мезананд. Беҳтарин роҳи ифодаи ин ҳолат, ки фикру ваҳйҳо маро пур мекунанд, мисли он аст, ки ҳаво аз дохили баҳр берун мебарояд. Онҳо аз умқи шахси ботинии ман боло шуда, ба сатҳи ақл ва тафаккури ман мебароянд.

Ба шумо як мисоле меоварам. Ҳангоме ки ман ҷои Навиштаҷотро хонда, дарк намекунам, ман мегӯям: «Рӯҳи Муқаддас маро таълим деҳ», ва баъд ба забонҳо дуо мехонам. Ин ҳамон лаҳза ба ман ошкор намешавад, одатан баъди муддате, ҳангоме ки ман мошини худро меронам, бо ягон кори дигар машғул мешавам ё голфбозӣ мекунам, ин ваҳй меояд. Ин ногаҳон ба ман меояд, лекин ин натиҷаи наздик будан бо Рӯҳи Муқаддас ва хоҳиши ман аз Ӯ барои ошкор кардани ҷои Навиштаҷот мебошад. Худо ба фурӯтанон асрори Худро ошкор мекунад. Ҳангоме ки мо худро фурӯтан месозем (ҳидоят ва раҳнамоии Ӯро мехоҳем), мо наздикии амиқро бо Ӯ аз сар мегузаронем ва мукошифаи бузурги рӯҳониро сазовор мегардем.

Айни ҳамон хел нисбат ба қувваи рӯҳонӣ низ мебошад. Павлус чунин суханонро, ки рост аз ҷониби Рӯҳи Худо гуфта шуда буд, навиштааст: Вале ба ман гуфт: «Барои ту файзи Ман басанда аст, зеро ки қуввати Ман дар заъф комил мешавад». Ба ин сабаб ман бо рағбати бештар аз заъфҳои худ фахр менамоям, то ки қуввати Масеҳ дар ман сокин гардад (2 Қӯр. 12:9).

Файзи Худованд, ки қуввати Ӯст, инчунин ба касоне, ки фурӯтан мебошанд ҷорӣ мегардад (Вақте ки Павлус дар бораи «заъфҳои» худ мегӯяд, маҳз фурӯтаниро дар назар дорад). Ва ҳангоме, ки шумо фурӯтан шуда, ба ҳикмати бузурги Рӯҳи Ӯ итоат мекунед, боз ҳам қуввати беандоза зиёде ба шумо нозил

мегардад. Ва ин ҳам натиҷаи наздикӣ бо Рӯҳ мебошад.

Ҷамъияти ғарбии мо диққати худро ба натиҷаи кор ҷалб мекунад. Бисёр вақт мо ба зудӣ натиҷаи заҳмат ва кӯшишҳои худро надида, афсурдахотир мегардем. Мо бояд бидонем, ки мо дар Рӯҳ дуо хонда, бо ин аъмоли худ ба ояндаи худ таҳкурсӣ мегузорем. Баъзан, пеш аз он ки ваҳй ба сатҳи фаҳмиши мо мерасад, якчанд вақт бояд мунтазир бошем. Дуо дар Рӯҳ имонро талаб мекунад, чунки ин дуо берун аз ақли мо кор мекунад. Дуо дар Рӯҳ имони моро зиёд мекунад ва қобилияти фаҳмиши ҳикмати Худоро афзун мегардонад.

## ДУО БО АҚЛ

Дар ин боб мо дуо дар Рӯҳро дида мебароем, лекин дуо бо ақл низ бисёр самаранок мебошад. Павлус возеҳ мегӯяд, ки мо бояд бо Рӯҳ ва бо ақли худ низ дуо кунем.

> Пас чӣ бояд кард? Бо рӯҳ дуо хоҳам гуфт, бо ақл низ дуо хоҳам гуфт; бо рӯҳ суруд хоҳам хонд, бо ақл низ суруд хоҳам хонд (1 Қӯр. 14:15).

Ҳангоме ки ман бо забони модарии худ дуо мехонам, он гоҳ бевосита ақли худро обод мекунам. Чунин дуо эҳсосот ва ҳаяҷони манро бедор мекунад. Ин гуна дуо маро бо он шахсе, ки барояш дуо мекунам, ин хоҳ Лиза бошад, ё дӯстам, ё ҳамкоронам мепайвандад. Айни ҳамон хел, вақте ки ман дар ақли худ Падари осмониамро ситоиш мекунам, ман бо эҳсоси шукргузорӣ ва эҳтиром пур мегардам.

Ҳолатҳое низ ҳастанд, ки ман аз рӯи ҳидояти Худо бо ақл дуо мехонам. Ин шакли дигари дуо дар Рӯҳ мебошад. Лекин одатан ман аввал дар Рӯҳ дуо мехонам, ва баъд Худо ба ман тафсир ё маънии он чизе, ки ман барояш дуо хондам, медиҳад. Он гоҳ суханони ба ман фаҳмо мисли дарё аз даҳони ман ҷорӣ мешаванд. Дар китоби мазкур дар бораи аҳмияти дуо дар Рӯҳ ман ба

ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти дуо бо ақлро паст намезанам. Ман танҳо гуфтанӣ ҳастам, ки ҳаёти солими дуохонӣ дар худ ҳам дуо дар Рӯҳ ва ҳам дуо бо ақлро дар бар мегирад. Ҳарду ин намуди дуо барои ҳаёти мо бо Худо ниҳоят зарур мебошад.

## САРЧАШМАИ ҲАЁТИ МО

Дар китоби Масалҳо навишта шудааст: «Рӯҳи одам чароғи Худованд аст, ки тамоми ботинро месанҷад» (20:27). Мӯъҷизаи Рӯҳи Худо аввал дар рӯҳ, на ин ки дар ақли мо тақдис ва ошкор мегардад. Ана барои ҳамин вақте ки мо дар Рӯҳ дуо мехонем, мо бояд имон дошта бошем ва маънии дуои худро бипурсем. Ваҳйе, ки Рӯҳи Муқаддас ба рӯҳи мо медиҳад, баъд озод гашта ва ба ақли мо рафта мерасад.

Навиштаҷот мефармояд: «Андешаи (маслиҳат,ҳикмат,ҳадаф) дили одам обҳои чуқур аст, вале шахси хирадманд онҳоро мекашад» (Мас. 20:5). Ба воситаи салиб Худо ба мо дилҳои навро ато кардааст. (ниг. Ҳиз. 36:26). Акнун мо андешаҳоро (дар тарҷумаи инглисӣ ба ҷои калимаи «андеша» калимаи «маслиҳат» омадааст - мисоли тарҷумон) аз қаъри диламон кашида метавонем (Рӯҳи Муқаддас маслиҳатчии мо номида шудааст). Суханони Исо, ки дар Инҷили Юҳанно (7:38, 39) омадааст, гуфтаҳои болоро тасдиқ мекунанд:

> Ҳар кӣ ба ман имон оварад, чунон ки дар Навиштаҳо гуфта шудааст, аз батни вай наҳрҳои оби ҳаёт ҷорӣ хоҳад шуд. Ин суханонро Ӯ дар бораи Рӯҳ гуфт, ки ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, Онро хоҳад ёфт; зеро ки Рӯҳи Муқаддас ҳанӯз ато нашуда буд, чунки Исо ҳанӯз ҷалол наёфта буд.

Инчунин ба ёдам ояти дигар аз Китоби Ишаъё (12:3) меояд:

Аз чашмаҳои наҷот об хоҳед кашид...

Юҳанно возеҳ навиштааст, ки он «оби ҳаёт», ки Исо дар борааш гуфт ва аз ботини мо ҷорӣ мешавад, «Рӯҳ» аст. Барои

чӣ Исо Рӯҳро бо об монанд мекунад? Об ба мо ҳаёт ва саломатӣ мебахшад, бе об ҳаёт дар рӯи замин вуҷуд дошта наметавонад. Дар бораи Рӯҳ ҳамчун «оби ҳаёт» гуфта, Исо онро дар назар дорад, ки Рӯҳ моҳияти ҳаёт мебошад.

Худо мефармояд: «Қавми Ман аз камии дониш нобуд шудаанд...» (Ҳуш. 4:6). Худо дар бораи кадом дониш мегӯяд? Маҳз дар бораи донистани роҳҳо ва ҳадафҳои Ӯ сухан меравад. Хабари аҷоиб дар он аст, ки Худо Рӯҳи Худро ба мо фиристодааст, то ки мо ҳаёти пурра дошта бошем, ки ин аз донистани қалби Ӯ ба мо ато мешавад.

Моҳият ва табиати Худоро дарк накарда, ба Ӯ хизмат кардан ғайриимкон мебошад, ҳатто аъзоёни дастаи хизматгузории ман, агар хоҳишҳои дили маро дарк накунанд, бо ман якҷоя хизмат карда наметавонанд. Ҳангоме ки мо Каломи Худоро мутолиа мекунем ва вақти худро дар дуо мегузаронем, он гоҳ Рӯҳ ба мо қалби Худоро ошкор мекунад. Ин қувват ба мо лозим аст, то ки мо дар хурсандӣ зиндагӣ кунем. Дар китоби Наҳемё (8:10) омадааст: «...чунки шод будан ба ҳузури Худованд қуввати шумост». Бо дигар суханон, агар мо бо Ӯ ҳаловат бубарем (тозагии Рӯҳи Муқаддасро аз сар гузаронем), он гоҳ мо барои оянда қувват мегирем. Ман шуморо намедонам, лекин ман як рӯз ҳам бидуни хурсандии Ӯ зиндагӣ кардан намехоҳам.

## АСРОРИ ХУДОВАНД

Аз рӯи китоби Масалҳо ва Инҷили Юҳанно он обҳое, ки аз батни мо ҷорӣ мешаванд, дар худ як сир ё ҳикмати пинҳонии Худовандро доранд. Мо инчунин медонем, ки Худо ин асрорро бо Рӯҳи Худ ошкор мекунад. Акнун бори дигар ба суханони Павлус назар мекунем: «Балки дар бораи ҳикмати Худо маҳрамона сухан меронем, дар бораи ҳикмати ниҳоние, ки Худо аз азал барои ҷалоли мо муқаррар кардааст» (1 Қӯр. 2:7).

Калимаи юнонии «асрор» на маънои «пинҳонӣ» ё «ноаён»-ро

дорад, балки бо маънои «то охир ошкорнашуда» фаҳмида мешавад.

Ин ҳолатро чунин тасавур кардан мумкин аст: фарз кунед, ки шумо ба ягон тарабхонаи хубе омадед. Ба назди мизи шумо ошпаз омада, дар бораи хоҳишҳои шумо маълумот мегирад. Ва баъд рафта маҳз аз рӯи хости шумо ғизо омода мекунад. Ҳангоме ки ғизо омада мешавад, пешхизмат онро оварда назди шумо мегузорад. Аз сабаби он ки ин тарабхонаи олӣ аст, ғизои овардашуда пӯшида мебошад. Шумо медонед, ки он таоме, ки шумо хуш доред, дар наздатон аст, лекин он сир аст, чунки аз чашмони шумо пӯшида аст.

Пешхизмат он табақро рӯи миз гузошта, сарпӯшро мекушояд ва - ана, марҳамат, он ғизое, ки шумо хоста будед. Акнун шумо мебинед, ки ошпаз ба шумо кадом ғизоро омода кардааст. Ғизо ногаҳон пайдо нашуд, шумо пештар ҳам медонистед, ки он ҷо таоме буд, фақат шумо онро надида будед. Пешхизмат сирри таоми шуморо кушод. Ошпаз дар бораи ин ғизои аҷоиб медонист, лекин он аз шумо пинҳон буд.

Худо ба воситаи Рӯҳи худ он сарпӯшро аз болои асрори Худ мебардорад. Ба воситаи ҳамкорӣ бо Рӯҳ акнун мо дар бораи...

ҳикмати Худо маҳрамона сухан меронем, ки аз Худост, то он чиро ки Худо ба мо ато кардааст, бидонем ва инро на бо суханоне, ки ҳикмати инсон таълим додааст, балки бо суханоне, ки Рӯҳулқудс таълим додааст, мегӯем ва рӯҳиётро бар тибқи рӯҳ таъбир мекунем (1 Қӯр. 2:7,12,13).

Баъдтар дар айни ҳамон Нома Павлус менависад: «Зеро касе ба забонҳо сухан меронад, вай на ба одамон, балки ба Худо сухан меронад, чунки ҳеҷ кас намефаҳмад: вай бар тибқи рӯҳ асрорро ба забон меоварад...» (1 Қӯр 14:2). Шабоҳатро мебинед? Ҳангоме ки мо ба забонҳо сухан меронем, мо асрори Худовандро ба забон меоварем. Мо медонем, ки ин асрор дар умқи дили мо ҷой гирифтааст (ниг. Мас. 20:5) ва ҳангоме ки оби ҳаёти ҳикмати Худованд аз ботини мо ҷорӣ мешавад, он ба боло мебарояд (ниг. Юҳ. 7:38, 39). Чунки дуо ба забонҳо моро

обод мекунад, ба хотир он ки ин дуо «оби ҳаётро» аз умқҳои мо мекашад, мо машварати амиқи Рӯҳро дарк карда метавонем!

Чӣ тавре ки пештар қайд карда гузаштам, ман бисёр вақт бо ҷойҳои Навиштаҷот дучор мешавам, ки аз фаҳмиши ман болотар мебошанд. Он гоҳ ман дар Рӯҳ дуо мехонам, ва ин ҷойҳо барои ман ошкор мешаванд. Ҳангоми навиштани ин китоб низ бисёр вақт эҳсос мекунам, ки гӯё ман ба девор рӯ ба рӯ шуда бошам. Чунин ба назар мерасад, ки гӯё суханони ман ба итмом расида бошанд. Дар ин ҳолатҳо ягона коре, ки ман карда метавонам, аз назди компютер бархеста, ба забонҳо дуо мекунам, ва одатан баъд аз ин ваҳйҳои нав маро пур мекунанд. Дар ин лаҳза чӣ рӯй медиҳад? Оби ҳаёти Рӯҳи Худо рост аз қалби ман ҷорӣ мешавад!

Агар шумо бо Худо муносибат накунед, он гоҳ баъзе асрор дар ақли табиии шумо пинҳон мемонад. Масъалаҳои ба кадом калисо рафтан, бо кӣ издивоҷ кардан, ба кадом кор шомил шудан, кадом хонаро харидан, ба кадом дуои тазаррӯъ барои роҳбари худ дуо кардан, чӣ тавр як ҳамсари хубе доштан, чӣ тавр фарзанд тарбия кардан, кори худро чӣ тавр беҳтар анҷом додан ва ба дигарон кӯмак намудан барои мо асрор шуда метавонанд. Оё ин аҷоиб нест, ки дар муҳорибаи мо бо ҳамлаҳо ва хатарҳо Худо моро танҳо бо ақламон нагузоштааст? Ба воситаи Рӯҳи Ӯ мо дар бораи нақшаҳои Вай (дар бораи он ки чӣ барои мо беҳтар аст) бохабар шуда, аз осоиштагии Ӯ ҳаловат мебарем.

### Рӯзи 3

## ОСОИШТАГӢ: БАХШОИШИ НАЗДИКӢ

Дар боби панҷуми Нома ба Ғалотиён омадааст, ки осоиштагӣ ин натиҷаи ҳузури Рӯҳ ва ҳамоҳангӣ дар ҳаёти мо мебошад. Ин баракати аҷоибе мебошад, ки дар ҳаёти рӯзмараи мо бисёр зарур аст.

Ҳангоми муҷаррад буданамон мо ҳатто тасаввур карда наметавонистем, ки хислати ҳамсари ояндаи мо чӣ гуна мешавад. Ман бо духтаре бо номи Лиза Тоскано дӯстӣ мекардам. Ман мефаҳмидам, ки ӯ ба ман маъқул аст. Ба ман хислати ӯ ва умуман ҳама чиз дар ӯ писанд буд. Лекин ман фақат ба он духтаре хонадор шудан мехостам, ки вайро Худо барои ман пешбинӣ карда бошад. Лиза дар штати Аризона ва ман дар штати Техас зиндагӣ мекардам. Ҳар дуи мо барои идомаи муносибатҳоямон иродаи Худоро меҷустем. Бинобар ин ман ба Лиза гуфтам: «Биё, дар тӯли як моҳ ҳар рӯз ним соат дар Рӯҳ дуо хонда, қалби худро гӯш мекунем. Агар ту ягон бори вазнинро эҳсос кунӣ, ин маънои онро дорад, ки Худо аз идома додани равобити мо хуш нест. Лекин агар ту дар ботинат осоиштагӣ дошта бошӣ, ин маънои онро дорад, ки Рӯҳи Муқаддас моро барои идома додани муносибатҳоямон тарафдор мебошад». Дар ҷараёни дуохонӣ ҳардуи мо осоиштагӣ ва хурсандиро эҳсос мекардем. Баъд аз сӣ рӯз мо ошкорро дар бораи эҳсосотҳоямон дар вақти дуо гуфтан гап задем ва фаҳмидем, ки ҳар дуямон як чизро аз сар мегузарондаем. Ва баъд аз он мо дӯстии худро ҳамчун ҷуфти номзад идома дода ва дар натиҷа оиладор шудем. Ҳоло аз ин воқеа сӣ сол сипарӣ шуд ва ман минатдорам, ки он гоҳ ҳардуи мо осоиштагиро эҳсос карда будем!

Дар Нома ба Румиён (8:14) навишта шудааст: «Зеро ҳамаи онҳое, ки роҳнамояшон Рӯҳи Худост, фарзандони Худо ҳастанд». Дар ҳамон ҷои Навиштаҷот маънидод мешавад, ки чӣ гуна Рӯҳи Муқаддас фарзандони Худоро роҳнамоӣ мекунад: «Ҳамон Рӯҳ ба рӯҳи мо шаҳодат медиҳад, ки мо фарзандони Худо ҳастем» (8:16). Ин роҳи асосие мебошад, ки Рӯҳ моро роҳнамоӣ мекунад - бо осоиштагӣ ё бо шаҳодати Худ.

Оё шумо ягон маротиба амалеро анҷом доданӣ будед, ки аз рӯи мантиқ дуруст буда, лекин ҳар дафъае, ки дар бораи он фикр мекардед, эҳсосоти нохуше шуморо фишор медод? Шояд, шумо сабаби онро намефаҳмидед, ки дар интихоби шумо кадом чиз

нодуруст мебошад,- охир, ҳама чиз дуруст барин ба назар мерасид. Агар шумо дар муносибат бо Рӯҳи Муқаддас бошед, он гоҳ ин ҳолати ногувор аз ҷониби Ӯ мебошад, ки ба шумо гуфтанист: «Ба ин самт амал накун». Ман чунин воқеаҳоро бисёр аз сар гузаронидаам. Баъзан қарори ман дар бораи итоат ба роҳнамоии Рӯҳи Муқаддас баъд аз гузаштани солҳо дурустии худро тасдиқ мекард. Ман ёд гирифтам, ки дар ин вақтҳо ба Ӯ такя кунам. Дар хотир дошта бошед, ки ҳикмати Ӯ на бо вақт ва на бо фазо маҳдуд намебошад. Ин маънои онро дорад, ки Ӯ шуморо роҳнамоӣ карда, ҳамешаояндаи шуморо низ дар назар дорад.

Баъзан дигар ҳолатҳое низ мешаванд, ки ман қарорҳои хатарнокро қабул карда, дар айни ҳол оромии пурраро эҳсос мекунам. Ин осоиштагии Масеҳ аст, ки дили маро фаро мегирад. Суханони Павлуси расулро бихонед:

> Бигзор дар дилҳои шумо (саршор аз оромӣ) осоиштагии Худо (қавӣ ва бе шакку шубҳа оиди ҳама гуна масъала, ки дар ақл пайдо мешавад, бахшандаи оромӣ) ҳукмфармо (мисли довар доимо амалкунанда) бошад, ки шумо ба он дар як бадан даъват шудаед; ва шукргузор бошед (Қӯл. 3:15; тарҷ. васеъ).

Ба ман тарҷумаи васеи Китоби Муқаддас, ки Рӯҳи Муқаддасро ба довар шабеҳ мекунад, бисёр писанд меояд. Довари хуб ҳамеша бе шакку шубҳа ҳуштак мекашад. Инчунин Рӯҳи Муқаддас низ ҳар як масъларо (қарор, ташвиш ва ғайра), ки дар ақли шумо пайдо мешавад, ҳал мекунад. Агар шумо ба Ӯ иҷозат диҳед, ки дар вақти зарурӣ ҳуштак кашад, Ӯ ба шумо ҳикмати Худро мебахшад. Одатан «ҳуштак»-и Вай ба воситаи осоиштагӣ, ки ақли моро фаро мегирад, садо медиҳад ва ин шаҳодати Рӯҳ номида мешавад.

> Ва осоиштагии Худо, ки аз ҳар хирад болотар аст, дилҳои шумо ва фикрҳои шуморо дар Исои Масеҳ нигоҳ хоҳад дошт (Флп. 4:7).

Мо дар назди Исои Масеҳ нишонида шудаем. Ин маънои онро дорад, ки мо ба осоиштагие, ки дар замони мо бисёр камёфт аст, муваффақ шудаем. Исо мири осоиштагӣ мебошад ва ҳар касе, ки дар Ӯ бимонад ваъдаи осоиштагиро дорад. Ҳангоме ки мо Рӯҳи Муқаддасро барои қабул кардани қарор даъват мекунем, Ӯ доимо ба воситаи осоиштагии Исои Масеҳ ба мо шаҳодат медиҳад.

## ОСОИШТАГӢ ВА ҚАБУЛ КАРДАНИ ҚАРОР

Ҳамчун роҳбари хизматгузории Messenger International ман бисёр вақт қарорҳоеро қабул кардаам, ки ба осоиштагӣ аз Ӯ асос ёфта буд. Баъзан он вазифаҳо ғайриимкон вонамуд мешуданд, лекин осоиштагии Худо маро аз он нигоҳ медошт, ки ман қобилияти хизматгузориро то сатҳи маҳдуди имкониятҳои худ оварда нарасонам.

Ҳолатҳое буданд, ки ман овози Рӯҳро возеҳ мешунавидам. Масалан, ба навиштани ин китоб оғоз карда, ман умуман дар бораи дигар мавзӯъ навиштанӣ будам. Ҳангоме ки ман рӯза гирифта, дуо мехондам, Рӯҳи Муқаддас маро водор сохт, ки дар бораи Шахсияти Вай бинависам.

Аксарияти қарорҳоро осоиштагии Худо ҳамсафар буда (ҳамеша мутобиқи Каломи Ӯ), на ҳама вақт дастурамалҳои аниқ дода мешавад. Лекин ҳолатҳое буданд, ки Рӯҳи Муқаддас ба ман аниқ сухан меронд. Ман пайхас мекардам, ки Ӯ ягон самти наверо ба ман нишон доданӣ аст. Як мисолеро меорам.

Ҳадафи асоси хизматгузории Messenger International дар он аст, ки калисоҳои маҳаллиро устувор гардонад. Мо имон дорем, ки калисои маҳаллӣ ин аз ҳама усули манфиатбахши стратегӣ барои наҷот додани гумроҳон, овардани умед, қонеъ гардонидани мӯҳтоҷиҳои одамон ва шогирд сохтан дар байни халқҳо мебошад. Зиёда аз 20 ҳазор калисоҳо дар Африқои Шимолӣ аз маводҳои омӯзишии мо истифода мебаранд.

Дар тӯли солҳои зиёд мо барои амали гардонидани ҳадафи асосии худ, яъне дастрас кардани калисоҳо дар ИМА, Канада, Австралия ва Британия Кабир кӯшиш кардем.

31 майи соли 2010, ҳангоме ки ман китоби Дониёлро мехондам, Худо ба ман гап зад: «Ту дар дастрас кардани калисоҳое, ки ба забони инглисӣ сухан меронанд, бовафо будӣ. Акнун ман туро ба пеш ба ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон мефиристонам». Лаҳзаи пуршукӯҳ. Ман ҳатто тасаввуроте надоштам, ки ин чӣ гуна рӯй медиҳад, бинобар ин гурӯҳи роҳбарони хизматгузориамонро даъват кардам. Ман ба онҳо дар бораи он рӯъёе, ки Худо ба дили ман гузоштааст, нақл кардам ва инчунин гуфтам, ки хоҳиш дорам дар тӯли соли 2011 250 ҳазор китобро ба роҳбарони мамлакатҳои рӯ ба инкишоф тақсим карда диҳам. Ҳама дар ҳаяҷон буданд. Ҳеҷ вақт дар як сол мо ҳатто ба ин шумора наздиктар ҳам китоб тақсим накарда будем. Ёрдамчии ман ва роҳбарони шӯъбаҳо такроран аз ман мепурсиданд, оё ман боварӣ дорам, ки чунин вазифаеро гирифтам. Ва дар охир ӯ аз ман хост, ки ин ҳадафро дар дуо пеши Худо бардорам. Албатта, ман осоиштагӣ доштам. Барои Рӯҳи Муқаддас зарур набуд, ки бо овози баланд ба ман гӯяд, барои ҳамин ман мефаҳмидам, ки ҳадаф бо самти аввала мутобиқ буд ва дар ин даъват шаҳодати Ӯ эҳсос карда мешуд. Ҳангоме ки ман дар бораи ин ба дастаи худ гуфтам, онҳо ҳамон лаҳза ба ин рӯъё шарик шуданд. Алабатта, Худо ба таври аҷоиб амал мекунад, ва дар он сол мо тавонистем 270 ҳазор китобро барои усқуфон ва роҳбарони калисоҳо дар 47 мамлакати ҷаҳон паҳн кунем.

Дар соли 2011 дар шаҳри Бейрути мамлакати Лубнон ман бо як усқуфи ироқӣ шинос шудам (дар он вақт ҳангоми сафари худ дар Шарқи наздик ман ба шунавандагоне, ки иборат аз 2500 усқуфон ва роҳаборони калисо буданд, мавъиза кардам). Ин марди 36 сола усқуфи аз ҳама калисои калонтарин дар он шаҳр буд. Ӯ ба ман гуфт: «Ҷон, шумо ба ман ҳамчун падар мебошед.

Ман ҳамаи китобҳои шуморо, ки дастрас карда тавонистам, онҳоро хондаам. Ман ҳатто маводҳоро аз сайти шумо харидам». Аз ӯ ин суханонро шунида, ман тайёр будам зери замин равам. Ана ин одаме, ки аз мамлакати ҷангро аз сар гузаронида, ки вазъияти иқтисодиаш чандон хуб намебошад, пулҳои худро ба маводҳои хизматгузории Messenger International сарф кардааст. Ҳангоме ки ман дар бораи ин фикр кардам, ман ба Худо муроҷиат кардам, ки ба ман ҳикмат бахшад, то ки роҳбарони ин гуна калисоҳоро бо маводҳои зарурӣ таъмин карда тавонам. Ман дар Рӯҳ дуо хонда, ба хулоса омадам, ки ба ин усқуфони калисоҳои мамлакатҳои рӯ ба инкишоф на танҳо китоб, балки барномаҳои омӯзишро ба пуррагиаш бирасонам. Дар соли оянда мо ба ин усқуфҳо ва роҳбарон 1,3 миллион маводҳо тӯҳфа кардем.

Тарзи асосии паҳн кардани ин маводҳо сайти мо www.CloudLibrary.org мебошад, ки дар он усқуфон ва роҳбарон ва инчунин ҳамаи аъзоёни калисои онҳо метавонанд ба таври ройгон ин маводҳоро ба забони модариашон дастрас кунанд. Бо чунин тарз, ин маводҳо рӯз ба рӯз ба шумораи зиёди масеҳиён дастрас мегардад, ки теъдоди онҳо аз он 270 ҳазор, ки соли 2011 буд, беандоза зиёд мебошад. Агар мо бо осоиштагии Рӯҳи Муқаддас амал кунем, ана ҳамин хел корро Худо дар мо ва ба воситаи мо анҷом дода метавонад!

**Рӯзи 4**

## ҲИДОЯТ ЁФТАН

Барои бисёр имондорон дарёфти хидояту роҳнамоӣ аз Худо хеле мушкил менамояд. Ман бисёр вақт мешунавам, ки одамон мегӯянд: «Ман намедонам, ки хоҳишу иродаи Худо дар бораи ҳаёти ман чӣ аст». Дар ҳолатҳое, ки ниёз ба роҳнамоии Худо пайдо мешавад, Яъқуб ба мо мефаҳмонад, ки чӣ бояд кард: «...агар касе аз шумо аз ҳикмат камӣ дошта бошад, бигзор аз

Худо талаб кунад...» (1:5). Калимаи юнонии ҳикмат – sophia бо маънои «қобилияти дарк намудан ва дар натиҷа хирадмандона амал кардан» фаҳмида мешавад. Диққат кунед: ба воситаи ҳикмати Худо мо аввал фаҳмида, баъд амал карда метавонем.

Кӣ ба мо қобилияти дарк кардани иродаи Худо ва истифода бурдани онро медиҳад? Рӯҳи Муқаддас. Ман дар вазъиятҳое қарор доштам, ки ҳидояти Худо ба ман хеле зарур буд. Вақте ки ман дуоро ба забонҳо сар мекардам, ҳикмат ва ҳидояти Худо аз рӯҳи ман ҷӯшида баромада, ақли маро пур менамуд. Дуо ба забонҳо ба воситаи ҳидоят ёфтан аз Худо роҳи моро дар ҳаёт мунаввар мегардонад.

Биёед, боз аз нав ояти Навиштаҷотро аз Китоби Масалҳо (20:5) мехонем: «Андешаи дили одам обҳои чуқур аст, вале шахси хирадманд онҳоро мекашад». Дар тарҷумаи дигари инглисӣ ба ҷои калимаи «андеша» калимаи «ҳадаф» истифода бурда шудааст. Дар Масеҳ ба шумо вазифа, ё ҳадафи ба ҳар як кас нотакрор дода шудааст. Ин ҳадаф самти ҳаёти шуморо муайян мекунад, он дар умқи дили шумо маҳфуз аст. Ба забонҳо дуо карда, шумо андешаҳои Худоро ошкор менамоед ва Ӯ ҳадафро ба шумо кушода мегардонад. Ин дар як шаб ба амал намеояд, аз ин рӯ пурсабр бошед. Яке аз писарони ман чунин гуфтанро дӯст медорад: «Библия – харитаи мо, Рӯҳ роҳбаладӣ мост».

Атои ҳидоят дар тамоми соҳаҳои ҳаёт дастраси мо аст. Агар шумо бо яке аз фарзандонатон мушкилӣ доред, қадаме ба ақиб гузошта, дар Рӯҳ дуо кунед. Ӯ нишон медиҳад, ки шумо чӣ гуна бояд рафтор кунед. Агар шумо ба тиҷорат машғул ҳастед ва намедонед, ки чӣ кор кунед, дари утоқи кориатонро пӯшида, аз Худо, ки ҳама чизро медонад, ҳикмат талаб кунед. Он аллакай дар қалби шумост, бинобар ин, он чиро, ки то ҳол ба шумо ошкор нест, қабул кунед. Вай шуморо ҳидоят кардан мехоҳад! Дар Китоби Ишаъёи набӣ (48:17) гуфта шудааст: «Ман Худованд Худои ту ҳастам ва туро таълим медиҳам, ки ба худат фоида бирасонӣ, ва туро ба роҳе ҳидоят менамоям, ки

бояд бо он биравӣ». Худо мехоҳад, ки шумо мутобиқ ба ҳадафе, ки дар Подшоҳӣ доред, зиндагӣ кунед. Ӯ мехоҳад дар ҳар қадам шуморо ҳидоят кунад.

Баъзан одамон ба ман чунин мегӯянд: «Ҷон, ин ҳама он қадар «рӯҳонӣ» ва ким-чӣ хел ғайриоддӣ аст. Мо наметавонем бо Худо дар бораи ин чизҳо мулоқот кунем. Ӯ танҳо дар бораи кори хидматгузорӣ фикр мекунад». Аввалан, дар Худо ягон чизи ғайриоддӣ вуҷуд надорад, бинобар ин ҳеҷ чизи тааҷҷубовар дар он нест, ки Ӯ ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мо дахолат мекунад. Одамон ғайриоддӣ шуданашон мумкин аст, вале Худо ҳеҷ вақт. Ҳамчунин мо набояд ваъдаҳои Худоро, танҳо аз сабаби он ки ким-кадом одамон зуҳуроти Рӯҳро истифода бурда натавонистанду фосид карданд, фаромӯш созем.

Дуюм, Библия моро таълим медиҳад, ки «пайваста дуо кунем» (1 Тас. 5:17). Бисёр масеҳиён ҷуръат карда, ба мазмуну мӯҳтавои матн тавваҷҷӯҳ намекунанд, то ба маънои он сарфаҳм раванд. Маълум аст, ки Павлус дар ин ҷо намегӯяд: «лабҳоятонро ҷунбонида, дар ҳар дақиқаи зиндагӣ дуо кунед». Боз ба замми ин Библия мефармояд, ки доимо Инҷилро мавъиза кунем ва ҳамдигарро рӯҳбаланд созем. Мо ҳам ин ва ҳам онро баробар дар як вақт иҷро карда наметавонем.

Дар асл Павлус дар ин оят дар бораи мулоқоти доимӣ бо Худо гап задааст. Чӣ тавр инро ба амал баровардан мумкин аст? Дар идоми суханони худ Павлус ба мо ҷавоб медиҳад: «Рӯҳро хомӯш накунед» (ояти 19). Пайваста дуо гуфтан маънои ҳузури Рӯҳи Муқаддасро ҳеҷ гоҳ хомӯш накардан аст, яъне доимо ҳузури Ӯро эҳтиром кардан ва ба овози Ӯ ҳассос будан мебошад. Ба ибораи дигар, иштироки Ӯро дар ҳаёти худ маҳдуд накардан аст. Рӯҳ мехоҳад, ки ба шумо дар ҳар як масъала кӯмак созад, шуморо ҳидоят кунад ва ба таври ҳамешагӣ бо шумо сӯҳбат дошта бошад. Ин ба ҳаёти шумо осоиштагӣ, қувват ва ҳидоят меорад.

Ман барои тоҷир будан даъват нашудаам. Вале агар чунин ҳам мебудам, ман вақти бисёри худро дар дуо гузаронида, баъд

қарорҳое қабул мекардам, ки ба қалби ман осоиштагӣ оварад. Ба ҳидояти Холиқи худ беэътиноӣ накунед, ҳатто агар ба «хидмати пурра» машғул нестед. Ӯ дар ҳар қадам шуморо низ ҳидоят мекунад, чуноне ки маро дар ҳар қадам ҳидоят менамояд.

## ВАҚТИ ДУО ДАР АЛОҲИДАГӢ

Ман мушоҳида кардам, ки вақти дуогӯии ман хеле пурсамартар мешавад, агар ман дар аввал ба хондани Навиштаҷот шурӯъ кунам. Каломи Худо ақли маро тоза мекунад ва гӯё ки дари ақлро барои рӯҳ мекушояд. Агар ман барои мутолиа вақт мегузаронам, алоқаро бо Рӯҳи Муқаддас хеле наздиктар ҳис мекунам ва вақти дуогӯии ман бо ҳузури намоёни Ӯ бой мегардад.

Ман ҳамчунин фаҳмидам, ки агар ман ба таври доимӣ ҷӯёи ҳузури Ӯ бошам, Худо барои ошкор кардани Худ таъхир намекунад. Вақте ки ман дар бораи ҳашамату меҳрубонии Ӯ фикру хаёл мекунам, ногаҳон Рӯҳи Муқаддас Худро ошкор месозад. Чаро? Муаллифи Забур ба мо ҷавоб мегардонад: «Худо...барои ҳамаи онҳое ки гирдогирди Ӯ ҳастанд, саҳмгин аст» (ниг. Заб. 88:8). Агар шумо ҳузури Ӯро эҳсос кардан хоҳед, бояд ба Ӯ бо тарс ва эҳтиром наздик шавед. Агар эҳтироми Ӯро ба ҷо наоварем ва Рӯҳи Ӯро ҳурмат накунем, аз ҳузури Худо маҳрум шудан хеле осон аст.

Вақте ки Исо ба шогирдони Худ (ба мо низ) дуо карданро меомӯхт, Вай аз чунин суханон оғоз кард: «Эй Падари мо, ки дар осмонӣ, исми Ту муқаддас бод...» (Матто 6:9). Бо ибораи дигар, вақте ки мо ба Падари худ наздик мешавем, бояд дар аввал ба ҳузури Ӯ бо эҳтироми муқаддас дохил шавем. Агар мо чунин рафтор кунем, Рӯҳи Муқаддас ҳузури Худро ошкор менамояд, чунки Ӯ аз мо арҷгузорӣ мехоҳад. Ҳузури Ӯ ба моояндаро мекушояд, ҳикмат, хирад ва қувват мебахшад. Ӯ воқеан ҳам сарчашмаи ҳаёти мост. Чаро аз Ӯ дур бошем?

# ТАЗАРРӮЪ ДАР РӮҲ

Як вақтҳо ман бо як дӯстам, усқуфи калисо, ба таври доимӣ дуо мекардам. Дар вақтҳои дуо мо хеле зиёд дар Рӯҳ тазаррӯъ мекардем. Як рӯз мо дар дуо аниқ донистем, ки дар бораи кадом як минтақае дар Шарқи Наздик ҳарф мезанем. Рӯзи дигар мо фаҳмидем, ки дар Туркия заминҷунбии сахте рӯй додааст. Ман бовар дорам, ки бо дӯстам маҳз дар бораи ҳамин кишвар дуо кардаем. Мо дар Рӯҳ бо одамони ҳамон кишвар пайванд шудем, чунки ҳамон Рӯҳ дар мо зиндагӣ мекунад. Худо ба воситаи мо иродаи Худро дар бораи одамони Туркия баён кард.

Дар паҳн кардани Малакути Худо дар рӯи замин ин намуди дуо хеле зарур аст. Агар мо иродаи Худоро дар бораи хоҳар ва бародароне, ки аз мо дур ҳастанд, эълон кунем, душман ба хашм меояд. Мақсади вай ҷудо ва вайрон кардани калисо мебошад, ва хоҳиши вай он аст, ки тазаррӯи моро то ҳадди чаҳорчӯбаи ақли мо маҳдуд созад. Шояд, ҳеҷ гоҳ фикр ҳам накардед, ки шумо чӣ қадар зич бо имондорони тамоми дунё пайванд мебошед. Шумо метавонед барои имондорони кишварҳои дигар тазаррӯъ кунед, ҳатто агар дар ҷаҳони воқеӣ бо онҳо ягон хел робитае надошта бошед.

Боре дар Кения ман бо шахсе аз қабилаи Масаӣ шинос шудам. Баъдтар Ӯ ба Амрико омада, дар хонаи дӯстони ман дар штати Пенсилвания меҳмон шуд. Вай дар он ҷо қариб як моҳ истод. Бо гузашти вақт ӯ ба дӯстонам дар бораи аҳволи оилааш дар Африқо нақл мекард. Дар охир соҳибхоназан аз ӯ пурсид: «Аз куҷо медонед, ки дар оилаатон чӣ рӯй медиҳад? Охир, онҳо телефон надоранд». Ӯ ҷавоб гардонд: «Павлус медонист, ки дар калисоҳои Қӯлассо ва Қӯринтус ҳолат чӣ гуна аст, гарчанде ки дур аз онҳо буд. Вақте ки ман дуо мехонам, Рӯҳи Худо ба ман ошкор мекунад, ки ба аъзоёни оилаи ман чӣ воқеа рӯй медиҳад». Оятҳое, ки ӯ мисол овард, дар Нома ба Қӯлассиён навишта шудааст: «Зеро, агарчи ҷисман ғоибам, рӯҳан бо шумо мебошам, ва саранҷоми хуби шумо ва матонати имони шуморо

дар Масеҳ дида, шодӣ мекунам» (Қӯл. 2:5). Ба ҳамин монанд дар Номаи Авввал ба Қӯринтиён омадааст: «Зеро ки ман, агарчи ҷисман ғоибам, лекин рӯҳан ҳозирам...» (5:3). Павлус бо одамони ин калисоҳо дар Рӯҳ якҷоя буд ва ҷисман дар он ҷо ҳузур надошта, аз ҳолати зиндагии онҳо хабардор буд.

Бисёр вақт ман ҳис мекунам, ки касе аз дастаи ман ё аз ҷумлаи шарикон дар ҳаққи ман дуо мекунад. Баъзан ман дар ҳолатҳои хавфнок, дар байни маргу ҳаёт мемонам ва Худо ногаҳон ба вазъият дахолат карда, мӯъҷизаҳо ба амал меорад. Дар ин ҳолатҳо ман мефаҳмам, ки касе баҳри ҳимояти ман дар Рӯҳ дуо ва тазаррӯъ дорад.

## ЭҲСОСИ ОРОМӢ

> Эй бародарон! Дар ақл мисли кӯдакон набошед; нисбат ба шарорат чун навзодон рафтор кунед, лекин дар ақл болиғ бошед. Дар Таврот навишта шудааст: «Ба забонҳои дигар ва лабҳои дигар ба ин қавм сухан хоҳам ронд...» (1 Қӯр. 14:20, 21).

Шояд, шумо аллакай медонед, ки Павлус маротибаи зиёд дар бораи дуо ба забонҳо дар боби 14-уми Номаи Аввал ба Қӯринтиён навиштааст. Дар оятҳои мазкур ӯ суханони Ишаъёи набиро такрор мекунад: «Ба яқин, Ӯ бо лабҳои бегона ва бо забони дигар ба ин қавм хоҳад гуфт» (28:11, 12).

Худо ба воситаи Ишаъёи набӣ пешгӯӣ карда буд, ки ба забонҳо сухан гуфтан оромӣ ва хотирҷамъӣ меорад. Боре як дӯсти ман, усқуфи калисои калон бо усқуфи дигар калисои калон сӯҳбат кард ва чунин суханонро шунид: «Ман хидматро тарк мекунам. Ман хаста шудам. Дигар қувват надорам. Тамом шудам. Дӯсти ман ба гуфт: «Ту бо Рӯҳ дуо карданро бас кардӣ, дуруст? Он усқуф чизе ҷавоб дода натавонист, ва дӯсти ман суханро идома дод: «Ту барои дуо бо Рӯҳ чӣ қадар вақт сарф мекунӣ?» Ӯ дар аввал

хомӯш монд, баъд гуфт: «Хайр, ман ҳамеша барои мавъиза омода мешавам, ва боз дар калисои мо чорабиниҳои зиёд гузаронида мешаванд, охир, 15 ҳазор нафар имондорон, ва...».

Дӯсти ман боз аз ӯ пурсид: «Оё ту дар Рӯҳ дуо мекунӣ?» Дар охир он усқуф иқрор шуда, гуфт: «Росташро гӯям, не». «Пас, сар кун», - гуфт дӯсти ман.

Хеле зуд ин усқуфи аз хидмат хасташуда аз хоҳиши тарк кардани хидмат даст кашид. Алҳол хидматгузории ӯ ва кор дар калисо хеле бомуваффақият пеш меравад.

Барои чӣ ба забонҳо дуо гуфтан барои усқуф ин қадар зарур аст? Мо ба воситаи дуо дар Рӯҳ осоиштагӣ ва илҳоми тоза гирифта метавонем.

Чӣ тавр доктор Чо метавонад калисои 800 ҳазорнафарaро роҳбарӣ кунаду хаста нашавад? Вай дар Рӯҳ дуо мекунад. Ман ягон шабонро ба ҷуз аз доктор Чо тасаввур карда наметавонам, ки ин қадар масъулияти вазнинро ба дӯши худ гирифта бошад. Инсон қодир нест, ки бо қуввати худ ин бори вазнинро кашад. Лекин ман медонам, доктор Чо ба ақли худ такя намекунад. Вай аҳамияти дуоро дар ҳаёт хеле хуб дарк менамояд, ва ҳар рӯз соатҳо бо Рӯҳ дуо мекунад ва аз он қувват ва илҳом меёбад.

Лестер Самралл марди бузурги Худо буд. Ман чандин бор ба сӯҳбати ӯ мушарраф гаштаам. Доктор Самралл чор соат дар як рӯз мехобид ва ба якборагӣ чор китоб менавишт. Ӯ аз аъзоёни дигари гурӯҳаш (аз синну соли ӯ ду баробар хурдтар) ва аз воизони ҷавон дида ду баробар зиёдтар қувват ва нерӯ дошт. Ӯ аз куҷо қувват меандӯхт? Ӯ соатҳои зиёд бо Рӯҳ дуо мекард.

Илтимос, фаҳм кунед, мо бе ҳеҷ ваҷҳ ҷисми физикии худро набояд фаромӯш кунем. Худо амр мефармояд, ки мо бояд шанберо риоя кунем. Мо бояд истироҳати хуб дошта бошем. Ман ба бозии голф машғул мешавам, чунки он маро аз кор фориғ месозад ва ба ҷисму ҷони ман рӯҳия тоза мебахшад. Он сарчашмаи фароғати ман мебошад. Аммо оромии шанберо риоя карда истода, агар дар

Рӯҳ дуо мекунем, рӯҳу ҷони мо роҳат мекунад. Мутаассифона, оташи қалби баъзе одамон барвақттар аз мӯҳлаташ сӯхта тамом шудааст, чунки дар Рӯҳ оромӣ пайдо накардаанд.

## Рӯзи 5

# ОДАМИ БОТИНИИ МО

> Касе ки ба забонҳо сухан меронад, вай худашро обод мекунад (1 Қӯр. 14:4).

Бо юнонӣ обод шудан oikodomeo хонда мешавад. Ин калима таҳтуллафзӣ ба маънои «сохтан, бунёд кардан» меояд. Вақте ки мо дар Рӯҳ дуо мекунем, қобилияти пайдо кардани ҳузури Худо ва қуввати Ӯро дар худ бино мекунем. Вақте ки Исо гуфт: «Пас, ҳар кӣ ин суханони маро бишнавад ва онҳоро ба ҷо оварад, ӯро ба марди оқиле монанд мекунам, ки хонаи худро бар санг бино кард...» (Матто 7:24), Ӯ айнан ҳамин калимаи юнониро истифода бурдааст.

> Ҳамчунин Худо ба воситаи Яҳудо ба мо гуфтааст: «Валекин шумо, эй маҳбубон худро бо имони бағоят муқаддасатон обод кунед, ва дар Рӯҳулқудс дуо гӯед...» (ояти 20).

Ёд дорам, ки писари яке аз дӯстонам сахт касал шуда буд. Табибон касалиро ташхис карда натавонистанд, ва дӯсти ман намедонист, ки чӣ кор кунад. Охири охирон ӯ дар утоқи кориаш руст шуда, панҷ соат бо Рӯҳ дуо кард. Баъд ӯ аз утоқи кориаш баромада, ба хонаи худ омад, ва ба хона даромада, рост ба ҳуҷраи писараш дохил шуд. Бо садои пурқудрат ва қавӣ ӯ ба писари бемораш амр кард, ки аз ҷой бархезад. Бача ҳамон замон пурра шифо ёфт. Чӣ ҳодиса рӯй дод? Ин панҷ соати дуо қобилияти падарро барои тазаррӯъ кардан зиёд намуд. Ҳар чизе, ки аз Худо

мегирем, ба воситаи имон ба даст меорем. Дигар роҳ вуҷуд надорад. Дуо бо Рӯҳ қобилияти дарёфти ваъдаҳо ва ҳузури Худоро афзун мекунад, чунки он одами ботиниро обод менамояд.

## ПАРАСТИШИ АМИҚ

Дуо ба забони осмонӣ моро қодир мегардонад, ки Худоро ба дараҷаи хеле баланд парастиш кунем. Павлус гуфтааст:

> Зеро, агар ту бо рӯҳ баракат диҳӣ, бехабаре ки дар он ҷо истода бошад, дар вақти шукргузории ту чӣ тавр «омин» гӯяд? Зеро он чиро, ки ту мегӯӣ, намефаҳмад. Ту нағз шукргузорӣ мекунӣ, лекин каси дигар обод намешавад (1 Қӯр. 14:16, 17).

Павлус дар бораи парастиши оммавӣ сухан ронда, ишора ба он мекунад, ки ҳангоми «бо рӯҳ баракат додан» (Худоро ба забонҳо ҳамд гуфтан) мо ба каси дигар манфиат намерасонем. Азбаски ҳамд ба забонҳо ифодаи шахсӣ аст, он худи шахси алоҳидаро обод мекунад, на ҳамагонро. Павлус бе ягон ваҷҳ мақоми хамди Худоро ба забонҳо паст намекунад. Вай танҳо таъкид дорад, ки барои ин вақт ва ҷои мувофиқ бояд бошад.

Диққат кунед, Павлус чӣ гуна хулоса мекунад: «Шумо нағз шукргузорӣ мекунед»! Вақте ки мо Худоро ба забонҳо ҳамд мегӯем, мо ба Рӯҳ иҷоза медиҳем, ки Ӯ ба воситаи мо мӯъҷизаҳо ва асрори Худоро орифона барафрозад. Дараҷаи баланди парастиш мавҷуд аст, ки мо тавассути ҳамд ба забонҳо ба он муяссар гашта метавонем. Ана барои чӣ Павлус дар Рӯҳ ва бо ақл месароид (ниг. 1 Қӯр. 14:15).

## ҲАР КАС МЕТАВОНАД АЗ РӮҲ ПУР ШАВАД

Вақте ки масеҳиён ба дигар имондороне, ки ба забонҳо дуо ва сухан намекунанд, ҳавобаландона нигоҳ мекунанд, қалби ман андӯҳгин мешавад. Ин бародарону хоҳарон фақат атои ҳайратбахши бо Рӯҳ дуо кардану сухан гуфтанро аз сар нагузаронидаанду халос. Лозим нест, ки аз ин сабаб онҳоро хиҷолат созем ё паст занем, чунки мо ҳама дар Масеҳ як ҳастем.

Дар боби охирин мо аллакай гуфта гузаштем, ки бахшоиши ба забонҳо сухан гуфтан ба ҳар як имондор дастрас буда, касоне, ки то ҳол ба забонҳо сухан накардаанд, аз он маҳрум нахоҳанд монд. Исо гуфтааст: «Ва ин аломот ҳамроҳи имондорон хоҳад буд: ...ба забонҳои нав сухан гӯянд» (Мар. 16:17). Павлус гуфтааст: «Мехоҳам, ки ҳамаатон ба забонҳо сухан ронед» (1 Қӯр. 14:5). Дили Худо барои ҳамаи фарзандонаш кушода аст, Ӯ мехоҳад, ки онҳо аз афзалиятҳои забони осмонӣ лаззат баранд.

## ЧӢ ТАВР РӮҲИ МУҚАДДАСРО ҚАБУЛ КАРДАН МУМКИН АСТ?

Пеш аз он ки мавзӯъро идома бахшам, қайд кардани онро зарур мешуморам, ки бисёре аз дӯстони ман дар шароитҳои гуногун аз Рӯҳи Муқаддас пур шудаанд, - яке дар мошин, дигаре дар хона, кадоме ҳатто дар утоқи корӣ. Чизи зарурӣ барои аз Рӯҳ пур шудан, ин танҳо аз Падари осмонӣ талаб кардани Рӯҳи Ӯ асту халос. Агар шумо аллакай ин бахшоишро талаб кардед, танҳо шуморо лозим аст, ки чӣ тавр қабул карданашро донед.

Пеш аз ҳама, асоситаринаш, - пеш аз он ки аз Рӯҳи Муқаддас пур шавед, шумо бояд Исои Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотбахши худ қабул кунед. Исо гуфтааст, ки ҷаҳон (онҳое, ки наҷотро қабул накардаанд) Рӯҳи Муқаддасро қабул карда наметавонад (ниг. Юҳ. 14:17). Агар шумо то ҳол Исоро ҳамчун Худованди худ эътироф накардаед, худи ҳозир метавонед худро

ба ҳокимияти Ӯ тобеъ кунед. (маълумоти муфассалро дар бораи наҷот шумо метавонед аз боби иловагӣ дастрас намоед).

Агар шумо аллакай фарзанди Худо бошед ҳам, вале дониста ба Худо нофармонӣ зоҳир мекунед, аз Рӯҳи Муқаддас пур шуда наметавонед. Худо Рӯҳи Худро ба он кас медиҳад, ки ба Ӯ итоат кунад (ниг. Аъмол 5:32). Ин чунин маъно надорад, ки шумо бояд комил бошед, вале шумо бояд ҳамчун нишони тобеъият ба иродаи Ӯ худро назди Ӯ фурӯтан созед. Он гоҳ Худо файзи раҳоиро аз доми гуноҳ ба шумо ато мекунад, ва шумо боз аз нав барои пур шудан аз Рӯҳи Муқаддас кушода мешавед.

Яке аз бузургтарин падидаи беитоатӣ ин кина мебошад. Шумо бояд барои бахшидани он касоне, ки ба шумо бадӣ кардаанд, хоҳиш дошта бошед. Ман дар ҳама ҳолатҳо бе истиснои ягон ҳолат борҳо мушоҳида кардаам, ки чун шахси имондор ягон шахси дигарро мебахшид, ҳамон замон Рӯҳи Муқаддас худро ошкор мекард. Худи ҳозир ҳамаи он касонеро, ки шуморо озор додаанд ё нисбати шумо бадӣ кардаанд, бубахшед ва аз Худо талаб намоед, ки Ӯ ба шумо нисбати он одамон дили кушод ато кунад. (Маълумоти муфассалро дар бораи кина дар китоби ман «Доми шайтон» хонда метавонед.)

## ТАНҲО БО ИМОН ТАЛАБ КУНЕД...

> Ва кист аз шумо, ки падар бошад, ва писараш аз ӯ нон биталабад, ва санге ба вай бидиҳад? Ё моҳӣ биталабад, ва ӯ ба ҷои моҳӣ , море ба вай бидиҳад? Ё, агар тухме биталабад, каждуме ба вай бидиҳад? Пас, агар шумо, ки шарир ҳастед, ба фарзандони худ додани инъомҳои некро медониста бошед, пас Падари шумо, ки дар осмон аст, чанд маротиба зиёдтар ба онҳое, ки аз Ӯ металабанд, Рӯҳулқудсро хоҳад дод (Луқо 11:11-13).

Касе гуфт, ки ҳангоми талабидани Рӯҳи Муқаддас, ба ҷои Ӯ шумо метавонед, ки рӯҳи бадро қабул кунед. Суханони Исо

ин гуна тарсро меронад: Худо бахшандаи ҳар як инъоми нек ва бахшоиши комил мебошад (ниг. Яъқуб 1:17). Агар шумо аз Падар Рӯҳи Муқаддасро пурсед, Ӯ ба шумо рӯҳи палидро намедиҳад. Ӯ Рӯҳи Муқаддасро ато мекунад. Бинобар ин аз кушода шудан ба Рӯҳи Муқаддас натарсед. Чун ин корро кардед, фикр накунед, ки Рӯҳи Муқаддас забони шуморо дошта, барои гап задан маҷбур мекунад. Ӯ ба шумо ирода ва интихоби озод додааст. Рӯҳулқудс оғои бофарҳанг мебошад. Ӯ шуморо ба ҳеҷ чиз маҷбур намекунад. Шайтон баҳри иҷрои ягон амал шуморо маҷбур карда метавонад, лекин Рӯҳи Муқаддас танҳо шуморо ҳидояту роҳнамоӣ мекунад. Ӯ ба шумо қудрати ба забонҳо сухан гуфтан (шояд, дар аввал ин танҳо садоҳо, ҳиҷоҳо, ё такрори доимии порчаи калимаҳо бошад) ато мекунад, вале шумо бояд итоат намоед ва лабҳо, забон ва садопардаи худро ба ихтиёри ӯ супоред. Он гоҳ забони осмонӣ аз шумо ба монанди об аз чойник ҷӯшида баромадан мегирад. Дар аввал ҳиҷоҳои алоҳида шунида мешавад, ва агар шумо бо имон ин овозҳоро такрор кунед, забони шумо ҳамон қадар ғанитар мегардад. Охир, ҳар чизе, ки аз Худост, бо имон ба даст оварда мешавад ва бахшоиши забонҳо аз ин истисно нест. Он чиро, ки Ӯ медиҳад, бо имон такрор кунед, ҳатто агар ба назар чунин мерасад, ки гӯё шумо ҳамеша он як калимаро дармонда-дармонда талаффуз мекунед. Баъдтар ин калимот ба забони мукаммал табдил меёбанд.

## САТҲИ АМИҚ

Ман қисми бештари ин ду бобро барои сӯҳбат оиди атои забонҳо бахшидам, чунки мутмаинам, ки Худо мехоҳад, то мо аз атои забони осмонӣ, ки таҳкимбахши муносибати мову Худо ва муттаҳидкунандаи халқи Ӯ баҳри мақсадҳои Малакути Осмонӣ мебошад, баҳраманд бошем. Рӯҳулқудс мехоҳад, ки кулли мардон ва занон Исоро шиносанд. Ба он андоза, ки мо дар муносибат ва шарикӣ бо Ӯ ба камол мерасем, ба ҳамон андоза Ӯ чашмони моро воз мекунад ва ҷаҳонро бо ҷилои нав нишон

медиҳад. Мо мебинем, ки чӣ тавр ҷаҳон ҳарисона ба Исо эҳтиёҷ дорад, ва ҳам тавассути Рӯҳи Ӯ мефаҳмем, ки мо чӣ гуна нақше дошта метавонем, то Исо машҳур дар ҷаҳон гардад.

Умедворам, ки ин дарс дар бораи шинохти шахсияти Рӯҳи Муқаддас писанди шумо гардид. Ҳар он чизе, ки шумо дар ин бобҳо омӯхтед, фақат як қисми хурдтарини мӯъҷизоти беохир, абадӣ ва бемислу монанди Ӯ мебошад, ва Ӯ мехоҳад, ки моро ба зинаҳои баландтарини маърифати Худ ҳидоят кунад. Ман шуморо даъват мекунам, ки ин китобро бо мурури вақт такрор ба такрор мутолиа намоед, то ки Рӯҳулқудс қалби шуморо баҳри боз ҳам амиқтару бештар шинохтани Ӯ бедор созад.

Рӯҳулқудсро хеле писанд аст, ки ба шумо Исоро ошкор кунад. Ҳузури Ӯро эҳтиром кунед ва на танҳо ба ҳаёти «рӯҳонӣ», балки ба ҳар як соҳаи ҳаёти худ Ӯро даъват намоед. Ӯ ваъда додааст, ки ҳеҷ гоҳ шуморо тарк намекунад ва намепартояд. Аз ин ваъдаи ҳайратбахш дар ҳар дақиқаи умри худ ҳаловат баред. Вақте ки шумо Каломи Худоро мутолиа мекунед ва дар ҳузури Ӯ вақт мегузаронед, шумо Ӯро наздиктару амиқтар хоҳед шинохт. Ва аз ҳама аҷоибаш он аст, ки ин саёҳат охир надорад. Худо доимо мехоҳад, ки ба мо чизи бузургтареро ошкор кунад. Ба воситаи он чизҳое, ки шумо мебинеду мешунаведу медонед, худро маҳдуд насозед. Бигзор Рӯҳи Масеҳ тафаккури шуморо васеъ карда, дар ҳаёти шумо салтанат ронад. Ман бовар дорам, ки чунин рафтор карда, мебинед, ки чӣ тавр ҷалол ва шаҳомати Худо бештар аз пештар дар ҳаёти шумо ошкор мегардад.

**Дуо дар Рӯҳ...**

# БАРОИ МУНОСИБАТҲОИ АМИҚДАР МЕКУШОЯД

*Зеро касе ки ба забоне сухан меронад, вай на ба одамон, балки ба Худо сухан меронад, чунки ҳеҷ кас намефаҳмад: вай тибқи Рӯҳ асрорро ба забон меоварад...*

–1 Қӯринтиён 14:2

Баракати бузургтарини дуо бо забони Рӯҳ аз муносибатҳои амиқ бо Худо сар мешавад. Худованди тамоми махлуқот он қадар иштиёқманди муносибату сӯҳбат бо мост, ки Рӯҳи Худро андаруни рӯҳи мо гузоштааст, ба мо қудрат бахшидааст, то дар мавқеи Ӯ истода, бо Ӯ сӯҳбат карда тавонем. Ин хеле ҳайратовар аст! Усқуф Кеннет Хейгин гуфта буд:

> «Худо Рӯҳ аст. Вақте ки мо ба забонҳо дуо мекунем, рӯҳи мо бо Худо, ки Рӯҳ аст, алоқаи бевосита пайдо мекунад. Мо бо Ӯ бо ёрии қудрати мӯъҷизакори илоҳӣ сӯҳбат мекунем. Сухан гуфтан ба забонҳо танҳо аввалин нишонаи пур шудан аз Рӯҳи Муқаддас набуда, балки ин амали давомнок дар тамоми ҳаёти боқимонда мебошад. Ба хотири чӣ? Ба хотири мадад расонидан ба мо дар парастиши Худо.
>
> Дуои доимӣ ва парастиши Худо ба забонҳо ба мо кӯмак мекунад, ки ҳузури воқеӣ ва зиндаи Ӯро эҳсос кунем. Агар ман ҳузури воқеӣ ва зиндаи Рӯҳи Муқаддасро ҳар рӯз эҳсос кунам, ин ба тарзи зиндагонии ман, бешубҳа, таъсир хоҳад расонид» (эзоҳ-1).

Вақте ки мо дар Рӯҳ дуо мекунем, мо бо ақли худ дуо намекунем, балки бо ақли Худо дуо мехонем. Рӯҳи Ӯ тавассути

мо мутобиқи иродаи комили Худо дуо мекунад.

Дуо гуфтан бо Рӯҳ ва ҳар рӯз аз Каломи Худо пур шудан хеле зарур аст, чунки маҳз бо ин роҳ мо бо Худо муносибати мустаҳкам дошта метавонем. Дар кадом вақт ва дар куҷо шумо ҳаррӯза бо Худо сӯҳбат доред? Чӣ тавр Рӯҳ ба шумо муҳаббати бепоёни Худро нишон медиҳад?

Агар шумо чунин вақт ва ҷой надоред, дуо кунед ва аз Рӯҳи Муқаддас пурсед, ки дар куҷо ва кай Ӯ мехоҳад бо шумо вохӯрад ва муҳаббати бузурги Худро ба шумо нишон диҳад.

Оё ба худ гуфта метавонед, ки шумо бахшоиши ба забонҳо сухан гуфтанро қадр намекардед ва нисбат ба он беаҳамиятӣ зоҳир менамудед? Оё ин дарс ба шумо кӯмак кард, ки забони Рӯҳро аз ҷиҳати мусбӣ ва таъсирбахш дида тавонед?

Агар шумо бахшоиши забонҳоро дуруст қадр накардаед ё ба он эътибор надодаед, аз Худо бахшиш пурсед ва талаб кунед, ки Ӯ шуморо боз аз Рӯҳи Муқаддас пур гардонад.

Баъзе одамон атои забонҳоро истифода намебаранд, чунки танҳо як ё ду калимаро талаффуз карда метавонанд. Шумо ба ин гурӯҳи одамон шомил ҳастед? Агар ҳа, пас тасаввур кунед,

ки Рӯҳ ба шумо бо меҳр чӣ мегӯяд: «Ман туро дӯст медорам. Оё он чиро, ки Ман ба ту додам истифода мекунӣ? Оё ту бо он суханоне, ки дар туст, муҳаббат ва эҳтироми худро ба Ман изҳор менамоӣ? Ҳатто агар он калимаҳо кам бошад ҳам, онҳо суханони махсусанд, ки дар байни Ману ту вуҷуд доранд». Лаҳзае фикр кунед ва ба Ӯ ҷавоб гардонед.

Забони дуои шахсии худро бо дигарон муқоиса накунед. Он калимаҳоро истифода кунед, ки Рӯҳ ба шумо додаст. Агар шумо дар чизи кам мӯътамад бошед, Ӯ ба шумо бештару бештар ато мекунад. Хонед: Матто 25:14-23, ба оятҳои 20-23 диққати махсус диҳед.

**Дуо дар Рӯҳ...**

# АСРОРИ ХУДОРО ОШКОР МЕКУНАД

*Ба шумо донистани асрори Малакут ато шудааст... зеро ҳар кӣ ин асрорро мефаҳмад, ба ӯ ҳикмати бештаре дода мешавад, ва ӯ онро боз ҳам беҳтар хоҳад фаҳмид...*

–Матто 13:11, 12, GW

Исо гуфтааст, ки ба шумо имконияти дарки сирру асрори Подшоҳии Ӯ дода шудааст. Чӣ тавр ин асрорро қабул карда ва фаҳмида метавониста бошем? Дар ҳамбастагӣ бо Рӯҳи Ӯ. Асрори Худо ошкор мегардад, агар шумо дар Рӯҳ дуо кунед ва бо Ӯ вақт гузаронед.

Освалд Чемберс муаллиф, сухангӯ ва пешоҳанги муносибатҳои наздик бо Худо буд. Дар китоби машҳури худ «Тамоми вуҷудам аз Худованд аст» чунин мегӯяд:

> «Нишонаи дӯстӣ дар чист? Дар он аст, ки дӯст ба шумо сирри ғамангези худро баён мекунад? Не, дар он аст, ки ӯ сирри хурсандибахши худро нақл менамояд. Бисёр одамон дар бораи ғаму ташвиши ниҳонии худ сӯҳбат мекунанд, аммо аз ҳама нишонаи асосии муносибатҳои наздик дар он аст, ки ба шумо хурсандии ниҳонии худро ошкор месозанд» (эзоҳ-2).

Аз ҳама сирри ҳайратбахши Худо, ки Рӯҳ ба шумо ошкор кардааст, кадом аст? Барои чӣ он барои шумо ин қадар махсус ҳисоб мешавад?

Оё шумо бо Рӯҳи Муқаддас дар бораи афкор, эҳсосот ва хоҳишҳои худ сӯҳбат мекунед? Оё шумо бо Ӯ дар бораи орзуҳои дилатон ва тарсҳо дӯстона гуфтугӯ менамоед? Ҳоло китобро як сӯ гузошта, ба Ӯ ягон чизи ниҳонӣ, ягон чизи барои шумо азизу пурқимматеро, ки ба ҳеҷ кас нагуфтаед ё кайҳо боз ба ёд наовардаед, нақл намоед.

Аз кадом сабаб шумо ягон чизи шахсӣ ё ниҳонии худро ба Рӯҳи Муқаддас намекушоед? Аз Ӯ хоҳиш кунед, ки монеаҳоро ба шумо ошкор кунад ва кӯмак расонад, ки шумо тавонед озодона дили худро пеши Ӯ холӣ кунед.

Сӯҳбат бо Худо ин на танҳо сухан гуфтан, балки шунидан низ мебошад. Таносуб байни гуфтану шунидан зарур аст. Агар мо барои шунидан вақт ҷудо накунем, сухунони Рӯҳро фаҳмида наметавонем. Чемберс идома медиҳад:

> «Оё мо ба Худо боре иҷозат медиҳем, то Ӯ дар бораи шодиҳояш нақл кунад, ё ин ки мо доимо ба Ӯ розҳои худро баён мекунем? Дар қадамҳои аввали ҳаёти масеҳӣ мо бо хоҳишҳои зиёди худ ба Худо рӯ меорем, баъд мефаҳмем, ки Ӯ моро ба муносибатҳои бо Худаш наздик ҷалб кардан мехоҳад, мақсаду мароми Худро ба мо ошкор намудан мехоҳад. Мо оё воқеан ба ғояи Исо – дуои «Бигзор иродаи Ту шавад» содиқем, то аз асрори илоҳӣ воқиф гардем?» (эзоҳ-3).

Худо мегӯяд, ки ҳама чиз вақти худро дорад – вақт барои гуфтан ва вақт барои шунидан ҳангоми дуо (ниг. Воиз 3:1-7). Аз Рӯҳ пурсед: «Шояд, ҳангоми дуо танҳо ман гап мезанам? Шояд, ман ба Ту вақт ҷудо накардаам, то Ту тавонӣ асрори Худро ба ман ошкор созӣ? Шояд, Ту чизе ба ман гуфтан мехоҳӣ, аммо ман онро намешунавам, чунки сонияе бошад ҳам хомӯш

намешавам? Агар чунин бошад, ба ман фаҳмон».

Ором бошед ва гӯш кунед. Рӯҳи Муқаддас ба шумо чӣ ҷавоб медиҳад?

*Ин аст дуои ман. Худо барои боз ҳам бештар шинохтани Ӯ ба шумо рӯҳи ваҳйу ҳикмат ато кунад ва чашмони дили шуморо равшан созад, то шумо бидонед, ки умеди даъвати Ӯ аз чӣ иборат аст, ва сарвати ҷалоли Ӯ барои муқаддасон чӣ гуна аст? Ва бузургии қудрати Ӯ дар мо, ки имон дорем, чӣ гуна аз ҳад берун аст...*

–Эфсӯсиён 1:17-19, Phillips

**Дуо дар Рӯҳ...**

# БА ДИЛ ОСОИШТАГӢ МЕОРАД

*Аммо самари Рӯҳ чунин аст: осоиштагӣ*...

–Ғалотиён 5:22, NLT

Осоиштагӣ чӣ аст? Баъзан мо ба мазмуну моҳияти аслии чизҳо сарфаҳм рафта наметавонем. Осоиштагии ҳақиқӣ , ки Исо ба воситаи Рӯҳи Муқаддас ба мо ато кардааст, ин на пули бисёр дар ҳисоби бонкӣ, на саломатии олӣ, на хонаи хушрӯ ё чизҳои қимматбаҳо ва на муносибатҳои озод аз муноқиша мебошад.

Осоиштагии ҳақиқӣ – осоиштагии Худо аз вазъиятҳои беруна ва шароитҳо вобаста набуда, он дар байни тӯфонҳо барои истодагарӣ кардан қувват медиҳад, андаруни мушкилот аз лиҳози ақлонӣ, эҳсосотӣ, ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ қобилияти ором буданро мебахшад.

Аз китобхонӣ фориғ шуда, ба худ савол диҳед: «Дар зери мафҳуми «осоиштагӣ» ман чиро назар дорам? Осоиштагии ман дар чист? То кадом дараҷа тасаввуроти ман дар бораи осоиштагӣ аз осоиштагии ҳақиқии Рӯҳ фарқ мекунад? Чиро иваз кардан зарур аст?»

Ба воситаи хуни Исо мо бо Худо осоиштагӣ дорем. Аз ҳузури Рӯҳи Муқаддас ба мо осоиштагии Худо ато шудааст. Худи Исо гуфтааст:

> Осоиштагиро ба шумо боқӣ мегузорам, осоиштагии Худро ба шумо медиҳам: на ончунон ки ҷаҳон ҷаҳон медиҳад, Ман ба шумо медиҳам. Дили шумо музтариб нашавад ва ҳаросон набошад (Юҳанно 14:27).

Бо ин осоиштагие, ки Подшоҳи Осоиштагӣ ба мо додааст, чӣ кор кунем?

> Бигзор дар дилҳои шумо (ҳамоҳангӣ дар қалб) осоиштагии Худо (комил ва устувор, бахшандаи ҳолати оромона, беолоиш аз ҳар гуна шак ва шубҳа) ҳукмфармо (ба таври доимӣ амал мекунад, чун довар) бошад, ки шумо ба он дар як Бадан даъват шудаед; ва шукргузор бошед.
>
> –Қӯлассиён 3:15 (Тарҷ. васеъ)

Тасаввур кунед, ки шумо бейсболбозӣ карда истодаед. Шумо дар нақши варзишгаре мебошед, ки тӯби ба нуқтаи асосӣ омадаро зада бармегардонад. Дар пушти шумо ҷои Довари Осоиштагӣ буда, ҳар як тӯби ба тарфи шумо ҳавододашуда ин қарорест, ки қабул кардани шумо зарур аст. Акнун боз як бор бодиққаттар ояти каломи Худоро аз Нома ба Қӯлассиён (3:15) хонед. То ба кадом дараҷа ҳуштаки довар муҳим аст? Рӯҳи Муқаддас ба шумо дар бораи Довари осоиштагии шумо шудани Худ чӣ мегӯяд?

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

Рӯҳи Муқаддас моро аксар вақт тавассути эҳсоси осоиштагии дарунӣ ба сӯи иродаи комили Худо мебарад. Ин ҳамон чизест, ки дар Навиштаҷот омадааст: «Ҳамон Рӯҳ ба рӯҳи мо шаҳодат медиҳад, ки мо фарзандони Худо ҳастем» (Рум 8:16). Дар айни замон кадом қарорҳоро қабул кардани шумо зарур мебошад,

дар кадом масъала шумо ба роҳнамоии Худо эҳтиёҷ доред? Як лаҳза аз китобхонӣ фориғ шуда, дуо кунед. Баъд шаҳодати осоиштагии Ӯро мунтазир бошед. Ӯ ба шумо чӣ мегӯяд?

**Дуо дар Рӯҳ...**

# ХИРАД МЕБАХШАД ВА ҲИДОЯТ МЕКУНАД

*Агар донистан хоҳед, ки Худо аз шумо чӣ мехоҳад, Ӯро пурсед, ва Ӯ бо хурсандӣ ба шумо ҷавоб медиҳад, чунки Ӯ ҳамеша омодаи он аст, ки ба ҳама хиради фаровон бахшад. Ӯ шуморо бе ҷавоб намегузорад.*

–Яъқуб 1:5, TLB

Кист, ки хирад мебахшад ва роҳнамоӣ мекунад? Рӯҳи Муқаддас. Ишаъё Ӯро Рӯҳи хирад ва ҳикмат, Рӯҳи машварат ва қудрат номидааст. Исо гуфтааст, ки Ӯ Устоди мост. Устоди мо дар куҷо зиндагӣ мекунад? Дар дохили мо – дар маъбади Худ. Агар дар зиндагӣ эҳтиёҷ ба хирад доред, бо ақл ва бо Рӯҳ дуо кунед, ва Ӯ роҳнамоӣ мекунад!

Як лаҳза дар бораи ваъдаҳои бузурги Худо, ки дар зер омадааст, тафаккур кунед, дар ёд дошта бошед, ки Худованд ва Рӯҳ як ҳастанд.

> Худованд чунин мегӯяд... Ман Худованд Худои ту ҳастам ва туро таълим медиҳам, ки ба худат фоида бирасонӣ, ва туро ба роҳе ҳидоят менамоям, ки бояд бо он биравӣ.
>
> –Ишаъё 48:17
>
> Ва гӯшҳотон суханеро аз қафои шумо хоҳад шунид, ки мегӯяд: «Роҳ ин аст, бо он биравед».
>
> –Ишаъё 30:21
>
> Ман туро таълим хоҳам дод ва ба роҳе, ки бояд биравӣ, ҳидоят хоҳам кард. Туро насиҳат хоҳам дод; чашмам бар туст.
>
> –Забур 31:8

> Лекин Пуштибон, яъне Рӯҳулқудс, ки Падар Ӯро ба исми Ман хоҳад фиристод, ҳама чизро ба шумо таълим хоҳад дод ва ҳар чиро, ки ба шумо гуфтам, ба ёди шумо хоҳад овард.
>
> –Юҳанно 14:26, The Message

> Лекин чун Ӯ, яъне Рӯҳи ростӣ ояд, шуморо ба тамоми ростӣ раҳнамоӣ хоҳад кард.
>
> –Юҳанно 16:13

> Роҳҳои Худро, эй Худованд ба ман маълум намо, тариқҳои Худро ба ман таълим деҳ. Ба ростии Худ маро ҳидоят намо, ва маро таълим деҳ, зеро ки Ту Худои наҷоти ман ҳастӣ; ҳар рӯз ба Ту умедворам... Ҳалимонро ба роҳи инсоф меандозад... Кист он касе ки аз Худованд метарсад? Варо Ӯ ба роҳе, ки интихоб намудааст, ҳидоят хоҳад кард.
>
> –Забур 24:5, 9, 12

Баҳри чӣ ба шумо хирад ва ҳидоят зарур аст? Дар ҷои кор? Саломатӣ? Дар издивоҷ? Дар тарбияи фарзандон? Дар молиёт? Дар муносибат бо дӯстон? Чизе ки набошад, барои иҷро кардани қадамҳои зерин кӯшиш кунед:

1. Аз Худо дар бораи ягон вазъияти аниқ хирад талаб кунед, ба Ӯ сипосгузорӣ кунед, ки дар гузашта шуморо роҳнамоӣ кардааст (ниг. Флп. 4:6, 7).
2. Бо Рӯҳ дуо кунед. Бахшоиши забонҳоро истифода баред, то ки давомнок ва бо иштиёқ, ба ҳамон тарзе ки Рӯҳ мебарад, дуо кунед. (ниг. Эфсӯс. 6:18; Рум. 8:26, 27).
3. Аз Рӯҳи Муқаддас хоҳиш кунед, ки забонҳоро тафсир кунад. Ӯ асрорро мекушояд, он чиро, ки дар дуо зикр кардед, ошкор мекунад. (ниг. 1 Қӯр. 14:13).
4. Он чиро, ки ба шумо ошкор гардид, бинависед (бо дарки он, ки ваъда,эҳтимол, ҳамин лаҳза намеояд, вале

омаданаш ногузир аст).

5. Аз Рӯҳи Муқаддас хоҳиш кунед, ки ба шумо файз диҳад, то барои раҳсипор шудан ба он самт, ки Ӯ нишон медиҳад, мустаҳкам қадам занед.

Бештар аз ҳама ман дар ин самт мӯҳтоҷи хирад ва ҳидоят мебошам:

________________________________________

________________________________________

________________________________________

Рӯҳи Муқаддас ба ман хирад мебахшад ва роҳнамоӣ мекунад:

________________________________________

________________________________________

________________________________________

**Дуо дар Рӯҳ...**

## ҚУВВАТ МЕБАХШАД ВА ОБОД МЕКУНАД

*Касе ки бо забоне сухан меронад, вай худашро обод мекунад.*

–1 Қӯринтиён 14:4

Чаро душман он қадар мекӯшад, ки шуморо аз дуо кардан ба забонҳо боз дорад? Номаи Аввал ба Қӯринтиён (14:4) сабаби аниқро нишон додааст: ӯ намехоҳад, ки шумо обод шавед ва қувват ёбед. Чӣ кадаре ки дар рӯҳ қувват ёбед, ҳамон қадар пурқувваттар дар Масеҳ мегардед ва ҳамон қадар бештар барои подшоҳии шайтон хатарангез мебошед.

Чӣ тавре ки генератор аккумулятори мошинро аз қувваи барқ пур месозад, ҳамон тавр дуо бо Рӯҳ ба рӯҳи мо қувват мебахшад. Дуо тарс, депрессия ва негативизмро (ба таври манфӣ тафаккур кардан, шарҳи тарҷумон) меронад. Дуо ончунон шуморо обод мекунад, ки сухан аз баёнаш оҷиз аст. Ба забонҳо дуо карда, шумо дар худ қобилияти маҳфуз доштани қувват ва ҳузури Худоро афзун менамоед.

Шумо бо Рӯҳ ба таври ҳамешагӣ дуо мекунед ё баъзан? Агар ба таври ҳамешагӣ дуо мекунед, пас ба кадом андоза? Агар камтар дуо мекунед, сабаб чист?

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

Ҳангоме ки шумо барои дуо ба забонҳо вақт ҷудо мекунед , дар қалби худ чиро эҳсос менамоед? Дар натиҷаи дуо шумо чӣ гуна самар ва зуҳуроти Рӯҳро дидаед? Оё ин чизҳо шуморо

барои боз ҳам бештар дуо кардан рӯҳбаланд месозад?

Одатан, шумо ба вазъиятҳои дилгиркунанда ва ғамангез чӣ гуна ҷавоб мегардонед? Оё кӯшиш кардаед, ки бо Рӯҳ дуо кунед? Як лаҳза фориғ шуда, чунин дуо кунед: «Рӯҳи Муқаддас, аксуламали табиатан нодурусти маро дар бобати дуо бо Рӯҳ ба аксуламали дурусти фавқуттабиӣ иваз гардон. Маро бештар аз пештар бо Худ пур кун!»

Кадом амалҳоро Рӯҳи Муқаддас ба шумо тавсия мекунад, то ки ба ин васила Ӯ қисми муҳимтарини ҳаёти шумо гардад? Нависед ва истифода баред.

Бешубҳа, душман ба ақли шумо фикрҳо медиҳад ва ҳиссиёти ҷисмро баланд мекунад, то ки ба шумо дар дуо кардан бо Рӯҳ халал расонад. Ӯ бо аксари имондорон чунин рафтор мекунад. Дар поён чанде аз сабабҳо ва баҳонаҳое, ки ӯ пеш меорад, ба тариқи мисол оварда шудаанд. Ба назари шумо шинос менамоянд? Боз ҳама гуна баҳонаҳоро, ки дар ёд доред, нависед. Баъд дуо кунед ва аз Рӯҳи Муқаддас ҷавобҳои пур аз қуввати Худоро бар зидди ҳама гуна дурӯғи душман пайдо кунед.

Ӯ Худо нест, ҳамаашро худи ту фикр карда баромадӣ.

Ман эҳсос мекунам/ин беақлона садо медиҳад.

Ту танҳо суханони ягон каси дигарро такрор мекунӣ.

Аз ин ҳеҷ манфиате нахоҳад буд.

Ман барои ба забонҳо дуо кардан дар худ хоҳишеро ҳис намекунам.

Тамоми забоне, ки ман бо он дуо мекунам, танҳо аз як ё ду калима иборат аст.

Агар ман бо чунин тарз дуо гӯям, одамон дар бораи ман чӣ фикр мекунанд?

Дӯсти азиз, нагузор, ки душман туро фиреб дода, аз дуо кардан ба забонҳо маҳрум созад. Ин гуна фикрҳои нодуруст ва ҳиссиёти бардурӯғро аз худ дур намоед. Ҳар рӯз даҳонатонро кушода, «ва дар Рӯҳулқудс дуо гуфта, худро бо имони бағоят муқаддасатон обод кунед...» (Яҳудо 20).

## САВОЛҲО БАРОИ ОМӮЗИШ

*Агар шумо ин китобро ҳамчун қисме аз мавод дар бораи Рӯҳи Муқаддас аз хидматгузории «Messenger» мехонед, илтимос ба дарси видеоии 5 нигоҳ кунед.*

1 I Дуо ба забонҳо (забони Рӯҳ) манфиати бузурге дорад. Чанд дақиқае ҷудо карда, афзалиятҳои онро номбар намоед. Кадоме аз онҳо барои шумо дар айни замон арзиши бештаре дорад? Агар метавонед, шарҳ диҳед.

2 I Яке аз сабабҳое, ки Худо ба мо бахшоиши забонҳоро ато кардааст, дар он аст, ки душман дар ғафлат монад. Худо аз ҳама чиз бохабар аст, вале шайтон на. Вай ба мазмуну моҳияти забони Рӯҳ сарфаҳм рафта наметавонад. Дар бораи ягон рӯйдоди мушаххас, ки шумо ба забонҳо дуо карда, нақшаҳои шайтонро дар ҳаёти худ ё ҳаёти дигарон барбод додаед, нақл кунед**.**

Ба роҳбарон: оятҳо барои омӯзиш: Луқ. 10:19; Эфсӯс. 6:10-18; 2 Қӯр. 10:3-5; Мат. 11:12; Ваҳй 12:11.

*Дар ҳар вақт дар Рӯҳ бо ҳар дуо ва илтимос дуо гӯед, ва ҳушёр ва босабот буда, ҳамеша дар бораи ҳамаи муқаддасон илтимос кунед.*

–Эфсӯсиён 6:18

3 I Вақте ки дар ин ё он вазъият чӣ кор карданамонро намедонем ва барои дуруст рафтор кардан ба мо хирад лозим мешавад, дуо бо Рӯҳи Муқаддас калиди асосӣ барои дарёфти роҳнамоии Худо мебошад. Бодиққат хонед: Мас 20:5; 1 Қӯр. 14:13 ва Юҳ. 7:38, 39. Баён кунед, ки чӣ тавр бо воситаи дуо ба забонҳо қалби шуморо хиради илоҳӣ дурахшон мекунад.

4 | Сӯҳбати ҳамешагӣ бо Шахсияти Рӯҳи Муқаддас ба мо асрори ниҳониро ошкор месозад. Ин асрор ба чунин саволҳо,ба монанди ба кадом калисо рафтан, бо кӣ хонадор шудан, ба кадом кор машғул будан, чӣ тавр барои дигарон дуо кардан, чӣ тавр зан ва ё шавҳари хуб шудан, чӣ тавр тарбия кардани фарзандон, чӣ тарз ба мушкилиҳо дар ҷои кор тоб овардан ва ғайра дар худ ҷавобҳо дорад. Агар хоҳиш дошта бошед, дар бораи он, ки чӣ тавр Рӯҳи Муқаддас дар ин ё он вазъият ба шумо ҷавоб мегардонд, дар байни гурӯҳ нақл кунед.

5 | Аз Номаи Аввал ба Қӯринтиён (14:15) маълум аст, ки дуо бо Рӯҳ, ва дуо бо ақл хеле пурқимматанд. Дуо бо ақл чӣ суде дорад? Чӣ тавр дуо бо Рӯҳ барои бо ақл аниқ дуо кардани мо кӯмак мекунад?

6 | Дар Номаи Аввал ба Таслӯникиён (5:17) навишта шудааст: «Пайваста дуо гӯед». Оё ин чунин маъно дорад, ки мо бояд бисту чор соат дар як рӯз, ҳафт рӯз дар як ҳафта дуо кунем ё сухан дар бораи дигар чиз меравад? Номаи Аввал ба Таслӯникиёнро (5:16-19) хонед. Муҳокимаронӣ кунед, ки Худо чӣ мегӯяд?

7 | Баъзе имондорони аз Рӯҳи Муқаддас пуршуда ба он касоне, ки алҳол ин атои аҷоибро қабул накардаанд, бо назарбаландӣ муносибат мекунанд, гӯё ки онҳо масеҳиёни дуюмдараҷа бошанд. Ба шумо низ ин тавр муносибат карда буданд? Агар ҳа, гӯед, ки ин ба муносибати шумо бо Худо ва бо имондорони дигар чӣ гуна таъсир расонид? Шумо ба ягон имондори дигар дониста ё надониста бо чунин тарз муносибат карда будед? Муносибати мо ба пур шудан аз Рӯҳ чӣ гуна бояд бошад?

МУШОҲИДАҲО

## ШАРҲИ КӮТОҲИ БОБ:

- Наздикӣ бо Худо, аз ҷумла, дуо ба забонҳо вақт ва ҷои худро дорад.
- Танҳо ба сабаби он ки ягон кас бахшоиши забонҳоро нодуруст мефаҳмад, ба он беэътиноӣ, беаҳамиятӣ зоҳир накунед ва онро хомӯш нагардонед.
- Ба забонҳо дуо карда истода, шумо ба Худо асрор мегӯед ва метавонед аз Ӯ бипурсед, ки дуои шуморо тафсир кунад.
- Қуввати Рӯҳ ба фурӯтанон ато мегардад. Фурӯтанон дари асрори Худоро воз мекунанд.
- Ҳангоме ки ба хиради Худо ниёзмандем, вақте мехоҳем, ки парастишу ибодати мо ба дараҷаи баландтар барояд, ё агар хоҳони онем, ки дар ҳаққи дигарон дуо кунем, мо бо Рӯҳ дуо карда метавонем. Рӯҳ кобилиятҳои моро дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ба таври рӯзафзун васеъ мегардонад.
- Роҳнамоии Худо бисёр вақт ба таври эҳсоси осоиштагӣ дар дил аён мегардад; вақте ки мо бо Рӯҳ дуо карда, дар бобати он чизе, ки талаб намудем, осоиштагӣ эҳсос мекунем, ин чунин маъно дорад, ки Рӯҳи Муқаддас ба рӯҳи мо шаҳодат медиҳад ва мегӯяд, ки ба пеш ҳаракат кунем.
- Дуо бо Рӯҳ вуҷуди моро файз мебахшад, обод мекунад ва нав мегардонад. Барои дуо ба забони Рӯҳ ҳар рӯз вақт ҷудо кунед!

# БОБИ ИМТИЁЗНОК

# САВОЛ - ҶАВОБ

*Ин матн аз намоиши мустақим, ки дар он Ҷон ва Лиза ба саволҳо ҷавоб медоданд, гирифта шудааст. Намоиши мазкурро ҳамчун як қисми мавод дар бораи Рӯҳи Муқаддас (Дастурамал) аз хидматгузории «Messenger» ба тариқи сабти овозӣ ва ё наворӣ дастрас карда метавонед.*

**Лиза: Ту хотиррасон кардӣ, ки баъзе аз калисоҳо он қадар барои беҳтар гардонидани муҳит кӯшиш доранд, ки оид ба ҳузури Рӯҳи Муқаддас бепарвоӣ зоҳир мекунанд. Дар бисёр калисоҳо одамон донистан мехоҳанд, ки чӣ гуна онҳо бе ташкили ибодатҳои «аҷиб» ва бидуни зарурият дарозмуддат боз аз сари нав ҳузури Рӯҳи Муқаддасро даъват карда метавонанд. Илоҷ дар чист?**

**Ҷон:** Танҳо бояд талаб кард. Чӣ тавре ки ман аллакай гуфтам, Рӯҳи Муқаддас оғо мебошад. Ӯ ташаббусро ба мо вогузор мекунад.

Бисёр вақт, ҳангоми хидматгузории ман дар калисоҳо, вақте ки одамон бо мақсади эътирофи имонашон барои қабули наҷот ба пеш мебароянд, ман мегӯям: «Рӯҳи Муқаддас, илтиҷо мекунам, онҳоро ламс кун». Пас аз чанд дақиқа ҳузури Ӯ зоҳир мешавад, ва одамон дар тамоми толор ба гиря кардан шурӯъ мекунанд. Ман ҳузури Ӯро хеле дӯст медорам, чунки Библия мефармояд, ки аз ин атои осмонӣ бархурдор бошем (ниг. Ибр. 6:1-6). Ман ҳамчунин мушоҳида кардам, ки одамон хеле камтар майл ба гумроҳӣ доранд, агар онҳо аз ин атои осмонӣ – ҳузури Рӯҳи Муқаддас баҳрманд шуда бошанд.

Боре ман дар як калисои калоне будам, ки аз баъзе шаклу

намудҳои хидматгузорӣ, ки пештар дар ҷамъомадҳои хоризматикӣ зоҳир мегардид, дур шуда буд. Дар ҷамъомаде Рӯҳи Худо ҳузури Худро ошкор кард. Одамон дар тамоми толор ба ашк рехтану гиря кардан шурӯъ намуданд. Хузури Худо хеле амиқ эҳсос карда мешуд. Худованд ба ман гуфт: «Акнун ба онҳо гуфтан лозим аст, ки вақти шукргузорӣ ва ҳамду ситоиш фаро расид». Ман ҳамчунон кардам ва ҷамъомадро ба анҷом расонидам. Баъд аз он чӯпони калисо гуфт: «Ана инро бинед-а! Ман фикр кардам, ки мо боз як соати дигар истода, ба монанди пештар, ҳар гуна зуҳуротро мушоҳида хоҳем кард». Ва ӯ илова кард: «Ба ман сахт писанд аст, ҳангоме ки Рӯҳ туро ҳидояту роҳнамоӣ мекунад. Вақте ки ту, - «Худо он мақсадеро, ки дошт ба иҷро расонд», - гуфтӣ, ман айнан ҳис кардам, ки Ӯ ба мақсади Худ ноил шуд. Ва дар ҳамин вақт ту гуфтӣ, ки ҷамъомадро ба охир мерасонем». Ман дидам , ки чӣ гуна ҳузури Рӯҳ ба одамон нозил шуд, ҳатто агар ба муддати ду дақиқа бошад ҳам, онҳоро хеле сахт ламс намуд.

**Лиза: Ба наздикӣ мо бо Ҷон айнан дар бораи ҳамин гап зада будем. Баъзан барои мавъиза ба мо сию панҷ дақиқа дода мешавад, лекин на ҳамаи ин сию панҷ дақиқа аз они мост. Бинобар ин, барои сию панҷ дақиқа мавъиза кардан,-**

**Ҷон:** Сӣ дақиқа мавъиза кунед. Ё ба Рӯҳи Муқаддас дар байни мавъизаи худ вақт ҷудо кунед. Бигзор Ӯ мутобиқи иродаи Худ амал кунад. Баъзан ходимон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки мавзӯъро ба қадри имкон васеътар таҳлил кунанд. Аз ҳамин сабаб онҳо ба Рӯҳи Муқаддас имконият намедиҳанд, ки Ӯ тамоми паёмро ошкор кунад.

**Лиза: Ту дар бораи он, ки аз Рӯҳ «пур шудан» чӣ маъно дорад, бисёр сухан гуфтаӣ. Бифаҳмон, чӣ маъно дорад, вақте ки Ӯ моро манъ мекунад ё ба мо роҳ намедиҳад? Инро чӣ гуна баён кардан мумкин аст?**

**Ҷон:** Нома ба Қӯлассиён ба мо мегӯяд: «Бигзор дар дилҳои шумо осоиштагии Худо ҳукмфармо бошад» (ниг. 3:15). Дар Нома ба Румиён гуфта шудааст: «Зеро ҳамаи онҳое, ки роҳнамояшон Рӯҳи Худост, фарзандони Худо ҳастанд» (8:14). Калимаи «фарзандон», ки ҳам ба писарон ва ҳам ба духтарон тааллуқ дорад, ин калимаи юнонии huios буда, маънояш «фарзандони комил» мебошад. На ҳамаи масеҳиён роҳнамоии Рӯҳро доранд. Бисёриҳоро ҳиссиёт, ақлу тафаккури онҳо, вазъияту шароитҳо идора мекунанд. Худо гуфтааст, ки писарон ва духтарони комилро Рӯҳ ҳидоят менамояд. Чӣ гуна Рӯҳ моро роҳнамоӣ мекунад? Ӯ ба рӯҳи мо шаҳодат медиҳад (ояти 16). Бинобар ин, масалан, ман ба кадом як шаҳре рафтан мехоҳам ва ҳамзамон дар рӯҳи худ ягон ҳиссиёти хавотирӣ, дилғашӣ ва ё қариб ранҷуркунандаеро дарк мекунам.

**Лиза: Оё дар ҳаётат ягон бор ҳолате рух дода буд, ки ба ҳар ҳол ту ба он ҷое раҳсипор шудӣ, ки набояд мерафтӣ?**

**Ҷон:** Оре.

**Лиза:** Ва натиҷа чӣ хел буд?

**Ҷон:** Натиҷаро чунин арзёбӣ кардан мумкин аст: «Ҳеҷ гоҳ дигар ин тавр рафтор намекунам!». Ин фалокат буд. Ман фаҳмидам, ки дар ин ҳолат ба садои Рӯҳи Муқаддас гӯш додан зарур аст. Ҳолатҳое буданд, ки ман барои ба ин ё он вохӯрӣ ё ҷамъомад рафтан розӣ мешудам, аммо баъдтар ҳис мекардам, ки Худованд намехоҳад, то ки ман ба он ҷо равам, вале ман бошам аллакай ваъда додаам. Дар ин сурат ман дуо мекардам: «Худо, Каломи Ту мегӯяд, ки ман бояд ба ваъдаи худ ҳамеша вафо кунам. Ман бояд ба ин вохӯрӣ равам. Маро муҳофизат кун». Ӯ маро барои ин ҳолат мазаммат намекард. Сафари ман хеле бомуваффақият анҷом меёфт ва ман аниқ ҳимояи Ӯро ҳис мекардам.

Лекин новобаста ба ин, ман ба ин гуна эҳсосоти огоҳкунанда,

ки маро барои ба ин ё он ҷо нарафтан, дар ин ё он ҷо наистодан водор мекунад, диққат карданро афзал медонам. Ҳайратовараш он аст, ки чунин эҳсосотро дарк кардан мумкин мебошад. Чунин афзалият ба мо дода шудааст. Ва ҳар қадар бештар бо Худо роҳ равӣ, ҳамон қадар бештар ҳассос мегардӣ.

**Лиза: Ту дар бораи доктор Чо ва чизҳои ҳайратовари ҳаёти ӯ, оиди аз Рӯҳи Муқаддас пур шуда дуо кардани вай сухан гуфтӣ. Аз рӯи донистани ман сирри муваффақияти ӯ, ки бисёр одамони дигар намефаҳманд, дар он аст, ки вай дар холатҳои зарурӣ ба бисёр чизҳо «не» гуфта метавонад ва бо ин тарз вақти худро бо Рӯҳ пурсамар истифода мебарад. Рӯҳи Муқаддас ин ё он корҳои имконпазирро рад мекунад, то корҳои имконнопазирро дар ҳаёти мо ба иҷро расонад.**

**Ҷон:** Дар китоби Аъмол ба он чиз таваҷҷӯҳ кардан мумкин аст, ки дар боби дуюм онҳо аз Рӯҳи Муқаддас пур шуданд, сипас Петрус дар вақти ба пирон ва сардорон муроҷиат карданаш (4:8) «аз Рӯҳи Муқаддас пур шуд», ва имондорон «аз Рӯҳи Муқаддас пур шуданд» (4:31). Аз Рӯҳ пур шудан ин воқеаи якдафъаина нест. Худо мегӯяд: «Ва масти шароб нашавед, ки аз он фисқу фуҷур ба амал меояд; балки аз Рӯҳ пур шавед…» (Эфсӯс 5:18). Гап дар сари он нест, ки Рӯҳ аз мо ҷорӣ шуда меравад, балки дар он аст, ки мо бояд ба таври доимӣ аз Ӯ пур бошем. Ҳолатҳое мавҷуданд, ки дар ҳаёти оиладорӣ мо аз муҳаббати якдигар пур ҳастем. Ҳолатҳои дигаре низ мавҷуд мебошанд, ки мо аз якдигар дур ҳастем, ва моро зарур мешавад, ки боз аз муҳаббати якдигар пур гардем.

**Лиза:** Яъне ба он иштиёқманд бояд буд.

**Ҷон:** Иштиёқмандӣ зарур аст. Бинобар ин ҳамеша аз Рӯҳи Муқаддас пур бимонед. Аз Рӯҳ пур шудан ҷараёни доимист, он дар хониши таронаҳои Забур, мадҳияҳо ва сурудҳои рӯҳонӣ ошкор мешавад (Эфс. 5:18-20). Шумо худ ногаҳон ба ҳайрат

меафтед, ки дар ҳар ҷо суруд мехонед. Тӯли ин ҳафта ман аз ҳама бештар суруд мехонам.

**Лиза:** Телевизорро хомӯш кунед.

**Ҷон:** Оре, телевизорро хомӯш кунед.

**Лиза:** Аз ҳар чизе, ки шуморо хаста гардонда метавонад, худро муҳофизат кунед.

**Лиза:** Оё ҳама имондорон метавонанд дорои бахшоишҳои рӯҳонӣ бошанд ё танҳо ходимон?

**Ҷон:** Ман бовар дорам, ки ҳар як шахси имондор қобилияти дар тамоми бахшоишҳои Рӯҳ амал карданро дорад. Агар ба ягон кас мӯъҷизаи бузург лозим аст, пас бахшоиши мӯъҷизакорӣ метавонад ба ҳамаи имондорон ато шавад. Ғайр аз ин, ба одамони муайян Худо бахшоишҳои аниқ ато мекунад ва ба ҳар ҷое, ки ин гуна одамон мераванд, бахшоишҳо дар ҳамон ҷо амал мекунанд.

Мо бо Лиза як шахсеро мешинохтем, ки бахшоиши шифо додан дошт, махсусан, вай дили одамонро шифо медод. Одамоне, ки гирифтори бемориҳои дил буданд, аз тамоми гӯшаву канори мамлакат ба ҷамъомади ӯ меомаданд ва шифо меёфтанд. Ин бахшоиш ба ӯ мадад кард, то он хидматеро, ки ба он даъват шуда буд, ба иҷро расонад.

Ман боз як дӯстамро ба хотир меорам. Писари вай аз таъсири нерӯи барқ ба ванна ғарқ шуда, дар тӯли 45 дақиқа мурда буд. Он дӯстам ба ман нақл кард: «Ҷон, ман ним соат дуо кардам, аммо чизе рух надод. Пизишкон ба ман бо ҳайрат нигоҳ мекарданд. Сипас, чизе ба сарам бархӯрд. Як каси дигаре бо чашмони ман ба писарам нигоҳ карду гуфт: ту зиндагӣ хоҳӣ кард ва нахоҳӣ мурд». Хамон замон писари ӯ зинда шуд. Ӯ чунин меҳисобад, ки дар ҳамон лаҳза ин бахшоиши имон буд, ки ба ӯ ато шуд.

**Лиза:** Ва ӯ усқуф набуд.

**Ҷон:** Вай корманди полис буд.

**Лиза**: Ва роҳбари хидматгузорӣ низ набуд.

**Ҷон:** Дар он лаҳза вай акнун аз хидматгузорие, ки дар он аввалин бор дар тамоми ҳаёташ мавъиза дошт, ба хона баргашта омада буд.

**Лиза:** Ман мехоҳам, то комилан фаҳмо ва равшан бошад, ки ...

**Ҷон:** Имондор, ҳар як имондор.

**Лиза:** Ҳар як имондор, ки аз Рӯҳи Муқаддас пур аст, дар ҳама гуна лаҳзаи ҳаёти худ.

**Ҷон:** Ва ҳоҷат ба интизори бахшоиши шифо шуда нишастан нест. Исо гуфтааст: «Ва ин аломот ҳамроҳи имондорон хоҳад буд: ба исми Ман девҳоро берун кунанд ва ба забонҳои нав сухан гӯянд; ва морҳоро гиранд; ва агар заҳри қотиле бихӯранд, ба онҳо осеб нарасонад; ва даст бар беморон ниҳанд, онҳо шифо ёбанд» (ниг Мрқ. 16:17, 18). Ин чунин маъно дорад, ки онҳо бо имон дуо мекунанд ва беморон шифо меёбанд. Худо ин амалро қадр мекунад, чунки Ӯ ба Каломи Худ содиқ аст.

**Лиза:** Интизор шуда нишастан лозим нест, ки кай усқуф шуморо ба минбари сухан роҳ медиҳад. Ҳоҷати интизор шуда нишастан нест, ки ягон кас шуморо дар остонаи калисо дошта гирад. Шумо метавонед дар ҳаёти худ қудрати Худоро истифода баред, ҳар рӯз дар ҳолатҳои маъмулӣ ба ваъдаҳои Худо ноил шавед. Агар шумо ҳис мекунед, ки Рӯҳ шуморо ба сӯҳбати ягон кас ҷалб мекунад, қалби ягон касро ламс кардан мехоҳад ё мехоҳад, ки шумо дар ҳаққи ягон кас дуо кунед ва тасаллӣ диҳед, пеш аз ҳама бигзор, лутфу эҳсони шумо ба одамон аён гардад. Ин хеле аҷоиб хоҳад буд. Мо ба ин қодир ҳастем.

**Ҷон:** Ин яке аз бахшоишҳо – бахшоиши эҳсон, саховатмандӣ.

**Лиза:** Мо медонем, ки Рӯҳи Муқаддас омад, то Исоро ба мо ошкор кунад. Бинобар ин, дар бораи ҳар навъ зуҳурот - ларзидан, ханда кардан, тоб хӯрдан дар рӯи фарш ва афтодан, ки дар давоми ду даҳсолаи охир мушоҳида карда мешаванд, чӣ гуфта метавонем? Чӣ тавр ин чизҳо Исоро ошкор карда метавонанд?

**Ҷон:** Ҳа, дар Библия дар бораи аломоти ғайриоддӣ гуфта шудааст, аммо онҳо фақат барои муддати кӯтоҳ аён мешаванд. Дар баъзе давру замонҳо мӯъҷизаҳову аломоти ғайриоддӣ ба амал омада метавонанд, ки таваҷҷӯҳи одамонро ба худ ҷалб мекунанд ва бо ин тариқ Исоро ошкор месозанд. Лекин бештар аз ҳама он чиз маро ба ташвиш меорад, ки одамон зиёдтар ба ин аломоту мӯъҷизот шавқ пайдо мекунанд, назар ба Он Кас, ки инҳоро ба амал меорад. Боре ман дар Сингапур дар як калисо ба хидмат машғул будам. Айнан дар ҳамин вақт як марди башоратдиҳанда, ки бахшоиши шифодиҳӣ дошт, ба он ҷо ташриф овард. Ӯ дорои бахшоише буд, ки тавассути хандаи бошиддати одамон зоҳир мешуд. Дар он ҷамъомад ман ҳис кардам, ки «ана-мана» нагуфта, ҳузури Худо ин калисои бузургро пур мекунад. Ногаҳон одамон ба қоҳ-қоҳ зада хандидан шурӯъ карданд ва ман дар рӯҳ ҳис кардам, ки гӯё ба деги тасфон оби сарде рехта бошанд.

**Лиза:** Бо ибораи дигар, ин кори дуруст буд, лекин дар вақти номувофиқ.

**Ҷон:** Ман гуфтам: «Бас кунед. Шумо ба ҳиссиёт дода шудед. Шумо Рӯҳи Худоро пайравӣ накардед. Ӯ мехост, ки тамоман як чизи дигаре ба амал оварад. Ӯ мехост, ки бо тарси Худо қалби одамонро амиқ ламс кунад. Умед мекунем, ки Рӯҳи Худо бармегардад ва дар мо кор мекунад. Сипас, мо боз дуо кардем. Рӯҳи Худо омад ва одамон дар тамоми толор гиря мекарданд.

Дар ин вазъиятҳо одамон танҳо ба худашон диққат медиҳанд, бинобар ин, зуҳурот чунин бемаъно ва номувофиқ мегардид. Зану шавҳар ҳеҷ гоҳ муносибатҳои шахсии худро ба дигарон

нишон намедиҳанд. Аммо одамон дар ин ҳолатҳо, гӯё ки муносибатҳои шахсии худашонро бо Худо дар маркази намоиш мегузоранд ва бо ин гуфтан мехоҳанд: «Ба мо нигоҳ кунед! Мо чӣ қадар одамони рӯҳонӣ ҳастем!» Ман мушоҳида кардам, ки ҳар қадар Рӯҳи Муқаддасро бештар шиносам, ҳамон қадар бештар Ӯро (бахшоишҳои Ӯро, тавоноӣ ва қуввати Ӯро) хомӯш накарда, бо ҳурмат ва эҳтиром муҳофизат кардан мехоҳам. Библия дар бораи хомӯш кардани Рӯҳи Муқаддас дар Номаи Аввал ба Таслӯникиён (5:19-21) маълумот медиҳад. Мо агар қувват ва бахшоишҳои Рӯҳи Муқаддасро хомӯш созем, бо ин корамон Худи Рӯҳи Муқаддасро хомӯш мегардонем. Ҳаргиз ин корро накунед. Ӯро эҳтиром кунед. Ӯро чунон нишон надиҳед, ки гӯё Ӯ дорои таъсири суст ва соҳиби қуввати ноарзандае бошад.

**Лиза:** Ман илова кардан мехоҳам, ки мо Худоро баҳри иҷрои иродаи Худи Ӯ даъват мекунем. Баъзан Рӯҳи Муқаддас кореро бо ягон тариқ ва дар ягон вақт ба амал меорад, ки мо нороҳат шуданамон мумкин аст, аммо Ӯ хоҳиши Худро ба мо бор намекунад ва ҳеҷ гоҳ ҳузури Ӯ зиқ намекунад. Ин зуҳурот на барои ҷалб кардани диққат ба тарафи одамон, балки ҷалб кардани таваҷҷӯҳ ба сӯи Худо мебошад. Баҳри онҳо Ӯ, одатан, фазои муайян ва ҳузури Худро эҷод мекунад.

Ба наздикӣ ман дар вохӯрӣ бо одамони равияҳои гуногун ширкат доштам. Ман шунидам, ки баъзе аз онҳо ба зуҳуроте, ки ба фикри ман, ҳақиқатан, боре ҷои воқеияти худро доштанд, ханда карданд. Сипас, одамон бо умеди он, ки Худо чизи қаблан баракат додаашро боз ҳам баракат хоҳад дод, ба тақлидкунӣ идома бахшиданд. Мақсад дар ким-куҷои роҳ гум шуд, лекин шакл боқӣ монд ва аз ҳамин сабаб одамон хандиданд. Аз болои чунин зуҳурот ханда кардан нашояд. Мо ҳама гуна зуҳуроти Рӯҳи Муқаддасро қабул дорем, фақат мехоҳем, ки ҳама он чиз аз рӯи имон бошад. Мо хоҳишманди онем, ки тартиби шоиста

мавҷуд бошад ва ҳамаи ин зуҳурот бо ҳузури Худо тақвият ёбад.

**Лиза: Оё имкон дорад, ки одам оиди ин ё он вазъият ё қароре оромӣ ҳис мекунад, лекин он аз Худо нест?**

Ҷон: Ҳа, албатта. Дар боби 14-уми китоби Ҳизқиёли набӣ Худо дар бораи одамоне сӯҳбат мекунад, ки ба назди Ӯ бо бутҳои худ дар дил меомаданд. Бут чӣ аст? Бутпарастӣ дар Аҳди ҷадид тамаъкорӣ мебошад (Қӯл. 3:5), яъне ҳаваси нопок барои соҳиб шудан ба ягон чиз. Одамон бо бутҳои худ дар дилҳояшон ҳатто ба назди набӣ омада мегӯянд: «Илтимос мекунам, дар ҳаққи ман дуо кун ва аз Худо ба ман сухан гӯй. Худо гуфт: «Ман, ки Худованд ҳастам, бо вуҷуди бисёрии бутҳояш ба ӯ ҷавоб диҳам?» (Ҳиз. 14:4). Вақте ки ман ба ҳузури Худо дохил мешавам ва ягон чиро талаб мекунам, ман бояд боварӣ ҳосил кунам, ки қалби ман дар мавқеи бетарафӣ меистад. Даврҳое буданд, ки ман чунин намекардам. Азбаски қалби ман дар мавқеи бетарафӣ набуд, оромӣ доштам, вале на аз Худо, ва ин ба ман ғаму ташвиши зиёд меовард.

Ана барои чӣ ман хурсанд ҳастам, ки пеш аз маросими номзадӣ мо бо Лиза дар шаҳрҳои гуногун будем. Дар давоми сӣ рӯз мо дуо кардем, то дарк кунем, ки оё минбаъд зарурияти рушди муносибатҳо мавҷуд ҳаст. Ман он қадар муштоқи ӯ гардидам, ки бисту панҷ рӯз лозим шуд, то ба ин иштиёқ нагузорам, ки маро фаро гирад. Аммо дар давоми он сӣ рӯз ман ба он марҳила расидам, ки агар Худо «не» мегуфт, метавонистам ин ҷавоби Ӯро қабул кунам. Ман медонистам, ки дар ин ҳолат ин чунин маъно хоҳад дошт, ки Ӯ барои ман шахси дигаре дорад, чуноне ки барои ӯ низ. Вақте ки ман ба гирифтани ин мавқеи бетарафӣ мушарраф шудам, он гоҳ ман ба таври ҳаққонӣ итоат карданро оғоз намудам. Агар ман ба ҳуҷраи дуогӯӣ дохил шуда, эҳсос намоям, ки қалби ман озод нест, зарур аст , ки то озодиро дар даруни қалбам ҳис накунам, бо ёрии Каломи Худо ва дуо бояд чизе дар қалбам иваз кунам. Ман бояд ба шунидани ҷавоби «ҳа»

ва ҳам ба ҷавоби «не» тайёр бошам, чунки ман агар ба ин ё он ҷавоб майл кунам, оромии қалбакӣ гирифта метавонам.

**Лиза: Маротибаи зиёд дар даврахои мухталифи зиндагии мо дар ҳолатҳои муайян мо фикр мекардем, ки вазъият чунин ё чунон хоҳад буд, вале баъдтар мефаҳмидем, ки на ҳама чиз аз рӯи хоҳиш ё тахайюли пешакии мо мешавад. Моро лозим буд, ки аз ҳама гуна фикрҳо ва чораҷӯиҳо даст кашида, эътироф кунем: «Худо, бигзор иродаи Ту шавад».**

Гап дар сари чунин донише аст , ки аз Рӯҳ бармеояд. Ҳангоме ки ман ба навиштани китоб дар бораи хӯрок тайёрӣ медидам, аз луғат калимаи «intuition» (яъне «ҳиссиёт», шарҳи тарҷумон) – ро ҷустуҷӯ кардам. Ин аз калимаҳои лотинии «ин» ва «туеор» гирифта шудааст , ки маънояш «омӯзгори ботинӣ» мебошад. Рӯҳи Муқаддас омӯзгори ботинии мо мебошад. Ӯ ба мо дили нав ато мекунад (ниг. Хиз. 36-26) ва моро таълим медиҳад.

**Лиза: Дар ҳаёт алоқамандона бо одамон ё вазъиятҳо ҳолатҳое вомехӯранд, ки зоҳиран дуруст менамоянд, вале дар баробари ин ҳис карда мешавад, ки чизе нодуруст аст. Каме дар бораи ин сӯҳбат мекунем.**

**Ҷон:** Ҳар боре, ки дар рӯҳ ҳама чиз нодуруст аст, вале зоҳиран дуруст метобад, ман ба доми ҳаққонӣ меафтодам.

**Лиза: Ин дар дар ҳолатест, ки ту ҷавоби аввалиндараҷа дорӣ, вале ту мантиқан онро рад мекунӣ?**

**Ҷон:** Оре, одатан ҷавоби аввалиндараҷа ин овози Рӯҳи Муқаддас мебошад. Чунин ҳолат рӯй медиҳад, агар ман ба маслиҳати ту эътибор надиҳам, Лиза.

Ба занону шавҳарон муроҷиат кардан мехоҳам. Вақте ки мо бо Лиза хонадор шудем, ман ҳар рӯз яку ним соат дуо мекардам, ҳамзамон мушоҳида мекардам, ки Лиза ҳамагӣ даҳ дақиқа дуо

мекунаду халос , ҳамон ҳам дар вақти ғусл.

**Лиза:** Ман тамоми рӯз машғули кор будам.

**Ҷон:** Маротибаи зиёд ман мегуфтам: «Лиза, ба фикри ман, мо бояд чунин ё чунон рафтор кунем. Ман ҳис мекунам, ки маҳз инро ба амал овардан зарур аст». Вале ӯ ҷавоб медод: «Ман инро ҳис намекунам», ва дар нисфи ҳолатҳо вай ҳақ буд. Ман хеле зиқ мешудам.

Боре ман гуфтам: «Худо, ман ҳар саҳар яку ним соат дуо мекунам. Лиза даҳ дақиқа дуо мекунад, он ҳам бошад дар вақти ғусл кардан. Дар айни замон вай аз бисёр ҷиҳатҳо ҳақ мебарояд».

Худованд ба ман гуфт: «Даврае каш». Ман дар коғаз даврае кашидам. Худо гуфт: «Дар даруни тамоми давра ҳарфи «х» (икс) бинавис». Ман дар дохили давра «икс»-ҳо навиштанро сар кардам. Ӯ гуфт: «Акнун хатеро аз мобайни давра рост гузарон». Ман иҷро кардам.



Ӯ гуфт: «Оё ту мебинӣ, ки қариб нисфи иксҳо дар дар як тараф ва нисфи дигари иксҳо дар дигар тараф ҷойгир шудаанд. Ҷон, вақте ки муҷаррад будӣ, ту дар Ман ва дар худ пурра будӣ. Аммо ту акнун бо Лиза як бадан шудӣ ва аз ҳамин сабаб ин давра ту ва Лизаро нишон медиҳад.

Сипас Худо гуфт: «Медонӣ, иксҳо чӣ маъно доранд? Ин маълумотҳои зарурие мебошанд, ки аз ман ба ту фиристода мешаванд, то ки ту қарорҳои хирадмандона қабул кунӣ. Мушкилот дар он аст, ки ту ҳамеша қарорҳои худро дар асоси як тараф қабул мекунӣ. Ту бояд ёд гирӣ, то он чиро ки ман ба ту

ба воситаи ҳамсарат нишон медиҳам, дарк намоӣ ва қарорҳои худро дар асоси маълумотҳои пурра қабул кунӣ».

Бо ин кушоиш дар бораи ҳиссиёт, гуфтан лозим аст, ки агар огоҳиро ҳис кунам, вале ба он эътибор надиҳам, баъзан ман ноором̣ӣ ҳис мекардам. Аммо дар баъзе лаҳзаҳо ба гапи Лиза аҳамият намедодам, ҳарчанд дар умқи дилам медонистам, ки ин аз Рӯҳи Муқаддас мебошад. Охир, Ӯ чӣ кор мекунад? Шаҳодат медиҳад.

Лиза баъзан дигар чиз ҳам мегӯяд, мисол: «Ин аз рӯи имон нест. Ин ҷо тарс гап мезанад. Ман бо ин розӣ нестам», гарчанде ки вай чунин суханонро хеле кам, ба донистани ман, мумкин як бор дар чандин сол ба забон меорад. Аз ҳама бештар, вақте ки Лиза гап мезанад, дар умқи рӯҳи худ медонам: «Вай ҳақ аст». Агар ман ба ин шаҳодат эътибор надиҳам, оқибат ба худи ман мушкил мешавад.

**Лиза:** Ба фикри ман, Ҷон марди дилкушод аст, лекин ман мехоҳам, то одамон дарк кунанд, ки агар Худо ба одам сухан изҳор намояд, бе ягон шаку шубҳа ба Ӯ эътимод кардан мумкин аст. Муҳаққиқон мегӯянд, ки рӯҳ хеле ниҳонбинтар аст, назар ба он дараҷае, ки мо тасаввур карда метавонем. Вақте ки мо ақли худро ба кор андохта, пешакӣ ҳар навъ фикру хаёлро дар майнаи сарамон гирд меоварем, бо ин нишон медиҳем, ки мо на ба худамон, балки нисбат ба Худо дар дил шубҳа дорем. Агар Худо чизе гӯяд, Ӯро пайравӣ мебояд кард.

Ба наздикӣ зарур шуд, ки як бо гурӯҳи одамон дар автобус равон шавам, ҳамзамон бояд бигӯям, ки ман аз автобусҳо нафрат дорам. Гурӯҳи мо сӯи фурудгоҳ равона буд, ва вақти зиёд роҳ мепаймудем. Ба замми ин як зан аз гурӯҳи мо дер мекард, чунки вай роҳро ба сӯи қароргоҳи автобус ёфта наметавонист. Мо ба вай занг мезадем, то бифаҳмем, ки ӯ дар куҷост, вале беҳуда.

Дар охир, дуртар аз мо дар назди истгоҳи таксӣ, на дар он ҷо, ки мо бояд ҷамъ мешудем, ман мушоҳида кардам, ки он зан ҷастухезкунон дастонашро ба тарафи мо меафшонад. Ҳамон лаҳза

ки ба ӯ назар кардам, ман фаҳмидам, ки ӯро ман дӯст медорам. Ин як лаҳзаи кӯтоҳи пайвастшавии қалбҳо буд. Танҳо ба як назар кардан ман муҳаббат ва пайванди мустаҳкамеро ҳис намудам.

Худо ба шумо чунин муносибатҳоро ато мекунад. Аз рӯи мантиқ фикр карда, тасаввур намудан душвор мебошад, ки ин ҳиссиёт якбора аз куҷо пайдо шуданаш мумкин аст. Вале ба ҳар ҳол ин ҳамин тавр буд. Имрӯз он зан ба ман мактубе навишт, ки дар он гуфта мешавад: «Ту ба ман зуд муҳаббати худро зоҳир кардӣ, ва ба туфайли муҳаббати ту дар лаҳзаи мушкилтарини ҳаёт ва азоби танҳоӣ ман муҳаббати Худоро ҳис намудам». Ана чӣ ҳолат рӯй медиҳад, агар мо новобаста ба шароитҳо худро фурӯтан сохта, ба ин гуна пайвандҳо рӯ меоварем.

Ҳолатҳое буданд, ки Ҷон ба ман мегуфт: «Лиза, ман ба ин одам на он қадар бовар мекунам». Ва ман ҷавоб медодам: «Азизам, охир ту зан нестӣ, ту ин чизҳоро намефаҳмӣ ва чуноне ки ман ҳис мекунам, ту наметавонӣ бикунӣ. Ӯ маро се ё чор бор огоҳ мекард, ва ҳар дафъа, ки ман ба ӯ гӯш намекардам, баъдтар барои худи ман душвор мешуд.

**Ҷон:** Инак, ман ба шумо чунин мегӯям: дар боби 15-уми китоби Аъмол Павлус ва Барнаббо бо он масъала рӯ ба рӯ шуданд, ки оё халқҳоро зарур аст, ки шариати Мӯсоро риоя кунанд. Калисо онҳоро ба Ерусалим барои вохӯрӣ бо ҳаввориён ва пирон мефиристонад. Барои чӣ Барнаббо ва Павлус мустақилона қарор қабул карда наметавонанд? Барои чӣ онҳоро зарур аст, ки ба Ерусалим сафар карда, бо дигарон маслиҳат кунанд? Чунки дар иттиҳод қувват ва хирад ҳаст. Маҳз ба ин хотир занону шавҳарон ҳама корро бо воситаи қуввати иттиҳоду ягонагӣ ба амал оварданашон зарур аст. Дар мавқеи ягонагӣ истода , мо аз Худо ҷавобҳои аниқ гирифта метавонем.

**Лиза: Дар байни бахшоишҳои Рӯҳ ва самари Рӯҳ чӣ фарқият аст?**

**Ҷон:** Бахшоиши Рӯҳ ин чизест, ки Худо ба ҳаёти инсон ворид

мекунад. Онро зарур нест, ки рушд бахшӣ ва ба авҷи камол расонӣ. Он ба таври автоматикӣ амал мекунад. Ягона чизе, ки рушд бахшидан зарур мабошад, он аст, ки худи инсон чӣ тарз дар он амал менамояд. Самари Рӯҳро бошад, рушд бахшидан зарур аст. Бо ҳамин тариқ, бахшоишҳо ато мегарданд, самари Рӯҳ бошад, ба камол расонида мешавад.

Самари Рӯҳ ин натиҷаи бо Рӯҳ зиндагӣ кардан мебошад. Агар шумо дар Рӯҳ зиндагӣ доред, самари Рӯҳ афзоиш меёбад ва шумо ба он шахсе табдил меёбед, ки аз шодмонӣ, осоиштагӣ, сабр, муҳаббат ва ғайра пур аст (ниг. Ғал. 5:22, 23). Муҳаббат, шодмонӣ ё осоиштагӣ аз шумо фаввора зада мебароянд, чунки шумо бо Рӯҳ зиндагӣ доред. Ин чизҳо бо ҳаёти шахсии шумо сахт пайванд мебошанд. Самари Рӯҳ пойдеворест, ки иморати хидматгузории шуморо поянда медорад. Бахшоишҳои Рӯҳ ба хидматгузории шумо алоқаманд аст, мутаассифона, бисёр шахсон кӯшиш мекунанд, ки аз самари Рӯҳ дида, бештар бахшоишҳоро соҳиб шаванд.

Ман дуо кардам: «Худо, ман намехоҳам атоҳое, ки ту ба ҳаёти ман дохил кардӣ, он самареро, ки ту дар ман ба камол расонидӣ, танг карда бароранд». Ман чунин дуо кардам, то ки роҳи худро ба хубӣ ба поён расонам, чунки бисёр вақт одамон аз паи бахшоишҳо медаванд. Библия мегӯяд: «Дар паи муҳаббат бошед; иштиёқманди бахшоишҳои рӯҳонӣ бошед» (1 Қӯр. 14:1). Одамон ба бахшоишҳо муваффақ мегарданд, вале ба самари Рӯҳ (муҳаббат) эътибор намедиҳанд.

Бахшоишҳо дорои хислат намебошанд, ки ба одам мадад расонанд, то бархоста рост истад, аз ин рӯ, онҳо ҳаёти одамро вайрон карда метавонанд. Яҳудо девҳоро берун мекард, беморонро шифо медод, вале новобаста ба ин ба дӯзах рафт. Исо дар бораи вай чунин гуфт: «Барои вай беҳтар мебуд, ки таваллуд намеёфт» (Матто 26:24). Яҳудо дорои бахшоишҳо буд,, ки дар зиндагиаш амал мекарданд, вале маълум мешавад, ки ӯ самари Рӯҳро такомул набахшид.

**Лиза: Баъзе одамон дар бахшоишҳо қудратмандона амал мекунанд, гарчанде ки самари ҳаёташон бо қуввати бахшоишҳои онҳо сахт дар ихтилофанд. Ин чӣ гуна мешавад?.**

**Ҷон:** Кофӣ аст, ки ба Билъом нигоҳ кунем. Билъом атои нубувват дошт. Нубуввати вай дар Библия ҳатто навишта шудааст. Суханоне, ки ӯ мегуфт, суханони Худо буданд. Вале новобаста ба ин Худо вогузошт, ки ӯ аз дами шамшери худаш кушта шавад, чунки шарир ва беитоат буд. Шоҳ Шоул одами аз ақл бегона буд. Вай шахси бехирад буд. Дар кадом як давраҳо ӯ Довудро, масҳшудаи Худоро, бо мақсади куштан таъқиб мекард, ҳарчанд вай рӯзе бо ҳамроҳии анбиё нубувват карда буд (ниг. 1 Под. 19).

Амали бахшоишҳо дар ҳаёти ин ё он одам на ҳама вақт нишонаи баракати Худо мебошад. Исо гуфт: «Бисёр касон дар он рӯз ба ман хоҳанд гуфт: «Худовандо! Худовандо! Оё ба исми Ту нубувват накардем? Оё ба исми Ту девҳоро наронидем? Оё ба исми Ту мӯъҷизоти зиёде нишон надодем?» Он гоҳ Ӯ чунин мегӯяд: «Ман ҳаргиз шуморо намешинохтам; аз Ман дур шавед, эй бадкорон» (ниг. Матто 7:22, 23, NET). Худованд рӯзе ба ман гуфт: «Ту дарк кардӣ, ки онҳо нагуфтанд: "Охир, мо аз номи Ту гуруснагонро сер кардем, бандиёнро дар зиндонҳо ҳолпурсӣ кардем". Одамоне, ки ба ин корҳо машғул ҳастанд, самари Рӯҳро ба камол мерасонанд». Такомули самари Рӯҳ ин ҳимоятест, ки барои бомуваффақият тай кардани роҳ мадад мерасонад.

Аввалин бор ман инро ҳангоми дар яке аз калисоҳои калонтарину машҳуртарини дунё хидмат карданам фаҳмидам. Ба ин калисо аксарияти нотиқони машҳур ва ҳам воизони на он қадар маъруф – гурӯҳи ходимони лаёқатманди масеҳӣ ташриф меоварданд. Кори ман аз он иборат буд, ки онҳоро дар фурудгоҳ пешвоз гирифта, ба масъалаҳои муҳайё кардани шароити зиндагии онҳо дар давоми сафарашон машғул шавам. Ман мушоҳида кардам, ки ҳангоми нишастани баъзе аз ходимон ба мошин эҳсосе пайдо мешуд, ки гӯё Исо дар паҳлӯи ман

нишастааст. Вақте ки онҳо ба саҳна баромада, гап мезаданд, ҳис карда мешуд, ки гӯё Худи Исо мавъиза мекунад.

Ҳангоме ки дигарон ба мошин менишастанд, баъзан фикрҳо пайдо мешуданд: Чӣ шуд? Чаро ман худамро чунин чиркин ҳис мекунам? Барои чӣ онҳо ин зайл беодобона ҳарф мезананд? Сипас онҳо ба саҳна мебаромаданд, ва одамон тавба мекарданд, шифо меёфтанд ва ба хидмат шомил мешуданд. Ин тавба ё шифои қалбакӣ набуда, ин қуввати Рӯҳи Муқаддас буд. Баъзан ман фикр мекардам: Худо, ман инро намефаҳмам. Чӣ шуда истодааст? Онҳо чӣ гуна метавонанд бо ман дағалона рафтор кунанду баъд ба саҳна баромада, одамонро ба наҷот ва шифо даъват созанд? Он гоҳ Худо ба ман нишон дод, ки Яҳудо Малакутро мавъиза мекард, девҳоро меронд, беморонро шифо медод ва мӯъҷизаҳо ба амал меовард, аммо новобаста ба ин ба дӯзах рафт. Билъом нубувват мекард, беморонро шифо медод ва мӯъҷизаҳо мекард, вале Худо ӯро бо шамшер нобуд кард. Шоул нубувват кард, вале роҳи худро бад ба анҷом расонид. Худованд ба ман гуфт: «Масҳи Худо – атоҳои Худо, ки дар ҳаёти одам кор мекунанд, на ҳама вақт аломати ҳусни таваҷҷӯҳи Худост. Онҳоро аз меваҳояшон хоҳед шинохт (ниг. Мат. 7:16).

**Лиза: Оё гуфтан дуруст аст, ки бахшоиш чизест, ки ба ҳаёти инсон меояд, самар бошад, ин чизест, ки хислати ботиниро такомул медиҳад.**

**Ҷон:** Оре, ин шарҳу тавзеҳи мувофиқ аст.

**Лиза: Ту дар бораи бо осоиштагии дарунӣ роҳ паймудан, ҳамчунин оиди имтиҳони ботинӣ – ин эҳсоси ногуворе, ки Рӯҳ ба ту дар ягон чиз мамониат мекунад, сухан кардӣ. Лекин касе шояд шубҳа кунад, ки Худо ҳоло ба мо гап мезанад. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки Ӯ танҳо бо воситаи Навиштаҳо сӯҳбат мекунад. Оё боварӣ дорӣ, ки Худо имрӯз ба мо гап мезанад ва танҳо мутобиқи Каломи Худ сухан мегӯяд?**

**Ҷон:** Аввалан, Павлус ба калисои Қӯринтус гуфтааст: «…вақте ки бутпараст будед, назди бутҳои безабон... мерафтед» (ниг. 1 Қӯр. 12:2). Дар ин матн «безабон» барои ифодаи маънои «кар» омадааст. Бо ибораи дигар, худоёне, ки қӯринтиён ибодат мекарданд, гап зада наметавонистанд. Павлус пайғом медиҳад, ки бар хилофи онҳо Худои мо сухан карда метавонад. Ва Ӯ хеле равшан гап мезанад.

Чӣ тавр Худо гап мезанад? Аҳди Ҷадид тарзҳои гуногуни сухан гуфтани Худоро ба мо нишон медиҳад. Аввалан, ин шаҳодати дарунӣ аст. Асосан, бо ин восита Худо бо мо сӯҳбат мекунад.

**Лиза:** Оромии Ӯ аз Каломи Ӯ муҳимтар аст?

**Ҷон:** На, Каломи Ӯ ҳамеша муҳим аст. Ҳатто агар шумо оромӣ ҳис мекунед, вале Каломи Худо онро тасдиқ намекунад, он гоҳ ба ин ҳиссиёт бовар накунед. Маълум аст, ки дар қалби мо баъзе мақсадҳои нодуруст ҳастанд, пеш аз ҳама, ба ҳолати нейтралӣ омадан зарур мебошад. Ҷавоби охирин ҳамеша аз Каломи Худост.

**Лиза:** Калом ҳамеша асос ва рукн аст.

**Ҷон:** Оре, ин ҳақ асту рост. Бинобар ин шаҳодати дарунӣ нерӯи илҳомбахш аст. Чизи дигар – овози орому осуда, ки дар бораи он Библия мегӯяд. Исо гуфтааст: «Гӯсфандони Ман ба овози Ман гӯш медиҳанд» (ниг. Юҳ. 10:27). Рӯҳи Худо он чиро, ки аз Исо мешунавад, мегӯяд, ва ин овози орому осуда аст.

Баъзе одамон ба ин ё он дом меафтанд ва саргардон мешаванд, чунки бидуни шаҳодати дарунӣ аз паи овозҳо мераванд. Ҳар боре ки овози Худоро мешунавам, онро шаҳодати дарунӣ тақвият мебахшад ва ҳамзамон шаҳодат ва овоз бо Калом мувофиқат мекунанд. Чунин асосе бино мекунем: Калом, шаҳодат, овоз. Агар шумо овозро мешунавед, вале шаҳодат надоред, ба овоз гӯш надиҳед. Ман дар чунин ҷамъомадҳое будам, ки одамон дар

ҳаққи ман нубувват мекарданд, аммо ман ҳузури Худоро эҳсос намекардам, шаҳодати дарунӣ надоштам. Бинобар ин ман ба ин суханон аҳамият намедодам.

Чӣ хеле ки дар Аҳди Ҷадид нишон дода шудааст, Худо ба тариқи хобҳо ба мо гап мезанад. Дар боби 16-уми китоби Аъмол дар бораи хоби Павлус гуфта шудааст, ки дар он як марди мақдунӣ зоҳир шуда, мегӯяд : «Илтимос, биёву ба мо мадад кун». Рӯҳи Муқаддас бо воситаи хоб Павлусро ба Мақдуния ҳидоят кард. Ба баъзе одамон Худо ба тариқи хоб бештар аз дигарон гап мезанад, мисол, ба зани ман. Худо бо ман одатан аз тариқи шаҳодати дарунӣ ва овози орому осуда сӯҳбат мекунад.

Боз Библия нишон медиҳад, ки Худо бо одамон метавонад бо воситаи рӯъё гап занад. Павлус рӯъёе дида буд, ки онро ба тариқи зайл ифода мекунад: «... – оё дар ҷисм буд, намедонам; оё берун аз ҷисм буд намедонам...» (2 Қӯр. 12:2). Рӯъё дида истода, шумо намедонед, ки он дар ҷисм аст ё берун аз ҷисм, аммо шумо айнан олами рӯҳониро мебинед. Усқуфи ман моро бо Лиза соли 1989 ба туфайли рӯъё ба хидматгузорӣ фиристода буд. Дар вохӯрии умумии ходимон вай гуфт: «Дирӯз бегоҳӣ ман рӯъё дидам, гӯё ки телевизор тамошо карда истода бошам. Яке аз усқуфон бо мо дар ин ҷо дигар намемонад. Вай ба ҳар ҷо сафар карда, барои бадани Масеҳ баракат меорад. Сипас ӯ илова намуд: «Ин одам – туӣ, Ҷон Бивер». Худо тақрибан ҳашт моҳ пештар аз он вохӯрӣ ҳангоми дуо ба ман низ инро нишон дода буд ва бо ин суханон тасдиқ карда шуд.

Усули охирини сухан гуфтани Худо бо мо ин ҳолати бехудӣ мебошад. Петрус онро аз сар гузаронида буд ва он дар боби 10-уми китоби Аъмол навишта шудааст. Ҳолати бехудӣ маънои онро дорад, ки гӯё дар ҳамон лаҳза эҳсосоти одам хомӯш карда мешавад.

Шояд касе мепурсад: «дар бораи пашм чӣ мегӯӣ?» Пашм ин усули дарки иродаи Худо дар замони Аҳди Қадим мебошад. Ҳар чизеро ки дар Аҳди Қадим аст, мо бояд аз салиб гузаронем.

Салиб ростиро боқӣ мегузорад, пок месозад ва чизи нодурустро нобуд мегардонад. Ман пашмро мегирам, аз салиб мегузаронам ва мебинам, ки чӣ натиҷа медиҳад. Библия мегӯяд: «Зеро ҳамаи онҳое ки роҳнамояшон Рӯҳи Худост, фазандони Худо ҳастанд», на ин ки роҳнамояшон пашм аст (ниг. Рум. 8:14). Одамон дар замони Аҳди Қадим Рӯҳи Худоро надоштанд, ки дар онҳо мемонда бошад, бинобар ин Худо ба онҳо ба воситаи пашм барин чизҳо гап мезад. Ман шахсан ба имондорони Аҳди Ҷадид тавсия намедиҳам, ки ба ин гуна усулҳои дарки иродаи Худо майл кунанд. Ба фикри ман, дар ин чизи нодурусте нест, лекин розӣ шавед, охир мо бо воситаи Калом ва шаҳодати дарунӣ ҳидоят карда мешавем. Пашм ин воқеияти ҷисмонӣ мебошад, охир шумо намехоҳед, ки дар он амал карда, ба хатогӣ роҳ диҳед. Мо бо Рӯҳ пайванд ҳастем ва бо Рӯҳ бояд зиндагӣ кунем.

**Лиза:** Ман мехоҳам, ки ба суханони ту боз чизе илова кунам. Ҳамаи ҷавобҳои ту ба воқеияти рӯҳонӣ дахл доранд. Мо ҳамчунин супориши аниқ дорем, ки агар ягон бародарро дар ҳолати мӯҳтоҷӣ бинем, диламонро сахт накунем (ниг 1 Юҳ. 3:16-18). Баъзан зарур нест, ки овозе аз осмон бишнавед. Баъзан шуморо лозим аст, ки танҳо ин ё он мӯҳтоҷиро ба назар гиред. Вақте мо шунидем, ки ба китобҳои мо чӣ ҳодиса рӯй дод, яъне одамон онҳоро ба қисмҳо ҷудо карда, саҳифа ба саҳифа ба якдигар тақсим мекарданд, мо ба ҳамдигар гуфтем: «Мо чӣ гуна дили худро пӯшида метавонем? Мо худ надидем, ки ин чӣ тарз ба амал меомад, вале шунидем ва гуфтем, ки чораҷӯӣ карданамон зарур аст.

**Ҷон:** Вақте ман шунидам, ки духтаронро ба ғуломӣ мефурӯшанд, Худо ба ман чизе нагуфт, вале ман ба Лиза гуфтам, ки мо бояд ягон илоҷе карда, мадад расонем.

**Лиза:** Ман инро дар маҷалла хондам ва ҳангоми дар хориҷа буданам дидам. Баъзан одамон аломат, рӯъё, хоб ё ҳолати бехудӣ мехоҳанд, гарчанде ки Библия равшан мегӯяд: «Агар бубинӣ».

**Ҷон:** «Агар бародари худро дар ҳолати мӯҳтоҷӣ бубинӣ».

**Лиза:** Мо бояд барои рафъи эҳтиёҷоти бародарону хоҳарони худ сар кунем. Мо бояд аз масеҳиён сар кунем, агар касеро дар ҳолати мӯҳтоҷӣ бинем ё садои каси мӯҳтоҷро шунавем, дили худро набояд сахт кунем. Ман мушоҳида мекунам, ки ҳар дафъа агар мо ба мӯҳтоҷони ин дунё дасти ёрӣ дароз менамоем, Худо ба мо дар масъалаҳои олами рӯҳонӣ бештар эътимод мекунад, чунки Ӯ мегӯяд: «Ман мебинам, ки шумо дар ин амин будед. Ман метавонам дар самти имон бештар ба шумо эътимод кунам».

## Ҷавобҳои иловагии Ҷон

**Савол: Бар зидди Рӯҳи Муқаддас куфр гуфтан чист?**

**Ҷон:** Дар бораи куфр ба Рӯҳи Муқаддас дар Мат. 12:22-32; Мар. 3:22-30 ва Луқ. 12:30 хондан мумкин аст. Дар Инҷили Матто ва Марқӯс ин мавзӯъ хеле равшан ифода ёфтааст. Роҳбарони дин дар ҳаққи Исо тӯҳмат карда мегуфтанд, ки Ӯ бо қудрати Баалзабул – мири девҳо рӯҳҳои палидро берун мекунад. Он гоҳ Исо гуфт: «Ҳар навъ гуноҳ ва куфр ба одамизод бахшида мешавад, вале куфр ба зидди Рӯҳ бар одамизод омурзида нахоҳад шуд...» (Мат. 12:31). Бинобар ин куфр бар зидди Рӯҳи Муқаддас - ошкоро таҳқир кардани Ӯ, хусусан, аъмоли Рӯҳи Муқаддасро ба кори шайтон мансуб донистан аст.

**Савол: Оё ба Рӯҳи Муқаддас дуо кардан ва бо сурудҳо ситоиш кардани Ӯ, чуноне ки мо Падар ва Писарро парастиш ва ибодат менамоем, аз рӯи Навиштаҷот дуруст аст?**

**Ҷон:** Ҳа, албатта. Рӯҳи Муқаддас Худо аст ва Ӯро ҳамчун Худо бояд парастиш кард. Дар Инҷили Юҳанно (4:24) гуфта шудааст: «Худо рӯҳ аст, ва онҳое ки Ӯро парастиш мекунанд, бояд ба рӯҳ ва ростӣ парастиш кунанд». Ба фикрам, шумо бояд Рӯҳи Муқаддасро парастиш кунед ва Ӯро мадҳ намоед, чуноне ки Падар ва Писарро парастиш ва мадҳ мекунед.

**Савол: Шумо аз куҷо медонед, ки кадом намуди дуо ва сурудҳоро ба Рӯҳи Муқаддас тақдим кардан дуруст аст?**

**Ҷон:** Исо ба шогирдонаш гуфт:

> Боз бисёр чизҳои дигар дорам, ки ба шумо бигӯям, лекин алҳол онро наметавонед бардоред. Лекин чун Ӯ, яъне Рӯҳи ростӣ ояд, шуморо ба тамоми ростӣ раҳнамоӣ хоҳад кард; зеро ки аз Худ нахоҳад гуфт, балки ҳар он чи мешунавад, онро хоҳад гуфт, ва аз воқеоти оянда ба шумо хабар хоҳад дод. Ӯ Маро ҷалол хоҳад дод, чунки аз он чи аз они Ман аст, гирифта ба шумо хабар хоҳад дод... Дере нагузашта Маро нахоҳед

> дид, ва боз дере нагузашта Маро хоҳед дид; зеро ки Ман назди Падар меравам...
>
> Ва дар он рӯз аз Ман чизе нахоҳед пурсид. Ба ростӣ , ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар он чи аз Падар ба исми Ман талаб кунед, ба шумо ато хоҳад кард (Юҳанно 16:12-14, 16, 23).

Мо ба номи (қудрати) Исо ба Худо муроҷиат мекунем. Мо ҳамчунин бо Рӯҳи Муқаддас сӯҳбат менамоем (яъне фикрҳои худро баён мекунам ё савол медиҳем). Ин китоб ҳамин мавзӯъро дар бар мегирад.

**Савол:** Агар Рӯҳи Муқаддас дар вақт маҳдуд набуда, ҳузури Ӯ дар ҳар ҷост, даъват намудани Ӯ ба ҷамъомад ё ибодат оё аз рӯи Навиштаҷот аст?

**Ҷон:** Оре, Библия таълим медиҳад, ки Худо дар ҳар ҷост, ва ҳузури Ӯ дар ҳар ҷо вуҷуд дорад. Мо дар ҳар ҷо ҳозир будани Худоро аз суханони Довуд мефаҳмем:

> «Аз Рӯҳи Ту куҷо равам? Ва аз ҳузури Ту куҷо гурезам? Агар ба осмон бароям, он ҷо Ту ҳастӣ. Агар болҳои шафақи субҳро гирифта, дар ақсои бахр сокин шавам, дар он ҷо низ дасти Ту маро ҳидоят хоҳад намуд, ва ямини Ту маро дастгирӣ хоҳад кард» (Заб. 138:7-10).

Библия ҳамчунин мефаҳмонад, ки Худо ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад ва намепартояд. (ниг. Ибр 13:5). Дар ин ҷо низ сухан дар бораи он меравад, ки Худо ва ҳузури Ӯ дар вақт маҳдуд набуда, дар ҳар ҷо ва дар ҳама вақт мавҷуд мебошад.

Аз дигар тараф, боз ҳузури ошкорои Худо мавҷуд мебошад. Зоҳир шудан, яъне ин диданашавандаро дидашаванда гардонидан, шуниданашавандаро шунаво кардан, номаълумро маълум намудан аст. Ҳангоме ки Худо ба эҳсосоти мо Худро мекушояд, ҳузури Ӯ намоён мешавад (Юҳ. 14:19-24). Ман бовар дорам, ки даъват кардани Ӯ ба Библия зид нест.

**Савол:** Чаро мо аз Худо илтиҷо мекунем, ки Ӯ Рӯҳи Худро ба мо резад? Оё Ӯ аллакай чунин накардааст?

**Ҷон:** «Боронро аз Худованд дар мавсими борони охирин биталабед»,- гуфта шудааст дар китоби Закарё (10:1). Дар Навиштаҷот борон рамзи Рӯҳи Муқаддас аст. Ман бовар дорам, ки вақте аз Худо дар бораи Рӯҳи Ӯ илтимос мекунем, мо илҳоми наву тозаи Ӯро ба одамон, шаҳрҳо ва мамлакатҳо хоҳонем. Ин нерӯи бузурги ҳузури намоёни Ӯ мебошад, ки ба мо баҳри иҷрои кори Ӯ қувват мебахшад ва ба сӯи ҷамъоварии ҳосили бисёр, яъне наҷоти ҷонҳо баҳри Малакути Худо ҳидоят мекунад.

**Савол:** Чӣ тавр муносибатҳои боз ҳам бештар амиқро бо Рӯҳи Муқаддас рушд дода метавонем? Чӣ тавр қувват ва ҳузури Ӯро боз ҳам бештар эҳсос кардан мумкин аст?

**Ҷон:** Доимо дар дуо бошед ва Каломи Ӯро омӯзед. Маълумоти пурраро дар бораи фароҳам овардани муносибатҳои наздикро бо Худо дар бобҳои сеюм ва чорум дастрас карда метавонед.

**Савол:** Агар Рӯҳи Муқаддас ҳама чизро медонад, оё мутолиа кардани Библия зарур аст?

**Ҷон:** Худованд ба мо Каломи зиндаи Худро ато кардааст, чунки «тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст, то ки марди Худо комил гардида, ба ҳар амали нек муҳайё бошад» (2 Тим. 3:16, 17). Рӯҳи Муқадас ин Каломи навишташударо (бо забони юнонӣ логос) истифода мебарад, то ки ба мо сухани шифоҳии (рема) Худро фаҳмо кунад. Рӯҳ «логос»-ро зинда мегардонад ва он барои мо «рема» мегардад. Агар мо бо дили кушод ба Рӯҳ дар «логос» вақт нагузаронем, он гоҳ фаҳмидани «рема» мушкил мешавад. Калисои зеризаминии Хитой аз Рӯҳи Муқаддас пур шуда буданд, лекин бо вуҷуди ин ба Библия сахт ниёз доштанд. Онҳо каломи Худоро хондан мехостанд, то ки Рӯҳи Муқаддас онро дар қалби онҳо зинда гардонад. Мутолиаи Библия хеле зарур

аст. Каломи Худо ва Рӯҳи Худо дар ҳамҷоягӣ, дар шарикӣ кор мебаранд.

Аз хотир набаборед, ки дар Библия асрори илоҳӣ маҳфуз аст, Рӯҳи Муқаддас онро ба мо ошкор мекунад. Агар шумо бе мадади Рӯҳ Библияро мутолиа мекунед, матнро аз рӯи фаҳмиши инсон дарк менамоед. Аммо бо воситаи Рӯҳ шумо маънои рӯҳонии матнро фаҳмида метавонед, ки ин аз фаҳмиши одамизод болотар аст, чунки мо дар Рӯҳ фикри Масеҳро дорем:

> (Мо) дар бораи ҳикмати Худо маҳрамона сухан меронем, дар бораи ҳикмати ниҳоние, ки Худо аз азал барои ҷалоли мо муқаррар кардааст, ки онро ҳеҷ як аз мирони ин ҷаҳон надонист; зеро агар медонистанд, Худованди ҷалолро маслуб намекарданд. Аммо чунон ки навишта шудааст: «Он чиро ки чашме надидааст, гӯше нашунидааст ва ба дили инсон наомадааст, Худо барои дӯстдорони Худ муҳайё кардааст». Вале Худо ба мо онро ба воситаи Рӯҳи Худ ошкор сохтааст; зеро ки Рӯҳ ҳам чизро, ҳатто умқҳои Худоро пай мебарад. Зеро кист аз одамон, ки ботини инсонро бидонад, ба ҷуз рӯҳи инсон, ки дар ӯст? Ҳамчунин он чиро ки дар Худо ҳаст, ҳеҷ кас намедонад ба ҷуз Рӯҳи Худо. Лекин мо на рӯҳи ҷаҳонро, балки Рӯҳеро қабул кардем, ки аз Худост, то он чиро ки Худо ба мо ато кардааст, бидонем. Ва инро на бо суханоне ки ҳикмати инсон таълим додаст, балки бо суханоне ки Рӯҳулқудс таълим додааст, мегӯем ва рӯҳиётро бар тибқи рӯҳ таъбир мекунем. Аммо одами нафсонӣ он чиро, ки аз Рӯҳи Худост, қабул намекунад, чунки он дар назари ӯ ҷаҳолат аст; ва онр дарк карда наметавонад, чунки он ҳукми рӯҳониро металабад. Лекин одами рӯҳонӣ дар бораи ҳама чиз ҳукм мекунад, вале касе наметавонад дар бораи Ӯ дуруст ҳукм кунад. Зеро кист, ки фикри Худовандро дониста бошад, то ки ӯро таълим диҳад? Лекин мо фикри Масеҳро дорем» (1 Қӯр. 2:7-16).

**Савол:** Калисои ман хушк аст. Ман ҳамчун як имондори оддӣ **чӣ** кор карда метавонам, ки Рӯҳи Муқаддас биёяд?

**Ҷон:** Агар шумо дар калисо роҳбар нестед, пас ягона коре, ки карда метавонед, ин дуо кардан аст. Аввалан, Рӯҳро ба ҳаёти худ даъват кунед, то ҳузури намоёни Ӯро ба калисои худ оварда тавонед. Дуюм, дуо кунед, ки Худо дар қалби роҳбарони калисои шумо кор кунад, то ки онҳо ба ошкоршавии ҳузури Ӯ кушода бошанд.

## САВОЛҲО БАРОИ ОМӮЗИШ

Агар шумо ин китобро ҳамчун қисме аз мавод дар бораи Рӯҳи Муқаддас аз хидматгузории «Messenger» мехонед, илтимос, ба дарси видеоии 6 нигоҳ кунед.

1 | Ҳамаи имондорон қудрати дар бахшоишҳои рӯҳонӣ амал карданро доранд. Берун аз «хидмати» расмӣ дар бахшоишҳо амал кардан чиро дар худ нишон дода метавонад?

2 | Вақте ки шумо дар мавриди ин ё он қарор оромӣ дар дил доред, чӣ ба шумо боварӣ медиҳад, ки ин маҳз аз Худост?

3 | Оё ягон бор Рӯҳи Муқаддас на бевосита ба худи шумо, балки бо воситаи ҳамсаратон (ё шавҳаратон) гап зада буд?

4 | Ҳангоме ки шумо барои қарорҳои муҳим қабул зарурият доред ва чунин менамояд, ки ба кадом самт ҳаракат карданро намедонед, чӣ гуна илоҷ меёбед?

**Ниг. Масалҳо 11:14; 15:22; 24:6 ва Нома ба Румиён 8:26, 27.**

5 | Оё имон доред, ки Худо ҳоло ҳам ба одамон гап мезанад? Ӯ чӣ тарз бо мо сӯҳбат мекунад?

МУШОҲИДАҲО

# ИЛОВА

## ЧӢ ТАВР БОЯД НАҶОТ ЁФТ?

*Зеро агар ту ба даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худимон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт; Чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст.*

–Нома ба Румиён 10:9, 10

Рӯҳи Муқаддас ҳар сония бо мо иштиёқманди сӯҳбат аст, то моро бахри шинохти Худо ва паҳн намудани Малакути Ӯ илҳом бахшад ва муҷаҳҳаз гардонад. Лекин қадами аввал ба сӯи зиндагии саршор аз Рӯҳи Худо ин дар номи Писари Ӯ - Исо Масеҳ наҷот ёфтан аст. Тавассути марг ва эҳёи Исо Худо роҳ муҳайё кард, то мо ба Подшоҳии Ӯ чун фарзандони маҳбуб дохил шавем. Қурбонии Масеҳ дар салиб имконият фароҳам овард, ки мо дар абадият ҳаёти фаровон дошта бошем. Наҷот ин атои Худост барои шумо, дигар илоҷе барои наҷот мавҷуд нест ва бо аъмол ба он сазовор шудан имкон надорад.

Барои кабул кардани ин тӯҳфаи пурқиммат зарур аст, ки пеш аз ҳама ба гуноҳи аз иродаи Холиқи худ сар кашида зиндагӣ кардан иқрор шавем (чунки решаи ҳамаи гуноҳҳо дар ҳамин аст). Тавба кардан қисми муҳимтарини соҳиб шудан ба наҷот мебошад. Петрус дар бораи ин дар китоби Аъмол , ҳамон рӯзе, ки 5000 нафар наҷот ёфтанд, аниқу равшан гуфта буд: «Пас, тавба кунед ва руҷӯъ намоед, то ки гуноҳҳои шумо маҳв гардад» (Аъмол 3:19). Навиштаҳо мегӯянд, ки ҳар яки мо ғуломи гуноҳ шуда таваллуд гардидаем. Решаи ин ғуломӣ дар гуноҳи Одам аст, ки ба беитоатӣ ва бемсъулиятӣ ибтидо гузошт. Тавба кардан

ин интихоби он аст, ки шумо ба худ ва ба шайтон, падари дурӯғ, итоат карданро бас намуда, ба Худованди худ Исои Масеҳ – Касе, ки баҳри шумо ҷон фидо кард, итоат менамоед.

Шумо бояд ҳаёти худро ба Исо супоред. Исоро Худованди худ хондан маънои онро дорад, ки ба Ӯ қудрати ҳукмрониро аз болои ҳаёти худ месупоред (тобеъ кардани рӯҳ, ҷон ва тан). Қудрати Ӯ бар ҳаёти шумо комил мегардад. Дар он лаҳза ки шумо инро эътироф мекунед, Худо шуморо аз торикӣ озод намуда, ба Подшоҳии пурҷалол ва пурнури худ дохил мекунад. Шумо аз марг ба ҳаёт мегузаред. Шумо фарзанди Ӯ хонда мешавед. Агар шумо дар номи Исои Масеҳ наҷот пайдо кардан хоҳед, ба тариқи зайл дуо кунед:

> Падари осмонӣ*, и*қрор мешавам, ки ман гуноҳкорам ва аз рӯи адолати Ту зиндагӣ накардаам. Ман бо сабаби гуноҳ абадан сазовори ҷазо мебошам. Сипосгузорам, ки маро дар ин ҳолат нагузоштӣ*, чунки ман имон дорам, ки Ту Исои Масе*ҳро, Писари ягонаи Худро, ки аз духтари бокира Марям таваллуд шудааст, фиристодӣ*, то дар салиб барои ман* қурбон кунӣ*. Ман бовар дорам, ки р*ӯзи сеюм Ӯ аз мурдагон эҳё шуд ва акнун дар тарафи рости Ту чун Худованд ва Наҷотдиҳандаи ман нишастааст. Бинобар ин ман имрӯз барои гуноҳи худсариям тавба карда, худро пурра ба ҳукмронии Исо месупорам.

> Исо ман Туро ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ эътироф мекунам. Ба ҳаёти ман бо Рӯҳи Худ дохил шав ва маро ба фарзанди Худо табдил кун. Ман корҳои зулматро, ки як вақтҳо машғул будам, рад мекунам. Аз ҳамин рӯз иборатан ман барои худ зист намекунам, вале бо файзи Ту барои Ту зиндагӣ мекунам. Ташаккур, Худованд, акнун ҳаёти ман пурра ба Ту тааллуқ дорад, мутобиқи каломи Ту ман хиҷил намешавам.

Марҳабо ба оилаи Худо! Хоҳиш мекунам, он чиро ки худи ҳозир бо шумо рӯй дод, ба дигар имондорон нақл кунед. Муҳимаш он аст, ки шумо ба ягон калисои маҳаллӣ, ки дар он ҷо ба Библия бовар мекунанд, рафтанро оғоз кунед ва бо имондорон сӯҳбат намоед, то дар имон рӯҳбаландӣ пайдо кунед. Ҳамчунин шумо метавонед ба хидматгузории мо муроҷиат намоед, то баҳри пайдо кардани калисо дар шаҳри шумо кӯмак кунем (сайти мо: MessengerInternational.org).

Шумо айни ҳозир ба сайругашти аҷоиби наздикӣ бо Худи Худои Бузург раҳсипор шудед. Бигзор дӯстии шумо бо Ӯ ҳар рӯз афзоиш ёбад!




## ДОМИ ШАЙТОН

Аз доми марговари душман раҳо шудан! «Доми шайтон» он бандҳои печ дар печи душманро, ки мехоҳад имондоронро аз роҳи Худо боз дорад, мекушояд. Бисёр одамон ҳатто пайхас намекунанд, ки ба ин дом афтодаанд.

Фиреб нахӯред! Шумо бо озурдагиҳо рӯ ба рӯ мешавед, ва танҳо аз шумо вобастааст, ки он ба муносибатҳои шумо бо Худо чӣ гуна таъсир мерасонад. Ҷавоби шумо оияндаи шуморо муайян мекунад. Агар шумо нисбат ба ранҷишу хафагӣ дуруст рафтор кунед, он гоҳ шумо қавитар мешаваед, на ин ки ранҷида мегардед.

Шумо ба чунин саволҳои мушкил ҷавоб меёбед:

- Барои чӣ ман дар воқеа «қисми худамро» нақл кунам?
- Чӣ тавр ман бо фикрҳои шубҳанок ва нобоварӣ нисбати дигарон мубориза карда метавонам?
- Ман чӣ карда метавонам, ки ранҷҳои гузаштаро боз ва боз ба хотир наоварам?
- Баъд аз он ки ягон шахс маро биранҷонд, ман чӣ тавр аз нав боавариро ба он шахс барқарор карда метавонам?

Ин китоб ба шумо кӯмак мекунад, ки ба «доми шайтон», ки душман дар роҳи шумо мегузорад, нафатед, ва инчунин ба шумо қувват мебахшад, ки аз ранҷишу хафагиҳо озод шуда, муносибати дурусте бо Худо дошта бошед.




## Шикастнопазир

Шумо дар ин зиндагӣ барои ғалаба пешкаш шудаед! Китоби «Шикастнопазир» назари шуморо ба ҳаёти ғалабаовар мекушояд ва таълим медиҳад, ки нохушиҳои роҳи зиндагиро бо сарбаландӣ гузаред.

- Ваъдаҳо ва қуввате, ки дар Масеҳ ба шумо дода шудааст, мустаҳкам нигоҳ доред.
- Сарчашмаи озмоишҳои худро муайян кунед.
- Ба ҳокимияти рӯҳонӣ бо ғалаба қадам занед.

Маводҳои иловагӣ дар сайти зерин:

**www.CloudLibrary.org**

Бештар мехоҳед?
Скан кунед

# ШУМО ДАР БОРАИ Ӯ МЕДОНЕД-ОЁ ШУМО ХУДИ ӮРО МЕДОНЕД?

Се сол шогирдон ҳамроҳи Исо буданд, бо Ӯ роҳ мерафтанд ва ҳамаи суханони Вайро мешуниданд. Лекин ба ҳар ҳол Исо ба дӯстони наздики Худ гуфт, ки Ӯ бояд онҳоро тарк карда равад, то ки Рӯҳи Муқаддас биёяд ва аз ин ҳолати онҳо беҳтар мешавад (Юҳанно 16:7,13,14). Агар ин ба шогирдоне, ки ҳар рӯз бо Ӯ гап мезаданд беҳтар бошад, он гоҳ то чӣ андоза мо имрӯз ба ҳузури Рӯҳи Муқаддас ниёз дорем?

Афсӯс, ки одатан Рӯҳи Муқаддасро нодуруст дарк карда, одамонро дар бораи он, ки Ӯ кӣ ҳаст ва чӣ тавр амал мекунанд, бидуни дониш мегузоранд. Рӯҳи Муқаддас одатан «аҷиб» тасвир карда мешавад. Аммо Китоби Муқаддас возеҳ мегӯяд, ки Рӯҳи Муқаддас *на як чизе* аст. Балки Ӯ *Касе аст, Ӯ Шахсияте аст*, ки ваъда додааст моро ҳеҷ вақт тарк накунад. Дар ин китоби интерактивӣ Ҷон Бивер шуморо даъват мекунад, ки бо Шахсияти аз ҳама нофаҳмо дар калисо, яъне Рӯҳи Муқаддас ошно гардед.

Ин дастурамали аҷоиброро аз даст надиҳед.

Китоби интерактивӣ дар худ инҳоро дарбар гирифтааст:

- Хониши ҳарӯза
- Саволҳо барои муҳокима дар гурӯҳҳо
- Боби иловагӣ бо ҷавобҳо ба баъзе саволҳои мушкил дар бораи Рӯҳи Муқаддас



ҶОН БИВЕР бо ҳамроҳии ҳамсараш *Лиза* асосгузори хизматгузории Messenger International мебошанд. Ҷон хизматгузор ва муаллифи китобҳои беҳтарин буда, ӯ бо шавқу рағбати зиёд паёми ҳақиқатро мавъиза мекунад. Дар қалби ӯ хоҳиш сахте мавҷуд мебошад, ки ба калисои маҳаллӣ дар бобати дастрас кардани маводҳои зарурӣ, новобаста аз ҷои ҷуғрофии онҳо, забон ва вазъияти иқтисодиашон кӯмак расонад. То ҳол китобҳои ӯ ба зиёда аз 60 забони ҷаҳон тарҷума шудаанд. Дар хона Ҷон мехоҳад, ки бо ҳамроҳи *Лиза* голф бозӣ кунад ва инчунин бо ҳамроҳи чор фарзандаш, як хонуми писараш ва як набераaш вақт мегузаронад.

Маводҳои иловагиро шумо дар сайти зерин дастрас карда метавонед:
www.CloudLibrary.org

Бештар мехоҳед?
Скан кунед

Messenger International
MessengerInternational.org

Ин китоб тӯҳфа аз ҷониби муаллиф буда,
барои фурӯхтан пешбинӣ нашудааст